# *АХТАРОНИ АДАБ*

**4**

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
## 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
## АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

**Ҳайати мушовара**

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Шарофиддин Имомов*
*Сайфиддин Назарзода*
*Ато Ҳамдам*

**Ҳайати таҳририя**

*Абдулҳамид Самад*
*Камол Айнӣ*
*Зоҳир Аҳрорӣ*
*Амрияздон Алимардонов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Фарҳоди Карим*

АБУЛҚОСИМ
ФИРДАВСӢ

# ШОҲНОМА

## Ҷилди II

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2007

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз*
***КАМОЛ АЙНӢ** ва **ЗОҲИР АҲРОРӢ***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Абулқосим Фирдавсӣ.*** **Шоҳнома**. — Душанбе: «Адиб», 2007. -480 саҳ.

Ба хонандаи азиз чопи севуми “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, ки бо кӯшиши таҳиягарони матни он омода гаштааст, пешкаш мегардад. Муҳаққиқон дар ин нашр аз нусхаҳои дигари “Шоҳнома” истифода кардаанд, ки ин арзиши корашонро бештар мекунад.

**ISBN 978-99947-32-84-5**

**© Нашриёти "Адиб", 2007.**

## ОВАРДАНИ РУСТАМ КАЙҚУБОДРО АЗ КӮҲИ АЛБУРЗ

Ба Рустам чунин гуфт фархунда Зол,
Ки «Баргир кӯполу бифроз ёл.[1]

Бирав тозиён то ба Албурзкӯҳ,
Гузин кун яке лашкари ҳамгурӯҳ.

Абар Кайқубод офарин кун яке,
Макун пеши ӯ - дар диранг андаке.

Ба ду ҳафта бояд, ки эдар бувӣ,
Гаҳу бегаҳ аз тохтан нағнавӣ.

Бигӯӣ,[2] ки лашкар туро хостанд,
Ҳаме тахти шоҳӣ биёростанд,

Ки дархурди тоҷи каён ҷуз ту кас
Набинем, шоҳо, ту фарёд рас!»,

Чу Золи Зар ин достонҳо бигуфт,
Таҳамтан заминро ба мижгон бируфт.

Ба Рахш андаромад ҳамон гоҳ шод,
Гурозон биёмад бари Кайқубод.

Зи туркон басе буд талоя ба роҳ,
Расиданд дар Рустами кинахоҳ.

Баровехт бо номдорон ба ҷанг,
Яке гурзаи говпайкар ба чанг.

1. ИЛ-бол.
2. Л-Бигӯям.

Баровард гурзу баромад ба ҷӯш,
Ҳамекӯфт гурзу ҳамезад хурӯш.[1]

Рамид аз дили турк якбора ҳуш,
Ба бозу басе гашт бетову туш.[2]

Далерони Турон баровехтанд,
Саранҷом аз разм бигрехтанд.

Ниҳоданд сар сӯи Афросиёб,
Ҳама дил пур аз хуну дида пуроб.

Бигуфтанд ӯро ҳама бешу кам,
Сипаҳбад шуд аз кори эшон дижам.

Бифармуд, то назди ӯ шуд Қулун,
Зи туркон далере, гаве пурфусун.

Бад-ӯ гуфт: «Бигзин зи лашкар савор,
В-аз эдар бирав то дари шаҳрёр.

Далеру хирадманду ҳушёр бош,
Ба пос - андарун сахт бедор бош.

Ки Эрониён мардуми риманд,
Ҳаме ногаҳон бар талоя зананд.»

Бурун омад аз назди хусрав Қулун,
Ба пеш - андарун мардуми раҳнамун.

Сари роҳ бар номдорон бубаст
Ба мардони ҷангӣ, ба[3] пилони маст.

---

1. ТПЗ - Яке ҳамла овард Рустам чу кӯҳ,
Ба танҳо тани хештан бегурӯҳ.
Ба як ҳамла аз ҷой баркандашон,
Пароканда аз ҳам дарафгандашон.
Ба ҳар сӯ, ки тозон шудӣ ҷангҷӯй,
Равон гаштӣ аз хун дар он ҷанг ҷӯй.
Фаровон зи туруниён кушта шуд,
Ба сар - бар сипеҳри ялон гашта шуд.
2. ИЛ-б. 167, 168 нест
3. ИЛ-ҷангиву.

В-аз он рӯй Рустам - далери[1] гузин
Бипаймуд зӣ шоҳи Эронзамин.

Зи як мил раҳ то ба Албурзкӯҳ
Яке ҷойгаҳ дид бас бошукӯҳ.

Дарахтони бисёру оби равон,
Нишастангаҳи мардуми навҷавон.

Яке тахт бинҳода наздики об,
Бар ӯ рехта мушки нобу гулоб.

Ҷавоне ба кирдори тобандамоҳ
Нишаста бар он тахт дар[2] соягоҳ.

Рада баркашида басе паҳлавон,
Ба расми бузургон камар бар миён.

Биёроста маҷлиси шоҳвор,
Ба сони биҳиште ба рангу нигор.

Чу диданд мар паҳлавонро ба роҳ,
Пазира шудандаш аз он ҷойгоҳ.[3]

Бигуфтанд, к-«Эй паҳлави номвар,[4]
Нашояд аз он ҷой кардан гузар,[5]

Ки мо мизбону ту меҳмони мо,
Фуруд ой ин ҷо ба фармони мо.

Бад-он то ба май[6] дасти шодӣ барем,
Ба ёди рухи номвар май х(в)арем».

Таҳамтан бад-эшон чунин гуфт боз,
Ки «Эй номдорони гарданфароз,

1. Л-далеру.
2. Л-бар.
3. ТПЗ - Чу наздики Рустам фароз омаданд,
Ба пешаш ҳама дар намоз омаданд.
4. И-номдор.
5. И-гузор.
6. ИЛ-то ҳама.

Маро рафт бояд ба Албурзкӯҳ,
Ба коре, ки бисёр дорад[1] шукӯҳ.

Нашояд[2] бимондан аз ин кор боз,
Ки пеш аст бисёр ранҷи дароз.

Ҳама марзи Эрон пур аз душман аст,
Ба ҳар дудае мотаму шеван аст.[3]

Сари тахти Эрон абе шаҳрёр,[4]
Маро бода хӯрдан наёяд ба кор.»[5]

Бигуфтанд, к-«Эй номвар паҳлавон,
Агар сӯи Албурз пӯӣ навон,

Сазад, гар бигӯӣ ту, эй номҷӯй,
Ки он ҷо киро мекунӣ ҷустуҷӯй?

Ки мо хели он марди фархундаем,
Ки эдар чунин базм афкандаем.

Бад-он ҷо туро раҳнамунӣ кунем,
Ба ҳангоми ёрӣ фузунӣ кунем.»

Чунин дод посух бад-он анҷуман,
Ки «Шоҳе бад-он ҷост покизатан.

Сарафрозро Кайқубод аст ном,
Зи тухми Фаридуни бododу ком.[6]

Нишоне диҳедам сӯи Кайқубод,
Касе к-аз шумо дорад ӯро ба ёд.»[7]

1. И-бошад.
2. Л-Набояд.
3. ИЛ-б. 192 нест.
4. И-Маро чора бояд паи корзор.
5. ТПЗ – Набояд нишастан ба орому ноз,
К-аз ин ғам надорам нишебу фароз.
6. ИЛ-б. 194 нест.
7. ТПЗ - Чу баргуфт аз ин сон гави пилтан,
Шуниданд гуфтори ӯ анҷуман.

Сари он[1] далерон забон баркушод,
Ки «Дорам нишоне ман аз Кайқубод.[2]

Гар ой фуруд андар ин хони мо,
Бияфрӯзӣ аз рӯи худ ҷони мо.[3]

Бигӯям туро ман нишони Қубод,
Ки ӯро чи гунаст расму ниҳод.»

Таҳамтан зи Рахш андаромад чу бод,
Чу бишнид з-он сон[4] нишони Қубод.

Биёмад дамон то лаби рӯдбор,
Нишастанд дар зери он соядор.

Ҷавон аз бари тахти заррин нишаст,
Гирифта яке дасти Рустам ба даст.

Ба дасти дигар ҷом пурбода кард,
В-аз ӯ ёди мардони озода кард.

Дигар ҷоми бода ба Рустам супурд,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номбардор гурд,

Бипурсидӣ аз ман нишони Қубод,
Ту ин номро аз кӣ дорӣ ба ёд?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй паҳлавон,
Паём оваридам ба равшанравон.

Сари тахти Эрон биёростанд,
Бузургон ба шоҳӣ варо хостанд.

Падар-м он гузини меҳон сар ба сар,
Ки хонанд[5] ӯро ҳаме Золи Зар,

1. Л-Яке з-он.
2. Гузин Кайқубод.
3. Л-б. 202 нест
4. Л-аз эшон. И-з-ин сон.
5. ИЛ-хонандаш.

Маро гуфт, "Рав то ба Албурзкӯҳ,
Қубоди диловар бубин бо гурӯҳ.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин кун яке,
Макун пеши ӯ-дар диранг андаке.

Бигӯяш, ки гурдон туро хостанд,
Сари тахти шоҳӣ биёростанд.

Нишон ар тавонӣ ту додан маро,
Диҳиву ба шоҳӣ расонӣ варо».

Зи гуфтори Рустам далери ҷавон
Бихандиду гуфташ, ки «Эй, паҳлавон,

Зи тухми Фаридун манам Кайқубод,
Падар бар падар ном дорам ба ёд.»

Чу бишнид Рустам, фурӯ бурд сар,
Ба хидмат фуруд омад аз тахти зар,

Ки «Эй хусрави хусравони ҷаҳон,
Паноҳи далерону пушти меҳон,

Сари тахти Эрон ба коми ту бод,
Тани жандапилон ба доми ту бод!

Нишастӣ[1] ту бар тахти шоҳаншаҳӣ,
Ҳамат саркашӣ боду ҳам фарраҳӣ.

Дуруде расонам ба шоҳи ҷаҳон
Зи Золи сипаҳбад,[2] гави[3] паҳлавон.

Агар шоҳ фармон диҳад бандаро,
Ки бикшоям аз банд гӯяндаро.»[4]

1. И-Ки пушти.
2. И-гузину.
3. Л – гузин он яли.
4. ТПЗ - Паёме бигӯям зи ҷанговарон
Ба наздикии шоҳи равшанравон.

Қубоди диловар баромад зи ҷой,
Ба гуфтори ӯ дод бас ҳушу рой.

Таҳамтан ҳамон гаҳ забон баркушод,
Паёми сипаҳдори Эрон бидод.

Сухан чун ба гӯши сипаҳбад расид.
Зи шодӣ дил андар бараш бартапид.[1]

Биёред пас-гуфт-ҷоми набид,
Ба ёди Таҳамтан ба лаб баркашид.

Таҳамтан ҳам эдун яке ҷоми май
Бихӯрд, офарин кард бар ҷони кай.

Туӣ аз Фаридуни фаррух нишон,
Ки Рустам шуд аз диданаш шодмон.

Абе ту мабодо ҷаҳон як замон.
На авранги шоҳиву тоҷи каён[2]

Баромад хурӯш аз дили зеру бам,
Фаровон шуда шодӣ, андӯҳ кам[3]

Шаҳаншаҳ чунин гуфт бо паҳлавон,
Ки «Хобе бидидам ба равшанравон,[4]

---

1. Л-дилаш дар бар андартапид.
2. ИЛ-б. 230, 231 нест.
3. ТПЗ – Нишастанд хубони барбатнавоз,
Яке удсӯзу яке удсоз.
Сарояндае ин ғазал соз кард,
Дафу чангу найро ҳамовоз кард,
Ки имрӯз рӯзест бо фарру дод,
Ки Рустам нишастаст бо Кайқубод.
Ба шодӣ замоне барорем ком,
Зи Ҷамшед гӯему нӯшем ҷом.
Бидеҳ, соқии нӯшлаб, ҷоми май,
Бинӯшам ба ёди шаҳи некпай.
Бидеҳ, соқии нӯшлаб, ҷоми Ҷам,
Ки биздояд аз дил даме занги ғам.
4. Аз ин панҷ шин рӯи рағбат матоб
Шабу шоҳиду шаҳду шаъму шароб.
Фалак тундхӯй аст бо ҳар касе
Ту бо ӯ макун тундхӯӣ басе.

Ки аз сӯи Эрон ду бози сапед,
Яке тоҷи рахшон ба кирдори шед

Хиромону нозон[1] расидӣ барам,
Ниҳоданд он тоҷро бар сарам.

Чу бедор гаштам, шудам пурумед
Аз он тоҷи рахшону бози сапед.

Биёростам маҷлиси шоҳвор
Бад-ин сон, ки бинӣ бад-ин ҷӯйбор.

Таҳамтан маро шуд чу бози сапед,
Расидам зи тоҷи далерон навид.»

Таҳамтан чу бишнид аз он хоби[2] шоҳ,
Зи бозу зи тоҷи фурӯзон чу моҳ,

Чунин гуфт бо шоҳи кундоварон,
«Нишона-ст хобат зи пайғамбарон.

Кунун хез, то сӯи Эрон шавем,
Ба ёрӣ ба назди далерон шавем.

Қубод андаромад чу оташ зи ҷой,
Ба бӯри набард андаровард пой.

Камар бар миён баст Рустам чу бод,
Биёмад гурозон або Кайқубод.

---

Маи лаъл хур, хуни дилҳо марез,
Ту хокӣ, чу оташ машав тунду тез.
Маи лаългун хуштар аст, эй салим,
Зи хунобаи андаруни ятим.
Агар доман олуда гардад ба май,
Ҳаром аст, ҳазме надорад ба пай.
Аз он оби рангин ба наздики ман
Беҳ аз он ки нафрин кунад пирзан.
Аз абрешими чангу овози руд
Сароянда ин байтҳо месуруд.

1. ТПЗ - Чу давре бигашт аз маи арғавон,
Барафрӯхт рухсори шоҳи ҷаҳон.

2. ИЛ – тозон.

Шабу рӯз аз тохтан нағнавид,
Чунин то ба назди талоя расид.

Қулуни диловар шуд огаҳ зи кор,
Пазира биёмад сӯи корзор.

Шаҳаншоҳи Эрон чу з-он гуна дид,
Баробар ҳаме хост саф баркашид.

Таҳамтан бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Туро разм чунин[1] наёяд ба кор.

Ману Рахшу кӯполу баргустувон,
Ҳамоно надоранд бо ман тавон.

Дилу гурзу бозу маро ёр бас,
Нахоҳам ҷуз Эзад нигаҳдор кас.

Мар ин дасту гулранги дар зери ман,
Кӣ ояд бари гурзу шамшери ман?»[2]

Бигуфт ину аз ҷой баркард Рахш,
Ба захме саворе ҳаме кард пахш.

Якеро гирифтӣ, задӣ бар дигар,
Зи бинӣ фурӯ рехтӣ мағзи сар.

Якояк рабудӣ саворон зи зин
Ба сарпанҷаву барзадӣ бар замин.

Ба нерӯ бияндохтишон зи даст,
Сару гардану пушташон мешикаст.[3]

Кунун дид деве биҷаста зи банд,
Ба даст - андарун гурзу бар зин каманд.

Бар ӯ ҳамла овард монанди бод,
Бизад найзаву банди ҷавшан кушод.

---

1. И-ҷустан.
2. ИЛ-б. 249, 250 нест
3. ИЛ-б. 252-254 нест.

Таҳамтан бизад дасту найза гирифт,
Қулун аз далериш монда[1] шигифт.

Ситад найза аз дасти он[2] номдор,
Биғуррид чун тундар аз кӯҳсор.

Бизад найзаву баррабудаш зи зин,
Ниҳод он буни найзаро бар замин.

Қулун гашт чун мурғ бар бобзан,
Бididанд лашкар ҳама тан ба тан.

Биронд аз бараш Рахшу биспард хор,
Баровардаш аз мағз яксар димор.

Саворон ҳама рӯй баргоштанд,
Қулунро бад-он ҷой бигзоштанд.[3]

Ҳазимат шуд аз вай сипоҳи Қулун,
Ба якборагӣ бахт гашта нагун.

Таҳамтан гузашт аз талоя савор,
Биёмад шитобон сӯи кӯҳсор.

Куҷо буд алафзору оби равон,
Фуруд омад он ҷойгаҳ паҳлавон.

Чунин то шаби тира омад фароз,
Таҳамтан ҳаме кард ҳар гуна соз

Зи ороиши ҷомаи паҳлавӣ,
Ҳамон тоҷу ҳам бораи хусравӣ.

Чу шаб тира шуд, паҳлави пешбин
Баророст бо шоҳи Эронзамин.

Ба наздики Зол оваридаш ба шаб,
Ба омад - шудан ҳеч накшод лаб.

1. И-гашта.
2. ИЛ-ӯ.
3. ИЛ-б. 261, 262 нест

266 Нишастанд як ҳафта бо ройзан,
Шуданд андар он мӯбадон анҷуман,

Ки шоҳе чу шаҳ Кайқубод аз ҷаҳон
Набошад кас аз ошкору ниҳон.

Ҳам эдун бибуданд[1] як ҳафта шод
Ба базму ба бода бари Кайқубод.[2]

Ба ҳаштум биёростанд[3] тахти оҷ,
Биёвехтанд аз бари оҷ тоҷ.

## КАЙҚУБОД

*Подшоҳии ӯ сад сол буд*

Ба шоҳӣ нишаст аз бараш Кайқубод,
Ҳамон тоҷи гавҳар[4] ба сар барниҳод.

Ҳама номдорон шуданд анҷуман
Чу Дастону чун Қорани размзан.

Чу Кашводу Харроду Барзини гав
Фишонданд гавҳар бар он тоҷи нав.

Аз он пас бигуфтанд, к-эй шаҳрёр,
Сӯи разми туркон баророй кор[5].

5 Қубод аз бузургон суханҳо шунид[6]
Аз[7] Афросиёбу сипаҳро бидид.[8]

---

1. И – Шабу рӯз буданд.
2. Л – б.271, 272 нест.
3. Л-шуд ороста.
4. И – шоҳӣ.
5. ИЛ – б. 4 нест.
6. И – сухан бишнавид; И – сухан баррасид.
7. И - Пас.
8. И – Зи Афросиёбу сипаҳ чун сазид.
   ТПЗ – Бифармуд, то номвар меҳтарон
   Бипӯшанд з-оҳан силоҳи гарон.
   Мунодӣ баромад зи даргоҳи шоҳ,
   Ки эй паҳлавонони эронсипоҳ,

Дигар рӯз бардошт лашкар зи ҷой,
Хурӯшидан омад зи пардасарой.

Бипӯшид Рустам силоҳи[1] набард,
Чу пили даманда барангехт[2] гард.

Рада баркашиданд эрониён,
Бубастанд хунрехтанро миён.

Ба як даст Меҳроби кобулхудой,
Ба як[3] даст Густаҳми ҷангӣ ба пой.

Ба қалб - андарун Қорани размзан,
Або[4] гурд Кашводи лашкаршикан.[5]

Ба пеши сипаҳ Рустами паҳлавон,
Паси пушти ӯ саркашону гавон.[6]

Паси пушташон Зол бо Кайқубод,
Ба як даст оташ, ба як даст бод.

Ба пеш - андарун ковиёнӣ дурафш,
Ҷаҳон з-ӯ шуда зарду сурху бунафш.

Чу киштӣ шуда орамида замин,
Куҷо мавҷ хезад зи дарёи Чин[7].

Сипар бар сипар[8] бофта дашту роғ,
Дурахшидани теғҳо чун*[9] чароғ.

---

Кунун гоҳи разм аст, кин оваред,
Ба туркони саркаш камин оваред.
Ҳар он кас, ки мардӣ кунад ошкор,
Зи мо хилъату бахшиш аз кирдгор.

1. ИЛ – силеҳи.
2. Л – жиён шуд, ки бархост.
3. Л – дигар.
4. Л – ҳамон.
5. И – шамшерзан.
6. И-б. 11 нест.
7. Л – Чу киштӣ шуд аз бод рӯи замин.
8. Л – Сипаҳ дар сипаҳ; И- чу.
9. М—теғ ҳамчун.

Ҷаҳон сар ба сар гашта дарёи қор,
Барафрӯхта шамъ з-ӯ сад ҳазор.

Зи нолидани бӯқу бонги сипоҳ[1]
Ту гуфтӣ, ки хуршед гум кард роҳ.[2]

Ду лашкар баромад зи як раҳ ба ҷой,
На сар буд пайдо сипаҳро, на пой.[3]

---

1. Л – ҳиндидарой.
2. Л – ҷой;
   ТПЗ – В- аз он сӯ баророст Афросиёб
   Або номдорони бохашму об.
   Чу Аҷнос бо Виса дар маймана,
   Сарафроз ҳар як гави яктана.
   Шамососу Гарсеваз аз майсара
   Ба захр об дода синон яксара,
   Ба қалб - андарун шоҳи тӯронсипоҳ,
   Або чанд тан номвар кинахоҳ.
   Баромад яке абр бар сони қир,
   Сияҳ гашт бар чарх Баҳрому Тир.
3. ИЛ – б. 18 нест
   ТПЗ - Баромад зи ҳар ду сипаҳ бӯқу кӯс,
   Замин кард бо осмон дастбӯс.
   Зи наъли сутурони пӯлодсой
   Замин чун фалак хост рафтан зи ҷой,
   Сари нӯки найза ситора бибурд,
   Сари теғ тоб аз шарора бибурд.
   Зи хун хоки майдони кин гашт сер,
   Зи шамшери шерон намераст шер.
   Каманд аз камин бар зи ҷон мегирифт.
   Зи гармӣ радонро равон мегирифт,
   Сабук Қорани размзан, к-он бидид,
   Чу шери жиён наърае баркашид.
   Замоне дар он дашт ҷавлон намуд,
   Зи бозу ҳунарҳои мардон намуд.
   Ҳаме гуфт пушти далерон манам,
   Яке паҳлавоне зи Эрон манам.
   Яке мард хоҳам савори далер,
   Ки бо ҳам ба майдон бигардем дер.
   Ба майдон наёмад касе дар бараш,
   Ки дар паҳлавонӣ битобад сараш.
   Барангехт аз кини Афросиёб
   Сари пур зи кину дили пуршитоб,
   Бишуд тозиён то ба тӯронсипоҳ,
   Зи гардаш бишуд тира хуршеду моҳ.

Ба ҳар ҳамлае Қорани сарфароз
Бияфканд даҳ гурди гарданфароз.[1]

Гаҳе сӯи чап шуд,*[2] гаҳе сӯи рост,
Бигардиду аз ҳар касе кина хост.

Миёни сипоҳ андаромад далер
Сипаҳдор Қоран ба кирдори шер.

Ба гурзу ба теғу синони дароз
Ҳаме кушт з-эшон яли сарфароз.

Зи кушта замин кард монанди кӯҳ,
Шуда з-он далерони туркон сутӯҳ.[3]

Шамососро дид монанди шер,
Ки мебархурӯшид гурди далер.

Биёмад дамон, то бари ӯ расид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид.

Бизад бар сараш теғи заҳробдор,[4]
Бигуфто: "Манам Қорани номдор!".

Нагун андаромад Шамososи гурд,
Бияфтод бар ҷову дар дам[5] бимурд.

Чунин аст кирдори гардуни пир,
Гаҳе чун камон асту гоҳе чу тир.

## ҶАНГИ РУСТАМ БО АФРОСИЁБ

Чу Рустам бидид, он чи Қоран бикард,
Чӣ гуна бувад сози ҷангу набард,

---

1. ЛМ – Чунон чун бувад мардуми размсоз; И – б, 19 нест.
2. М – чапу;
3. Л – б. 23 нест; ИЗ – б. 23:
   Сипаҳдор Қоран чу пили дамон,
   Ба каф теғи тезу ба бозу камон.
4. Л - Сару тарки он паҳлави номдор,
   Ба хок андаромад сараш сӯгвор.
5. И – ҷой в-онгаҳ.

Ба пеши падар шуд, бипурсид аз ӯй,
Ки бо ман*[1], ҷаҳонпаҳлавоно, бигӯй,

Ки пури Пашанг он бадандеша мард
Куҷо ҷой гирад ба рӯзи набард?

Чӣ пӯшад, куҷо барфарозад дурафш,
Ки пайдост тобон дурафше бунафш?[2]

Ман имрӯз банди камаргоҳи ӯй
Бигирам, биёрам кашонаш ба рӯй.[3]

Бад-ӯ гуфт Зол, эй писар, гӯш дор,
Як имрӯз бо хештан ҳуш дор,

Ки он турк дар ҷанг нараждаҳост,
Дамоҳанҷу дар кина абри балост.

Дурафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,
Зи оҳан-ш соид в-аз оҳан кулоҳ.

Ҳама рӯи оҳан гирифта ба зар,
Дурафши сияҳ баста бар хӯд-бар.[4]

---

1. МПТ – Бипечид инон, шуд сӯи Золи Зар,
Ки бинмоям Афросиёб, эй падар.
2. ТП - Нишон деҳ, ки пайкор созам бад-ӯй,
Миёни ялон сар фарозам бад-ӯй,
Агар ёр бошад маро хуру моҳ,
Кашонаш биёрам ба наздики шоҳ.
Маро ҷуз бад-ӯ нест имрӯз ҷанг,
Ману гурзу майдону пури Пашанг.
3. ТПЗ - Ба фармони ҷонофарин як Худой,
Агар кӯҳ бошад, барорам зи ҷой.
Бубандам, биёрам бари Кайқубод,
Мар он бадкуниш марди бероҳу дод.
4. ТПЗ - Ба ҳайҷо, ки гардад диловар бувад,
Ба разм – андараш даҳ баробар бувад,
Ба як ҷой сокин набошад ба ҷанг,
Чунин аст оини пури Пашанг.
Наҳанг ӯ зи дарё барорад ба дам,
Зи ҳаштод араш нест болош кам.

Аз ӯ[1] хештанро нигаҳ дор сахт,
Ки марде далер асту бедорбахт.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки эй паҳлавон,
Ту аз ман мадор эч ранҷа равон.

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Дилу теғу бозу ҳисори ман аст.[3]

Барангехт пас[4] Рахши рӯинасум,
Баромад хурӯшидани говгум.

Дамон рафт то пеши туронсипоҳ,
Яке наъра зад шери лашкарпаноҳ.[5]

Чу Афросиёбаш ба ҳомун бидид,[6]
Шигифтид аз он кӯдаки норасид.

Зи гурдон бипурсид, к-ин аждаҳо
Бад-ин гуна аз банд гашта раҳо,

Кадом аст, к-инро надонам ба ном?
Яке гуфт, к-ин пури Дастони Сом[7]

Набинӣ, ки бо гурзи Сом омадаст,
Ҷавон асту ҷӯёи ном омадаст.

---

1. И- Ту мар.
2. И – Ки турки далер асту пирӯзбахт;
   ТПЗ – Шавад кӯҳи оҳан чу дарёи об,
   Агар бишнавад номи Афросиёб.
3. Л- Сари ахтар андар канори ман аст;
   ТПЗ - Агар аждаҳо бошаду деви нар,
   Биёрам-ш бигрифта банди камар.
   Бӯбинӣ кунун дар сафи корзор,
   К-аз он шоҳи ҷангӣ барорам димор.
   Бад-он гуна бо вай бароям ба ҷанг,
   Ки бар вай бигиряд сипоҳи Пашанг.
4. ИЛ – он.
5. ИЛ – б. 42 нест.
6. И – расид.
7. ТПЗ – Бувад Рустамаш ному бас саркаш аст,
   Гаҳи ҷанг чун обу чун оташ аст.

Ба пеши сипаҳ омад Афросиёб,
Чу киштӣ, ки мавҷаш барорад зи об.

Чу Рустам варо дид, бифшорд рон,
Ба гардан баровард гурзи гарон.

Чу танг андаровард бо ӯ замин,
Фурӯ кард гурзи гаронро ба зин.[1]

Ба банди камар-ш андаровехт чанг,
Ҷудо кардаш аз пушти зини хаданг.

Ҳаме хост бурдан ба пеши Қубод,
Диҳад рӯзи ҷанги нахустин-ш ёд.

Зи санги[2] сипаҳдору чанги савор
Наёмад дуволи камар пойдор.[3]

Гусасту ба хок андаромад сараш,
Саворон гирифтанд гирд андараш.

Сипаҳбад чу аз ҷанги Рустам биҷаст,
Бихоид Рустам ҳаме пушти даст.

Чаро гуфт нагрифтамаш зери каш,
Ҳаме бар камар сохтам панҷа баш.[4]

---

1. ТПЗ – Чу Афросиёбаш бад-он гуна дид,
Бизад чангу теғ аз миён баркашид.
Замоне бикӯшид бо пури Зол,
Таҳамтан барафрӯхта чангу ёл.
2. Л – ҳанги
3. ТПЗ- Таҳамтан фурӯ кард ҷанги дароз,
Рабуд аз сараш тоҷи он сарфароз.
Ба як дасти Рустам камар монда буд,
Ба дасти дигар тоҷаш аз сар рабуд.
(Дар «3» ин ду байт пас аз б. 53 омадааст. ки ба мақсад мувофиқтар менамояд).
4. Л – банду каш;
ТПЗ- Чу гурдони Эрон ҳама тан ба тан
Бирафтанд наздики он пилтан,
Чу Қоран, чу Гашвод гурдон ҳама
Ба Рустам шуданд офаринхон ҳама
Таҳамтан якеро бари хеш хонд,
Ҳама кори рафта бад-ӯ бозронд.

Чу овози занг омад аз пушти пил,
Хурӯшидани кӯс аз чанд мил.

Яке мужда бурданд наздики шоҳ,
Ки Рустам бидаррид қалби сипоҳ.

Ба назди сипаҳдори туркон расид,
Дурафши сипаҳдор шуд нопадид.[1]

Гирифташ камарбанду афканд хор,
Хурӯше баромад зи туркон ба зор.

Гирифтанд гирдаш диловар сарон,
Пиёда бибурдандаш он сарварон.

Сипаҳдори туркон бишуд зердаст,
Яке бораи тезтак барнишаст.

Баромад ва роҳи биёбон гирифт,
Сипаҳро раҳо карду худ ҷон гирифт.

Чу ин мужда бишнид аз ӯ Кайқубод,
Бифармуд, то лашкараш ҳамчу бод

Ба якбора бар хайли Турон зананд,
Бару бехи эшон зи бун барканаанд.[2]

Зи ҷой андаромад чу оташ Қубод,
Биҷунбид лашкар чу дарё зи бод.

---

Бигуфто, гирифтам камарбанди шоҳ,
Бад-он по биёрам ба эронсипоҳ.
Гусаста шуд аз ҳам камарбанди ӯй,
Бияфтод аз даст пайванди ӯй.
Чу бархост аз хок он пайкараш,
Чу хуршеди рахшанда тоҷи сараш,
Рабудам ба тавфиқи ҷонофарин,
Ба зудӣ бараш назди шоҳи гузин.
Ки то баркашам теғи тез аз миён,
Кунам растахезе ба турониён.

1. Л – Дурафши сипаҳдори туркон бидид.
2. И – б. 59-69 нест. Л – б. 59, 60, 62-69 нест.

Зи дасти дигар Золу Меҳроби шер
Бирафтанд пархошҷӯю далер.[1]

Баромад хурӯшидани доругир,
Дурахшидани ханҷару захми тир.

Бар он тарки заррину зарринсипар
Ғамин шуд сар аз чок-чоки табар.

Ту гуфтӣ, ки абре баромад зи кунҷ,
Зи шангарф найранг зад бар турунҷ.[2]

Фурӯ рафту баррафт рӯзи набард
Ба моҳӣ нами хуну бар моҳ гард.

Зи сумми сутурон бар он паҳндашт
Замин шуд шашу осмон гашт ҳашт.

Нигаҳ кард фарзандро Золи Зар,
Бад-он номбардори бозӯру фар,[3]

---

1. ИЛ – б. 71 нест.
2. ТПЗ - Ду лашкар ба ҳам андаровехтанд,
Ту гуфтӣ ба якдигар омехтанд.
Ғиревидани марду ғурранда кӯс
Ҳаме кард бар раъди ғуррон фусӯс.
Зи осеби шерони пӯлодчанг
Дарида дили шеру чарми паланг.
Замин карда буд сурх Рустам ба ҷанг
Яке гурзаи говпайкар ба чанг.
Ба ҳар сӯ, ки маркаб барангехтӣ,
Чу барги хазон сар фурӯ рехтӣ.
Ба шамшери буррон чу бигзошт даст,
Сари сарфарозон ҳаме кард паст.
Агар барзадӣ бар сар он сарфароз,
Ба ду ним кардиш бо аспу соз.
Чу шамшер бар гардан афрохтӣ,
Чу кӯҳ аз саворон сар андохтӣ.
Зи хуни далерон ба дашт - андарун
Чу дарё замин мавҷзан шуд зи хун.
Ҳама рӯи саҳро сару дасту пой,
Ба зери суми аспи ҷангозмой.
3. ТПЗ - Ба рӯзи набард он яли арҷманд
Ба шамшеру ханҷар, ба гурзу каманд.
Ин б. дар «З» б. б. 73 омада, ки ба назар дурусттар мерасад.

Зи шодӣ дил андар бараш бартапид,
Ки Рустам бад-он сон ҳунарманд дид.

Ҷаҳонпаҳлавон он яли арҷманд
Ба теғу синону ба гурзу каманд

Буриду дариду шикасту бубаст
Ялонро сару синаву пову даст.

Ҳазору саду шаст гурди далер
Ба як ҳамла шуд кушта дар ҷанги шер.[1]

Бирафтанд туркон зи пеши муғон,
Кашиданд лашкар сӯи Домғон.

В-аз он ҷо ба Ҷайҳун ниҳоданд рӯй,
Халидадилу бо ғаму гуфтугӯй.

Шикаста силеҳу гусаста камар,
На бӯқу на кӯсу на пову на сар.[2]

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
Зи раҳ бозгаштанд наздики шоҳ.

Ҳама ҳар як аз ганҷ гашта сутӯҳ,
Гирифта зи туркон гурӯҳогурӯҳ.

Ба ҷо омаданд он сипоҳи меҳон,
Шуданд офаринхон ба шоҳи ҷаҳон.

В-аз ин марз Рустам чу баргашт боз,
Биёмад бари шоҳи Эрон фароз,[3]

Нишондаш ба як дасти худ номвар,
Ба дасти дигар номвар Золи Зар.

---

1. ИЛ – б. 71-74 нест.
2. ТПЗ - Се рӯз он сипаҳ бар лаби рӯд монд,
Ба рӯзи чаҳорум аз он ҷо биронд.
3. ТПЗ - Чу шоҳ ончунон дид, бар пой ҷаст,
Гирифташ сари дасти Рустам ба даст.

## ОМАДАНИ АФРОСИЁБ НАЗДИКИ ПАДАРИ ХУД

В-аз он сӯ, ки бигрехт Афросиёб,
Ҳаме тозиён то бад-он рӯи об.

Яке ҳафта биншаст наздики рӯд,
Ба ҳаштум баророст бо хашму дуд.[1]

Ба пеши падар рафт пури Пашанг,
Забон пур зи гуфтору дил пурдиранг.[2]

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй номбардор шоҳ,
Туро буд аз ин ҷанг ҷустан гуноҳ,

Яке он ки паймон шикастан зи шоҳ
Бузургони пешин надиданд роҳ.[3]

На аз тухми Эраҷ замин пок шуд,
На заҳри газоянда тарёк шуд.

Яке гум[4] шавад, дигар ояд ба ҷой,
Ҷаҳонро намонанд бе кадхудой.

Қубод омаду тоҷ бар сар ниҳод,
Ба кина яке нав дар андаркушод.

Саворе падид омад аз пушти[5] Сом,
Ки Дастон-ш Рустам ниҳодаст ном.

Биёмад ба сони наҳанги дижам,
Ки гуфтӣ ҷаҳонро[6] бисӯзад ба дам.

Ҳаме тохт андар фарозу нишеб,
Ҳаме зад ба гурзу ба теғу рикеб.

---

1. ИЛ – б 79, 85 нест.
2. ИЛ - Бирафт аз бари рӯд назди Пашанг
Забон пур зи гуфтору кӯтоҳ чанг.
3. И – б. 88 нест;
ТПЗ – Надонӣ, ки мардони паймоншикан
Ситуда набошанд дар анҷуман.
4. ИЛ – кам.
5. Л – заминро;
6. И - Ки гӯӣ заминро

Зи гурзаш ҳаво шуд пур аз чок-чок,
Наярзид ҷонам ба як мушти хок.

Ҳама лашкари мо ба ҳам бардарид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Дурафши маро дид бар як карон,
Ба зин андарафканд гурзи гарон.[1]

Чунон баргирифтам зи зини ҳаданг,
Ки гуфтӣ надорам ба як пашша санг.

Камарбанд бигсасту банди қабой
Зи чангаш фитодам ҳаме зери пой.

Бад-он зӯр ҳаргиз набошад ҳизабр
Ду пояш ба хок - андарун, сар ба абр.

Саворони ҷангӣ ҳама ҳамгурӯҳ
Кашидандам аз ҷанги он лахти кӯҳ.

Ту донӣ, ки шоҳӣ дилу чанги ман,
Далериву кирдору[2] оҳанги ман.

Ба дасти вай - андар яке пашшаам*[3]
В-аз он офариниш пурандешаам.

Яке пилтан дидаму шерҷанг,
На ҳушу[4] на дониш, на рою на ҳанг.[5]

Инонаш супурда бад-он пили маст
Ҳамаш кӯҳу ҳам ғору ҳам роҳи паст,[6]

---

1. ТПЗ - Биёмад, гирифташ камарбанди ман,
Ту гуфтӣ, ки бугсаст пайванди ман.
2. И – Ба ҷанг андарун зӯрӣ.
3. М – решаам;
4. И – ақлу.
5. И – санг.
6. ТПЗ – Далерону шерон басе дидаам,
Инонпеч з-он гуна нашнидаам.

Ҳамоно, ки кӯпол беш аз ҳазор[1]
Задандаш бар он тораки номдор.

Ту гуфтӣ, ки аз оҳанаш кардаанд,
Ба сангу ба рӯяш баровардаанд.

Чи дарёш пешу чи кӯҳаш ҳамон,[2]
Чи дарранда шеру чи пили дамон,

Ҳаме тохт яксон чу юзи*[3] шикор,
Ба бозӣ ҳаме омадаш[4] корзор

Чун ӯ гар будӣ Сомро дастбурд,
Зи туркон намондӣ сарафроз гурд.

Ҷуз аз оштӣ ҷустанат рой нест,
Ки бо ӯ сипоҳи туро пой нест.

Ҷаҳонҷӯю пушти сипоҳат манам,
Ба душворӣ андар паноҳат манам.

Намондаст бо ӯ маро тоб ҳеч,
Бирав, рой зан, оштиро басеч![5]

Замине куҷо Офаридуни гурд
Бад он гаҳ ба Тури диловар супурд,

Ба ман*[6] дода буданду бахшида рост,
Туро кини пешин набоист хост.

Аз он гар бигардему ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар дили хеш танг оварем.[7]

---

1. ИЛ – сесад ҳазор.
2. И – бабри баён.
3. М– рӯзи.
4. И – ҳаме оядаш.
5. ТПЗ – Ҳамон бахши Эраҷ зи Эронзамин,
   Ки додаш Фаридуни боофарин.
6. М – ту.
7. ИЛ – б. 116 нест.

Ту донӣ, ки дидан беҳ аз огаҳист,
Миёни шунидан саросар[1] тиҳист.

Туро ҷанги Эрон чу бозӣ намуд,
Зи бозӣ сипаҳро дарозӣ намуд.

Аз имрӯз корат ба фардо мамон,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон?

Гулистон, ки имрӯз бошад бабор,
Ту фардо чинӣ гул, наояд ба кор.

Нигар, то чи моя ситоми базар,
Ҳамон тарки заррину заррин сипар.[2]

Ҳамон тозиаспон ба заррин лагом,
Ҳамон теғи ҳиндӣ ба заррин ниём.

Аз ин бештар номдорони[3] гурд,
Ки бод андаромад, ба хорӣ бибурд.

Чу Гулбоду чун Бормони далер,
Ки будӣ шикораш ҳама наррашер.

Хазарвон куҷо, Зол бишкаст хурд,
Намудаш ба гурзи гарон дастбурд.

Шамосос, к-ин тузи лашкарпаноҳ,
Ки Қоран бикушташ ба овардгоҳ.[4]

Ҷуз ин номдорон, дигар даҳ ҳазор
Фузун кушта омад бар ин корзор.[5]

Батар з-ин ҳама ному нанге шикаст,
Шикасте, ки ҳаргиз нашояд-ш баст.

1. ИЛ – ҳамеша.
2. Л – зарринкамар.
3. Л – Аз ин номдорону шерони
4. ТПЗ- Қулуни диловар, ки Рустам бикушт,
Кунун бодамон ҳаст аз инҳо ба мушт.
5. ИЛ – б. 125 127 нест.

Гар аз ман сари номвар гашта шуд,
Ки[1] Агрираси номвар[2] кушта шуд.

Ҷазои баду некии рӯзгор
Дар имрӯзу фардо гирифтан шумор,

Ки пеш омадандам ҳамон[3] саркашон,
Паси пушти ҳар як дурафши гавон.[4]

Басе ёд додандам аз рӯзгор,
Дамон аз пасу ман давон зору хор.[5]

Кунун аз гузашта макун ҳеч ёд,
Сӯи оштӣ ёз бо Кайқубод.

Гарат дигар ояд яке орзуй,
Ба гирд- андар ояд[6] сипаҳ чор сӯй.

Ба як даст Рустам, ки[7] тобанда хур
Гаҳи размб о ӯ натобад ба зӯр.[8]

Ба дасти дигар Қорани размзан,
Ки чашмаш надидаст ҳаргиз шикан.

Се дигар чу Кашводи зарринкулоҳ,
Ки омад, ба Омул бибурд он сипоҳ.

Ҷаҳорум чу Меҳроби кобулхудой,
Ки солоршоҳ аст бофарру рой.»

---

1. Л – чу.
2. Л – пурҳунар.
3. ИЛ – Ба пеш омадандам ҳама.
4. ИЛ – дирафше камон.
5. ТПЗ– Ҳар он гаҳ пушаймонӣ омад ба пеш,
   Пур аз ғам шуда дил зи кирдори хеш.
   Басе гаштам озурда аз рӯзгор,
   Бибахшад гуноҳи маро шаҳрёр.
6. И – гирдат дарояд.
7. ЛЖ – чу.
8. ЛМ – Або гурзу кӯполу бо фарру зӯр.

## ОШТӢ ХОСТАНИ ПАШАНГ АЗ КАЙҚУБОД

Сипаҳдори Турон ду дида пуроб,
Шигифте фурӯ монда з-Афросиёб,

Ки чандин суханҳош ёд омадаст,
Равонаш ҳаме сӯи дод омадаст.[1]

Яке марди боҳушу*[2] дил баргузид,
Ба Эрон фиристод чун месазид.[3]

Яке нома бинвишт артангвор,
Бар ӯ карда сад гуна рангу нигор.

Ба номи худованди хуршеду моҳ.
Ки ӯ дод бар офарин дастгоҳ.[4]

В-аз ӯ бар равони Фаридун дуруд,
К-аз ӯ дорад*[5] ин тухми мо тору пуд,

---

1. ИЛ – б. 140 нест.
2. МЖ – бинодиле.
3. Л – Чунон чун сазид.
   ТПЗ – Ки Виса будаш номи он номвар,
   Бародар мар ӯро зи мому падар.
   Дабири нависандаро гуфт шоҳ,
   Ки пеш ор қиртосу мушки сиёҳ.
4. ТПЗ – Худованди беёру анбозу ҷуфт
   Аз ӯ нест пайдову пинҳон нуҳуфт.
   Ҷаҳонофаринандаву бениёз.
   Ба фармони ӯ дон нишебу фароз,
   Равон шуд ба фармони ӯ хуру моҳ.
   В-аз ӯ дорад ором хоки сиёҳ.
   Фарозандаи тоқи фирӯзафом,
   Барорандаи субҳ з-айвони шом,
   Шаби анбарин ҳиндуи боми ӯй,
   Шафақ дурдошом аз ҷоми ӯй,
   Хур аз роҳи хубӣ чу хубони Чин
   Парастораи чор болонишин.
   Маҳи нав зи роҳи сарафкандагӣ
   Ба гӯш - андарун ҳалқаи бандагӣ.
   Якеро барорад ба чархи баланд,
   Якеро ба хок афканад мустаманд.
5. М – гашт.

Кунун бишнав, эй номвар Кайқубод,
Сухан гӯям аз рои шоҳиву дод.[1]

Ки аз Тур бар Эраҷи некбахт
Бад омад падид[2] аз паи тоҷу тахт.

Бар он-бар ҳаме ронд бояд сухун,
Набояд, ки пархош монад зи бун.[3]

Гар ин кина аз Эраҷ омад падид,
Манучеҳр сар то сар он кин кашид.

Бар он ҳам, ки кард Офаридун нахуст,
Куҷо ростиро ба бахшиш биҷуст.

Сазад, гар бимонем мо ҳам бар он,
Нагардем аз оину[4] роҳи сарон.

Зи хиргоҳ то Мавруннаҳр-дар
Ки Ҷайҳун миён асташ андар гузар.[5]

Бару буми мо буд ҳангоми шоҳ,
Накард андар он марз Эраҷ нигоҳ.

Ҳамон бахши Эраҷ буд Эронзамин,
Ки аз Офаридун будаш офарин.

Аз он гар бигардему ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар дили хеш танг оварем.

Бувад захми шамшеру хашми Худой,
Наёбем баҳра ба[6] ҳарду сарой.

---

1. ИЛ – б. 145 нест.
2. И – Падид омаданд.
3. Л – Бар он-бар ҳаме монд бояд сухан,
   Нигорид бояд ҳадиси куҳан.
   Намондаст он кини нохоста,
   В-аз он хоста кина шуд хоста.
4. Л – оҳангу.
5. Л – б. б. 151 ин б. омада:
   На косид кишвар, на дар вай фузуд,
   Ҳама ростӣ ҷусту некӣ намуд.
6. Л – зи.

Дигар ҳамчунон чун Фаридуни гурд,
Ба Салму ба Туру ба Эраҷ супурд.

Бубахшем, аз он пас наҷӯем кин,
Ки чандин бало худ наярзад замин.

Сари жандаи Зол[1] чун барф гашт,
Зи хуни ялон хок шангарф гашт.

Саранҷом ҳам ҷуз ба болои хеш
Наёбад касе баҳра аз ҷои хеш.

Бимонем бо он раши панҷ хок,
Саропой карбосу ҷои маѓок.[2]

Дигар орзуяст андӯҳу ранч,
Шудан тангдил дар сарои сипанч.*[3]

Магар ром гардад бад-ин Кайқубод,[4]
Сари марди бихрад нагардад зи дод.

Кас аз мо набинанд Ҷайҳун ба хоб
В-аз Эрон наёянд аз ин рӯи об.

Магар бо дуруду салому паём
Ду кишвар шавад[5] з-ин сухан шодком

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Фиристод наздики эронсипоҳ.

Ҳам аз гавҳару тоҷу ҳам тахти зар,
Ҳам аз хубрӯёни зарринкамар.

---

1. И – зинда аз сол.
2. Л – б. 160 нест.
3. М – ин б. нест.
4. ТПЗ – В-агар боз лашкар ба ҷанг оварем,
Сари худ ба доми наҳанг оварем.
Ҳамоно, ки некӣ беҳ аз кори бад,
Наҷӯем мо дигар озори х(в)ад.
5. ИЛ – бувад.

Аз аспони тозӣ ба заррин ситом,
Ҳам аз теғи ҳиндӣ ба симин ниём[1]

Биёмад фиристода назди Қубод,
Ҳамон гоҳ пайғому нома бидод.

Чу шоҳи ҷаҳондор нома бихонд,
Ба посух суханҳо фаровон биронд,

Ки аз мо набуд пешдастӣ нахуст,
Аз Афросиёб омад ин кин дуруст.

Зи Тур андаромад нахустин ситам,
Ки шоҳе чу Эраҷ шуд аз тахт кам.

Бад-ин рӯзгор - андар Афросиёб
Биёмад ба Эрону бигзашт з-об.

Шунидӣ, ки бо шоҳ Нӯзар чӣ кард,
Дили дому дад шуд пур аз доғу дард.

Зи кина ба Ағрираси пурхирад
На он кард, к-аз мардумӣ дархурад.

Зи кирдори бад гар пушаймон шавед,[2]
Ба наввӣ зи сар боз паймон шавед,[3]

Маро нест аз кина озору ранҷ,
Басечидаам дар сарои сипанҷ.

Шуморо супорам аз он рӯи об,
Магар ёбад оромиш Афросиёб.

Ба наввӣ яке боз паймон навишт,
Ба боғи бузургӣ дарахте бикишт.

Фиристода омад ба сони паланг,
Расонид нома ба дасти*[4] Пашанг.

---

1. ТПЗ – Зи пурмоя чизе к-аз он бум хост,
Або нома он ҳадяҳо кард рост.
2. Л-шавад.
3. Л-шавад.
4. М – назди.

Буна барниҳоду сипаҳро биронд,
Ҳаме гард бар осмон барфишонд.

Зи Ҷайҳун гузар кард монанди бод,
В-аз он огаҳӣ шуд бари Кайқубод.[1]

Аз он гашт шодон дили шаҳрёр,
Ки душман шуд аз пеш бе корзор.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй шаҳрёр,
Маҷӯй оштӣ дар гаҳи корзор.

Набуд оштӣ пешовардашон,[3]
Бад-ин рӯз гурзи ман овардашон.

Чунин гуфт бо номвар Кайқубод.[4]
Ки чизе надидам накӯтар зи дод.

Набери[5] Фаридуни фаррух - Пашанг
Ба серӣ ҳаме сар бупечад зи ҷанг.

Сазад гар ҳар он кас, ки дорад хирад,
Ба кажживу норостӣ нангарад.

Зи Зобулситон то ба дарёи Синд[6]
Навиштем[7] аҳди туро бар паринд.

Ту шав, тахт бо афсари Нимрӯз
Ҳаме дору мебош гетифурӯз.

---

1. ТПИЛ - Бибурданд нома бари Кайқубод,
Сухан низ аз ин гуна карданд ёд.
Чу бишнид шаҳ Кайқубод ин ҳама,
Баровард сар аз миёни рама.
Чунин дод посух, ки донӣ дуруст,
Ки аз мо набуд пешдастӣ нахуст.
2. ИЛ – б. 179 –182 нест.
3. Л – ҳеҷ дархурдашон.
4. Л – Ба Рустам чунин гуфт пас Кайқубод.
5. ИЛ – Набера.
6. И – ҳинд.
7. ИЛ – навиштем.

В-аз ин[1] рӯй Кобул ба Меҳроб деҳ,
Саросар синонат ба заҳр об деҳ.

Куҷо подшоҳист, бе ҷанг нест,
В-агарчанд рӯи замин танг нест.

Басе хилъат орост шоҳи рама,
Ба Золу ба Рустам бидод он ҳама.[2]

Сарашро биёрост аз*[3] тоҷи зар,
Ҳамон гирдгоҳаш ба заррин камар.

Зи як рӯй гетӣ мар ӯро супурд,
Бибӯсид рӯи замин марди гурд.

Аз он пас чунин гуфт фаррух Қубод,
Ки бе Зол тахти бузургӣ мабод!

Ба як мӯи Дастон наярзад ҷаҳон,
Ки ӯ мондамон ёдгор аз меҳон.

Ниҳоданд маҳд аз бари панҷ пил
Зи пирӯза, рахшонтар аз оби Нил.

Бигустард зарбафт бар маҳд-бар,*[4]
Яке ганҷ к-аш кас надонист мар.

Яке ҷомаи шаҳрёрӣ ба зар,
Зи ёқуту пирӯза тоҷу камар

Фиристод наздики Дастони Сом,
Ки хилъат туро з-ин фузун буд ком.[5]

1. Л – в-аз он.
2. ИЛ –б. 192 нест.
   ТПЗ - Ба Рустам басе ҷомаву асп дод,
   Бад-он сон, ки буд дархури Кайқубод.
3. М – бо.
4. М – маҳди зар.
5. ТПЗ – Дигарбора з-ин беҳтар ороямат,
   Дари ганҷҳо пеш бикшоямат.

Агар бошадам зиндагонӣ дароз,
Туро ман кунам дар[1] ҷаҳон бениёз.

Ҳамон Қорани гурду Кашводро,
Чу Харроду Барзину Пӯлодро.

Барафканд[2] хилъат, чунон чун сазид
Касеро, ки хилъат сазовор дид.

Дирам доду динору[3] теғу сипар,
Киро буд дархур, кулоҳу камар.

## ОМАДАНИ КАЙҚУБОД БА ИСТАХРИ ПОРС

В-аз он ҷо сӯи Порс андаркашид,
Ки дар Порс буд ганҷҳоро калид.

Нишастангаҳ он гаҳ ба Истахр буд,
Каёнро бад-он ҷойгаҳ фахр буд.

Ҷаҳоне ниҳоданд рух сӯи ӯй,
Ки ӯ буд солори дайҳимҷӯй.

Ба тахти каён андаровард пой
Ба доду ба оини фархунда рой.

Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,[4]
Ки гетӣ маро аз[5] карон то карон.

Агар пил бо пашша кин оварад,
Ҳама рахна дар доду дин оварад,

Нахоҳам[6] ба гетӣ ҷуз аз ростӣ,
Ки хашми Худо оварад костӣ.

Таносонӣ аз доду ранҷи ман аст,
Куҷо обу хок аст, ганҷи ман аст.

1. Л – дорам андар.
2. Л – баророст.
3. Л – Зи диндору дебову.
4. Л- бихрадон.
5. ЛМ – шуд.
6. Л – начӯям.

Ҳама подшоҳон маро лашкаранд,
Сипоҳиву шаҳрӣ маро яксаранд.

Ҳама дар паноҳи ҷаҳондор бед,
Хирадманд беду беозор бед.

Ҳар он кас, ки дорад, хуреду диҳед,
Сипосе зи хӯрдан маро барниҳед.

В-ар он кас куҷо боз монад зи х(в)ард,
Наёбад ҳаме тӯша[1] аз коркард,

Чарогоҳашон боргоҳи ман аст,
Ҳар он кас, ки андар паноҳи[2] ман аст.

Сипоҳе аз он пас ба гирд оварид,
Бигардид, яксар ҷаҳонро бидид.

Чу даҳ сол баргашт гирди ҷаҳон,
Ҳама дод кард ошкору ниҳон.

Басе шаҳри хуррам бино кард Кай,
Чу сад деҳ бино кард бар гирди вай.

Сӯи Порс бинҳод он гоҳ рӯй.
Чу ҷанги замона расид андар ӯй.

Нишаст аз бари тахт бо мӯбадон,
Ситорашиносону*[3] бо бихрадон.

Саросар биёвард гурдони хеш,
Бад –эшон нигаҳ кард дил карда реш.[4]

Аз он рафта номоварон ёд кард,
Ба доду диҳиш гетӣ обод кард.

Бад-ин гуна сад сол шодон бизист,
Нигар, то ба кайҳон чунин шоҳ кист.

1. Л – қувват.
2. Л – сипоҳӣ.
3. М – Ба ахтаршиносу.
4. Л – б. 218 – 223 нест.

Писар буд хирадманд ӯро чаҳор,
Ки буданд аз ӯ дар ҷаҳон ёдгор.

Нахустин чу Ковуси боофарин,
Каёраш дувум буд, сеюм Кайпашин.

Чаҳорум Каярмин куҷо буд ном,
Сипарданд гетӣ ба орому ком.[1]

Чу сад сол бугзашт бо тоҷу тахт,
Саранҷом тоб[2] андаромад ба бахт.[3]

Чу донист, к-омад ба наздики марг,
Бипажмурд хоҳад ҳаме сабз барг.

Гаронмоя[4] Ковуси кайро бихонд,
Зи доду диҳиш чанд бо ӯ биронд.

Бад -ӯ гуфт: Мо барниҳодем рахт,
Ту бугзор[5] тобуту бардор тахт.

Чунонам, ки гӯӣ аз Албурзкӯҳ
Кунун омадам шодмон бо гурӯҳ.

Чи бахте,[6] ки бе огаҳӣ бигзарад,
Парастандаи ӯ надорад хирад.

Ту гар додгар бошиву покрой,
Ҳаме музд ёбӣ[7] ба дигар сарой.

В-агар оз гирад саратро ба дом,
Барорӣ яке теғи тез аз ниём.

Бад-он хештан ранҷа дорӣ ҳаме,
Пас онро ба душман супорӣ ҳаме.

---

1. Л – Чаҳорум, ки буд Ардашер ӯ ба ном,
Ҳама ҳар чаҳор аз падар шодком.
2. Л – тоз.
3. Л – зи тахт.
4. сарафроз.
5. Л- биспор.
6. Л- тахте; И – чу тахте.
7. ИЛ – савобаш биёбӣ.

Дар он ҷой ҷои ту оташ бувад,
Ба дунё дилат талху нох(в)аш бувад.[1]

Бигуфт ину шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Гузин кард сандуқ бар ҷои кох.

Ҷаҳонро чунин аст расму[2] ниҳод,
Биёрад зи хоку диҳадшон ба бод.

Ба сар шуд кунун қиссаи Кайқубод,
Зи Ковус бояд, ки гирем[3] ёд.[4]

## КАЙКОВУС

*Подшоҳии ӯ саду панҷоҳ сол буд*

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ КАЙКОВУС ВА ОҲАНГИ МОЗАНДАРОН КАРДАН

Дарахти барӯманд чун шуд баланд,
Гар эдун, ки ояд ба ӯ[5] бар газанд,

Шавад барг пажмурдаву бех суст,
Сараш сӯи пастӣ гирояд нахуст.

---

1. ИЛ-б. 237 нест.
   ТПЗ – Бидон, эй гиромии некӯниҳод,
   Бибояд, ки кӯшӣ ба адлу ба дод.
   Туро додам ин тоҷи шоҳию гоҳ,
   Ба доду диҳиш пӯю биспор роҳ.
   Чунин омад ин гетӣ аз хӯй соз,
   Бидорад ба ноз, оварад ранҷ боз.
   Дарахтест бошохи бисёрбор,
   Бараш тозагул, шох яксар нигор,
   Нахустин ба гул шодхорат кунад,
   Пас он гаҳ дилафгору хорат кунад.
   Басе подшоҳони гарданфароз,
   Ки рафтанд аз ин ҷо ба гурму гудоз.
   К-аз эшон кунун монда ном асту бас,
   Ба гетӣ намондаст ҷовид кас.
2. Л – созу.
3. Л – кунун кард.
4. И –б. 240-241 нест.
5. Л-Гар ояд зи гардун бар ӯ.

Чу аз ҷойгаҳ бугсилад пои хеш,
Ба шохи[1] навоин диҳад ҷои хеш.

Мар ӯро супорад гулу баргу боғ,
Баҳоре ба кирдори равшан чароғ.[2]

Агар шохи бад хезад аз бехи нек,
Ту бо бех тундӣ маёғоз рек.[3]*[4]

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.

Гар ӯ бифканад фарру номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.

Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад, к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор.

Чунин аст расми сарои куҳун,
Сараш ҳеч пайдо набинӣ зи бун.

Чу расми бадаш боз ёбад касе,
Сазад, гар ба гетӣ намонад басе.

Зи гуфтори фарзонадил марди пир
Сухан бишнаву як ба як ёд гир.[5]

Чу бигрифт Ковус гоҳи падар,
Мар ӯро ҷаҳон банда шуд сар ба сар.

Зи ҳар гунае ганҷи оганда дид,
Ҷаҳон сар ба сар пеши худ банда дид.

Ҳам аз тавқу ҳам тахту ҳам[6] гӯшвор,
Ҳамон тоҷи заррин забарҷаднигор.

---

1. Л – сарви.
2. И – б. 4 нест.
3. ИЛ – век (вейк).
4. М – лек.
5. ИЛ –б. 11 нест.
6. Л – Ҳамон тахт бо тавқу бо.

Ҳамон тозиаспони огандаёл,
Ба гетӣ надонист касро[1] ҳамол.

Чунон буд, ки дар гулшани зарнигор,
Ҳамехӯрд рӯзе маи хушгувор.

Яке тахти заррин булӯрин-ш пой,
Нишаста бар ӯ-бар ҷаҳонкадхудой.

Або паҳлавонони Эрон ба ҳам
Ҳаме рой зад шоҳ бар бешу кам.

Чунин гуфт, к-андар ҷаҳон шоҳ кист,
Гузашта зи ман дархури гоҳ кист?

Маро зебад андар ҷаҳон бартарӣ,
Наёрад зи ман ҷуст кас доварӣ.

Ҳаме хӯрд бода, ҳаме гуфт шоҳ,
Дар*[2] ӯ хира монда сарони сипоҳ.[3]

Чу ромишгаре дев зӣ пардадор
Биёмад, ки хоҳад бари шоҳ бор.

Чунин гуфт, к-аз шаҳри Мозандарон
Яке хушнавозам зи ромишгарон.

Агар дархурам бандагӣ шоҳро,
Кушояд бари тахти худ роҳро.[4]

Бирафт аз дари парда солори бор,
Биёмад хиромон бари шаҳрёр.

Бигуфташ, ки ромишгаре бар дар аст,
Або барбату нағз ромишгар аст.[5]

---

1. Л-худро.
2. М – Аз.
3. ИЛ – 19-21 нест.
4. Л -Бисоям ба рух хоки даргоҳро.
5. ТПЗ – Ҳаме роҳ ҷӯяд бад-ин пешгоҳ,
Чи фармон диҳад номвар подшоҳ.

Бифармуд, то пеши ӯ тохтанд,
Бари рудсозон-ш биншохтанд.

Ба барбат чу боист барсохт руд,
Баровард мозандаронӣ суруд.

Ки Мозандарон – шаҳри мо ёд бод,
Ҳамеша бару бумаш обод бод!

Ки дар бӯстонаш ҳамеша гул аст,
Ба кӯҳ- андарун лолаву сунбул аст.

Ҳаво хушгувору замин пурнигор,
На гарму на сарду ҳамешабаҳор.

Навозанда булбул ба боғ-андарун,
Гурозанда оҳу ба роғ-андарун.

Ҳамеша наёсояд аз ҷустуҷӯй
Ҳамсола ҳар ҷой ранг асту бӯй.

Гулоб аст, гӯӣ, ба ҷӯяш равон,
Ҳаме шод гардад зи[1] бӯяш равон.

Даю Баҳману Озару Фарвадин
Ҳамеша пур аз лола бинӣ замин.

Ҳамасола хандон лаби ҷӯйбор,
Ба ҳар ҷой бози шикорӣ ба кор.

Саросар ҳама кишвар ороста
Зи динору дебову аз хоста.

Бутони парастанда бо тоҷи зар,
Ҳамон номдорони зарринкамар.

Касе, к-он дар он буми обод нест,
Ба ком аз дилу ҷони худ шод нест.[2]

1. ИЛ – ба.
2. ИЛ – б. 39 нест.

Чу Ковус бишнид аз ӯ ин сухун,
Яке тоза андеша афканд бун.

Дили размҷӯяш бубаст андар он,
Ки лашкар кашад сӯи Мозандарон.

Чунин гуфт бо сарфарозони разм,
Ки мо дил ниҳодем яксар ба базм.

Агар коҳилӣ пеша гирад[1] далер,
Нагардад зи осудану гоҳ[2] сер.[3]

Ман аз Ҷамму Заҳҳоку аз Кайқубод
Фузунам ба бахту ба фарру нажод.

Фузун боядам низ аз[4] эшон ҳунар,
Ҷаҳонҷӯй бояд сари тоҷвар.[5]

Сухан чун ба гӯши бузургон расид,
Аз эшон кас ин рой фаррух надид.

Ҳама зард гаштанду пурчин бурӯй,
Касе ҷанги девон накард орзуй.

Касе рост посух наёраст кард,
Ғамин шуд дилу лаб пур аз боди сард.

Чу Тусу чу Гударзу Кашводу Гев,
Чу Харроду Гургину Баҳроми нев

Ба овоз гуфтанд: Мо кеҳтарем,
Замин ҷуз ба фармони ту наспарем.

В-аз он пас яке анҷуман сохтанд,
Зи гуфтори ӯ дил бипардохтанд.

---

1. Л – оял.
2. Л – осоишу хоб.
3. ТПЗ - В-агар баддилӣ пеша гирад ҷавон,
Бимонад манишпасту тираравон.
4. Л – з-они.
5. ТП – Маро буд* лашкар ба Мозандарон,
Саросар гирифтан ба гурзи гарон.

* З – бурд.

Нишастанду гуфтанд бо якдигар,
Ки аз бахт моро чӣ омад ба сар.[1]

Агар шаҳрёр ин суханҳо ки гуфт,
Ба май хӯрдан-андар нахоҳад нуҳуфт,

Зи мову зи Эрон барорад ҳалок,
Намонад аз[2] ин буму бар обу хок,

Ки Ҷамшед бо тоҷу ангуштарӣ,
Ба фармони ӯ деву мурғу парӣ.

Зи Мозандарон ёд ҳаргиз накард,
Наҷуст аз далерони[3] девон набард.

Фаридуни пурдонишу пурфусун
Мар ин орзуро[4] набуд раҳнамун.

Агар шоядӣ бурдан ин раҳ ба сар
Ба мардиву ному ба ганҷу гуҳар,[5]

Манучеҳр кардӣ бад-ин пеш даст,
Накардӣ бад-ин ҳиммати хеш паст.[6]

Яке чора бояд намудан бар ин,
Ки ин бад бигардад зи Эронзамин.

Чунин гуфт пас Тус бо меҳтарон,
Ки эй размдида диловар сарон.

Мар ин бандро чора акнун якест,
Бисозему ин кор[7] душвор нест.

1. Л – б. 51. 52 нест.
2. Л – ба.
3. Л – далерӣ зи.
4. ИЛ – Ҳамин рози дониш.
5. ЛМ –мардиву ганҷу ба ном ҳунар.
6. Л – б. 59 нест;
ТПЗИ – Бад-ин чора бояд кунун даст ёхт,
Ниҳонӣ яке чораи нав бисохт.
7. Л – банд.

Ҳаюни таковар бари Золи Сом
Бибояд фиристоду додан паём,

Ки гар гил ба сар дорӣ, акнун машӯй,
Яке тез кун мағзу*[1] бинмой рӯй.[2]

Магар к-ӯ кушояд яке пандманд
Сухан бар дили шаҳрёри баланд.

Бигӯяд, ки ин аҳриман дод ёд,
Дари дев ҳаргиз набояд кушод.

Магар Золаш орад аз ин гуфта боз,
В-агарна сар омад нишебу фароз[3]

Суханҳо зи ҳар гуна барсохтанд,
Ҳаюни таковар бурун тохтанд.

Даванда ҳаме тохт то Нимрӯз,
Чу омад бари Золи гетифурӯз.

Чунин додаш аз номдорон паём,
Ки эй номвар, богуҳар пури Сом,

Яке кор пеш омад акнун шигифт,
Ки аз дониш андоза[4] натвон гирифт.

Бар ин кор агар ту набандӣ камар,
На тан монад эдар, на буму на бар.

Яке шоҳро дар дил андеша хост,
Бупечидаш Оҳарман аз роҳи рост.[5]

Ба ранҷи ниёконаш аз бостон
Нахоҳад ҳаме буд ҳамдостон.

---

1. М –рою.
2. ТПЗ – Бигӯяд абар шоҳ Ковуси кай,
Ки бар хира кори нав афканд пай.
3. ТПЗ – Бад-ин рой гаштанд яксар гавон,
Ки ин корро Зол созад равон.
4. Л –- андеша; И – андӯҳ.
5. Л – б. 73 нест.

Ҳаме ганҷ бе ранҷ бигзоядаш,
Ҳаме гоҳи[1] Мозандарон боядаш.

Агар ҳеч сар хорӣ аз омадан,
Сипаҳбад ҳаме зуд хоҳад[2] шудан.*[3]

Ҳама ранҷи ту дод хоҳад ба бод,
Ки бурдӣ зи оғоз бо Кайқубод.[4]

Ту бо[5] Рустами ширнохӯрдасер
Миёнро бубастӣ чу шери далер.

Кунун он ҳама бод шуд пеши ӯй,
Бупечид ҷони бадандеши ӯй.

Чу бишнид Дастон, бупечид сахт,
Ки шуд зард барги каёнидарахт.[6]

Ҳаме гуфт Ковуси худкомамард,
На гарм озмуда зи гетӣ, на сард.[7]

Касе к-ӯ бувад дар ҷаҳон пешгоҳ,
Бар ӯ бугзарад солу хуршеду моҳ.

В-аз андешаи[8] теғи ӯ дар ҷаҳон
Биларзанд яксар кеҳону меҳон.

Набошад шигифт, ар ба ман награвад,
Шавам хаста, гар панди ман нашнавад.

В-ар ин ранҷ осон кунам бар дилам,
Аз андешаи шоҳ дил бугсилам.

---

1. И – кори.
2. Л – Шаҳаншаҳ ба зудӣ бихоҳад.
3. М – будан.
4. И – К-аз оғоз бурдӣ абар Кайқубод.
5. И –Або.
6. И –Биларзид бар сони шохи дарахт.
7. ТПЗИ – Сухан аз ҷаҳондидагон нашнавад,
   Шаби* тира бо рои худ нағнавад.
   * И – тани.
8. Ил – Кӣ мондаст к-аз.

На аз ман писандад ҷаҳонофарин,
На шоҳу на гурдони Эронзамин.

Шавам, гӯямаш, ҳарчӣ ояд зи панд,
Зи ман гар пазирад, шавад судманд.

В-агар тез гардад, кушудаст[1] роҳ,
Таҳамтан ҳам эдар бувад бо сипоҳ.

Пурандеша буд он шаби дербоз[2]
Чу хуршед бинмуд тоҷ аз фароз.

Камар басту бинҳод сар сӯи шоҳ,
Бузургон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.

Хабар шуд ба Тусу ба Гударзу Гев,
Ба Баҳрому Гургину гурдони нев,

Ки Дастон ба наздики Эрон расид,
Дурафши ҳумоюн-ш омад падид.

Пазира шудандаш сарони сипоҳ,
Саре к-ӯ кашад паҳлавонӣ кулоҳ.

Чу Дастони Сом андаромад ба танг,
Пиёда[3] шудандаш ҳама бедиранг.

Бар ӯ саркашон офарин хонданд,
Сӯи шоҳ*[4] бо ӯ ҳаме ронданд.

Бад-ӯ гуфт Тус, эй гави сарфароз,
Кашидӣ чунин ранҷи роҳи дароз.

Зи баҳри бузургони Эронзамин
Бар осоиш ин ранҷ кардӣ гузин.

Ҳама сар ба сар некхоҳи туем,
Ситуда ба фарри[5] кулоҳи туем.

1. ИЛ – кушодаст.
2. И – шаб аз дер боз.
3. Л – Пазира.
4. М – шаҳр.
5. Л – фарру.

Бад-он[1] номдорон чунин гуфт Зол,
Ки ҳар кас, ки ӯро бифарсуд сол,

Ҳама панди пиронаш ояд ба ёд,
Аз он пас диҳад чархи гардон-ш дод.

Нашояд, ки гирем аз ӯ панд боз,
Ки аз панди мо нест худ бениёз.

Зи панди хирад гар бигардад сараш,
Пушаймониву ранҷ бошад[2] бараш.

Ба овоз гуфтанд: Мо бо туем,
Зи ту бугзарад, панди кас нашнавем.

Ҳама яксара пеши шоҳ омаданд,
Бари номвар тоҷу гоҳ омаданд.

## ПАНД ДОДАНИ ЗОЛ КОВУСРО

Ҳаме рафт пеш - андарун Золи Зар,
Паси ӯ бузургони зарринкамар.

Чу Ковусро дид Дастони Сом
Нишаста бар аврангу дил шодком.[3]

Ба каш карда дасту сар афканда паст
Ҳаме рафт то ҷойгоҳи нишаст.[4]

Чунин гуфт, к-эй кадхудои ҷаҳон,
Сарафрозтар меҳтар андар меҳон.

Чу ту тахт нашниду афсар надид,
На чун бахти ту чархи гардон шунид.[5]

1. ИЛМ –Або.
2. ИЛ – Пушаймонӣ орад зи гетӣ.
3. ТПЗ – Ту гуфтӣ Манучеҳр боз омадаст,
Ба тоҷ - андарун сарфароз омадаст.
4. ТПЗ – Аз он пас сано хонд бар шаҳрёр,
Чунон чун бувад дархури номдор.
5. ТПЗ – Сазовори тахтиву тоҷи меҳон,
Наёмад, набошад чу ту дар ҷаҳон.

Ҳамасола пирӯз бодиву[1] шод,
Дилат пур зи дониш, сарат пур зи дод.

Каи номбардор бинвохташ,
Бари хеш бар тахт биншохташ.

Бипурсидаш аз ранҷи роҳи дароз,
Зи гурдону аз Рустами сарфароз.

Чунин гуфт мар шоҳро Золи Зар,
Анӯша[2] бизӣ шоҳи пирӯзгар![3]

Ҳама шоду равшан ба бахти туем,
Барафрохта сар ба тахти туем.[4]

Аз он пас яке достон баркушод,
Суханҳои побастаро*[5] дар кушод.

Чунин гуфт, к-эй подшоҳи ҷаҳон,
Сазовори тахтиву тоҷи меҳон.

Шунидам яке нав сухан бас гарон,
Ки шаҳ дорад оҳанги Мозандарон.[6]

---

1. Л – бошиву.
2. Л – Ки нӯша.
3. ТПЗ – Сарат сабз бодо, тану ҷон дуруст,
   Мабодо каёнӣ камаргоҳ суст.
4. ТПЗ – Ту аз Офаридуншаҳӣ ёдгор,
   Мабуррод меҳр аз ту ин рӯзгор!
5. М – боистаро.
6. ИЛ – б. 117 нест;
   ТПЗ – Сухан бишнав, эй номвар, шаҳрёр,
   Ба родӣ яке панди омӯзгор,
   Ки родӣ сари хубиву меҳтарист,
   Зи родӣ фузуниву ҳам беҳтарист.
   Ҷавоне хирадманди бартарманиш
   Ба гетӣ зи кас нашнавад сарзаниш.
   Ҳама сол хуррам зи кирдори х(в)ад,
   Писандидаи мардуми пурхирад.
   Бад-он гетияш пеши Яздони пок
   Зи кирдори бад набвадаш тарсу бок.
   Агар бурдборӣ сари мард нест,
   Ба нобурдборон бибояд гирист.

Зи ту пештар подшаҳ будаанд,
Мар*[1] ин роҳ[2] ҳаргиз напаймудаанд.

Ба сар -бар маро рӯз чанде[3] гузашт,
Сипеҳр аз бари хок чанде бигашт.

Манучеҳр шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Аз ӯ монда эдар басе ганҷу кох.

Ҳамон Зав або Нӯзари[4] Кайқубод,
Чӣ моя бузургон, ки дорем ёд,

Або лашкари гашну гурзи гарон
Накарданд оҳанги Мозандарон,

Ки он хонаи деви афсунгар аст,
Тилисм асту дар[5] банди ҷоду-дар аст.

Мар он бандро ҳеч натвон кушод,
Мадеҳ марду ганҷу[6] дирамро ба бод.

---

Хирадманди пирӯзи боҳангу санг
Ба неку бади худ шиносад диранг.
Ба ҳушу ба андешаву ҳангу рой
Дарорад замину замон зери пой.
Яке панди дигар бигӯям туро,
Зи дил тирагиҳо бишӯям туро.
Туро бод хубию шодию ком,
Зи гетӣ ба некӣ бароварда ном.
Ту донӣ, ниёи ту Ҷамшед буд,
Ки тоҷаш чу рахшанда хуршед буд.
Ҳама деву дад буд ба фармони ӯй,
Саросар ҷаҳон буд ба паймони ӯй.
Накардаш бад-ин кор ӯ сар гарон,
Набудаш ба дил ёди Мозандарон.
Фаридун накард инчунин кор ёд,
Ки худ тахти Заҳҳок додаш ба бод.

1. М –Ҳумоюн надорад кас он ҷо шудан,
2. Л – роз.
3. Л—Ки бар сар маро рӯз чандин.
4. ИЛЗ –Нӯзару.
5. ИЛ –аз.
6. Л –б. 124 нест; И—Мадеҳ ганҷу зӯру.

Мар онро ба шамшер натвон шикаст,
Ба ганҷу ба дониш[1] наёяд ба даст.

Ҳумоюн надорад кас он ҷо шудан,
В-аз эдар кунун рои рафтан задан.

Сипаҳро бад-он сӯ набояд кашид,
Зи шоҳон кас ин рой фаррух[2] надид.

Гар ин номдорон зи ту камтаранд,[3]
Чу ту бандагони ҷаҳондоваранд.

Ту аз хуни чандин сари номдор
Зи баҳри фузунӣ дарахте макор,

Ки бору баландиш нафрин бувад,
На оини шоҳони пешин бувад.

Чунин посух овард Ковус боз,
К-аз андешаи ту наям бениёз,

Валекин маро аз Фаридуну Ҷам
Фузун аст мардиву фарру дирам.

Ҳамон аз Манучеҳру аз Кайқубод,
Ки Мозандаронро накарданд ёд,

Сипоҳу дилу ганҷам афзунтар аст,
Ҷаҳон зери шамшери тез-андар аст,

Чу бардоштӣ, шуд кушода ҷаҳон,
Аз оҳан чӣ дорем гетӣ ниҳон?

Шавам шон якояк ба дом оварам,
Гар*[4] оину шамшеру ном оварам.

Агар барниҳам сову божи гарон,
В-агар кас намонам ба Мозандарон,

1. Л—оташ; И – афсун.
2. ИЛ – ҳаргиз.
3. ЗЛ – туро кеҳтаранд.
4. М—Ба.

Чунон хору зоранд бар чашми ман
Чи ҷоду, чи девони он анҷуман.

Ба гӯши ту ояд худ ин огаҳӣ,
К-аз эшон шавад рӯи гетӣ тиҳӣ.[1]

Ту бо Рустам акнун ҷаҳондор бош,
Нигаҳбони Эрону бедор бош.

Ҷаҳонофаринанда ёри ман аст,
Сари наррадевон шикори ман аст.

Гар эдун, ки ёрам набошӣ ба ҷанг,
Мафармой бар гоҳ кардан диранг.

Чу аз шоҳ бишнид Зол ин сухун,
Надид эч пайдо сарашро зи бун.

Бад -ӯ гуфт шоҳиву мо бандаем,
Ба дилсӯзагӣ бо ту гӯяндаем.

Агар дод гӯӣ[2] ҳаме ё ситам,
Ба рои ту бояд задан гому дам.

Аз андеша ман дил бипардохтам,
Сухан ҳар чи донистам, андохтам.

На марг аз тани хеш битвон сипӯхт,
На чашми замон кас ба сӯзан бидӯхт.

Ба парҳез ҳам кас наҷаст аз ниёз,
Ҷаҳонҷӯй аз ин се[3] наёбад ҷавоз,

Ки равшан[4] ҷаҳон бар ту фархунда бод,
Мабодо, ки панди ман ояд-т ёд.

---

1. ТПЗ– Валекин басе ранҷ бояд кашид,
Бад-он то бад-ин ком бояд расид.
2. Л – хоҳӣ.
3. Л—худ.
4. Л –ҳамеша.

Пушаймон мабодӣ зи кирдори хеш,
Туро[1] бод равшан дилу дину[2] кеш[3]

Сабук шоҳро Зол падруд кард,
Дил аз рафтанаш пурғаму дуд кард.

Бурун омад аз пеши Ковусшоҳ,
Шуда тира бар чашми ӯ ҳуру моҳ.

Бирафтанд бо ӯ бузургони нев,
Чу Тусу чу Гударзу Баҳрому Гев.

Ба Зол он гаҳе гуфт Гев: Аз Худой
Ҳаме хоҳам он к-ӯ*[4] бувад раҳнамой.

Ба ҷое, ки Ковусро дастрас
Набошад, надорам ман ӯро ба кас.

Зи ту дур бод озу маргу ниёз,
Мабодо ба ту дасти душман дароз!

Ба ҳар сӯ, ки оему андаршавем,[5]
Ҷуз аз[6] офаринат сухан нашнавем.

Пас аз кирдгори ҷаҳонофарин
Ба ту дорад уммед Эронзамин.

Зи баҳри гавон ранҷ бардоштӣ,
Чунин роҳи душвор бугзоштӣ.[7]

---

1. ИЛ – ба ту.
2. Л—ҷону.
3. ТПЗ– Сазад, гар наранҷад шаҳ аз гуфти ман,
Ки аз некхоҳӣ бигуфтам сухан.
4. М—хостам то.
5. Л – Ба ҳар ҷо, ки оему он ҷо равем; И – бувем.
6. Л—ба ҷуз.
7. ТПЗ– Кунун чораи мо ҳамин асту бас,
Ки ҷуз паҳлавон шоҳи мо нест кас.
Чунин гуфт Дастон, ки доно якест,
Ба тақдири ӯ роҳи тадбир нест.
Шумо гӯш доред фармони шоҳ,
Мапечед як тан аз ин размгоҳ.

Бигуфт ину бигрифташон дар канор,[1]
Раҳи Систонро баророст кор.

## РАФТАНИ КОВУС БА МОЗАНДАРОН

Чу Золи сипаҳбад зи паҳлӯ бирафт,
Дамодам сипаҳ рӯй бинҳод тафт.

Ба Тусу ба Гударз фармуд шоҳ
Кашидан сипаҳ, сар ниҳодан ба роҳ.

Чу шаб рӯз шуд, шоҳу кундоварон
Ниҳоданд сар сӯи Мозандарон.

Ба Милод биспурд Эронзамин,
Калиди дари ганҷу тоҷу нигин.

Бад -ӯ гуфт гар душман ояд падид,
Туро теғи кина набояд кашид.

Зи ҳар бад ба Золу ба Рустам паноҳ,
Ки пушти сипоҳанду зебои гоҳ.

Дигар рӯз бархост овои кӯс,
Сипаҳро ҳаме ронд Гударзу Тус.

Ҳаме рафт Ковуси лашкарфурӯз,
Бизад гоҳ бар пеши кӯҳ Испирӯз.

Ба ҷое, ки пинҳон шавад офтоб,
Бад-он ҷойгаҳ сохт орому хоб.

Куҷо ҷои девони дижхим буд,
Бад-он ҷойгаҳ девро[2] бим буд.

---

Умедам чунон аст бар бениёз,
Ки бинам шуморо ҳама шод боз.

1. ЛМ—Саросар гирифтандаш андар канор.
2. Л – пилро.

Бигустард зарбафт бар кӯҳсор,[1]*[2]
Ҳаво пур зи бӯи маи хушгувор.[3]

Ҳама паҳлавонони фархундапай
Нишаста бари тахти Ковуси кай.

Ҳама шаб ҳаме маҷлис оростанд,
Ба шабгир, к-аз хоб бархостанд,

Пароканда наздики шоҳ омаданд,
Камарбаставу бокулоҳ омаданд.[4]

Бифармуд пас Гевро шаҳрёр,
Дубора зи лашкар гузин кун ҳазор.

Касе к-ӯ гирояд ба гурзи гарон,
Кушояндаи шаҳри Мозандарон.[5]

Ҳар он кас, ки бинӣ зи пиру ҷавон,
Тане[6] кун, ки ӯро набошад равон.

Дар ӯ[7] ҳар чи обод бинӣ, бисӯз,
Шаб овар ҳар он ҷо, ки бошад ба[8] рӯз,

Чунин то ба девон расад огаҳӣ,
Ҷаҳон кун саросар зи ҷоду тиҳӣ.

Камар басту рафт аз бари шоҳ Гев,
Зи лашкар гузин кард гурдони нев.

---

1. Л – беша сор.
2. М—сангсор.
3. Л—Ба дебо замин кард хуррам баҳор.
4. ИЛ – б. 174 ин б. омада:
   Замин пурнигор аз паи мешсор,
   Ҳаво пур зи бӯи маи хушгувор.
5. ТП – Чунин гуфт бо Гев Ковуси кай,
   Ки бикшой чанголу бигзор пай.
   Бирав то дари шаҳри Мозандарон
   Ҳаме то ба шамшеру гурзи гарон.
6. ЛМ – чунон.
7. Л—В-аз ӯ; И—замин.
8. Л—Бар эшон шаб овар дурахшанда; И—бошад.

Бишуд то дари шаҳри Мозандарон,
Биборид шамшеру гурзи гарон.

Зану кӯдаку марди бодаствор
Намеёфт аз[1] теғи ӯ зинҳор.

Ҳаме кард ғорат, ҳаме сӯхт шаҳр,
Биполуд бар ҷои тарёк заҳр.

Яке чун биҳишти барин шаҳр дид,
Ки аз хуррамӣ назди ӯ баҳр дид.

Ба ҳар кӯю барзан фузун аз шумор[2]
Парастори ботавқу богӯшвор.

Парастанда з-ин бештар бокулоҳ,
Ба чеҳра ба кирдори тобанда моҳ.

Ба ҳар ҷой ганҷе, пароканда зар,
Ба як ҷой зарру ба дигар[3] гуҳар.

Беандоза гирд-андараш чорпой,
Биҳишт аст гуфтӣ ҳам эдун ба ҷой.

Ба Ковус бурданд аз он огаҳӣ,
Бад-он хуррамиҷою он фаррахӣ.

Ҳаме гуфт хуррам зиёд, он кӣ гуфт,
Ки Мозандаронро биҳишт аст ҷуфт.

Ҳама шаҳр гӯӣ магар буткадаст,
Зи дебои Чин бар гул озин бубаст.[4]

Бутони биҳиштанд гӯӣ дуруст,
Ба гулнорашон рӯй Ризвон бишуст.

Чу як ҳафта бугзашт, эрониён
Зи ғорат кушуданд як-як миён.

1. Л—Надид аз сари; И—наёфт аз бари.
2. ИЛ – ҳазор.
3. И – динору ҷое.
4. Л—задаст.

Хабар шуд бари шоҳи Мозандарон,
Дилаш гашт пурдарду сар шуд гарон.

Зи девон ба пеш-андараш Санҷа буд,
Ки ҷону дилаш з-он сухан ранҷа буд.

Бад-ӯ гуфт: "Рав назди Деви Сапед,
Чунон рав, ки бар чархи гарданда шед.

Бигӯяш, ки омад ба Мозандарон
Ба ғорат аз Эрон сипоҳи гарон.

Ҳама шаҳри Мозандарон сӯхтанд,
Ба ҷанг оташи кина афрӯхтанд.[1]

Ҷаҳонҷӯй Ковусашон пешрав,
Зи лашкар басе[2] ҷангсозони нав.

Кунун гар набошӣ ту фарёдрас,
Набинӣ ба Мозандарон зинда[3] кас.[4]"

Чу бишнид пайғом, Санҷа бирафт,
Бари дев фармони шаҳ бурд тафт.

Биёмад ба наздики он сарфароз,
Бигуфт, он чи бишнид аз он размсоз.[5]

Чунин посухаш дод Деви Сапед,
Ки аз рӯзгорон машав ноумед.[6]

Биёмад кунун бо сипоҳи гарон,
Бибуррам паи ӯ зи Мозандарон.

---

1. ИЛ –б. 198 нест.
2. ИЛ—яке.
3. Л—низ.
4. Л—б. б.200 ин б. омада:
   Бишуд Санҷа наздики он бадгумон,
   Бидод огаҳӣ, гуфташ эдар мамон.
5. Л—б. 201, 202 нест;
   ТПЗИ – Саросар бигуфт, он чи шаҳ гуфта буд,
   Ҳамон низ аз он к-ӯ барошуфта буд.
6. ТПЗ - Маяндеш аз шоҳи эронсипоҳ,
   Гар ояд або лашкари кинахоҳ.

205 Бигуфт ину чун кӯҳ бар пой хост,
Сараш гашт бо чархи гарданда рост.[1]

1. ИЛ –б.205 нест;
ТПЗ – В-аз он сӯй Ковус тозон ба роҳ
Расидаш ба Мозандарон бо сипоҳ.
Чу шоҳ андар он ҷои хуррам расид,
Саропарда бар дашту ҳомун кашид.
Зи бас хаймаву хиргаҳи сурху зард
Ҳаме чашми бинандаро хира кард.
Чу бар хаймаҳо тофтӣ офтоб,
Шудӣ рӯи кишвар чу дарёи об.
Зи аспону мардони ороста,
Замин чун биҳиште пур аз хоста
Даруни саропарда тахти булур,
Ту гуфтӣ ҳаме тобад аз чарх хур.
Нишаста бар он тахт Ковусшоҳ,
Ба сар барниҳода каёнӣ кулоҳ.
Бузургони лашкар нишаста ба ҷой,
Ки буданд бо неку бад раҳнамой.
Чунин гуфт Ковус бо меҳтарон,
Ки «Эй сарфарозони кундоварон,
Шумо як ба як некхоҳи манед,
Бар оину фармону роҳи манед.
Кунун шоҳи Мозандаронро ба даст
Биёрам, барорам ба девон шикаст.
Нахоҳам, ки дар пеши он марзбон
Ба пайғому нома кушоям забон.
Чу фардо барояд хур аз ховарон,
Бароем як сар ба Мозандарон.
На шоҳаш бимонему не лашкараш,
Бигирем сар то ба сар кишвараш.
Бикӯбем саршон ба наъли сутур,
Ба девон намоем як дастзӯр,
Ҳама марзро зери по оварем,
Муроди дили худ ба ҷо оварем.
Бузургон ниҳоданд сар бар замин,
Бихонданд бар ҷони шоҳ офарин.
Ки дасти бад аз шоҳ кӯтоҳ бод,
Замину замонат накӯхоҳ бод!
Ҳама бандагонему фармонпазир,
Худованди кӯполу шамшеру тир.
Ба ранҷ аз куҷо бозмонад сипоҳ,.
Ки ҳастанд парвардаи ганҷи шоҳ.
Ҳама ҷон фидои шаҳаншаҳ кунем,
Яке разми шоҳонаро даҳ кунем.
Валекин ситамгора Деви Сапед
Нагардад бад-он ҷойгаҳ ӯ падид,

Шаб омад, яке абр шуд бар[1] сипоҳ
Ҷаҳон гашт чун рӯи зангӣ сиёҳ.

Чу дарёи Қор аст гуфтӣ ҷаҳон,
Ҳама равшаноиш гашта ниҳон.

Яке хайма зад бар сар аз дуд қор,[2]
Сияҳ шуд ҳаво, чашмҳо гашт тор.[3]

Зи гардун басе санг бориду хишт,
Пароканда шуд лашкарэрон ба дашт.[4]

Басе роҳи Эрон гирифтанд пеш
Зи кирдори Ковус дил гашта реш.[5]

Чу бигзашт шаб, рӯз наздик шуд,
Ҷаҳонҷӯйиро чашм торик шуд.

Зи лашкар ду баҳра шуда тирачашм,
Сари номдорон аз ӯ пур зи[6] хашм[7]

Ҳама ганҷ торочу лашкар асир,
Ҷавон бахти шаҳ[8] тез баргашта пир.

---

Ки ӯ деви бисёр ҷодугар аст,
Ба девони Мозандарон ӯ сар аст.
Гар ӯ дарнаёяд дар ин корзор,
Барорем аз ҷони девон димор.
Бибуданд то шаб дар ин гуфтугӯй,
Ҳаме лоф зад марди пайкорҷӯй.
Бад-ин гуна он рӯз то вақти шом
Ҳамепухт Ковус савдои хом.

1. ИЛ – бо.
2. Л – қир.
3. Л—ҷаҳон, чашмҳо хира-хир.
4. Ил-б. 209 нест;
   ТПЗИЛ– В-аз эшон фаровон табаҳ кард низ,
   Набуд аз бади бахт монида чиз.
5. ИЛ –б. 210 нест.
6. Л – шуда ба.
7. ТПЗИЛ– Чу торик шуд чашми Ковусшоҳ,
   Бад омад зи кирдори ӯ бар сипоҳ.
8. ИЛ –Ҷавондавлатӣ.

Ҳама достон ёд бояд гирифт,
Ки хира бимонад шигифт аз шигифт.

Сипаҳбад чунин гуфт, чун дид ранҷ,
Ки дастури бедор беҳтар зи ганҷ.

Дареғо, ки панди ҷаҳонгир Зол
Напазруфтаму омадам бадсигол.»[1]

Ба сахтӣ чу як ҳафта андаркашид,
Ба дида аз эрониён кас надид.

Ба ҳаштум биғуррид Деви Сапед,
Ки эй шоҳи бебар, ба кирдори бед,

Ҳама бартариро биёростӣ,
Чаро гоҳи Мозандарон хостӣ?

Ҳама неруи хеш чун пили маст
Бидидиву касро надодӣ ту даст.

Ту бо тоҷу бар[2] тахт нашкефтӣ,
Хирадро бад ин гуна*[3] бифрефтӣ.

Басе барда кардӣ ба Мозандарон,
Бикуштӣ басеро ба гурзи гарон.

Набудат зи корам магар огаҳӣ,
Шуда ғарра бар тахти шоҳаншаҳӣ?[4]

Кунун он чи андархури кори туст,
Дилат ёфт он орзуҳо, ки ҷуст.[5]

---

1. Л—тангҳол; И—б. 216 нест.
2. ЛМ –бо.
3. М—низ.
4. ИЛ –б. 222-223 нест;
   ТПЗ– Набудат зи Деви Сапед огаҳӣ,
   Ки гардун кунад аз ситора тиҳӣ.
5. ТПЗ-- Агар на будӣ панди омӯзгор,
   Баровардаме ман зи ҷонат димор.
   Намемондам як тан аз лашкарат,
   Ба ҳам барзадам сар ба сар кишварат.

В-аз он наррадевони ханҷаргузор
Гузин кард ҷангӣ даҳу ду ҳазор.

Бар эрониён-бар нигаҳдор кард,
Сари саркашон пур зи тимор кард.[1]

Хуриш додашон андаке ҷонсипӯз
Бад-он, то гузоранд рӯзе ба рӯз.

В-аз он пас ҳама ганҷи шоҳу сипоҳ,
Чи аз тоҷи ёқуту пирӯза гоҳ,

Супурд, он чи дид аз карон то карон,
Ба Аржанг-солори Мозандарон.

Бари шоҳ бар-гуфту ӯро бигӯй,
К-аз Оҳарман акнун баҳона маҷӯй,

Ки ман ҳарчӣ боист, кардам ҳама,
Ба хок оваридам саросар рама.[2]

Ҳама паҳлавонони эронсипоҳ
На хуршед бинанд равшан, на моҳ.

Ба куштан накардам бар ӯ-бар ниҳеб
Бад-он, то бидонад фароз аз нишеб.

Ба зориву сахтӣ барояд-ш ҳуш,
Касе низ нанҳад бар ин кор гӯш.

Чу Аржанг бишнид гуфтори ӯй,
Ба Мозандароншоҳ бинҳод рӯй.

---

1. ТПЗ–
Валекин зи Гаршоспи лашкаршикан
Бувад аҳду паймон зи найранги ман,
Ки бар мулки Эрон наёрам ситез,
Вагарна баровардаме растахез.
Бидорам шуморо ба ранҷу ғамон,
Ки то худ шуморо сарояд замон.
Ҳаме гуфт он деви бадрӯзгор
Ба хашму ситеза або шаҳрёр.
Саронро ҳама бандҳо сохтанд,
Чу аз банд бастан бипардохтанд.
2. ИЛЖ—б. 231 нест.

Ҳаме рафт бо лашкару хоста,
Асирону аспони ороста.

Чу ин кард, баргашт Деви Сапед,
Сӯи хони худ рафт бар сони шед.

Ба Мозандарон монд Ковусшоҳ
Ҳаме гуфт, к-ин буд аз ман гуноҳ.

## ПАЙҒОМИ КОВУС БА ЗОЛ ВА РУСТАМ

Аз он пас ҷаҳонҷӯи хастаҷигар
Бурун кард гурде чу мурғе ба пар.[1]

Сӯи Зобулистон фиристод зуд,
Ба наздики Дастон ба монанди*[2] дуд

Бигуфташ, ки бар ман чӣ омад зи бахт,
Ба хок андаромад сари тоҷу тахт.

Ҳамон ганҷу он лашкари номдор
Биёроста чун гул андар баҳор.

Ҳама чархи гардон ба девон супурд,
Ту гуфтӣ, ки бод андаромад, бибурд.

Кунун чашм тира*[3] шуду хира*[4] бахт,
Нагунсор гашта сари тоҷу тахт.

Чунин хаста дар чанги[5] Оҳарманам,
Ҳаме бугсилонад равон аз танам.

Чу аз[6] пандҳои ту ёд оварам,
Ҳаме аз ҷигар сард бод оварам.

---

1. ТПЗ –- Ки шуд ӯ зи шоҳу зи лашкар чудо,
Биёяд дамон то бари подшо.
2. М–Дастону Рустам чу.
3. М—хира.
4. М –тира.
5. И –аз дасти.
6. Л—он.

Набудам ба фармони ту ҳушманд,
Зи камбихрадӣ[1] бар ман омад газанд.

Агар ту набандӣ бад-ин дар[2] миён,
Ҳама суду сармоя[3] бошад зиён.

Фириста зи Мозандарон рафт зуд
Чу мурғи паранда, ба кирдори дуд.[4]

Чу пӯянда наздики Дастон расид,
Бигуфт, он чи донисту диду шунид.

Чу бишнид, бар тан-ш бидрид[5] пӯст,
Зи душман ниҳон дошт ин, ҳам зи дӯст.

Ба равшандил аз дур бадҳо бидид,
Бар ӯ аз[6] замона чӣ хоҳад расид.

Ба Рустам чунин гуфт Дастони Сом,
Ки шамшер кӯтаҳ шуд андар ниём.

Нашояд к-аз ин пас чамему чарем,*[7]
Дигар хештан тоҷро[8] парварем,

Ки шоҳи ҷаҳон дар дами аждаҳост,
Бар эрониён-бар чӣ моя балост.

Кунун кард бояд туро Рахш зин,
Бихоҳӣ ба теғи ҷаҳонбахш кин.

Ҳамоно, ки аз баҳри ин рӯзгор
Туро парваронид парвардгор.

Мар ин корҳоро ту зебӣ кунун,
Маро сол шуд аз дусад- бар фузун.

1. ИЛ—каммихирад.
2. Л—камар бар.
3. Ил – судро моя.
4. ИЛ—б. 249 нест.
5. ИЛ – тан бидаррид.
6. Л—К-аз ин бар; И—К-аз ӯ бар.
7. М—хварем.
8. Л—хештанбахтро.

Аз ин кор ёбӣ ту номи баланд,
Раҳои диҳӣ шоҳро аз газанд.[1]

Нашояд бад-ин кор оҳарманӣ,
Ки осоиш орӣ, дигар[2] дам занӣ.

Баратро[3] ба бабри баён сахта[4] кун,
Сар аз хобу андеша пардахта кун.[5]

Ҳар он тан, ки чашмаш синони ту дид,
Кӣ гӯяд, к-аз он пас равон-ш орамид?

Агар ҷанги дарё кунӣ, хун шавад,
Аз овози ту кӯҳ ҳомун шавад.

Набояд, ки Аржангу Деви Сапед
Ба ҷон аз ту доранд ҳаргиз умед.

Ҳам он гардани шоҳи Мозандарон,
Ҳама мӯҳр бишкан ба гурзи гарон.[6]

Чунин дод посух-ш Рустам,[7] ки роҳ
Дароз асту ман чун шавам кинахоҳ?[8]

Аз ин подшоҳӣ бад-он,- гуфт Зол,–
Ду роҳ асту ҳарду ба ранҷу вубол.

---

1. ИЛ –б. 258, 259 нест.
2. Л—На осоиш орову на; И—агар.
3. Л—танашро.
4. ИЛ—сахт.
5. ИЛ—Сар аз кору андеша пардахт кун.
6. ТПЗ- Аз ин зистан гар барорӣ ту ном,
Пароканда гардад зи номи ту ком.
Пас аз рафтанат ном монад ба ҷой,
Ба Мозандарон пӯю эдар мапой,
Ки равшан кунӣ номи Соми савор,
Ба гетӣ набуда чу ӯ номдор,
В-аз он пас бигардад ҷаҳон роми ту,
Биларзанд девон ҳам аз номи ту.
7. Л—Чунин гуфт Рустам ба посух.
8. ТПЗ– Ба шаш моҳ рафтаст шоҳ андар он,
Аз он пас расида ба Мозандарон.
Чу ман ворасам, кай бимонад нажод
Чун ӯ нозук аз тухми шоҳи Қубод?

Яке дер боз он ки Ковус рафт
Ва дигар, ки болош бошад ду ҳафт.

Пур аз шеру дев асту пуртирагӣ,
Бимонад бар ӯ чашмат аз хирагӣ.

Ту кӯтоҳ бугзин, шигифтӣ бубин,
Ки ёри ту бошад ҷаҳонофарин.

Агарчи ба ранҷ аст, ҳам бигзарад,
Паи Рахши фаррух варо биспарад.

Шаби тира то[1] баркашад рӯз чок,
Ниёиш кунам пеши[2] Яздони пок.

Магар боз бинам бару ёли ту,
Сару бозуву чангу кӯполи ту.

В-агар ҳуши ту низ бар дасти дев
Расонид Яздони кайҳонхидев.

Тавонад касе ин сухан боз дошт?
Куҷо чун ки ояд, бибояд гузошт.

Нахоҳад ҳаме монд эдар касе,
Бибояд шуд арчанд монад[3] басе.

Касе к-ӯ ҷаҳонро ба номи баланд
Бигирад,[4] ба рафтан набошад нажанд.

Чунин гуфт Рустам ба фаррух падар,
Ки ман баста дорам ба фармон камар.

Валекин ба дӯзах чамидан ба пой
Бузургони пешин надиданд[5] рой.

1. Л—чун.
2. Л—Ситоиш кунам рӯз.
3. Л—Намонӣ, агарчанд монӣ.
4. Л—гузорад.
5. Л—надоранд.

Ҳамон аз тани хеш нобуда сер,
Наёяд касе пеши даррандашер.[1]

Кунун ман камарбаставу рафта гир,
Нахоҳам ҷуз аз додгар дастгир.

Тану ҷон фидои сипаҳбад кунам,
Тилисми тани ҷодувон[2] бишканам.

Ҳар он кас, ки зиндаст аз эрониён,
Биёрам, бубандам камар бар миён.

На Аржанг монам, на Деви Сапед,
На Санҷа, на Пӯлоди Ғандӣ, на Бед.[3]

Ба номи ҷаҳонофарин –як Худой,
Ки Рустам нагардонад аз Рахш пой.

Магар дасти Аржанг баста чу санг,
Фиканда ба гардан-ш бар[4] полҳанг.

Сару мағзи Пӯлодро зери пой,
Паи Рахш бурда заминро зи ҷой.[5]

Бипӯшид бабру баровард ёл,
Бар ӯ офарин хонд бисёр Зол.[6]

Чу пиле ба Рахш андаровард пой,
Рухаш рангбарҷову дил ҳам баҷой.

1. ИЛ—ғуррандашер.
2. ЛМ – Тилисму тани ҷодувон.
3. Л –На авлоди Ғандӣ, на Санҷа, на Бед.
4. Л—гардан-дараш.
5. ТПЗ – Чу хуршед бар зад сар аз пушти зоғ,
Ҷаҳон гашт аз ӯ ҳамчу наврӯзи боғ.
6. ТПЗ– Ҳамеша ба ҳар ҷой густарда ном,
Ниҳода абар чарх рахши ту гом.
Туро пушт Яздони додор бод,
Сари душманонат нагунсор бод!

Биёмад пур аз об Рӯдоба рӯй,
Ҳаме зор бигрист Дастон бар ӯй.

Чунин гуфт Рӯдобаи моҳрӯй
Ба Рустам, ки дорӣ сӯи роҳ рӯй.

Маро дар ғами худ гузорӣ ҳаме,
Ба Яздон чӣ уммед дорӣ ҳаме?

Бад –ӯ гуфт, к-эй модари некхӯй,
Набугзинам ин роҳ бар орзуй.

Чунин омадам бахш аз рӯзгор,
Ту ҷону тани ман ба Яздон супор.[1]

Ба падруд кардан-ш рафтанд пеш,
Кӣ донист, к-аш боз бинанд беш.

Замона бар ин сон ҳаме бигзарад,
Паяш*[2] марди доно ҳаме нашмарад.[3]

Ҳамон[4] рӯзи бад, к-аз ту андаргузашт,
Бар он неҳ, к-аз ӯ гетӣ obод*[5] гашт.[6]

# ҲАФТ ХОНИ РУСТАМ

## ХОНИ АВВАЛ

### ҶАНГИ РАХШ БО ШЕРЕ[7]

Бурун рафт[8] он паҳлави Нимрӯз
Зи пеши падар гурди гетифурӯз.

Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ,
Шаби тираро рӯз пиндоштӣ.

---

1. Л – б. 291-294 нест.
2. М – дамаш.
3. Л – Дили марди бино ҳаме бингарад; И – бишмарад.
4. ИЛ – Мар он.
5. М – Бидонӣ, ки гетӣ дигаргуна.
6. Л – Гузашта ҳамон бод гардад ба дашт.
7. М-шер
8. Л – омад.

Бар ин сон паи[1] Рахш бибрид роҳ
Ба тобанда рӯзу шабони сиёҳ.

Танаш чун хуриш ҷусту[2] омад ба шӯр,
Яке дашт пеш омадаш пур зи гӯр.

Яке Рахшро тез бифшурд[3] рон,
Таги гӯр шуд бо таги ӯ гарон.

Каманду паи Рахшу Рустам савор,
Наёбад даду дом аз ӯ зинҳор.

Каманди каёнӣ бияндохт шер,
Ба ҳам*[4] андаровард гӯре далер.[5]

Зи пайкони тир оташе барфурӯхт,
Бар ӯ хору хошоку ҳезум бисӯхт.

Аз он пас, ки бе тӯшу бе ҷон-ш кард,
Бар он оташи тез бирён-ш кард,

Бихӯрду бияндохт дур устухон,
Ҳамин буд дегу ҳамин буд хон.

Лагом аз сари Рахш бардошт[6] хор,
Чаро[7] дид, бугзошт дар марғзор.

Яке найситон бистари хоб сохт,
Дари бимро ҷои эмин шинохт.[8]

1. Л – ҳаме.
2. Л – хост.
3. Л – тунд бинмуд.
4. М – ҳамд.
5. Л – Ба халқа даровард гурди далер; И – И – Ба халқ андаровард гӯри далер;
   ТПЗ – Кашиду бияфканд гӯр он замон,
   Биёмад бараш чун ҳижабри жиён.
6. И – асп бигзошт.
7. Л – гиё.
8. ТПЗ– Бихобиду шамшер дар зери сар,
   Ба ором бинҳод чун шер сар.

Дар он найситон бешаи шер буд,
Ки пиле наёраст аз он най дуруд.

Чу як пос бугзашт, даррандашер
Ба пеши куноми худ омад далер.

Ба най-бар яке пилтан хуфта дид,
Бари ӯ яке аспи[1] ошуфта дид.

Нахуст аспро гуфт бояд шикаст,
Чу хоҳам, худ ояд саворам[2] ба даст.

Сӯи Рахши рахшон биёмад дамон,
Чу оташ бичӯшид Рахш он замон.

Ду даст андароварду зад бар сараш,
Ҳамон тездандон ба пушт-андараш.

Ҳаме зад-ш бар хок, то пора кард,
Дадеро бад-он чора[3] бечора кард.

Чу бедор шуд Рустами тезчанг,
Ҷаҳон дид бар шери дарранда танг.

Чунин гуфт, к-эй Рахши ноҳушёр,[4]
Кӣ гуфтат, ки бо шер кун корзор?

Агар ту шудӣ кушта бар дасти ӯй,
Ман ин гурзу ин миғфари ҷангҷӯй

Чӣ гуна кишидӣ[5] ба Мозандарон
Каманду камон, теғу гурзи гарон?[6]

---

1. Л – дев; И – пил.
2. И – Бихоҳад саворам худ ояд.
3. И – Дади бад бад-он ҷой; Л – ҷой.
4. ЛМ – бо рахш, к-эй ҳушёр.
5. ЗМ – кашидам.
6. ТПЗ – Набинам чу ту бораи тезтаг
Ба тундиву тезиву нармиву раг.
Чаро н-омадӣ назди ман бо хурӯш,
Хурӯши туам чун расидӣ ба гӯш?

Сарам гар зи хоби хуш огаҳ шудӣ,
Туро ҷанг[1] бо шер кӯтаҳ шудӣ.

Бигуфту бихуфту баросуд дер
Гави номбардор, гурди[2] далер.

Чу хуршед барзад сар аз тиракӯҳ,
Таҳамтан зи хоби хуш омад сутӯҳ.

Тани Рахш бистурду зин барниҳод,
Зи Яздони некидиҳиш кард ёд.[3]

## ХОНИ ДУВУМ

### ЁФТАНИ РУСТАМ ЧАШМАИ ОБ

Яке роҳ пеш омадаш ногузир,
Ҳаме рафт боист бар хира хир.

Биёбони беобу гармои сахт,
К-аз ӯ мурғ гаштӣ ба тан лахт-лахт.

Чунон гарм гардид ҳомуну дашт,
Ту гуфтӣ, ки оташ бар ӯ баргузашт[4]

Тани Рахшу[5] гӯё забони савор
Зи гармиву аз ташнагӣ шуд зи кор.

Пиёда шуд аз аспу жӯпин ба даст
Ҳаме рафт пӯён ба кирдори маст.

Намедид[6] бар чора ҷустан раҳе,
Сӯи осмон кард рӯй он гаҳе.

Чунин гуфт, к-эй довари додгар,
Ҳама ранҷу сахтӣ ту орӣ ба сар.

1. Л – разм.
2. И – номпардозу шери; Л – б. 322 нест.
3. ТПЗ– Нишаст аз бари Рахши рахшон чу гард,
   Ба хони дуюм паҳлавон рӯй кард.
4. Л – б. 326-327 нест.
5. ИЛМ – аспу.
6. ИЛ – ҳаме ҷуст.

Гар эдун, ки хушнудӣ аз ранҷи ман,
Бад-ин гетӣ оганда шуд ганҷи ман.

Бипӯям ҳаме, то магар кирдгор
Диҳад шоҳ Ковусро зинҳор.

Ҳам эрониёнро зи чанголи дев
Раҳонад беозор кайҳонхидев.

Гунаҳкору афкандагони туанд,[1]
Парастандаву бандагони туанд.[2]

Тани пилвораш чу ин гуфта шуд,
Шуд аз ташнагӣ сусту ошуфта шуд.

---

1. ИЛ – туем.
2. ИЛ – туем;
   ТПЗ– Раҳонӣ тушон пок бар дасти ман,
   Ки додам ба эшон кунун ҷону тан.
   Ту гуфтӣ, ки ман додгар доварам,
   Ба сахтӣ ситамдидаро ёварам.
   Абар дод бинӣ ҳаме кори ман,
   Магардон ҳаме тира бозори ман.
   Дар ин кор гардӣ маро дастгир,
   Масӯзон ба ман-бар дили Золи пир.
   Мадеҳ ранҷи ин лашкарамро ба бод,
   Ману лашкару кишварам дор шод.
   Ҳаме гуфт бо хештан пилтан,
   Куҷо ёдаш омад зи гӯру кафан.
   Ки будӣ агар бо сипоҳем кор,
   Ба овардашон рафтаме шервор.
   Ба як ҳамла зеру забар кардаме,
   Дам аз ҷони эшон баровардаме.
   В-агар з-он ки пеш омадӣ кӯҳи Ганг,
   Ба як ҳамлаи ман накардӣ диранг.
   Ба гурзи гарон кардаме кӯҳ паст,
   Бибурдӣ ба мардӣ мар ӯро шикаст.
   В-агар з-он ки дарё на Ҷайҳун будӣ,
   Ки киштӣ зи дарё на берун будӣ.
   Ба нерӯи доранда Яздони пок
   Биёгандаме дар заминаш ба хок
   Валекин чӣ суд аст мардиву зӯр,
   Ки шуд бахти созандаро чашм кӯр.
   Бар ин барру ин ташнагӣ чун кунам,
   Ба марги равон-бар чӣ афсун кунам?

Бияфтод Рустам бад-он гармхок,
Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.

Ҳамон гаҳ яке меши некӯсурин
Бипаймуд пеши Таҳамтан замин.

Аз он рафтани меш андеша хост,
Ба дил гуфт, обишхур ин ҷо куҷост?

Ҳамоно, ки бахшоиши кирдгор
Фароз омадаст андар ин рӯзгор.

Бияфшурд шамшер бар дасти рост,
Ба зӯри ҷаҳондор бар пой хост.

Бишуд дар паи мешу теғаш[1] ба чанг,
Гирифта ба дасти дигар полҳанг.[2]

Ба раҳ-бар яке чашма омад падид,[3]
Ки меши сарафроз[4] он ҷо расид.

Таҳамтан сӯи осмон кард рӯй,
Чунин гуфт, к-эй довари ростгӯй,

Бар ин чашма ҷои паи меш нест,
Ҳамон ғурми даштӣ маро хеш нест.

Ба ҷое, ки танг андаромад сухун,
Паноҳат ба ҷуз покяздон макун,

Ки ҳар[5] кас, ки аз додгар як Худой
Бупечад, хирадро надорад ба ҷой.

Бар он ғурм-бар офарин кард чанд,
Ки аз чархи гардон мабодат газанд.

---

1. ИЛ –бар паи меш теғе.
1*. Л – ки.
2. ТПЗ – Ҳаме рафт мешу ҳаме рафт гурд,
Ҳаме рӯзи фаррух ҳаме баршумурд.
3. ИЛ – чашмаи об дид.
4. Л – дилором.
5. Л – ҳар он.

Гиёҳи дару дашти ту сабз бод,
Мабодо зи ту бар дили юз ёд.*[1]

Ба ту ҳар кӣ ёзад ба тиру камон,
Шикастакамон боду тираравон![2]

Ки зинда шуд аз ту гави пилтан,
В-агарна пурандеша буд аз кафан,

Ки дар синаи аждаҳои бузург
Нагунҷад, бимонад ба чанголи гург.

Шуда пора-пора катону[3] кашон,
Зи Рустам ба душман расида нишон.

Забонаш чу пардахта шуд з-офарин,
Зи Рахши таковар ҷудо кард зин.

Ҳама тан[4] бишусташ бад-он оби пок,
Ба кирдори хуршед шуд тобнок.

Чу сероб шуд, сози нахчир кард,
Басечиду таркаш пур аз тир кард.

Бияфканд гӯре чу пили жиён,
Ҷудо кард аз ӯ чарму пову миён.

Чу хуршед тез оташе барфурӯхт,
Баровард з-обу дар оташ бисӯхт.

Бипардахт аз он пас ба хӯрдан гирифт,
Ба чанг устухонаш фушурдан гирифт.

Сӯи чашмаи равшан омад ба об,
Чу сероб шуд, кард оҳанги хоб.

Таҳамтан ба Рахши ситезанда гуфт,
Ки бо кас макӯшу машав низ ҷуфт.

1. М – абар ту дили юз шод.
2. Л – гумон.
3. Л – канону.
4. ИЛ –Таҳамтан.

Агар душман ояд, сӯи ман бипӯй,
Ту бо деву шерон машав ҷангҷӯй!»[1]

Бихуфту биёсуду накшод лаб
Чамону чарон Рахш то ними шаб.

## ХОНИ СЕВУМ

### ҶАНГИ РУСТАМ БО АЖДАҲО

Зи дашт андаромад яке аждаҳо,
К-аз ӯ пил гуфтӣ наёбад раҳо.[2]

Бад-он ҷойгаҳ будаш оромгоҳ,
Накардӣ зи бимаш бар ӯ дев роҳ.

Биёмад, ҷаҳонҷӯйиро хуфта дид,
Бари ӯ яке аспи[3] ошуфта дид.

Пурандеша шуд, то чӣ омад падид,
Кӣ ёрад бад-ин ҷойгаҳ орамид?

Наёраст кардан кас он ҷо гузар
Зи девону пилону шерони нар.

Ҳамин низ, к-омад, наёбад раҳо
Зи чанги бадандеш нараждаҳо.

Сӯи Рахши рахшанда бинҳод рӯй,
Давон Рахш шуд назди дайҳимҷӯй.

Ҳаме кӯфт бар хок рӯинасум,
Чу тундар хурӯшиду афшонд дум.[4]

Таҳамтан чу аз хоб бедор шуд,
Сари пурхирад пур зи пайкор шуд.

1. ТПЗ – Маро Эзад аз баҳри ҷанг офарид,
Туро аз паи зину танг офарид.
2. ТПЗ – Чӣ гӯям аз он аждаҳои дижам,
Ки ҳаштод газ буд аз дум ба дам.
3. И – деви.
4. ИЛ –б. 371 нест.

Ба гирди биёбон ҳаме бингарид,
Шуд он аждаҳои дижам нопадид.

Або Рахш бар хира пайкор кард,
Бад-он, к-ӯ сари хуфта[1] бедор кард.

Дигарбора чун шуд ба хоб-андарун,
Зи торикӣ он аждаҳо шуд бурун.

Ба болини Рустам таг овард Рахш,
Ҳаме канд хоку ҳаме кард пахш.

Дигарбора бедор шуд хуфтамард,
Барошуфту рухсора гулранг кард.[2]

Биёбон ҳама сар ба сар бингарид,
Ҷуз аз тирагӣ шаб*[3] ба дида[4] надид.

Бад-он меҳрбон Рахши бедор гуфт,
Ки «Торикии шаб нахоҳӣ нуҳуфт?

Сарамро ҳаме боздорӣ зи хоб,
Ба бедории ман гирифтат[5] шитоб?

Гар ин бор созӣ чунин растахез,
Саратро бибуррам ба шамшери тез.

Пиёда шавам сӯи Мозандарон,
Кашам хӯду[6] шамшеру[7] гурзи гарон.

Туро гуфтам, ар шерат ояд ба ҷанг,
Зи баҳри ту орам ман ӯро ба чанг.

1. И – гуна сархуфта.
2. ИЛМ –рухсорагон кард зард.
3. М – у.
4. И – б. 378 нест; Л – ҷуз аз тира шаб ҳеҷ дигар.
   Л – ҳушёр.
5. Л – гирифтӣ.
6. И – зину.
7. Л – зину кӯполу.

Нагуфтам, ки имшаб ба ман баршитоб,
Ҳамебош, то ман наҷунбам зи хоб.»[1]

Севум раҳ ба хоб андаромад сараш,
Зи бабри баён дошт пӯшиш бараш.

Биғуррид боз аждаҳои дижам,
Ҳаме оташ афрӯхт гуфтӣ[2] ба дам.

Чарогоҳ бугзошт Рахш он замон,[3]
Наёраст рафтан бари[4] паҳлавон.

Дилаш з-он шигифтӣ ба ду ним буд,
К-аш аз Рустаму аждаҳо бим буд.

Ҳам аз меҳри меҳтар[5] дилаш н-орамид,
Чу боди дамон пеши Рустам дамид.[6]

Хурӯшиду ҷӯшиду барканд хок,
Зи наълаш замин шуд ҳама чок-чок.

Чу бедор шуд Рустам аз хоби х(в)аш,
Барошуфт бо бораи дасткаш.

Чунин хост[7] равшан ҷаҳонофарин,
Ки пинҳон накард аждаҳоро замин.

Бад-он[8] тирагӣ Рустам ӯро бидид,
Сабук теғи тез аз миён баркашид.

Биғуррид бар сони абри баҳор,
Замин кард пуроташи корзор[9].

1. ИЛ – б. 383,384 нест.
2. Л – гӯӣ.
3. Л – Рахши дамон.
4. И – сӯи.
5. ИЛ – Чу аз меҳри Рустам.
6. Л – давид.
7. Л – Чунон сохт; И – чунон кард.
8. Л – Дар он.
9. ЛЗ – б.б. 394 ин б. омада;

Бидонист, к-он аждаҳо ҷоду аст,
Або одамӣ душмани бадху аст.

Бад-он аждаҳо гуфт: Баргӯй ном,
К-аз ин пас набинӣ ту гетӣ ба ком.

Набояд, ки бе ном бар дасти ман
Равонат барояд зи торик тан.

Чунин гуфт дижхим нараждаҳо,
Ки аз чанги ман кас наёбад раҳо.

Сад андар сад ин дашт ҷои ман аст,
Баланд осмонаш ҳавои ман аст.

Наёрад паридан ба сар-бар уқоб,
Ситора набинад заминаш ба хоб.

Бад-ӯ аждаҳо гуфт:[1] Номи ту чист?
Ки зояндаро бар ту бояд гирист.

Чунин дод посух, ки ман Рустамам,
Зи Дастони Сомам, ҳам аз Найрамам.

Ба танҳо яке кинавар лашкарам,
Ба Рахши диловар замин биспарам.

Бубинӣ зи ман дастбурди набард,
Саратро ҳам акнун дарорам ба гард.[2]

Баровехт бо ӯ ба ҷанг аждаҳо,
Наёмад ба фарҷом ҳам з-ӯ раҳо.[3]

Чу зӯри тани аждаҳо дид Рахш,
К-аз он сон баровехт бо тоҷбахш.

Бимолид гӯшу даромад шигифт,
Биканд аждаҳоро ба дандону кифт.[4]

1. Л – бигуфт ину пас гуфт.
2. ИЛ – б. 403 нест.
3. ТПЗ– Бад-он сон биёвехт бо пилтан,
Ту гуфтӣ ба Рустам даромад шикан.
4. ИЛ – Баландаждаҳоро ба дандон гирифт; Х – ба дандон ду китф.

Бидаррид чармаш бад-он сон, ки шер,
Дар ӯ хира шуд паҳлавони далер.

Бизад теғу андохт[1] аз тан сараш
Фурӯ рехт чун руд хун аз бараш.

Замин шуд ба зер-андараш*[2] нопадид,
Яке чашмаи хун аз ӯ бардамид.

Чу Рустам бад-он аждаҳои дижам
Нигаҳ кард бар ёли[3] он тездам.

Биёбон ҳама зери ӯ дид пок,
Равон хуни гарм аз бари тирахок.

Таҳамтан аз ӯ дар шигифтӣ бимонд,
Ҳаме паҳлавон номи Яздон бихонд.

Ба об андаромад, сару тан бишуст,
Ҷаҳон ҷуз ба зӯри[4] ҷаҳонбон наҷуст.

Ба Яздон чунин гуфт, к-эй додгар,
Ту додӣ маро донишу зӯру фар,

Ки пешам чи шеру чи деву чи[5] пил,
Биёбони беобу дарёи Нил.

Бадандеш бисёру гап андакест,
Чу хашм оварам, пеши чашмам якест.

## ХОНИ ЧАҲОРУМ

### КУШТАНИ РУСТАМ ЗАНИ ҶОДУРО

Чу аз офарин гашт пардохта,
Биёвард гул Рахшро[6] сохта.

---

1. Л – теғ б-андохт.
2. М – зери танаш.
3. Л – кард бад-он ёлу.
4. Л – Ҷаҳондорро ҷуз.
5. ИЛ – дар пеши деву ҳам шеру.
6. Л – мар Рахшро; И – он Рахшро.

Нишаст аз бари Рахшу[1] раҳ баргирифт,
Ҷамон манзили ҷодувон даргирифт.[2]

Ҳаме ронд[3] пӯён ба роҳи дароз,
Чу хуршеди тобон бигашт аз фароз.

Дарахту гиё диду оби равон,
Чунон чун бувад ҷои марди ҷавон.

Чу чашми тазарвон яке чашма дид,
Яке ҷоми заррин, бараш[4] пурнабид.*[5]

Яке ғурми[6] бирёну нон аз бараш,
Намакдону ричор гирд-андараш.[7]

Фуруд омад аз аспу зин баргирифт,
Ба ғурму ба нон андаромад[8] шигифт.

Хури ҷодувон буд, чу Рустам расид,
Аз овози ӯ дев шуд нопадид.

Нишаст аз бари чашма бар гирди най,[9]
Яке ҷоми ёқут[10] пур кард май.

Або май яке нағз танбур буд,
Биёбон чунон хонаи сур буд.

Таҳамтан мар онро ба бар даргирифт,
Бизад руду гуфторҳо баргирифт[11],

1. ИЛ – зину.
2. Л – Зи роҳаш паи ҷоду андаргирифт;
   И – Ҷаҳон манзили ҷоду андаргирифт.
3. Л – Ҳаме рафт.
4. Л – дар ӯ.
5. М – Ба ҷоме чу хуни кабӯтар набид.
6. Л – мурғи.
7. ТПЗ – Чу Рустам чунин ҷои боиста дид,
   Худовандро офарин густарид.
8. Л – мурғу ба нон дарбимонда.
9. Л – фархундапай.
10. Л – зар ёфт.
11. Л – даргирифт.

Ки овозаи баднишон[1] Рустам аст,
Ки аз рӯзи шодиш баҳра кам аст.

Ҳама ҷои ҷанг аст майдони ӯй,
Биёбону кӯҳ аст бӯстони ӯй.

Ҳама ҷанг бо деву нараждаҳо,[2]
Зи деву биёбон наёбад раҳо.

Маю ҷому бӯё гулу[3] марғзор,
Накардаст бахшиш маро рӯзгор.

Ҳамеша ба ҷанги[4] наҳанг-андарам,
Дигар бо палангон ба ҷанг-андарам.

Ба гӯши зани ҷоду омад суруд,
Ҳамон чомаи[5] Рустаму захми[6] руд.

Биёрост рухро ба сони баҳор,
В-агарчанд зебо набудаш нигор.

Бари Рустам омад пур аз рангу бӯй,
Бипурсиду биншаст наздики ӯй.

Таҳамтан ба Яздон ниёиш гирифт,
Бар ӯ офарину ситоиш[7] гирифт,

Ки дар дашти Мозандарон ёфт хон,
Маю руд[8] бо майгусори ҷавон.

Надонист, к-ӯ ҷодуи риман аст,
Нуҳуфта ба ранг-андар Аҳриман[9] аст.

1. Л – Ки овораву пур зи ғам.
2. Л – Ҳама разм бо шеру бо аждаҳо.
3. Л – бӯи гулу; И – бар по гулу.
4. ИЛ – ҷанги.
5. ЛМ – нолаи; И – нағмаи.
6. Л – бонги.
7. И – офарин бар ситоиш; Л – офаринҳо фазоиш.
8. ИЛ – ҷом.
9. Л – оҳарман.

Яке тоси май бар кафаш[1] барниҳод,
Зи додори некидиҳиш кард ёд.

Чу овоз дод, аз худованди меҳр
Дигаргуна баргашт ҷоду ба чеҳр.

Равонаш гумони ситоиш надошт,
Забонаш тавони ниёиш надошт.[2]

Сиях гашт, чун номи Яздон шунид,
Таҳамтан сабук чун бад-ӯ бингарид.

Бияндохт аз бод[3] хамми каманд,
Сари ҷоду овард[4] ногаҳ ба банд.

Бипурсид, гуфташ чӣ чизӣ, бигӯй,
Бар он гуна к-ат ҳаст,[5] бинмой рӯй.

Яке гандапире шуд андар каманд,
Пурожангу найрангу банду газанд.

Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили ҷодувонро пур аз бим кард.

## ХОНИ ПАНҶУМ

### ГИРИФТОР ШУДАНИ АВЛОД БА ДАСТИ РУСТАМ

В-аз он ҷо сӯи роҳ бинҳод рӯй
Чунон чун бувад мардуми роҳҷӯй.

Ҳаме рафт пӯён, ба ҷое расид,
Ки андар ҷаҳон равшаноӣ надид.[6]

Шаби тира чун рӯи зангӣ сиёҳ,
Ситора на пайдо, на тобанда[7] моҳ.

---

1. Л – ҷоми бода ба каф.
2. И – б. 439-441 нест.
3. И – бол.
4. Л – афканд.
5. Бад – он сон, ки ҳастӣ ту.
6. Л– Шабу рӯз ҳар ду (ба) як сон будӣ,
   Дили мардум аз вай ҳаросон будӣ.
7. Л – хуршеду.

Ту хуршед гуфтӣ ба банд-андар аст,
Ситора ба ҳамми каманд-андар аст.

Инон Рахшро доду бинҳод рӯй,
На афроз дид аз сиёҳӣ, на ҷӯй.[1]

В-аз он ҷо сӯи рӯшноӣ расид,
Замин парниён диду яксар ҳавид.[2]

Ҷаҳоне зи пирӣ шуда навҷавон,[3]
Ҳама сабзаву обҳои равон.

Ҳама ҷома бар тан-ш чун об буд,
Ниёзаш ба осоишу хоб буд.

Бурун кард бабри баён аз бараш,
Ба хай - андарун ғарқа буд миғфараш

Бигустард ҳар ду абар[4] офтоб,
Ба хобу ба оромиш[5] омад шитоб.

Лагом аз сари асп[6] бардошт хор,
Раҳо кард бар хеду бар киштзор.

Бипӯшид, чун хушк шуд хӯду бабр,
Гиё кард бистар ба сони ҳизабр.[7]

Чу дар сабза[8] дид аспро[9] даштбон,
Кушодазабон шуд дамону данон.[10]

Сӯи Рустаму Рахш бинҳод рӯй,
Яке чӯб зад гарм бар пои ӯй.

1. И – б. 448-451 нест.
2. ИЛ – зи ҳед.
3. И – чун ҷавон.
4. ИЛ – бари.
5. ИЛ – осоиш.
6. Л – Рахш.
7. ТПЗ– Сипар зери сар, теғ бинҳод пеш,
Ниҳода ба даста - бараш дасти хеш.
8. Л – кишта.
9. Л – Рахшро.
10. Л – сӯи вай дамон.

Чу аз хоб бедор шуд пилтан,
Бад- ӯ даштбон гуфт, к-«Эй аҳриман,

Чаро асп дар хед бугзоштӣ,
Бари ранҷ нобурда бардоштӣ?»

Зи гуфтори ӯ тез[1] шуд марди хуш,
Биҷасту гирифташ якояк ду гӯш.

Бияфшурду барканд ҳар ду зи бун,
Нагуфт аз баду нек бо ӯ сухун.

Сабук даштбон гӯшҳо баргирифт,
Ғиревон аз ӯ монд андар шигифт.

Бад-он марз Авлод буд паҳлавон,
Яке номдоре, далере,[2] ҷавон.

Бишуд даштбон назди ӯ бо хурӯш,
Пур аз хун сару дасту канда ду[3] гӯш.

Бад - ӯ гуфт марде чу деви[4] сиёҳ,
Палангина ҷавшан, аз оҳан кулоҳ.

Куҷо ӯ саропой оҳарман аст,[5]
В-агар аждаҳо, хуфта дар ҷавшан аст.

Бирафтам, ки аспаш биронам зи кишт,
Маро худ ба аспу ба кишта наҳишт.

Маро диду баргашта ёфа[6] нагуфт,
Ду гӯшам биканду ҳамон ҷо бихуфт.[7]

---

1. ИЛ – тира.
2. Л – ҷангҷӯю далеру.
3. Л – Гирифта ба ду даст; И – Сари даст карда ду.
4. И – шери.
5. ИЛ – Ҳама дашт сар то сар оҳарман аст.
6. ИЛ – ёва.
7. ТПЗИЛ– Чу бишнид Авлод, барҷаст зуд,
   Бурун омад аз сӯзи* дил ҳамчу дуд.

* Л – дарди.

Ҳаме гашт Авлод дар марғзор
Або номдорон зи баҳри шикор.[1]

Чу аз даштбон он суханҳо шунид,
Ба нахчиргаҳ-бар паи шер дид.

Инонро бупечид бо саркашон,
Бад-он сӯ ки буд аз Таҳамтан нишон,

Ки то бингарад, к-ӯ чи мард аст х(в)ад,
Або ӯ зи баҳри чӣ кардаст бад.[2]

Чу омад ба танг-андарун ҷангҷӯй,
Таҳамтан сӯи Рахш бинҳод рӯй.

Нишаст аз бари зину бурранда теғ
Кашиду биёмад чу ғурранда меғ.

Расиданд чун як ба дигар фароз,
Або якдигар баркушоданд роз.[3]

Бад-ӯ гуфт Авлод: «Номи ту чист?
Чӣ мардиву шоҳу паноҳи ту кист?

Набоист кардан бар[4] ин сӯ гузар
Бари наррадевони[5] пархошхар.

Чаро гӯши ин даштбон кандаӣ,
Ҳамон асп дар кишт афкандаӣ?

Ҳам эдун ҷаҳон бар ту созам сиёҳ,
Абар хок орам туро ин кулоҳ.[6]

Чунин гуфт Рустам, ки номи ман абр,
Агар абр бошад ба чанги ҳизабр.

1. Л – номдорону мардони кор.
2. ИЛ – б. 475 нест.
3. ИЛ – б. 478 нест.
4. Л – аз; И – бад ин.
5. ЛМ – Раҳи наррашерони.
6. ИЛ – б. 481, 482 нест.

Ҳама найзаву теғ бор оварад,
Саронро сар андар канор оварад.

Ба гӯши ту гар номи ман бигзарад,
Дами ҷону хуни дилат бифсурад.

Наёмад ба гӯшат ба ҳар анҷуман
Каманду камони гави пилтан?

Ҳар он мом, к-ӯ чун ту зояд писар,
Кафандӯз хонемашу мӯягар.

Ту бо ин сипаҳ пеши ман рондӣ,[1]
Ҳаме гавз бар гунбад афшондӣ.[2]

Наҳанги бало баркашид аз ниём,
Биёвехт аз пеши зин хамми хом.

Чу шер андаромад миёни рама,
Бикушт, он ки буданд гирдаш ҳама.

Ба як захм ду-ду сари сарфароз[3]
Бияндохт аз тан ба кирдори гоз.[4]

Саронро зи захмаш ба хок[5] оварид,
Сари саркашон зери пай густарид.[6]

Шикаста шуд он лашкар аз паҳлавон,
Гурезон бирафтанду тираравон.[7]

Дару дашт шуд пур зи гарди савор,
Пароканда гаштанд бар кӯҳу ғор.

Ҳаме рафт Рустам чу пили дижам,
Каманде ба бозу-дарун[8] шаст хам.

1. Л – рондӣ.
2. Л – афшондаӣ.
3. И – бияфканд хор.
4. Л – Зи тан ме ҷудо карду тан баргудоз; И – Ба як тан бад-он оҳани обдор.
5. ИЛ – по.
6. ИЛ – Сӯи бандашон тан ба рой оварид.
7. ИЛ – б. 493 нест.
8. Л – фитрок бар.

Ба Авлод чун Рахш наздик шуд,
Кулаҳдорро[1] рӯз торик шуд.

Бияфканд Рустам каманди дароз,
Ба ҳам андаромад сари сарфароз.

Зи асп андаромад, ду дасташ бубаст,
Ба пеш андарафканду худ барнишаст.

Бад-ӯ гуфт: Агар рост гӯӣ сухун,
Зи каҷҷӣ на сар ёбам аз ту,[2] на бун.

Намоӣ маро ҷои Деви Сапед,
Ҳамон ҷои Пӯлоди[3] Ғандиву Бед.

Ба ҷое,*[4] ки бастаст Ковусшоҳ,
Куҷо ин[5] бадиҳо намудаст[6] роҳ,

Намоиву пайдо кунӣ ростӣ,
Наёрӣ ба дод[7]- андарун костӣ.

Ман ин тоҷу ин тахту[8] гурзи гарон
Бигардонам аз шоҳи Мозандарон.

Ту бошӣ бар ин буму бар шаҳрёр,
Гар эдун, ки каҷҷӣ наёрӣ ба кор.

В-агар каҷҷӣ орӣ ба гуфт-андарун,
Равон созам аз чашми ту руди хун.[9]

Бад-ӯ гуфт Авлод: Мағзат зи хашм
Бипардозу букшой якбора чашм.

1. И – б. 496 нест; Л – Ба кирдори шаб.
2. Л – ёбӣ аз худ.
3. Л – Аржангу.
4. М – Ҳамон ҷо.
5. Л – Касе к-ин.
6. И – Касе к-ин бадиҳо намудаш ба
7. Л – кор.
8. И – он тоҷи шоҳӣ ба.
9. ИЛ - б. 505 нест.

Тани ман мапардоз хира зи ҷон,
Биёбӣ зи ман, ҳар чӣ пурсӣ нишон.

Ба ҷое, ки бастаст Ковусшоҳ,
Намоям[1] туро як ба як шаҳру роҳ.

Туро хонаи Беду[2] Деви Сапед
Намоям, чу додӣ диламро навид.[3]

Кунун то ба наздики Ковуси кай
Сад афканда фарсанг бахшандапай.[4]

В-аз он ҷо сӯи дев фарсанг сад
Биёяд[5] яке роҳи душхору бад.

Миёни ду кӯҳ аст пурҳавл ҷой,
Напаррад бар он осмонаш ҳумой.

Миёни ду сад[6] чоҳсоре шигифт,
Ба паймоиш[7] андоза натвон гирифт.

Зи девони ҷангӣ даҳу ду ҳазор
Ба шаб посбонанд бар кӯҳсор.[8]

Чу Пӯлоди Ғандӣ сипаҳдорашон,[9]
Чу Беду чу Санҷа нигаҳдорашон.[10]

Сари наррадевон чу Деви Сапед,
К-аз ӯ кӯҳ ларзон бувад ҳамчу бед.[11]

---

1. Л – Бигӯям.
2. И – пилу; Л – хонаву ҷой.
3. Л – Намоям ҳамон ҳар чи дорӣ умед; И – Ҳамон ман нашоям, ки дорӣ навид;
   ТПЗ– Бидон, эй ситуда яли девдил,
   Ки Эзад сириштат аз ин моя гил.
4. Л – б. 510 нест.
5. Л – Дарояд; И – б. 510, 511 нест.
6. Л – Саф.
7. ЛМ – паймон-ш.
8. Л – гоҳсор.
9. ИЛ – сипаҳдори ӯй.
10. Л – нигаҳдори ӯй; И – Чу бедор Санҷа нигаҳдори ӯй.
11. И – б. 516 нест.

Яке кӯҳ ёбӣ мар ӯро ба тан,
Бару кифту*[1] ёлаш бувад даҳ расан.

Туро бо чунин ёлу дасту инон,
Гузорандаи теғу гурзу синон,

Чунин бурзу болову ин коркард,
На хуб аст бо дев пайкор кард.[2]

Чу з-он[3] бугзарӣ, санглох асту дашт,
Ки оҳу бар он-бар[4] наёрад гузашт.

В-аз[5]*[6] он бугзарӣ, рӯди об аст пеш,
Чу[7] паҳнои ӯ аз[8] ду фарсанг беш.

Куноранг деве нигаҳбони ӯй,
Ҳама наррадевон ба фармони ӯй.

В-аз он рӯй Бузгӯш то[9] Нармпой,
Чу фарсанг сесад кашида сарой.[10]

Зи Бузгӯш то шаҳри Мозандарон
Раҳи зишту фарсангҳои гарон.

Пароканда-дар подшоҳӣ, савор
Ҳамоно, ки ҳасташ ҳазорон-ҳазор.

Чунон лашкаре[11] бо силеҳу дирам,
Набинӣ якеро аз эшон дижам.

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
К-аз эшон ба шаҳр-андарун ҷой нест.

1. М – китф.
2. Л – ҷустан набард.
3. К-аз ин; И – К-аз ӯ.
4. Л – раҳ.
5. Л – Чу з-он; К-аз ӯ.
6. М – Аз.
7. И – Ки.
8. И – Бар.
9. Л – Сангсор бо Нармпой.
10. Л – ба пой.
11. Л – лашкари.

Ту танҳо таниву[1] агар з-оҳанӣ[2],
Бисоӣ ба сӯҳони оҳарманӣ.

Бихандид Рустам зи гуфтори ӯй,
Бад-ӯ гуфт: Гар бо манӣ роҳҷӯй,

Бубинӣ, к-аз ин як тани пилтан
Чӣ ояд бад-он номдор анҷуман.

Ба нерӯи Яздони пирӯзгар,
Ба бахту ба шамшеру тиру ҳунар.

Чу бинанд тови[3] бару ёли ман,
Ба ҷанг[4]- андарун захми кӯполи ман,

Бидаррад паю пӯстшон аз ниҳеб,
Инонро надонанд боз аз рикеб.

Бад-он сӯ, куҷо ҳаст Ковуси кай,
Кунун[5] роҳ бинмову бардор пай.

Бигуфт ину биншаст бар Рахш шод,
Давон буд Авлод монанди бод.[6]

Наёсуд тира шабу пок рӯз,
Ҳаме ронд то пеши Кӯҳиспарӯз,

Бад-он ҷо, ки Ковус лашкар кашид,
Зи деву зи ҷоду бад-ӯ бад расид.

Чу як нима бугзашт аз[7] тирашаб,
Хурӯш омад аз дашту бонги ҷалаб.[8]

1. Л – танӣ ту ба танҳову.
2. И – Ту танҳоӣ, эй гурзаи оҳанӣ.
3. ИЛ – пою.
4. ИЛ – Ба бол.
5. Л – Маро.
6. И – б. 535 нест.
7. ИЛ – аз он.
8. Л-шағаб.

Ба Мозандарон оташ афрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой шамъе ҳаме сӯхтанд.

Таҳамтан ба Авлод гуфт: Он куҷост,
Ки оташ баромад зи чаппу зи[1] рост?

Дари шаҳри Мозандарон аст, гуфт,
Ки аз шаб ду баҳра наёранд хуфт.[2]

Бад-он ҷойгаҳ бошад Аржангдев,
Ки ҳазмон[3] барорад ғурунгу[4] ғирев.

Бихуфт он замон Рустами ҷангҷӯй,
Чу хуршеди тобанда бинмуд рӯй.

Бупечид Авлодро бар дарахт,
Ба банди камандаш биёвехт сахт.[5]

Ба зин-андар афканд гурзи ниё,
Ҳаме рафт якдил, пур аз кимиё.

## ХОНИ ШАШУМ

### ҶАНГИ РУСТАМ ВА АРЖАНГДЕВ

Яке миғфари хусравӣ бар сараш,
Хайолуда бабри баён дар бараш.

Ба Аржанг солор бинҳод рӯй,
Чу омад ба лашкаргаҳи[6] ҷангҷӯй.

---

1. Л – чапу дасти.
2. ТПЗИ – Сипаҳбад чу Пӯлоду Аржангу Бед,
   Ҳама паҳлавонони Деви Сапед,
   Дарахте, ки сар дорад андар саҳоб,
   Ситора зада, баркашида таноб.
3. ИЛ – ҳар дам.
4. Л – хурӯшу; барояд хурӯшу.
5. ТПЗИ– Чу хуршед барзад сар аз тиракӯҳ,
   Ҷаҳонро бияфзуд фарру шукӯҳ.
   Зи хоб андаромад гави тоҷбахш,
   В-аз он ҷо бирафт ӯ ба наздики Рахш*.
   * И – б. 2 нест.
6. ИЛ – бари лашкари.

Яке наъра зад дар миёни гурӯҳ,
Ки гуфтӣ бидаррид дарёву кӯҳ.

Бурун ҷаст аз он хайма[1] Аржангдев,
Чу омад ба гӯшаш аз он сон[2] ғирев.

Чу Рустам бидидаш, барангехт асп,
Биёмад бари ӯ чу Озаргушасп.

Сари гӯш бигрифту ёлаш далер,
Сар аз тан бикандаш ба кирдори шер.

Пур аз хун сари дев канда зи тан,
Бияндохт з-он сӯ, ки буд анҷуман.

Чу девон бididанд кӯполи ӯй,
Бидаррид дилшон зи чанголи ӯй.

Накарданд ёд аз бару буму руст,
Падар бар писар - бар ҳаме роҳ ҷуст.

Бароҳехт шамшери кин пилтан,
Зи девон бипардохт он[3] анҷуман.

Чу баргашт хуршеди[4] гетифурӯз,
Биёмад дамон то ба Кӯҳиспарӯз.

Зи Авлод букшод ҳамми каманд,
Нишастанд зери дарахти баланд.

Таҳамтан зи Авлод пурсид роҳ,
Ба шаҳре куҷо буд Ковусшоҳ.

Чу бишнид аз ӯ тез, бинҳод рӯй
Пиёда давон пеши ӯ роҳҷӯй.

Чу омад ба шаҳр-андарун тоҷбахш,
Хурӯше баровард чун раъд Рахш.

1. ИЛ – аз хайма.
2. Л – аз он сӯ гӯшаш.
3. Л – Бипардохт якбора з-он.
4. ИЛ – пирӯзи.

Чу бишнид Ковус овози ӯй,
Бидонист анҷому оғози ӯй.[1]

Ба эрониён гуфт пас шаҳрёр,
Ки моро сар омад бади рӯзгор.

Хурӯшидани Рахшам омад ба гӯш,
Равону дилам тоза шуд з-он хурӯш.

Ба гоҳи Қубод инчунин шиҳа кард,
Куҷо кард бо шоҳи туркон набард.

Ҳаме гуфт лашкар, ки Ковусшоҳ
Зи банди гаронаш шуда ҷонтабоҳ.

Хирад аз сараш рафтаву ҳушу фар,
Ту гӯӣ ҳаме хоб гӯяд магар.

Надорем чора дар ин банди сахт,
Ҳамоно, ки аз мо бигардид бахт.[2]

Биёмад ҳам андар замон пеши ӯй
Яли оташафрӯзи пархошҷӯй.

Чу наздики Ковус шуд пилтан,
Ҳама сарфарозон шуданд анҷуман.

Чу Гударзу чун Тусу Геви далер,
Чу Густаҳму Шедӯшу Баҳроми шер.[3]

Ғиревид бисёру[4] бурдаш намоз,
Бипурсидаш аз ранҷҳои дароз.

Гирифташ ба[5] оғӯш Ковусшоҳ,
Зи Золаш бипурсиду аз ранҷи роҳ.

1. ИЛ – б. 561 нест.
2. ТПЗ – Дар ин гуфта буданд эрониён,
Куҷо паҳлавон танг баста миён;
ИЛ-б. 563-567 нест; Л – б. 564-567 нест.
3. ИЛ – б. 570 нест.
4. Л – фаровон ғиревиду.
5. ИЛ-дар.

Бад-ӯ гуфт пинҳон: Аз ин ҷодувон
Ҳаме Рахшро кард бояд ниҳон.[1]

Чу ояд ба Деви Сапед огаҳӣ,
К-аз Арժанг шуд рӯи гетӣ тиҳӣ.

Ба наздики Ковус шуд пилтан,
Ҳама наррадевон шаванд анҷуман.

Ҳама ранҷҳои ту бебар шавад,
Зи девон ҷаҳон пур зи лашкар шавад.

Ту акнун раҳи хонаи дев гир,
Ба ранҷ[2] андаровар тану теғу тир.

Магар*[3] ёр бошад-т Яздони пок,
Сари ҷодувон андарорӣ ба хок.

Гузар кард бояд абар чанд*[4] кӯҳ,
Зи девон ба ҳар ҷо гурӯҳогурӯҳ.

Яке ғор пеш оядат ҳавлнок,
Чунон чун шунидам, пур аз тарсу бок.

Гузораш[5] пур аз наррадевони ҷанг,
Ҳама размро сохта чун паланг.

Ба ғор-андарун гоҳи Деви Сапед,
К-аз ӯянд лашкар ба биму умед.

Тавонем агар кардан ӯро табоҳ,
Ки ӯяст солору пушти сипоҳ.[6]

---

1. ЛЗ – п. аз б. 573 ин б. омада:
   Бигирӣ зи пинҳон раҳи* дев тунд,
   Магар гардад он** тезчангол кунд.
   Магар боз равшан шавад ин ду чашм,
   Битарсам ҳаме з-он бади*** зиштхашм.
   
   * З – бори; ** З – аз, *** З – аз он деви бад.
2. Л – ҷанг.
3. М – Агар.
4. М – ҳам аз ҳафт.
5. Л – Гузорат.
6. И – пушту паноҳ.

Сипаҳро зи ғам чашмҳо тира шуд,
Маро дида аз[1] тирагӣ хира шуд.[2]

Пизишкон, ки диданд,[3] карданд умед
Ба хуни дилу мағзи Деви Сапед.

Чунин гуфт фарзона марди пизишк,
Ки чун хуни ӯро ба сони сиришк

Чаконӣ се қатра ба чашм-андарун,
Шавад тирагӣ пок бо хун бурун.[4]

Гави пилтан ҷангро соз кард,
В-аз он ҷойгаҳ рафтан оғоз кард.

Ба эрониён гуфт: «Бедор бед,
Ки ман кардам оҳанги Деви Сапед,

Ки ӯ пили ҷангиву чорагар аст,
Фаровон ба гирд-андараш лашкар аст.

Гар эдун, ки пушти ман орад ба хам,
Шумо дер монед хору дижам.

В-агар ёр бошад худованди ҳур,
Диҳад мар маро ахтари нек[5] зӯр,

Ҳама буму бар бозёбему тахт,
Ба бор ояд он хусравонӣ дарахт.[6]

---

1. ИЛМ – чашм дар.
2. Л – п. аз б. 584 ин б. омада:
   Марову туро бим аз ӯй асту бас,
   Чу ӯ кушта шуд, нест биме зи кас,
   Ки ӯ кард моро чунин бебаҳо,
   Бар он аст, к- эдар наёбам раҳо.
   Бибасту бихаст ин сипоҳи маро,
   Сияҳ кард хуршед моҳи маро.
3. Л – ба дармон-ш.
4. ТПЗ– Умедам ба бахшоиши кирдгор,
   К-аз он деви ҷангӣ барорӣ димор.
5. Л – саъд.
6. ТП – Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
   Ки бе ту мабод аспу кӯполу зин.

# ХОНИ ҲАФТУМ

## КУШТАНИ РУСТАМ ДЕВИ САПЕДРО

Аз он ҷойгаҳ танг баста камар,
Биёмад пур аз кинаву ҷанг сар.

Або хештан бурд Авлодро,
Ҳаме ронд мар*[1] Рахши чун бодро.[2]

Чу Рахш андаромад бад-он Ҳафткӯҳ,
Бад-он наррадевон гурӯҳогурӯҳ[3]

Ба наздики он[4] ғори бебун расид,[5]
Ба гирд-андараш лашкари дев дид,

Ба Авлод гуфт: Он чи пурсидамат,
Ҳама бар раҳи ростӣ дидамат.[6]

Кунун чун гаҳи рафтан омад фароз,
Маро роҳ бинмову букшой роз.

Бад-ӯ гуфт Авлод, чун офтоб
Шавад гарм, дев андарояд ба хоб.

Бар эшон ту пирӯз бошӣ ба ҷанг,
Кунун як замон кард бояд диранг.

Зи девон набинӣ нишаста яке,
Магар[7] ҷодувон посбон андаке.

Бад-он гаҳ ту пирӯз бошӣ магар,
Агар ёр бошад-т пирӯзгар.

---

1. М – он.
2. ИЛ – б. 59 нест;
   ТПЗ– Наёсуд дар раҳ гави некхоҳ,
   Намоянда Авлод будаш ба роҳ.
3. Л – Бар он наррадевони гашта гурӯҳ.
4. Л – наздикии.
5. И – Биёмад, чу наздики ғораш расид.
6. ТПЗ - Яке кори сахт аст эдар маро,
   Сазад, гар бигӯӣ ту, некахтаро.
7. ИЛ – Ҷуз аз.

Накард эч Рустам ба рафтан шитоб,
Бад-он то баромад баланд офтоб.

Сару пои Авлод муҳкам[1] бубаст,
Ба хамми каманд он гаҳе барнишаст.

Бароҳехт ҷангинаҳанг аз ниём,
Биғуррид чун раъду баргуфт ном.

Миёни сипоҳ андаромад чу гард,
Саронро[2] ба ханҷар ҳаме дур кард.[3]

Наистода кас пеши ӯ-дар ба ҷанг,
Наҷустанд бо ӯ яке ному нанг.

В-аз он ҷойгаҳ сӯи Деви Сапед
Биёмад ба кирдори тобанда шед.

Ба монанди[4] дӯзах яке чоҳ дид,
Тани ҷоду*[5] аз тирагӣ[6] нопадид.

Замоне ҳаме буд дар Ганг теғ,[7]
Набуд ҷои пайкору[8] ҷои гуреғ.[9]

Чу мижгон бимолиду дида бишуст,
Дари[10] ғори торик чанде биҷуст.

Ба торикӣ-андар яке кӯҳ дид,
Саросар шуда ғор аз ӯ нопадид.

Ба ранги шаба рӯю чун шир мӯй,
Ҷаҳон пур зи болову паҳнои ӯй.

---

1. Л – бл тан.
2. Л – Сар аз тан.
3. ТПЗ– Ба нерӯи ӯ чун набуд тобашон,
   Зи теғаш бимонданд дар бими ҷон.
4. ИЛ –Ба кордори.
5. М – Буни чоҳ.
6. Л – Саросар шуда ғор аз ӯ.
7. Л – ҷанги теғ.
8. И – дидору.
9. Л – Набуд ҷои дидору роҳи гурез.
10. ЛМ – Дар он.

Ба ғор - андарун дид рафта ба хоб,
Ба куштан накард эч Рустам шитоб.

Биғуррид, ғурридане чун паланг,
Чу бедор шуд, андаромад ба ҷанг.[1]

Сӯи Рустам омад чу кӯҳи сиёҳ,
Зи оҳан-ш соид, зи оҳан[2] кулоҳ.

Яке осиёсангро даррабуд,
Ба наздики Рустам даромад чу дуд.[3]

Аз ӯ шуд дили пилтан пурниҳеб,
Битарсид к-ояд ба тангӣ нишеб.

Барошуфт бар сони шери жиён,
Яке теғи тезаш бизад бар миён.

Ба нерӯй Рустам зи болои ӯй
Бияндохт як дасту як пои ӯй.

Бурида баровехт бо ӯ ба ҳам
Чу пили сарафрозу шери дижам.

Ба як по бикӯшид бо номвар,
Ҳама ғорро карда зеру забар.

Гирифт он бару ёли гурди далер,
Ки орад магар паҳлавонро ба зер.[4]

Ҳаме гӯшт[5] канд ин аз он, он аз ин,
Ҳаме гил шуд аз хун саросар замин.

Ба дил гуфт Рустам: Гар имрӯз ҷон
Бимонад ба ман, зиндаам ҷовидон.

---

1. Л – б 615-616 нест.
2. Л – Зи пӯлод соид в-аз оҳан.
3. ИЛ – б. 618 нест.
4. ИЛ – б. 623, 624 нест;
   ТПЗ– Даромад ба ӯ Рустами номдор,
   Гирифта бару ёли ӯ устувор.
5. Л – пӯст.

Ҳам эдун ба дил гуфт Деви Сапед,
Ки аз ҷони ширин шудам ноумед.

Гар эдун ки аз чанги ин аждаҳо
Бурида паю пӯст ёбам раҳо.

На меҳтар, на кеҳтар зи номоварон
Бубинанд рӯям ба Мозандарон.

Ҳаме гуфт аз ин гуна Деви Сапед,
Ҳаме дод дилро бад-он сон навид.

Бад-ин гуна бо якдигар размҷӯй,
Зи танҳо равон буд хаю хун ба ҷӯй.

Таҳамтан ба нерӯи ҷонофарин
Бикӯшид бисёр бо дарду кин.

Саранҷом аз он кинаву корзор,
Бипечид бар худ гави номдор.[1]

Бизад чангу[2] бардошташ наррашер,
Ба гардан[3] бароварду афканд зер.

Задаш бар замин ҳамчу шери жиён
Чунон к-аз тани вай бурун кард ҷон.

Фурӯ бурд ханҷар, дилаш бардарид,
Ҷигар-ш аз тани тира берун кашид.

Ҳама ғор яксар тани кушта буд,
Ҷаҳон ҳамчу дарёи хун гашта буд.[4]

---

1. ИЛ – б. 630 – 633 нест.
2. ИЛ – дасту.
3. Л – Ба гардун.
4. ТПЗ – Чу девон бидиданд кирдори ӯй,
Ҳазимат гирифтанд аз кори ӯй.
Намонданд як тан дар он ҷойгоҳ,
Биёмад бурун Рустами кинахоҳ.
Кушод аз миён он каёнӣ камар,
Бурун кард хафтону ҷавшан зи бар.
Зи баҳри ниёиш сару тан бишуст,
Яке пок ҷои парастиш биҷуст,

Биёмад, зи Авлод букшод банд,
Ба фитрок баст он каёнӣ[1] каманд.

Ба Авлод дод он кашида ҷигар,
Сӯи шоҳ Ковус бинҳод сар.

640 Бад-ӯ гуфт Авлод, к-эй наррашер,
Ҷаҳонро ба теғ оваридӣ ба зер.[2]

Нишонҳои банди ту дорад танам,
Ба зери камандат ҳаме бишканам.

Ба чизе, ки додӣ диламро навид,
Ҳаме боз хоҳад навидам умед.

Ба паймон шикастан на андар(х)варӣ,
Ки шери жиёниву кайманзарӣ.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки Мозандарон
Супорам ба ту аз карон то карон.

---

Аз он пас ниҳод аз бари хок сар,
Чунин гуфт, к-Эй довари додгар,
Зи ҳар бад туӣ бандагонро паноҳ,
Ту додӣ маро гурдиву дастгоҳ.
Тавоноиву мардиву фарру зӯр,
Ҳама комам аз гардиши моҳу ҳур.
Ту бахшидӣ, ар на зи худ хортар
Набинам ба гетӣ яке зортар.
Ғаму андуҳу ранҷу тимору дард,
Зи неку зи бад ҳарчӣ ояд ба мард,
Камиву фузунию некахтарӣ,
Баландию пастию кундоварӣ,
Зи доди ту бинам, ҳаме ҳар чӣ ҳаст,
Дигар кас надорад дар ин кор даст.
Зи доди ту ҳар зарра меҳре шавад,
Зи фаррат пашизе сипеҳре шавад.
Ситоиш чу кард он яли сарфароз,
Ба тан боз пӯшид ҳар гуна соз.

1. Л – барбаст тозон.
2. ТПЗ– Ба Мозандарон кас набошад дигар,
Ки пархош ҷӯяд зи ту номвар.
Ба ҳар кор бошӣ ту пирӯзбахт,
Сазовор ҳастӣ ту бар тоҷу тахт.
Сазад, гар бубинӣ яке кори ман,
Куҷо бо ту буд рост гуфтори ман.

645 Яке кор пеш асту ранҷе дароз,
Ки ҳам бо нишеб асту ҳам бо фароз.

Ҳаме шоҳи Мозандаронро зи гоҳ
Бибояд рабудан, фикандан ба чоҳ.

Сари деви ҷоду ҳазорон ҳазор
Бияфканд бояд ба ханҷар ба зор.

В-аз он пас магар хокро биспарам
В-агарна зи паймони ту нагзарам.[1]

Расид он гаҳе назди Ковуси кай
Гави паҳлавон, шери фархундапай.[2]

650 Ба шодӣ баромад зи гурдон фиғон,
Ки омад сипаҳдори равшанравон.

Ситоишкунонаш давиданд пеш,
Бар ӯ офарин буд з-андоза беш.[3]

Чунин гуфт, к- Эй шоҳи донишпазир,
Ба марги бадандеш ромиш пазир!

Даридам ҷигаргоҳи Деви Сапед,
Надорад бад-ӯ шоҳ аз ин пас умед.

Зи паҳлӯш берун кашидам ҷигар,
Чӣ фармон диҳад шоҳи пирӯзгар?

655 Бар ӯ офарин хонд Ковусшоҳ,
Ки бе ту мабодо кулоҳу сипоҳ.

---

1. ТПЗ– Туро з-ин сипас бениёзӣ диҳам,
Ба Мозандарон сарфарозӣ диҳам.
В-аз он сӯ ду чашми бузургон ба роҳ,
Ки кай боз гардад яли размхоҳ.
Ба пирӯзӣ аз разми он деви нар
Ба ханҷар зи ёлаш ҷудо карда сар.
2. Л – Ҷаҳонпаҳлавон – Рустами некпай.
3. ИЛ – б. 650, 651 нест.

Бар он мом, к-ӯ чун ту фарзанд зод,
Нашояд ҷуз аз[1] офарин кард ёд.

Ҳазор офарин бод бар Золи Зар,
Абар марзи Зобул саросар дигар,

Ки чун ту далере падид оварид,
Ҳамоно ки чун ту замона надид.[2]

Маро[3] бахт аз ин ҳар ду фаррухтар аст,
Ки пили ҳизабравжанам[4] кеҳтар аст.[5]

Чу аз офариниш бипардохт кай,
Чунин гуфт, к-эй гурди фархундапай,

Кунун хунаш овар ту дар чашми ман,
Ҳамон низ дар чашми ин анҷуман.

Магар боз бинем дидори ту,
Ки бодо ҷаҳонофарин ёри ту![6]

Ба чашмам чу андаркашиданд хун,
Шуд он дидаи тира хуршедгун.[7]

Ниҳоданд зер-андараш тахти оҷ,
Баровехтанд[8] аз бари оҷ тоҷ.

1. И – ба чуз.
2. ИЛ – б. 657, 658 нест.
3. Л – Киро.
4. ИЛ – ҳизабрафканам.
5. И-б. б. 659 ин б. омада:
   Таҳамтан дили дев пеш оварид,
   Аз ӯ чун ба чашми шаҳ андаркашид.
6. ИЛ – б. 660-662 нест.
7. Л – Шуд он тирагӣ пок бо хун бурун;
   ТПЗ– Ҳам андар замон Рустами пурҳунар
   Кашид андар эшон зи хуни ҷигар.
   Ҳама дидаҳошон бишуд равшано,
   Ҷаҳоне бишуд сар ба сар гулшано.
8. ИЛ – Биёвехтанд.

Нишаст аз бари тахти Мозандарон
Або Рустаму номвар[1] меҳтарон.

Чу Тусу Фарибурзу Гударзу Гев,
Чу Руҳҳому Гургину Баҳроми нев.

Бар ин гуна як ҳафта бо руду май
Ҳаме ромиш орост Ковуси кай.

Ба ҳаштум нишастанд бар зин ҳама,
Ҷаҳонҷӯю гарданкашону рама.

Ҳама баркашиданд гурзи гарон
Пароканда дар[2] шаҳри Мозандарон.

Бирафтанд яксар ба фармони кай
Чу оташ, ки бархезад аз хушкнай.

Зи шамшери тез оташ афрӯхтанд,
Ҳама шаҳр яксар ҳаме сӯхтанд.

Бикуштанд чандон аз он ҷодувон,
Ки аз хун ҳаме рафт ҷӯе равон.

Бад-он гаҳ ки тира шаб омад ба танг,
Гавон орамиданд яксар зи ҷанг.[3]

Ба лашкар чунин гуфт Ковусшоҳ,
Ки акнун мукофот карда гуноҳ,

Чунон чун сазо буд, бад-эшон расид,
Зи куштан кунун сар бибояд кашид.[4]

Бибояд яке марди боҳушу санг,
Куҷо боз донад шитоб аз диранг.

1. И – номвар Рустаму.
2. Л – бар.
3. ИЛ – б. 672, 673 нест.
4. ТПЗ – Ба Рустам чунин гуфт Ковуси кай,
Ки, эй гурди фарзонаи некпай.

Шавад назди солори Мозандарон,
Кунад дил-ш бедору мағзаш гарон.

Бад-он кор хушнуд шуд пури Зол,
Бузургон*[1] ки буданд бо ӯ ҳамол.

Фиристодани нома наздики ӯй,
Барафрӯхтан ҷони торики ӯй.

## НОМА НАВИШТАНИ КОВУС НАЗДИКИ ШОҲИ МОЗАНДАРОН

Яке номае бар ҳарири сапед,
Бад-он - андарун чанд биму умед.[2]

Дабири хирадманд бинвишт хуб,
Падид оварид андар он зишту хуб.

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ гашт[3] пайдо ба гетӣ ҳунар.

Хирад доду гардонсипеҳр офарид,
Дуруштиву тундиву меҳр офарид.

Ба неку ба бад додамон дастгоҳ
Худованди гарданда хуршеду[4] моҳ.[5]

Агар додгар бошиву покдин,
Зи ҳар кас наёбӣ ҷуз аз офарин.

---

1. М – Ва гурдон.
2. ТПЗ - Дигар рӯз, к-ин гунбади тезгард
   Бигустард бар чарх дебои зард.
   Мувофиқи қайди Т, З ин б. пеш аз б. 680 омада, ки ба мақсад наздиктар менамояд.
3. Л - дид.
4. Л - гардандаи меҳру.
5. ТПЗ– Дигар гуфт, к-ин номаи б-офарин
   Зи Ковуси кай - шоҳи Эронзамин
   Ба назди сипаҳдори Мозандарон,
   Ки бо деви ҷоду бувад ҳамзабон.
   Бидон, эй гирифтори банди ғурур,
   Ки ин аст расми сарои сурур.

В-агар бадниҳон бошиву бадкуниш,
Зи чархи баланд оядат сарзаниш.

Ҷаҳондор агар додгар бошадӣ,
Зи фармони ӯ кай гузар бошадӣ.

Сазои гунаҳ бин, ки Яздон чӣ кард,
Зи деву зи ҷоду баровард гард.

Кунун гар шудӣ огаҳ аз рӯзгор,
Равону хирад будат омӯзгор,

Ҳамон ҷо бимон тахти[1] Мозандарон,
Бад-ин боргоҳ ой чун кеҳтарон.

Чу бо ҷанги Рустам надорӣ ту тов,
Бидеҳ зуд бар коми мо божу сов.[2]

Агар гоҳи Мозандарон боядат,
Магар з-ин нишон роҳ бикшоядат.

В-агар на чу Аржангу Деви Сапед
Дилат кард бояд зи ҷон ноумед.[3]

Чу нома ба сар бурд фаррух дабир,
Ниҳод аз бараш мӯҳри мушку абир.[4]

Бихонд он замон шоҳ Фарҳодро,
Гироядаи гурзи пӯлодро.

Гузини бузургони он шаҳр буд,
Зи бекориву ранҷ бебаҳр буд.

Бад-ӯ гуфт ин номаи пандманд
Бубар назди он деви ҷаста зи банд.

Чу аз шоҳ бишнид Фарҳоди гурд,
Заминро бибӯсиду нома бибурд

1. ИЛ – тоҷи.
2. И – Бидеҳ бож ночору бигзор сов.
3. ТПЗ– Надонӣ чу Рустам кунад рои ҷанг,
Зи теғаш ба дарё бисӯзад наҳанг.
4. ИЛ – б. 694 нест.

Ба шаҳре, кучо нармпоён[1] буданд,
Саворони пӯлодхоён[2] буданд.

Касеро, ки бинӣ ту пой[3] аз дувол,
Лақабшон чунин буд бисёр сол.

Бад-он шаҳр буд шоҳи Мозандарон,
Ҳамон ҷо далерону кундоварон.

Якеро фиристод Фарҳод пеш,
В-аро кард огаҳ зи кирдори хеш.[4]

Чу бишнид, к-аз назди Ковусшоҳ
Фиристодаи боҳуш омад зи роҳ.

Пазира шуданро сипоҳе гарон,
Далерону шерони Мозандарон.

Зи лашкар якояк ҳама[5] баргузид,
Аз эшон ҳунар хост, к-ояд падид.

Чунин гуфт, к-имрӯз мардонагӣ
Ҷудо кард бояд зи девонагӣ.[6]

Ҳама роҳу расми паланг оваред,
Сари хушмандон ба чанг оваред.[7]

Пазира шудандаш пур аз чин бурӯй,
Суханҳо нарафт эч бар орзуй.

Чу рафтанд наздики Фарҳоди гурд,
Аз он номдорони бодастбурд.[8]

---

1. Л – сустпоён.
2. Л – Далерону ханҷаргузорон.
3. Л – Касоне, ки буданд по.
4. ИЛ – б. 702 нест.
5. Л – тане чандро.
6. Л– Ҳар он кас, ки нерӯ варо ёр шуд,
Дили ӯ ба пирӣ гирифтор шуд.
7. ТПЗ– Чунон чун фиристода пажмон шавад,
Зи дидоратон сахт тарсон шавад.
8. ИЛ – б.709 нест.

Яке даст бигрифту бифшордаш,
Паю устухонҳо биёзордаш.

Нагашт эч Фарҳодро рӯй зард,
Наёмад бар ӯ рангу банде зи[1] дард.

Бибурданд Фарҳодро пеши[2] шоҳ,
Зи Ковус пурсиду аз[3] ранҷи роҳ.

Пас он нома бинҳод пеши дабир,
Маю мушк буд бехта[4] бар ҳарир.

Мар он нома бархонд мӯбад бад-ӯй,
Бупечид аз он нома пархошҷӯй.[5]

Чу огаҳ шуд аз Рустаму кори дев,
Пур аз хун шудаш чашму дил пурғирев.

Ба дил гуфт, пинҳон шавад офтоб,
Шаб ояд, бувад гоҳи орому хоб.

Зи Рустам нахоҳад ҷаҳон орамид,
Нахоҳад шудан номи ӯ нопадид.

Ғамин[6] шуд зи Аржангу Деви Сапед,
Ки шуд кушта Пӯлоди Ғандиву Бед.

Чу он номаи шоҳ яксар бихонд,
Ду дида ба хуни дил-андар нишонд.[7]

Се рӯзаш ҳамедошт меҳмони хеш
Бари номдорону ёрони хеш.

Ба рӯзи чаҳорум бад-ӯ гуфт: «Рав
Ба наздики он бехирад шоҳи нав.[8]

---

1. Л – ранҷи бедоду.
2. ИЛ – назди.
3. Л – кораш бипурсид в-аз.
4. Л - бофта; И - андохта.
5. ИЛ – б. 714 нест.
6. ИЛ – Ғамӣ.
7. Л – фишонд.
8. ИЛ – дод.

Чунин гӯй[1] посух ба Ковуси кай,
Ки дар ҷом тира-ст бе об*[2] май.[3]

Ман онам, ки гӯӣ бару буму гоҳ
Раҳо кун, биё сӯи ин боргоҳ?[4]

Маро боргаҳ з-они ту[5] бартар аст,
Ҳазорон ҳазорам фузун лашкар аст.

Ба ҳар ҷо ки дар ҷанг бинҳанд рӯй,
Намонанд сангу на рангу на бӯй.[6]

Биёрой кору маёсой ҳеч,
Ки ман размро кард хоҳам басеч.[7]

Биёрам[8] яке лашкаре шерфаш,
Барорам шуморо сар аз хоби х(в)аш.[9]

Зи пилони ҷангӣ ҳазору дувист,
Ки дар боргоҳи ту як пил нест.

Зи Эрон барорам яке тира хок,
Баландӣ надонанд боз аз мағок».

---

1. ИЛ – б. 720, 721 нст.
2. М – Ки кай оби дарё бувад ҳамчу.
3. ТПЗ – Ту дар кор тундӣ, надонӣ, ки ман
   Баровардаам сар зи ҳар анҷуман.
4. ИЛ – б. 723 нест.
5. ИЛ – подшоҳӣ аз ӯ.
6. Л – Намонад гилу сангро рангу;
   ТПЗ– Чу Санҷа саворам дусад низ ҳаст,
   Ки дар ҷанг гиранд шаҳро ба даст.
   Агар ман кунам рои овардгоҳ,
   Надонӣ ту худ боз моҳӣ зи моҳ.
   Ҳамоно туро зиндагонӣ намонд,
   Замонат зи Эрон бар ин марз ронд.
7. ИЛ – б. 726 нест.
8. Л – Барат.
9. Л – б. б. 727 ин б. омада;
   Маро ҳамчу Деви Сапеду чу Бед,
   Бувад сад ҳазорон сиёҳу сапед.
   Чу Санҷа саворам дусад дев ҳаст,
   Ки дар ҷанг гиранд маҳро ба даст.

Чу бишнид Фарҳод аз ӯ доварӣ,
Баландиву тундиву кундоварӣ.

Бикӯшид, то посухи нома ёфт,
Инон сӯи солори Эрон битофт.[1]

Биёмад, бигуфт, он чи диду шунид,
Ҳама пардаи розҳо бардарид.

Чунин гуфт, к-ӯ з-осмон бартар аст,
На рои баландаш ба зер-андар аст.

Зи гуфтори ман сар бупечид низ,
Ҷаҳон пеши чашмаш наярзад ба чиз.

Ҷаҳондор мар паҳлавонро бихонд,
Ҳама гуфти Фарҳод бо ӯ биронд.[2]

Чунин гуфт Ковусро Пилтан,
К-аз ин нанг бугзорам ин анҷуман.[3]

Маро бурд бояд сӯи ӯ паём,
Ки ман баркашам теғи тез аз ниём.

Яке нома бояд чу бурранда теғ,
Паёме ба кирдори ғурранда меғ.

Шавам чун фиристодае назди ӯй,
Ба гуфтор хун андарорам ба ҷӯй.

Ба посух чунин гуфт Ковусшоҳ,
Ки аз ту фурӯзад нигину кулоҳ.

---

1. ИЛ – шитофт.
2. И – б. 733-735 нест; Л – б. 735 нест;
ТПЗ– Бипечид аз ин гуфта Рустам чунон,
Ки ҳар мӯй бар тан шудаш чун синон.
3. Л – б. 736 ин б. омада:
Чу бишнид Рустам, барошуфт аз ӯй,
Ба Фарҳод бинҳод аз хашм рӯй.
Куҷо шуд дилу мардиву рои ту,
Бимондӣ чунин суст бар пой ту.
Чӣ бошанд девони Мозандарон,
Ки тарсанда гаштӣ чунин саргарон?

Паямбар туӣ, ҳам ту бабри[1] далер,
Ба ҳар кинагаҳ чун сарафроз шер.

Бифармуд, то рафт пешаш дабир,
Сари хомаро кард пайкони тир.[2]

Чунин гуфт, к-ин гуфтани нобакор
На хуб ояд аз мардуми ҳушёр.

Агар сар кунӣ з-ин фузунӣ тиҳӣ,
Ба фармон гар оӣ ба сони раҳӣ,[3]

В-гарна ба ҷанги ту лашкар кашам,
Зи дарё ба дарё сипаҳ баркашам.[4]

Равони бадандеш Деви Сапед
Диҳад каргасонро ба мағзат навид.

## ОМАДАНИ РУСТАМ НАЗДИКИ ШОҲИ МОЗАНДАРОН БА ПАЙҒАМБАРӢ

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Ҷаҳонҷӯй Рустам бипаймуд роҳ.

---

1. ИЛ – пили.
2. ТПЗ– Пас аз офарини ҷаҳонофарин
Чунин гуфт, к- Эй гашта аз роҳи дин.
3. ТПЗ– Насозӣ ҳаме кишвари худ хароб,
Супорӣ ба ман боҷ бе кину тоб.
Бимонӣ ба Мозандарон шодмон,
Зи Рустам биёбӣ раҳоӣ ба ҷон.
4. ТПЗ – Зи хун ҷӯй ронам ба Мозандарон,
Ба хок андарорам сари сарварон.
Ва дигар чӣ ҳоҷат маро бо кас аст,
К-аз ин разм Рустам шуморо бас аст.
Чу оҳанги майдон кунад дар набард,
Сари наррадевон дарорад ба гард.
Ба мардии ӯ дар ҷаҳон мард нест,
Ба гетӣ кас ӯро ҳамовард нест.
Чу ояд ба майдон яли кинасоз,
Надонанд дигар нишеб аз фароз,
Ки ӯ паҳлавонест дар рӯзи ҷанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

Ба зин - андар афканд[1] гурзи гарон,
Чу омад ба наздики Мозандарон,

Ба шоҳ огаҳӣ шуд, ки Ковуси кай[2]
Фиристодаву нома афканд пай.[3]

Фиристодае чун ҳизабри дижам,
Каманде ба фитрок,бар шаст хам.

Ба зер-андараш*[4] бораи гомзан,
Яке жандапил аст гӯӣ ба тан.[5]

Чу бишнид солори Мозандарон,
Зи лашкар[6] гузин кард чанде сарон.

Бифармудашон, то ҷабира[7] шуданд,
Ҳизабри жиёнро пазира[8] шуданд.

Биёроста лашкаре чун баҳор,
Бирафтанд наздики он номдор.

Чу чашми Таҳамтан бад-эшон расид,
Ба раҳ-бар дарахте гашаншох[9] дид.

Гирифташ ҳамон гаҳ ду шохи дарахт,
Ба тундӣ мар онро бупечид сахт.

Дарахт аз буну бех барканд зуд,
Ки ӯро ба тан-бар зиёне набуд.[10]

---

1. И – андаровард.
2. Л – Ковусшоҳ.
3. Л – роҳ.
4. М – андарун.
5. ТПЗ– Чу кӯҳи равон аст он номдор,
   Ту гуфтӣ, ки шер аст гоҳи шикор.
6. Л – девон.
7. Л – пазира.
8. Л – ба расми каёну табиат.
9. Л – кӯҳансол.
10. ИЛ – 757 нест.

Биканду чу жӯпин ба каф баргирифт,*[1]
Бимонданд лашкар ҳама[2] дар шигифт.

Бияндохт, чун назди эшон расид,
Саворон басе зери шох оварид.

Касе аз бузургони Мозандарон
Куҷо ӯ будӣ пешрав бар сарон.[3]

Яке даст бигрифту бифшордаш,
Ҳаме озмунро биёзордаш.

Бихандид аз ӯ Рустами пилтан,
Шуда хира з-ӯ чашми он анҷуман.

Бад- он ханда- андар[4] бияфшурд чанг,
Бибурдаш раг[5] аз дасту аз[6] рӯй ранг.

Бишуд зӯр[7] аз он марди зӯрозмой,
Зи болои асп андаромад ба пой.[8]

Яке шуд бари шоҳи Мозандарон,
Бигуфт, он чи дид аз карон то карон.

Саворе, ки номаш Калоҳур буд,
Ки Мозандарон з-ӯ пур аз шӯр буд.

Ба сони паланги жиён буд ба хӯй,
Накардӣ ҷуз аз ҷанг ҳеч орзуй,

Пазира шуданро бари хеш хонд,
Ба мардиш бар чархи гардон нишонд.

1. М – даргирифт.
2. ИЛ – з-ӯ.
3. ИЛ-б. 760 нест.
4. Л – хира эдар.
5. Л – пай; И – дид.
6. И – в-аз.
7. ЛМ – хуш.
8. Л – бб б. 764 ин б. омада:

Чу лашкар бидиданд кирдори ӯй,
Ба хира бимонданд дар кори ӯй.

Бад-ӯ гуфт: Пеши фиристода рав,
Ҳунарҳо падидор кун нав ба нав.

Чунон кун, ки гардад рухаш пур зи шарм,
Зи чашм андарорад ба рух оби гарм.

Биёмад Калоҳур чун наррашер
Ба пеши ҷаҳонҷӯй[1] марди[2] далер.

Бипурсид пурсиданӣ чун паланг,
Дижамрӯю он гаҳ бад-ӯ дод чанг.

Бияфшурд чанги сарафроз пил,
Шуд аз дард чангаш ба кирдори нил.

Бупечиду андеша з-ӯ дур дошт,
Ба мардӣ зи хуршед маншур дошт.

Бияфшурд чанги Калоҳур сахт,
Фурӯ рехт нохун чу барг аз дарахт.

Калоҳур бо дасти овехта,
Паю пусту нохун фурӯ рехта,

Биёварду бинмуду бо шоҳ гуфт,
Ки бар хештан дард натвон нуҳуфт.

Туро оштӣ беҳтар*[3] ояд зи ҷанг,
Фарохӣ макун бар дили[4] хеш танг.

Туро бо чунин паҳлавон тов нест,
Агар ром гардад, беҳ аз сов нест.

Пазирем бар шаҳри Мозандарон,
Бубахшем бар кеҳтару меҳтарон.

1. И – ҷахондор.
2. Л – ҷаҳонпаҳлавони.
3. М – бартар.
4. Л – тани.

Чунин ранҷи душвор осон кунем,
Беҳ ояд, ки ҷонро ҳаросон кунем.[1]

Таҳамтан биёмад ҳам андар замон
Бари шоҳ бар сони пили дамон.

Нигаҳ карду биншонд андарх(в)араш,
Зи Ковус пурсиду аз лашкараш.

Сухан ронд аз ранҷи роҳи дароз,
Ки чун ронд андар[2] нишебу фароз.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт,–Рустам туви̅,
Ки дори̅ бару бозуи паҳлави̅?[3]

Чунин дод посух, ки ман чокарам,
Агар чокариро худ андарх(в)арам.

Куҷо ӯ бувад, ман наёям ба кор,
Ки ӯ паҳлавон асту гурду савор.[4]

---

1. ТПЗ– Ғамин гашт бадгавҳари нобакор
Зи гуфти Калоҳури баргаштакор.
2. ИЛ – ронди̅ дар.
3. ТПЗ– Сапедев аз ту ҳалок омадаст?
Зи ту мар маро сар ба хок омадаст?
4. ТПЗ– Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чу Рустам сарафроз н-омад падид.
Яке кӯҳ бошад ба разм- андарун,
Аз он Рахшу гурзаш чи̅ гӯям, ки чун.
Чу ӯ разм созад, чи̅ пояд гурӯҳ?
Кунад кӯҳ дарёву дарё чу кӯҳ.
Ба размаш чи пилу чи шеру чи дев,
Чу овард гирад, барорад ғирев.
Ба танҳо яке номвар лашкар аст,
Паёмовариро на андарх(в)ар аст.
Валекин маро ӯ фиристодааст,
Бигӯям паёме, ки ӯ додааст,
Ҳаме гӯядат Рустами номдор,
Ки гар оқили̅, тухми зишти̅ макор!
Ту бисёр тухми бади̅ кошти̅,
Раҳи мардуми̅ хор бигзошти̅.
Чи̅ карди̅ ту бо шоҳи Эронзамин,
Або лашкару паҳлавонон зи кин?
Магар гӯшат аз номи Рустам тиҳист,
Ки чархи фалак камтаринаш раҳист?

Бад-ӯ дод пас номвар номаро,
Паёми ҷаҳонҷӯи худкомаро.

Бигуфт, он ки шамшер бор оварад,
Сари саркашон дар канор оварад.

Чу пайғом бишниду нома бихонд,
Дижам гашту андар[1] шигифтӣ бимонд.

Ба Рустам чунин гуфт, к-ин ҷустуҷӯй
Чӣ бояд ҳаме хира в-ин гуфтугӯй?

Бигӯяш, ки солори Эрон туӣ,
Агарчи дилу чанги шерон туӣ.

Манам шоҳи Мозандарон бо сипоҳ,
Бар авранги заррину бар сар кулоҳ.[2]

Маро беҳуда хондан пеши хеш
На расми каён бошаду роҳи кеш.

Барандешу тахти бузургон маҷӯй,
К-аз ин ҷустанат хорӣ ояд[3] ба рӯй.

Сӯи шаҳри[4] Эрон бигардон инон,
В-агарна замонат сар орад синон.

Агар бо сипаҳ ман биҷунбам зи ҷой,
Ту пайдо набинӣ[5] саратро зи пой.

Ту афтодаӣ бегумон дар гумон,
Яке рой пеш ору бифкан камон.

---

Агар рухсати шоҳ будӣ, ки ман
Биёям ба наздики ин анҷуман,
Намемондаме зинда аз лашкарат,
Ҳаме бар сари найза будӣ сарат.

1. Л – дар вай.
2. ИЛ – зарринкулоҳ.
3. И – Кунун бештар хорӣ орӣ.
4. Л – огоҳӣ.
5. Л – Ту нашносӣ он гаҳ.

Чу ман танг рӯй андарорам ба рӯй,
Сарояд туро тезиву[1] гуфтугӯй.[2]

Нигаҳ кард Рустам ба равшанравон
Ба гоҳу[3] сипоҳу дари[4] паҳлавон.

Наёмад –ш бо мағз гуфтори ӯй,
Сараш тезтар шуд ба озори[5] ӯй.[6]

---

1. Л – яксар ин.
2. ТПЗ– Зи ман низ бар пеши Рустам паём
Бигӯяш, ки, эй паҳлави некном,
Чӣ чизат зи Ковуси кай мерасад,
Агар з-ӯ бувад як, зи ман сад расад.
Миёни ялон сарфарозат кунам,
Зи симу дирам бениёзат кунам.
Сарат бугзаронам зи хуршеду моҳ,
Туро сарфарозӣ диҳам бар сипоҳ,
3. Л – шоҳу.
4. Л – раду.
5. Л – зи блзори.
6. ТПЗ– Чунин гуфт, к-Эй бехирад шаҳрёр,
Ҳамоно, ки шуд тираат рӯзгор,
Магар паҳлавон Рустами сарфароз
Ба ганҷу сипоҳи ту дорад ниёз?
Шаҳи Нимрӯз аст фарзанди Зол,
Касеро ба гетӣ надорад ҳамол.
Аз ин боб дигар маҷунбон забон,
Ки орад забонат бурун аз даҳон.
Бишуд тофта шоҳ аз ин гуфтугӯй,
Ба хунрези бадгавҳар овард рӯй.
Бигир ин фиристодаро пеши ман,
Зи тахташ фуруд ору гардан бизан!
Бишуд тез дижхим то пойтахт,
Ки гирад сари дасти он некбахт,
Фуруд орад ӯро аз ин ҷо ба зер,
Ки Рустам биғуррид чун наррашер.
Сари даст бигрифту пешаш кашид,
Аз он ҷойгаҳ пеши хешаш кашид.
Дарандохт, бигрифт мар пои ӯй,
Ҳамон пои худ бар дигар пои ӯй
Ниҳоду зи якдигараш бардарид,
Касе дар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.
Ба овоз гуфта пас он номдор.
Ки гар рухсатам будӣ аз шаҳрёр,
Ки бо лашкарат кардаме корзор,
Туро кардаме ин замон хору зор.

Яке хилъате сохташ шоҳвор,
Биёвард наздики Рустам савор.

Напазруфт з-ӯ ҷомаву аспу зар,
Ки нанг омадаш з-он кулоҳу камар.[1]

Биёмад дижам аз бари гоҳи ӯй,
Ҳама тира дид ахтару моҳи ӯй.[2]

Бурун омад аз шаҳри Мозандарон,
Сараш гашта буд з-он суханҳо гарон.[3]

Чу омад ба наздики шоҳ-андарун
Дили кинадораш пур аз ҷӯши хун,

Зи Мозандарон ҳар чи диду шунид,
Ҳама кард бар шоҳи Эрон падид.

В-аз он пас варо гуфт: Мандеш ҳеч,
Далерӣ куну разми девон басеч!

Далерону гурдони он анҷуман
Чунон дон, ки хоранд бар чашми ман,

Ки наздам наярзанд як зарра хок,
Бад-ин гурз аз эшон барорам ҳалок.[4]

---

Бигуфт ину аз боргаҳ шуд бурун,
Ду чашмаш ба монанди ду тоси хун.
Биларзид бар хештан шаҳрёр
Зи дасту забони яли номдор.

1. Л – б. б. 803 б. омада:
Бурун омад аз пеши ӯ хашмнок,
Дили пур зи кина, на тарсу на бок.
Рух аз пеши он шоҳи девон нигошт,
Ба мардӣ ба танҳои он раҳ гузошт.
2. Л – б. б. 805 ин б. омада:
Ва-аз он ҷо биёмад чу боди дамон
Сӯи шоҳ Ковусу дил бадгумон.
3. Л – б. 805 нест.
4. ИЛ – б. 810 нест;
ТПЗ– Бубинӣ, ки коми ту гардад раво,
Ки ман донам ин дарди дилро даво.

## ҶАНГИ КОВУС БО ШОҲИ МОЗАНДАРОН

Чу Рустам зи Мозандарон гашт боз,
Шаҳи ҷодувон размро кард соз.

Саропарда аз шаҳр берун кашид,
Сипаҳро ҳама сӯи ҳомун кашид.

Чу гарди сипоҳ аз миён бардамид,
Ҳамон ранги хуршед шуд нопадид[1].

На ҳомун падиду на дашту на кӯҳ,
Замин гашт аз пои пилон сутӯҳ.[2]

Ҳаме ронд лашкар чу боди[3] дамон,
Наҷуст эч ҳангоми рафтан замон.

Чу огоҳӣ омад ба Ковусшоҳ,
Ки танг андаромад зи девон сипоҳ.

Бифармуд, то Рустами Золи Зар
Бубандад нахустин ба он кин камар.

Ба Тусу ба Гударзи[4] Кашводагон,
Ба Геву Ба Гургини[5] озодагон

Бифармуд, то лашкар оростанд,
Синону сипарҳо[6] бипеространд.

Саропардаи шаҳрёру сарон[7]
Кашиданд бар дашти Мозандарон.

Сӯи маймана Туси Нӯзар ба пой,
Дили кӯҳ пурнолаи каррной.

---

1. ИЛ– Сипоҳе, ки хуршед шуд нопадид,
   Чу гарди сипоҳ аз миён бардамид.
2. ТПЗ– Ҷаҳон сар ба сар з-ӯ шуда тирагун,
   Зи гарди сипаҳ осмон қиргун.
3. ЛМ – аз он сон.
4. Л – Гударзи
5. ИЛ – Гургину.
6. Л – табира.
7. И – шаҳриёри ҷаҳон.

Чу Гударзу Кашвод бар майсара,
Шуда кӯҳи[1] оҳан ҳама яксара.

Сипаҳдор Ковус дар қалбгоҳ
Зи ҳар сӯ рада баркашида сипоҳ.

Ба пеши сипоҳ-андарун пилтан,
Ки дар ҷанг ҳаргиз надидӣ шикан.[2]

Яке номдоре зи Мозандарон,
Ба гардан бароварда гурзи гарон.

Ки Ҷӯё будаш ному ҷӯянда буд,
Гирояндаи гурзу гӯянда буд.

Ба дастурии шоҳ Ҷӯё бирафт
Ба пеши сипаҳдор Ковус тафт.

Ҳаме ҷавшан андар танаш барфурӯхт,
Ҳаме таффи[3] теғаш заминро бисӯхт.

Биёмад, бар эрониён баргузашт,
Битӯфид аз овози ӯ кӯҳу дашт.

Ҳаме гуфт бо ман кӣ ҷӯяд набард?
Касе к-ӯ барангезад аз об гард?[4]

Нашуд ҳеч кас пеши Ҷӯё бурун,
На рагшон биҷунбид гӯӣ, на хун.

---

1. И – кӯҳу.
2. ТПЗ– Чу аз ҳарду сӯ лашкар оростанд,
Ялон кина аз якдигар хостанд.
3. Л – оби.
4. ТПЗ – Ҳаме гашт ғуррон миёни ду саф,
Хурӯшону бар лаб бароварда каф,
Нарафт аз далерон касе пеши ӯй,
Ҳаме буд бар ҷой пархошҷӯй.
Ба эрониён гуфт Ковусшоҳ,
Ки сартон наёбад сӯи ҷанг роҳ.*

* ИЛ – б. охирин омада; сӯи шарм роҳ.

Ба овоз гуфт он замон шаҳрёр,<br>
Чӣ буд, эй далерону мардони кор,[1]

К-аз ин дев дилтон[2] чунин хира шуд,<br>
Аз овози ӯ рӯятон тира шуд?

Надоданд посух далерон[3] ба шоҳ,<br>
Зи Ҷӯё бипажмурд, гуфтӣ[4], сипоҳ.

Яке[5] баргироид Рустам инон,<br>
Ба гардан баровард рахшон синон,

Ки дастур бошад маро[6] шаҳрёр<br>
Шудан пеши ин деви[7] носозгор.

Чунин гуфт Ковус, к-ин кори туст,<br>
Аз Эрон нахоҳад кас ин разм ҷуст.

Бирав, к-офаринанда ёри ту бод,<br>
Ҳама деву ҷоду шикори ту бод.[8]

Барангехт Рахши диловар зи ҷой,<br>
Ба чанг-андарун найзаи саргирой.

Ба овардгаҳ рафт чун пили маст,<br>
Паланге ба[9] зер, аждаҳое ба даст.

Инонро бупечиду бархост гард,<br>
Зи бонгаш[10] биларзид дашти набард.

---

1. Л – б. 831, 832 нест.
2. Л – деватон сар.
3. Л – аз Эрон; И – зи Эрон.
4. Л – бипажмурда гӯӣ.
5. И – ба кин.
6. И – дастуриям бошад аз.
7. Л – марди.
8. ТПЗ– Чу бишнид Рустам зи шоҳи замон,<br>
Ҳамон гаҳ дамон шуд чу шери жиён.<br>
ИЛ –б. 838 нест.
9. ИЛ –Яке бора.
10. Л – гурзаш.

Ба Ҷӯё чунин гуфт, к-эй баднишон,
Бияфканда номат зи гарданкашон.

Кунун бар ту-бар ҷои бахшоиш аст,
На ҳангоми ороми осоиш аст.

Бигиряд туро, он ки зоянда буд,
Физоянда буд, ар газоянда буд.

Бад-ӯ гуфт Ҷӯё, ки эмин машав
Зи Ҷӯёву аз ханҷари сардарав,

Ки акнун бидаррад ҷигар модарат,
Бигиряд бад-ин ҷавшану миғфарат.

Чу Рустам шунид ин суханҳо тамом,
Баровард як наъраву гуфт ном.

Зи ҷой андаромад чу кӯҳи равон,
Ҳамоварди ӯ гашт тираравон.

Инон баргироиду баргошт рӯй,
Набуд ҷанги Рустам варо орзуй.[1]

Паси пушти ӯ андаромад чу гард,
Синон бар камарбанди ӯ рост кард.

Бизад найза бар банди диръу зиреҳ,
Зиреҳро намонд эч банду гиреҳ.[2]

Зи зинаш ҷудо карду бардошташ,
Чу бар бобзан мурғ баргошташ.

Бияндохт аз пушти аспаш ба хок,
Даҳан пур зи хоку зиреҳ чок-чок.

Далерону гурдони Мозандарон
Ба хира фурӯ монданд андар он.

---

1. ИЛ – б. 848, 849 нест;
ТПЗ– Гурезон шуд аз номдори далер,
Таҳамтан биғуррид монанди шер.
2. ТПЗИ– Чунон зад абар гирдгоҳаш синон,
Ки дигар ба дида надидаш ҷаҳон.

Сипаҳ шуд шикастадилу зардрӯй,[1]
Баромад зи овардгаҳ гуфтугӯй.[2]

Бифармуд солори Мозандарон
Ба яксар сипоҳ аз карон то карон,

Ки сар барфарозеду ҷанг оваред,
Ҳама расму роҳи паланг оваред.[3]

Ҳама яксара теғи кин охтанд,
Ба ҳамдигарон андарандохтанд.[4]

Баромад зи ҳарду сипаҳ бӯқу кӯс,
Ҳаво нилгун шуд, замин обнӯс.

Чу барқи дурахшанда аз тирамеғ
Ҳаме оташ афрӯхт аз гурзу теғ,

Ҳаво гашт сурху сиёҳу бунафш
Зи бас найзаву[5] гуна-гуна дурафш.[6]

Зи овози девону аз тира гард,
Зи ғурридани кӯсу аспи набард

Шикофид кӯҳу замин бардарид,
Бад-он гуна пайкори кин кас надид.

Чакочоки гурз омаду теғу тир,
Зи хуни ялон дашт гашт обгир.[7]

---

1. Л – рӯйзард.
2. Л – Ту гуфтӣ ба ҷоншон ҳаме захм х(в)ард.
3. ТПЗ– Шуниданд гурдон ҳама сар ба сар
Мар он гуфтаи шоҳи пархошхар.
Ба кина аз он лашкари бешумор,
Фаровон биёмад сӯи корзор.
Сипаҳдори Эрон чу з-он гуна дид,
Зи ҷо андаромад, чунон чун сазид.
4. И-б. 856 – 859 нест; Л – б. 857 –359 нест.
5. И – замин тираву.
6. ТПЗ– Пур овози раъд аст гуфтӣ ҷаҳон,
Ва ё рӯз дар тирашаб шуд ниҳон.
7. ИЛ – б. 862-863 нест;
ТП – Ҷаҳон яксара ҳамчу дарё намуд,
Наҳанг андар ӯ гурзу шамшер буд.

Замин шуд ба кирдори дарёи қир,
Ҳама мавҷаш аз ханҷару гурзу тир.

Дамон[1] бодпоён чу киштӣ бар об
Сӯи ғарқ доранд гуфтӣ шитоб.[2]

Ҳаме гурз борид бар хӯду тарг,
Чу боди[3] хазон борад аз бед барг.

Ба як ҳафта ду лашкари номҷӯй
Ба рӯй андароварда з-ин гуна рӯй.[4]

Ба ҳаштум ҷаҳондор Ковусшоҳ
Зи сар баргирифт он каёнӣ кулоҳ.

Ба пеши ҷаҳондовари раҳнамой
Биёмад, ҳаме буд гирён ба пой.

В-аз он пас бимолид бар хок рӯй,
Чунин гуфт, к-эй довари ростгӯй.

---

Саворон чу киштӣ равон андар ӯ
Ба рӯй андароварда аз кина рӯ.

1. ИЛ – Давон.
2. ТПЗ– Фаровон сар афтода монанди гӯй,
Дилу синаҳо чоку хун буд ба ҷӯй.
3. ИЛ – моҳи.
4. ТПЗ– Сипаҳдор Рустам яли сафшикан
Або ҷонситон теғи душманфикан
Нишаста ба Рахш-андарун ҳамчу кӯҳ,
Дарафканда танҳо ба девон гурӯҳ,
Зи бора чу бигзордӣ теғи тез,
Зи девон баровард ӯ растахез.
Ба як захм даҳ сар фикандӣ зи дӯш,
Ба наъра бикандӣ дили шери рӯш.
Зи гурзаш дили осмон чок шуд,
Зи гардаш фалак рӯй пурхок шуд.
Хадангаш чу аз шаст кардӣ гузар,
Муғарбал шудӣ з-он дили шери нар.
Камандаш чу тан рост кардӣ ба ҳам,
Чу аждар кашидӣ ялонро ба дам.
Зи пову рикобаш ҷаҳон хира монд,
Зи теғаш замин дида дар хун нишонд.
Бад-ин гуна з-он лашкари номдор
Фаровон бияфканд дар корзор.

Бар ин наррадевони бетарсу бок,
Аё[1] офаринандаи обу хок,

Маро деҳ ту фирӯзиву фарраҳӣ,
Ба ман тоза кун тахти[2] шаҳаншаҳӣ!

Бипӯшид аз он пас ба миғфар сараш,
Биёмад бари номвар лашкараш.

Хурӯш омаду нолаи каррной,
Бичунбид чун кӯҳ лашкар[3] зи ҷой.

Сипаҳбад бифармуд, то Геву Тус
Зи пушти сипоҳ андаровард кӯс.

Чу Гударз бо Зангаи Шоварон,
Чу Руҳҳому Гургину ҷанговарон.

Гуроза биёмад ба сони гуроз,
Дурафше барафрохта ҳашт боз.[4]

Чу Фарҳоду Харроду Барзину Гев,
Сарафроз Баҳрому Густаҳми[5] нев.

Даманда бад-он размгоҳ омаданд,
Ба наввӣ ҳама кинахоҳ омаданд.[6]

Таҳамтан ба қалб андаромад нахуст,
Заминро ба[7] хуни далерон бишуст.[8]

Чу Гударзу Кашвод бар маймана,
Силеҳу сипаҳ[9] бурду кӯсу буна.

1. ИЛ – аз.
2. И – тоҷи.
3. ИЛ – пил Рустам.
4. Л – ёз.
5. Л – Бирафтанд бо номдорони.
6. Л – б. 880 нест.
7. Л – зи.
8. И – б. 877 – 881 нест.
9. ИЛ – сипар.

Аз он маймана то бад-он майсара
Бишуд Гев чун гург пеши бара.

Зи шабгир то тира гашт офтоб,
Ҳаме хун ба ҷӯй андаромад чу об.

Зи чеҳра бишуд шарму оину меҳр,
Ҳаме гурз борид гуфтӣ сипеҳр.

Зи кушта ба ҳар ҷой-бар[1] тӯда гашт.[2]
Гиёҳо ба мағзи сар олуда гашт.[3]

Чу раъди хурӯшанда шуд бӯқу[4] кӯс,
Хур андар паси пардаи обнӯс.

Аз он сӯ, ки буд шоҳи Мозандарон,
Бишуд пилтан бо сипоҳи гарон.

Замоне накард ӯ яла ҷои хеш,
Бияфшурд бар кинагаҳ пои хеш.

Худу деву пилони пархошҷӯй,
Ба рӯй андаровардa якбора рӯй.[5]

Кашиданд шамшеру гурз он сарон,
Баромехт бо ҳам сипоҳи гарон.

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Синондор найза ба доранда дод.

Бароҳехт гурзу баровард ҷӯш,
Ҳаво гашт з-овози ӯ пурхурӯш.[6]

1. Л – пур.
2. Л – буд.
3. Л – буд.
4. Л – хурӯшон шуда таблу.
5. ТПЗ– Сипаҳбад чунин гуфт бо сарварон,
Ки эй номдорони ҷанговарон.
Як имрӯз дар кор чустӣ кунед,
Ба мардонагӣ бас дурустӣ кунед.
6. ТПЗ– Ба шамшер аз он лашкари номдор
Табаҳ кард бисёр дар корзор.

Аз овози он гурди солоркуш
На бо дев ҷону на бо пил ҳуш.

Фиканда ҳама дашт хартуми пил,
Ҳама кушта диданд бар чанд мил.[1]

В-аз он пас Таҳамтан яке найза хост,
Сӯи шоҳи Мозандарон тохт[2] рост.

Чу тундар хурӯшон шуда ҳардувон,
Шаҳи ҷодувон, Рустами паҳлавон.

Чу бар найзаи Рустам афканд чашм,
Намонд эч бо ӯ далериву хашм.[3]

Дили Рустам аз кина омад ба ҷӯш,
Баровард чун шери шарза хурӯш.[4]

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Зи габр андаромад ба пайванди ӯй.

Шуд аз ҷодувӣ тан-ш як лахти кӯҳ,
Аз Эрон назора бар он-бар[5] гурӯҳ.

Таҳамтан фурӯ монд аз ӯ дар шигифт,
Синондор найза ба гардан гирифт.

---

1. ТПЗ– Аз он пас ҳаме номвар паҳлавон
Або номдорону кундоварон*
Баровехт бо шоҳи Мозандарон,
Ҳаме лашкараш хира гашт андар он.**
Биёмад равон назди он бадгумон,
Хурӯшид монанди пили дамон.
Бад-ӯ гуфт, к-Эй бадраги нобакор,
Ба майдони кина кунун пой дор!
Чу дид он сипаҳдор гурди сутург,
Хурӯшон биёмад чу дарранда гург.
Давон чун ба наздики Рустам расид,
Зи зинкӯҳа гурзи гарон баркашид.
* З – ба ҷои ин б. 896 омадааст, ки ба матн бештар алоқаманд менамояд. ** И – ҳамин б. ҳаст.
2. И – рафт.
3. И – б. 898 нест.
4. Л – 897 – 899 нест.
5. Л – бад-он буд.

Расид андар он ҷой Ковусшоҳ
Або пилу кӯсу дурафшу сипоҳ.

Ба Рустам чунин гуфт, к-эй сарфароз,[1]
Чӣ будат, ки эдар бимондӣ дароз?[2]

Чунин гуфт Рустам, ки чун разм сахт
Бибуду барафрӯхт пирӯзбахт.

Маро дид чун*[3] шоҳи Мозандарон,
Ба гардан баровcovered гурзи гарон,[4]*[5]

Ба Рахши диловар супурдам инон,
Задам бар камарбанди габраш синон.

Гумонам чунон буд, ки ӯ сарнагун
Кунун ояд аз кӯҳаи зин бурун.

Бар ин гуна шуд санг дар пеши ман,
Набуд огаҳ аз камму аз беши ман.[6]

Ба лашкаргаҳаш бурд хоҳам кунун,
Магар, к-ояд аз санги хоро бурун.

Бифармуд шаҳ, то аз он ҷойгаҳ
Барандаш ба наздикии пойгаҳ.[7]

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд зӯрманд,
Бисуданд санг, озмуданд чанд.[8]

Набархост аз ҷой санги гарон,
Миёна-дарун шоҳи Мозандарон.

---

1. И – Ковусшоҳ.
2. –-ба роҳ.
3. И – Ин.
4. ТПЗ – Инон тофт бар кин, баромад зи ҷой,
   Бад-он сон, ки парвоз гирад ҳумой.
5. М – даст- андарун обдода синон.
6. ТПЗИЛ– Чунин санги хоро яке кӯҳ гашт,
   Зи ганҷу зи мардӣ беандӯҳ гашт.
7. ИЛ – б. 911 нест.
8. Л – банд.

Гави пилтан кард чангол боз,
Бар он озмоиш набудаш ниёз.

Бар он гуна он сангро баргирифт,
К-аз ӯ монд лашкар саросар шигифт.

Пиёда ҳамерафт бар китф[1] кӯҳ,
Хурӯшон паси пушти ӯ-дар гурӯҳ.

Абар кирдгор офарин хонданд,
Ба Рустам зару гавҳар афшонданд.[2]

Ба пеши саропардаи шоҳ бурд,
Бияфканду эрониёнро супурд.

Бад-ӯ гуфт: Ар эдун, ки пайдо шавӣ,
Бигардӣ аз ин тунбалу ҷодувӣ.

В-агарна ба пӯлоди тезу[3] табар
Бибуррам ҳама сангро сар ба сар.

Чу бишнид,[4] шуд ҳамчу як пора абр,
Ба сар бар-ш пӯлоду дар тан-ш габр.

Таҳамтан гирифт он замон дасти ӯй,
Бихандиду зӣ шоҳ бинҳод рӯй.

Чунин гуфт, к-овардам ин лахти кӯҳ,
Зи бими табар шуд ба чангам сутӯҳ.

Бад-ӯ - дар нигаҳ кард Ковусшоҳ,
Надидаш сазовори тахту кулоҳ.

Яке зиштрӯ буду болодароз,
Сару гардану ашк ҳамчун гуроз.[5]

1. Л – суфт.
2. ИЛ – Бар ӯ зарру гавҳар барафшонданд.
3. И – пӯлодтеғу; Л – пӯлод теғу.
4. Л – бишнида.
5. ИЛ – б. 925 нест.

В-аз он ранҷҳои куҳан ёд кард,
Дилаш хаста буд, лаб пур аз боди сард.

Ба дижхим фармуд, то теғи тез
Бигирад, танашро кунад рез-рез.

Таҳамтан гирифт он гаҳе риши ӯ,
Кашиду бурун бурдаш аз пеши ӯ.

Ба фармони он хусрави номдор
Бикарданд аз он пас варо пора-пор.[1]

Ба лашкаргаҳаш кас фиристод зуд,
Бифармуд, то хоста ҳар чи буд

Зи ганҷу зи тахту зи тоҷу[2] камар,
Зи аспу силеҳу зи теғу гуҳар,

Ниҳоданд ҳар ҷой чун кӯҳ-кӯҳ,
Бирафтанд лашкар ҳама ҳамгурӯҳ.

Сазовори ҳар кас бубахшид ганҷ,
Бавижа[3] касе к-аш фузун буд ранҷ.

Зи девон ҳар он кас,[4] ки буд носипос,
В-аз эшон дили анҷуман пурҳарос,

Бифармудашон, то буриданд сар,
Фиканданд ҷое, ки буд раҳгузар.

Аз он пас биёмад ба ҷои намоз,
Ҳаме гуфт бо довари пок роз,

Ки, эй додгар, довари корсоз,
Ту кардӣ маро дар ҷаҳон бениёз.[5]

1. ТПЗ– Чу шуд кушта он шоҳи бедодгар,
Ки дархур набудаш кулоҳу камар.
2. Л – кулоҳу.
3. Л – Хусусан.
4. ИЛ – ҳар он кас.
5. И – б. 937 нест.

Ту додӣ маро даст бар ҷодувон,
Сари бахти пирам ту кардӣ ҷавон.[1]

Ба як ҳафта бар пеши Яздони пок
Ҳаме бо ниёиш бипаймуд хок.

Ба ҳаштум дари ганҷҳо кард боз,
Бубахшид, бар ҳар кӣ будаш ниёз.

Ҳаме гашт як ҳафта з-ин гуна низ,
Бубахшид, бар ҳар кӣ боист чиз.[2]

Севум[3] ҳафта чун корҳо гашт рост,
Маю ҷоми ёқуту беҷода хост.

Ба як ҳафта бо ҷоми май буд ба даст,[4]
Ба Мозандарон кард ҷои нишаст.[5]

Чу Ковус биншаст бар тахт боз,
Чунин гуфт бо Рустами сарфароз

Ки, эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,
Ба мардӣ намудӣ ба ҳар ҷо ҳунар.

Зи ту ёфтам ман кунун тахти хеш,
Ба ту бод равшан дилу дину кеш.[6]

Таҳамтан чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки ҳар гунае мардум[7] ояд ба кор.

Маро ин ҳунарҳо зи Авлод хост,
Ки ҳар сӯ маро роҳ бинмуд рост.

1. Л – б. 937, 938 нест.
2. ИЛ – б. 914 нест.
3. И – Сари.
4. Л – ба чанг; И – пур ба чанг.
5. ИЛ – аз ин пас даранг.
6. ИЛ – б. 944-946 нест.
7. Л – гуна мард андар.

Ба Мозандарон дорад акнун умед,
Чунин додамаш ростиро навид.[1]

Кунун хилъати шоҳ бояд нахуст,
Яке аҳду мӯҳре бар -ӯ бар дуруст,

Ки ӯ шоҳ бошад ба Мозандарон,
Парастиш кунандаш ҳама меҳтарон.[2]

Чу бишнид гуфтори хусравпараст,
Ба барзад ҷаҳондори бедор даст.

Зи Мозандарон меҳтаронро бихонд,
Зи Авлод чанде суханҳо биронд.[3]

Супурд он гаҳе тоҷи[4] шоҳӣ бад-ӯй,
В-аз он ҷо сӯи Порс бинҳод рӯй.

## БОЗ ОМАДАНИ КОВУС БА ЭРОНЗАМИН ВА ГУСЕЛ КАРДАН РУСТАМРО БА НИМРӮЗ

Чу Ковус дар шаҳри Эрон расид,
Зи гарди сипаҳ шуд ҷаҳон[5] нопадид.

Баромад ҳаме то ба хуршед ҷӯш,
Зану мард шуд пеши ӯ бо хурӯш.

Ҳама шаҳри Эрон биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ҷаҳон сар ба сар нав шуд аз шоҳи нав,
Зи Эрон баромад яке моҳи нав.

---

1. ТПЗ– Сазад, гар шаҳаншоҳи кеҳтарнавоз
Дар ин анҷуман созадаш сарфароз.
2. ТПЗ– Яке чокари нек бошад туро,
Фиристад туро боҷ андархуро.
3. ТПЗ– Чунин гуфт, к-аз рои ӯ нагзаред,
Мабодо, ки аз карда кайфар баред.
Яке вижа хилъат бад-ӯ доду гуфт,
Ки пайваста некӣ кунад дар нуҳуфт.
4. И – тахти.
5. ИЛ – ҳаво.

Чу бар тахт биншаст пирӯзу шод,
Дари ганҷҳои куҳан баркушод.

Зи ҳар ҷой рӯзидиҳонро бихонд,
Ба девони динор[1] додан нишонд.

Баромад хурӯш аз дари пилтан,
Бузургони лашкар шуданд анҷуман.

Ҳама шодмон назди шоҳ омаданд,
Бад-он номвар тахтгоҳ[2] омаданд.

Таҳамтан биёмад ба сар-бар кулоҳ,
Нишаст аз бари тахт наздики шоҳ.[3]

Ҳаме хост дастурӣ аз тоҷвар,
Ки то боз гардад сӯи Золи Зар.[4]

Сазовори ӯ шаҳрёри замин
Яке хилъат ором боофарин.

Яке тахти пирӯзаи мешсор,
Яке хусравӣ тоҷи гавҳарнигор.

Яке даст зарбафти[5] шаҳаншаҳӣ,
Або[6] ёраву тавқ, бо фарраҳӣ.

Сад аз моҳрӯён ба заррин камар,
Сад аз мушкмӯёни бозебу фар.

Сад аспи гаронмоя[7] зарринситом,[8]
Сад астар сияҳмӯю зарринлагом.

1. И – девон ба динор.
2. Л – Бар он номвар тахту гоҳ.
3. Л – тахти пирӯзшоҳ.
4. ИЛ – б. 964 нест.
5. И – дебазарбафти.
6. ИЛ – Яке.
7. Л – аспони тозӣ.
8. ИМ –аспон ба заррину симинситом.

970 Ҳама борашон дебаи хусравӣ
Зи румиву чиниву аз паҳлавӣ.

Бибурданд динор сад бадра низ
Зи рангу зи бӯю зи ҳар гуна чиз.

Зи ёқут ҷоме пур аз мушки ноб,
Зи пирӯза дигар яке пургулоб.

Набишта яке номае бар ҳарир,
Зи мушку маю уду анбар, абир.

Супурдаш ба солори гетифурӯз
Ба наввӣ ҳама кишвари Нимрӯз.

975 Чунон к-аз паси аҳди Ковусшоҳ
Набошад бар он тахт кас бо[1] кулоҳ.

В-аз он пас бар ӯ офарин кард шоҳ,
Ки бе ту мабинод кас ҳуру моҳ.

Дили номдорон ба ту гарм бод,
Равонат пур аз шарму озарм бод.

Фурӯ ҷаст Рустам, бибӯсид тахт,
Басечи гузар карду барбаст рахт.[2]

Хурӯши табира баромад зи шаҳр,
Зи шодӣ ба ҳар кас расонид баҳр.

980 Бибастанд озину бонги дарой,
Биғуррид кӯсу ҳам ин[3] каррной.

Бишуд Рустами Золу бишнаст шоҳ,
Ҷаҳон кард равшан ба оину роҳ.

Заминро бубахшид бар меҳтарон,
Чу боз омад аз шаҳри Мозандарон.

1. Л – касро.
2. З– Баромад ҳаёҳуи бонги дарой,
Ғави кӯс бо нолаи каррной.
3. Л – дигар.

Бидодаш ба Тус он гаҳ испаҳбадӣ,
Бад-ӯ гуфт, аз Эрон бигардон бадӣ.

Пас он гаҳ Сипоҳон ба Гударз дод,
Варо гоҳу фармони он марз дод.

В-аз он пас ба шодиву май даст бурд,
Ҷаҳонро намуд ӯ басе дастбурд.[1]

Бизад гардани ғам ба шамшери дод,
Наёмад ҳаме бар дил аз марг ёд.

Замин гашт пурсабзаву обу нам,
Шуд ороста ҳамчу боғи Ирам.

Тавонгар шуд аз доду аз эманӣ,
Зи бад баста шуд дасти аҳриманӣ.[2]

Бимонданд яксар бад-ин дар[3] шигифт,
Ки Ковусшоҳ он[4] бузургӣ гирифт.

Ҳама пок бо ҳадяву бо нисор,
Кашиданд саф бар дари шаҳрёр.

Ҷаҳон чун биҳиште шуд ороста,
Пур аз доду оганда аз хоста.

Шунидӣ ҳама ҷанги Мозандарон,
Кунун гӯш кун размӣ Ҳомоварон.[5]

---

1. Л – б. 982-985 нест.
2. ТПЗ– Ба рӯзу ба шаб бору барги дарахт,
   Ҳаме офарин хонд бар тоҷу тахт.
   Ба ҳар соате сад ҳазор офарин
   Бар он шоҳ бод аз ҷаҳонофарин,
   Ки обод дорад ҷаҳонро ба дод,
   Або дод бахшиш кунад низ ёд.
   Ба гетӣ хабар шуд, ки Ковусшоҳ
   Зи Мозандарон бистад он тоҷу гоҳ
3. Л – ҳама з-он; И – ҳаме з-ин.
4. Л – Ковус гоҳи.
5. ИЛ – Б. 993 нест.

# КОРИ КАЙКОВУС БА ШАҲРИ БАРБАРИСТОН ВА ДИГАР ДОСТОНҲО

## РАЗМ КАРДАНИ КОВУС БО ШОҲИ ҲОМОВАРОН

Зи мӯбад бад-ин гуна дорем ёд,
Ҳам аз гуфти он пири деҳқоннажод,[1]

К-аз он пас чунон кард Ковус рой,
Ки дар подшоҳӣ биҷунбад зи ҷой.

Аз Эрон бишуд то ба Турону Чин,
Гузар кард аз он пас ба Мукронзамин.

Зи Мукрон шуд ороста то зиреҳ,*[2]
Миёнҳо надиданд банду гиреҳ.*[3]

Бипазруфт ҳар меҳтаре божу сов,
Накард озмун гов бо шер тов.

Чунон ҳам гурозон ба Барбар шуданд,
Ҷаҳонҷӯй бо тоҷу афсар шуданд.

Шаҳи Барбаристон биёрост ҷанг,
Замона дигаргунатар шуд ба ранг.*[4]

Сипоҳе биёмад зи Барбар ба разм,
Ки аз лашкари шоҳ бархост базм.

Кас аз хок дасту инонро надид,
Зи гарди сипаҳ пил шуд нопадид.

Ба захм- андар омад ҳаме фавҷ-фавҷ,
Бар он сон, ки бархезад аз об мавҷ.

Чу Гударз гетӣ бар он гуна дид,
Зи кӯҳа амуди гарон баркашид.[5]

---

1. ИЛ – б. 1 нест.
2. М – чун арӯс.
3. М – Баромад дами ной бо бӯқу кӯс.
4. М–К-аз анбӯҳи эшон ҷаҳон гашт танг.
5. ТПЗ– Чу Тусу Фарибурзу Густаҳми шер,
   Чу Харроду Гургину Геви далер.

Бизад асп бо номдорон ҳазор
Або найзаву тири ҷавшангузор.

Баровехту бидрид қалби сипоҳ,
Дамон аз паси ӯ ҳаме рафт шоҳ.[1]

Ту гуфтӣ ба Барбар саворе намонд,
Ба гирд- андарун найзадоре намонд.

Ба шаҳр- андарун ҳар кӣ буд, солх(в)ард,
Чу баргашта диданд боди набард,

Ҳама пеши Ковусшоҳ омаданд,
Ҷигархаставу узрхоҳ омаданд,

Ки мо шоҳро чокару бандаем,
Ҳамон божро гардан афкандаем.

---

Чу бо маймана майсара гашт рост,
Хурӯш аз саворони ҷангӣ бихост.
Зи ҳарду сипаҳ бар фалак шуд хурӯш,
Замин ҳамчу дарё баромад ба ҷӯш.
Зи бас гурзу борони алмоси тир,
Зи тоби саворони бодоругир.
Ту гуфтӣ ҷаҳон коми нараждаҳост,
Зи гурдон равон бар замона балост.
Зи гарди саворон ҳаво баст меғ,
Дами кӯс тундар буду барқ теғ.
Будаш тир борону ханҷар тагарг,
Равон гашта аз барфу борон-ш марг.
Сипаҳдор Гударзи лашкаршикан
Ба даст- андарун теғи душманфикан
Хурӯшону ҷӯшон чу пили дамон
Яке ҳамла овард бар бадгумон.
Зи бозу чу бигзордӣ теғи тез,
Баровардӣ аз барбарӣ растахез.
Зи сӯи дигар Геви пархошхар
Зи бозу намудӣ ба гурдон ҳунар.
Ба як захм даҳ сар фигандӣ нагун
Замин карда аз теғ дарёи хун.
Чу Тус ончунон дид аз қалбгоҳ,
Биҷунбиду омад ба оваргоҳ.
1. ТПЗ– Зи гурдони Эрону Ковусшоҳ
Ҳазимат намуданд дигар сипоҳ.

Ба ҷои дирам зарру гавҳар диҳем,
Сипосе зи ганҷур бар сар ниҳем.

Бубахшуд Ковусу бинвохт-шон,
Яке роҳу оини нав сохт-шон.

В-аз он ҷойгаҳ бонги санҷу дарой,
Хурӯш омаду нолаи каррной.[1]

Чу омад-ш аз шаҳри Барбар гузар,
Сӯи кӯҳи Қоф омаду Бохтар.

Чу огоҳӣ омад бад-эшон зи шоҳ,
Ниёишкунон баргирифтанд роҳ.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Ба сар барниҳоданд божи[2] гарон.

Чу фармон гузиданду ҷустанд роҳ,
Беозор баргашт шоҳу сипоҳ.

Сипаҳро сӯи Зобулистон кашид,
Ба меҳмонии пури Дастон кашид.

Бибуд шоҳ як моҳ дар Нимрӯз,
Гаҳе руду май хост,гаҳ бозу юз.

Бар ин бар наёмад басе рӯзгор,
Ки бар гӯшаи гулситон раст хор.

Кас аз озмоиш наёбад ҷавоз,
Нишеб оядаш, чун шавад бар фароз.

Чу шуд кори гетӣ бад-ин ростӣ,
Падид омад аз тозиён костӣ.

Яке бо гуҳар буду бо ганҷу ком,
Дурафше барафрохт[3] аз Мисру Шом.

1. ТПЗ– Битӯфид гетӣ, чу лашкар биронд,
Ба рӯз - андарун рӯшноӣ намонд.
2. ИЛ – бори.
3. ИЛ – барафрошт.

Зи Ковуси кай рӯй бардоштанд,[1]
Дари кеҳтарӣ хор бугзоштанд.

Чу омад ба шоҳи ҷаҳон огаҳӣ,
Ки анбоз дорад ба шоҳаншаҳӣ,

Бизад кӯсу бардошт аз Нимрӯз,
Шуда шоддил шоҳи гетифурӯз.[2]

Сипаҳ бар сипарҳо набиштанд ном,
Бичӯшид шамшерҳо дар ниём.[3]

Сипаҳро зи ҳомун ба дарё кашид,
Бад-он сон*[4] куҷо душман ӯро надид.

Беандоза киштиву заврақ бисохт,
Биёрост лашкар, бад-ӯ дарнишохт.

Ҳамоно, ки фарсанг будӣ ҳазор,
Агар пойро роҳ[5] кардӣ шумор.

Ҳаме ронд, то дар миёни се шаҳр
Зи гетӣ бар ин гуна ҷӯянда баҳр.

Ба дасти чапаш Мисру Барбар ба рост,
Зи раҳ бар миёна бар он сӯ, ки хост.

Ба пеш- андарун шаҳри[6] Ҳомоварон,
Ба ҳар кишваре дар[7] сипоҳи гарон.

---

1. Л – баргаштанд.
2. ТПЗ– Ҷаҳонпаҳлавонро наёвард пеш,
   Бимондаш бад-он шаҳру маъвои хеш,
   Сарону гузинони* Эронзамин,
   Ҳама бурдашон аз паи разму кин.

   * З – саворону гурдони
3. ТПЗ– Замин гашт ҷунбон чу киштӣ бар об,
   Зи гарди сипаҳ тира шуд офтоб.
4. М – сӯ.
5. И – роҳро пой.
6. ИЛ – шоҳи.
7. И – бо.

Хабар шуд бад-эшон, ки Ковусшоҳ
Баромад зи оби Зиреҳ бо сипоҳ.

Ҳамовоз гаштанд бо якдигар,
Сипаҳро сӯи Барбар омад гузар.

Сипаҳ буд чандон яли тeғзан,
Ба Барбарситон- бар шуданд анҷуман.

Сипоҳе, ки дарёву саҳрову кӯҳ
Шуд аз наъли аспони эшон сутӯҳ.

Набуд шери даррандаро ҷойгоҳ,
На гӯри*[1] жиён ёфт бар дашт роҳ.[2]

Паланг аз бари сангу моҳӣ дар об,
Ҳам андар ҳаво абру паррон уқоб,[3]

Ҳаме роҳ ҷустанду кай буд роҳ
Даду домро бар чунон ҷойгоҳ?!

Чу Ковус лашкар ба хушкӣ кашид,
Кас андар ҷаҳон кӯҳу ҳомун надид.

Ҷаҳон гуфтӣ аз диръу аз ҷавшан аст,
Ситора зи нӯки синон равшан аст.

Зи бас хӯди заррину зарринсипар
Ба гардан баровардa рахшон табар.

Ту гуфтӣ замин гашт зарри равон,
Ҳаме борад аз теғи ҳиндӣ равон.

Зи гардаш ҳаво гашта чун сандарус,
Замин сар ба сар тира чун обнус.

Бидаррид кӯҳ аз дами говдам,
Замин омад аз сумми аспон ба ҳам.

1. М – пили.
2. М-Фин б. нест.
3. Л – б. 46 нест.

Зи бонги табира ба Барбарситон,
Ту гуфтӣ замин гашт лашкарситон.[1]

Баромад зи эронсипаҳ[2] бӯқу кӯс,
Бурун рафт Баҳрому Гургину Тӯс.

В-аз он сӯ, ки Гударзи Кашвод буд,
Чу Геву чу Шедӯшу Фарҳод[3] буд,

Фиканданд бар ёли аспон инон,
Ба заҳр об доданд нӯки синон.

Чу бар кӯҳаи зин ниҳоданд сар,
Хурӯш омаду чок-чоки табар.

Ту гуфтӣ, ҳаме сангу оҳан кананд,
В-агар осмон бар замин барзананд.

Бичунбид Ковус дар[4] қалбгоҳ,
Сипоҳ андаромад ба пеши сипоҳ.

Чунон шуд, ки торик шуд чашми мард,
Биборид шангарф бар лоҷвард.

Ту гуфтӣ, ҳаво жола борад ҳаме,
Ба санг-андарун лола корад ҳаме.

Зи чашми синон оташ омад бурун,
Замин шуд ба кирдори дарёи хун.

Се лашкар чунон шуд аз эрониён,
Ки сар боз нашнохтанд аз миён.[5]

---

1. ТПЗ – Ду лашкар чу бар ҳам расиданд танг,
Дил аз кина огандаву сар зи ҷанг.
Зи ҳар ду тараф баркашиданд саф
Ба каф ханҷару бар лаб оварда каф.
2. ИЛ – Эрон ғави.
3. И – Харрод.
4. Л – аз.
5. ТПЗ– Яке наъра зад Геву гуфт, эй сарон,
Бикӯшед дар разми бадгавҳарон.
Раво нест баргаштан аз корзор,
Агар ҷон супорем дар кор зор.

Нахустин сипаҳдори Ҳомоварон
Бияфканд шамшеру гурзи гарон.[1]

Ғамин[2] гашту аз шоҳ зинҳор хост,
Бидонист, к-он рӯз рӯзи[3] балост.

Ба паймон, ки аз шаҳри Ҳомоварон
Сипаҳбад диҳад сову божи гарон.

Зи аспу силеҳу зи тахту кулоҳ,
Фаровон фиристад ба[4] Ковусшоҳ.

Чу ин дода бошад, аз ӯ бигзарад,
Сипоҳаш бару буми ӯ наспарад.[5]

---

Зи гурдони эронсипаҳ ҳар кӣ буд,
Барангехтанд асп монанди дуд.
Яке аждаҳо гашту дигар паланг,
Яке пили номӣ, яке шерчанг.
Ниҳоданд бар душманон теғи кин,
Басо сар, ки афканда шуд бар замин,
Баромад хурӯши диҳу дору гир,
Чу борон биборид ҷӯпину тир.
Зи бас найзаву теғи заҳробдор
Ҳаме тира буд чашми ханҷаргузор.
Бипайваст гарде чу абри сиёҳ,
Ки торик шуд рӯи хуршеду моҳ,
Ҳаво гашт аз найза чун бешае,
Дили ҳар саворе дар андешае.
Зи бас хун, ки шуд рехта бар замин,
Яке лолазоре шуд он дашти кин.
Зи пайкони алмосу парри уқоб
Натобид рахшон рухи офтоб.
Фалакро зи гарди саворон нисор,
Гирифта ҳаво каргаси гӯштхор.
Зи бас дасти бепою бепой даст
Ту гуфтӣ, к-аз он размгаҳ кас нараст.
Зи кушта ба ҳар ҷой-бар тӯда буд,
Ба хун дашт яксар биёлуда буд,
Шикаста шуданд он се шоҳу сипоҳ,
Ҳама як ба як гашта зинҳорхоҳ.

1. И – б. 63 –65 нест.
2. ИЛМ – Ғамӣ.
3. Л – рӯзгори.
4. ИЛМ – Фиристад ба наздики.
5. ТПЗ– Ҳамедун шаҳи Барбару Мисру Шом
Бад-ин гуна доданд ҳар ду паём.

Зи гӯянда бишнид Ковуси кай,
Бар ин гуфтаҳо посух афканд пай,

Ки як сар шумо дар паноҳи манед,
На ҷӯяндаи тоҷу гоҳи манед.

Ба пардасарой омадаш бо сипоҳ
Або шодиву ком Ковусшоҳ.

Фиристода омад зи Ҳомоварон,
Биёвард ганҷу силеҳи гарон.

Забарҷад биёвард ганҷу гуҳар,
Чунин гуфт, эй меҳтари додгар,

Ҳама чокару хоки пои туем,
Агар меҳтаронем, агар кеҳтарем.

Ҳамасола пирӯз бодиву шод!
Сару бахти душман нагунсор бод!

Чу он гуфта шуд, хокро дод бӯс,
Биёмад ба пеши сипаҳдор Тус.

Басе зарру гавҳар биёвард пеш,
Бибахшид бар ҳар касе камму беш.[1]

## БА ЗАНӢ ХОСТАНИ КОВУС СУДОБА – ДУХТАРИ ШОҲИ ҲОМОВАРОНРО

В-аз он пас ба Ковус гӯянда гуфт,
Ки ӯ духтаре дорад андар нуҳуфт,

Ки аз сарв болош зеботар аст,
Зи мушки сияҳ бар сараш афсар аст.

Ба боло баланду ба гесӯ каманд,
Забонаш чу ханҷар, лабонаш чу қанд.[2]

1. ИЛ – б. 72–78 нест.
2. ТПЗ – Фурӯ ҳишта гесӯ зи сар бар замин,
Зи Эзад бар он моҳ бод офарин!

Биҳиштест ороста пурнигор,
Чу хуршеди тобон ба хуррамбаҳор.

Нашояд, ки бошад чуз ӯ ҷуфти шоҳ,
Чӣ неку бувад шоҳро ҷуфт моҳ.

Биҷунбид Ковусро дил зи ҷой,
Чунин дод посух, ки нек аст[1] рой.

Ман ӯро кунам аз падар хостор,
Ки зебад ба мушкӯи мо он нигор.[2]

Гузин кард шоҳ аз миёни гурӯҳ
Яке марди бедори донишпижӯҳ.

Гаронмояаш наслу мағзаш гарон,
Бифармуд, то шуд ба Ҳомоварон.

Чунин гуфт, к-ӯро ба ман тоза кун,
Биёрой мағзаш ба ширин сухун.

Бигӯяш, ки пайванди ман дар ҷаҳон
Биҷӯянд корозмуда меҳон,

Ки[3] хуршед равшан зи тоҷи ман аст,
Замин пояи тахти оҷи ман аст.

Ҳар он кас, ки дар сояи ман паноҳ
Наёбад, аз ӯ кам шавад пойгоҳ.

Кунун бо ту пайванд ҷӯям ҳаме,
Рухи оштиро бишӯям ҳаме.

Паси пардаи ту яке духтар аст,
Шунидам, ки тахти маро дар(х)ар аст,

Ки покизачеҳр асту покизатан,
Ситуда ба ҳар шаҳру ҳар анҷуман.

1. Л – ин аст.
2. ИЛ – б. 85 нест.
3. ИЛМ – Чу.

Ту домод ёбӣ чу пури Қубод,
Чунон дон, ки хуршед доди ту дод.

Бишуд марди бедори чиразабон
Ба наздики солори Ҳомоварон.

Забон кард гӯёву дил кард гарм,
Биёрост лабро ба гуфтори нарм.

Зи Ковус додаш дуруду салом,
В-аз он пас бигуфт, он чи буд аз паём.

Чу бишнид солори Ҳомоварон,
Дилаш гашт пурдарду сар шуд гарон.

Ба дил[1] гуфт ҳарчанд, к-ӯ подшост,
Ҷаҳондору пирӯзу фармонравост,

Маро дар ҷаҳон ин яке духтар аст,
Ки[2] аз ҷони ширин гиромитар аст.

Фиристодаро гар кунам сарду хор,
Надорам паю мояи корзор.[3]

Ҳамон беҳ, ки ин дардро низ чашм
Бихобем бар дил, бипӯшем хашм.[4]

Чунин гуфт бо марди ширинсухун,
Ки сар нест ин орзуро, на бун.

Ҳаме хоҳад аз ман гиромӣ ду чиз,
Ки онро се дигар надонем низ.

Маро пуштгармӣ буд аз хоста,
Ба фарзанд будам дил ороста.

---

1. ИЛ – Ҳаме.
2. ИЛ – К-ам.
3. ТПЗ– В-агар нури дида фиристам бад-ӯй,
Або дида тира шавад пеши рӯй.
4. ТПЗ– Аз он пас, ки бисёр андеша кард,
Хирадмандию ройро пеша кард.

Ба ман з-ин сипас дил намонад ҳаме,
В-агар шоҳи Эрон ситонад ҳаме,

Супорам ҳаме[1] ҳарчӣ бояд, бад-ӯй,
Натобам сар аз рою фармони ӯй.

Ғамин[2] гашту Судобаро пеш хонд,
Зи Ковус чанде суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-аз меҳтари сарфароз,
Ки ҳаст аз меҳиву беҳӣ бениёз,

Фиристодае чарбгӯй омадаст,
Яке нома бо достонҳо ба даст.

Ҳаме хонад[3] аз ман, ки бе коми ман
Бибуррад зи дил хобу ороми ман.

Чӣ гӯӣ ту акнун, ҳавои ту чист?
Бад-ин кор бедор[4] рои ту чист?

Бад-ӯ гуфт Судоба: Гар чора нест,
Аз ӯ беҳтар имрӯз ғамхора нест.

Касе к-ӯ бувад шаҳрёри ҷаҳон,
Бару бум хоҳад ҳаме аз меҳон.

Бипайванд бо ӯ, чароӣ дижам?!
Касе наспарад шодмонӣ ба ғам.

Бидонист солори Ҳомоварон,
Ки Судобаро он наёмад гарон.[5]

---

1. ИЛ – варо.
2. ИЛ – Ғамӣ.
3. ИЛМ – хоҳад.
4. ИЛ – кори якбора.
5. ТПЗ– Яке достон барзад он шаҳрёр
Зи кори худу гардиши рӯзгор.
Киро дар паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад.

Фиристодаи шоҳро пеш хонд,
В-аз он номдорон-ш боло[1] нишонд.

Бубастанд аҳде бар оини хеш,
Бад-он сон, ки буд он замон дину[2] кеш.

Ба як ҳафта солори Ҳомоварон
Ҳаме сохт он кор бо меҳтарон.

Биёвард пас хусрави хастадил
Парастанда сесад, иморӣ чиҳил.

Ҳазор уштуру аспу астар ҳазор.
Зи дебову динор карданд бор.

Зи ҳавдаҷ фурӯ ҳишта дебо ҷулайл,
Сипоҳ истода рада хайл-хайл.

Аморӣ ба моҳи нав ороста,
Паси пушти ӯ - андарун хоста.

Яке лашкар ороста чун биҳишт,
Ту гуфтӣ, ҳаво бар замин[3] лола кишт.

Чу омад ба наздики Ковусшоҳ,
Дилорою он хубчеҳра сипоҳ,

Зи ҳавдаҷ баромад яке моҳи нав
Чу ороста шоҳ бар гоҳи нав.

Зи мушки сияҳ карда бар гул нигор,
Фурӯ ҳишта бар ғолия гӯшвор.

Ду ёқут рахшон, ду наргис дижам,
Сутуни ду абрӯ чу симин қалам.[4]

Нигаҳ кард Ковусу хира бимонд,
Ба Судоба-бар номи Яздон бихонд.

1. ИЛ – бартар.
2. Л – расму.
3. ИЛМ – рӯи ҳаво.
4. ТПЗ – Ду абрӯ ба монанди чочикамон,
К-аз ӯ хаста гаштӣ дили мардумон.

Яке анҷуман сохт бо бихрадон,
Зи бедордил, пирсар мӯбадон.

Сазо дид Судобаро ҷуфти хеш,
Аз ӯ ком бистад ба оину кеш.

В-аз он пас бад-ӯ гуфт: Чун дидамат,
Ба мушкӯи заррин писандидамат.[1]

## ГИРИФТАНИ ШОҲИ ҲОМОВАРОН КОВУСРО

Ғамин буд ба дил[2] шоҳи Ҳомоварон,
Зи ҳар гунае чора ҷуст андар он.

Чу як ҳафта бугзашт, ҳаштум пагоҳ
Фиристода омад ба наздики шоҳ,

Ки гар шоҳ бинад ба меҳмони ман,
Биёяд хиромон сӯи хони ман.

Шавад шаҳри Ҳомоварон арҷманд,
Чу бинанд рухсори шоҳи баланд.

Бар он гуна бо ӯ ҳаме чора ҷуст,
Ниҳониш бад буду рояш дуруст.

Магар шаҳру духтар бимонад бад-ӯй,
Набошад магар бар сараш божи ӯй.

Бидонист Судоба рои падар,
Ки бо сур пархош дорад ба сар.[3]

Ба Ковуси кай гуфт,[4]*[5] к-ин рой нест,
Туро худ ба меҳмони ӯ ҷой нест.

Набояд ки бо сур ҷанг оварад,
Туро бебаҳона ба ҷанг оварад.

---

1. Л – б. 133 нест.
2. Л – Ғамӣ шуд дили.
3. ИЛ – б. 140 нест.
4. Л – Пас он гаҳ чунин гуфт; И – Ба шаҳ гуфт Судоба.
5. М – Пас он гаҳ ба шаҳ.

Зи баҳри ман аст ин ҳама гуфтугӯй,
Туро з-ин наёяд ҷуз андуҳ ба рӯй.

Зи Судоба гуфтор бовар накард,
Намедошт э-эшон касеро ба мард.

Бишуд бо далерону кундоварон
Ба меҳмонии шоҳи Ҳомаварон.

Яке шаҳр буд шоҳро, Шоҳа ном,
Ҳамон аз дари суру ҷашну хиром.

Бад-он шаҳр будиш ҷои[1] нишаст,
Ҳама шаҳр сар то сар озин бубаст.

Чу дар Шоҳа шуд шоҳи гарданфароз,
Ҳама шаҳр бурданд пешаш намоз.

Ҳаме[2] гавҳару заъфарон рехтанд,
Ба мушку ба[3] анбар баромехтанд.

Ба шаҳр-андар овози руду суруд
Ба ҳам баркашиданд чун тору пуд.

Чу дидаш сипаҳдори Ҳомоварон,
Пиёда шудаш пеш бо меҳтарон.

Аз айвони солор то пеши дар
Ҳама дурру ёқут бориду зар.

Ба заррин табақҳо фурӯ рехтанд,
Ба сар мушку анбар ҳаме бехтанд.

Ба кох-андарун тахти заррин ниҳод,
Нишаст аз бари тахт Ковус шод.

Ҳаме буд як ҳафта бо май ба даст,
Хушу хуррам омад-ш ҷои нашаст.

1. Л – будаш сарою; ИМ – будаш сарои.
2. ИЛ – Бар ӯ.
3. ИЛ – Ба динору.

Шабу рӯз дар пеш чун кеҳтарон
Миён баста буд шоҳи Ҳомоварон.

Бубаста ҳама лашкарашро миён,
Парастанда дар пеши эрониён.

Бад-ин гуна то яксар эмин шуданд
Зи чуну чарову зи биму газанд.

Сари ҳафта[1] буданд ороста,
Сиголида в-аз ҷой бархоста.

Зи Барбар ҳама лашкар огаҳ шуданд,
Сиголиш чунин буд, дар раҳ шуданд.

Зи Барбарситон чун биёмад сипоҳ,
Ба Ҳомоварон шоддил гашт шоҳ.

Шабе бонги бӯқ омаду тохтан,
Касеро набуд орзу сохтан.[2]

Гирифтанд ногоҳ Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Ҳама номдорону кундоварон

Гирифтанду бастанд дар банд сахт,
Нагунсор гашта ҳама фарру тахт.[3]

Чӣ гӯяд дар ин мардуми жарфбин?
Чӣ донӣ, ту эй кордон, андар ин?

Чу пайвастаи хун набошад касе,
Набояд бар ӯ будан эмин басе.

Бувад низ пайваста хунӣ, ки меҳр
Бибуррад зи ту, то бигардад-ш чеҳр.[4]

1. ИЛ – ҳама гуфта.
2. И – хостан.
3. ИЛ – б. 165 нест.
4. ТПЗИ– Зи нодӯстӣ роз пайдо кунад,
Ҳамон к-ӯ дурӯғ аст, расво кунад.

Чу меҳри касеро бихоҳӣ ба суд,
Бибояд ба суду зиён озмуд.[1]

Бувад, к-ӯ ба ҷоҳ аз ту камтар бувад,
Ҳам аз рашки меҳри ту лоғар бувад.

Чунин аст кайҳони нопокрой,
Ба ҳар бод хира биҷунбад зи ҷой.

Чу Ковус бар хирагӣ баста шуд,
Ба Ҳомоварон рой пайваста шуд.

Яке кӯҳ будаш, сар андар саҳоб,
Баровардаи Эзад[2] аз қаъри об.

Яке диж баровардa дар[3] кӯҳсор,
Ту гуфтӣ, сипеҳр асташ андар канор.

Бад-он диж фиристод Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро.

Ҳама меҳтарони дигарро ба банд
Або шоҳ Ковус дар диж фиканд.

Зи гурдон нигаҳбони диж шуд ҳазор,
Ҳама номдорони ханҷаргузор.

Саропардаи ӯ ба тороҷ дод,
Ба пурмоягон бадраву тоҷ дод.

Бирафтанд пӯшидарӯён ду хайл,
Иморӣ яке дар миёни ҷулайл,

Ки Судобаро боз ҷой оваранд,
Саропардаро зери пой оваранд.

Чу Судоба пӯшидагонро[4] бидид,
Ба тан ҷомаи хусравӣ бардарид.

---

1. Л – б. 169 нест.
2. Л – Бароварда то чарх.
3. ИЛ – аз.
4. И –пӯшидарӯён.

Ба мушкин каманд андарафканд чанг,
Ба фундуқ гулонро ба хун дод ранг.

Бад-эшон чунин гуфт, к-ин банду дард
Ситуда надонанд мардони мард.

Чаро рӯзи ҷангаш накардед банд,
Ки ҷома зиреҳ буду тахташ саманд?

Сипаҳдор чун Геву Гударзу Тус
Бидаррид дилтон зи овози кӯс.

Ҳаме тахти заррин камингаҳ кунед,
Зи пайвастагӣ даст кӯтаҳ кунед.

Парастандагонро сагон кард ном,
Суман пур зи хуну пуровоз ком.

Ҷудоӣ нахоҳам зи Ковус- гуфт,
Агарчи варо хок бошад[1] нуҳуфт.

Чу Ковусро банд бояд кашид,
Маро бегунаҳ сарribояд бурид.

Бигуфтанд гуфтори ӯ бо падар,
Пур аз кин шудаш сар,[2] пур аз хун ҷигар.

Ба ҳиснаш фиристод наздики шӯй,
Ҷигар хаста аз ғам, зи[3] хун шуста рӯй.

Нишаст он ситамдида[4] бо шаҳрёр,
Парастанда ӯ буду ҳам ғамгусор.

## ТОХТ КАРДАНИ АФРОСИЁБ БАР ЭРОНЗАМИН

Чу баста шуд он шоҳи дайҳимҷӯй,
Сипоҳаш ба Эрон ниҳоданд рӯй.

1. ИЛ – Агарчи лаҳад бошад ӯро.
2. И – дил.
3. ИЛ – ба.
4. ИЛ – Бибасташ ба як ҷой.

Зи дарё ба киштиву заврақ шуданд,
В-аз ин рӯ ба саҳрову ҳомун заданд.[1]

Чу омад ба Эронзамин лашкаркаш,
Пароканда шуд дар ҳама кишвараш,

Ки гум шуд зи полез сарви саҳӣ,
Пароканда шуд тахти шоҳаншаҳӣ.

Чу бар тахти заррин надиданд шоҳ,
Ба ҷустан гирифтанд ҳар кас кулоҳ.

Зи туркону аз дашти найзаварон
Зи ҳар сӯ биёмад сипоҳе гарон.

Гашан[2] лашкаре сохт Афросиёб,
Баромад сар аз хӯрду орому хоб.

Аз Эрон баромад ба ҳар сӯ хурӯш,
Шуд ором гетӣ пур аз ҷангу ҷӯш.

Бишуд тунд Афросиёб аз миён,*[3]
Баровехт бо лашкари тозиён.[4]

Ба ҷанг-андарун буд лашкар се моҳ,
Бидоданд сарҳо зи баҳри кулоҳ.

---

1. ИЛ – б. 194 нест.
2. Л – Дигар.
3. М–-Барошуфт Афросиёб он замон.
4. Л– Баровехт бо лашкари тозиён,
Чу шуд тунд Афросиёб он замон.
Сипаҳбад сӯи гурзи кин даст бурд,
Ба ҳар кас, ки мезад, ҳаме кард хурд.
Сипоҳаш бад-ин сон ҳама ҳамгурӯҳ,
Ҳама ҳамла карданд монанди кӯҳ.
Ба шамшер аз он лашкари номдор
Бияфканд бисёр дар хок зор.
Чу дарёи алмос шуд кони лаъл,
Тани кушта фарсуда дар зери наъл.
Ба эшон биборид кӯполу теғ,
Шуданд он далерон ба роҳи гуреғ.
Чу ғурми даванда зи чанголи гург
Бирафт он диловар сипоҳи бузург.

Шикаст омад аз турк бар тозиён,
Зи ҷусти[1] фузунӣ сар омад зиён.

Сипоҳ андар Эрон пароканда шуд,
Зану марду кӯдак ҳама банда шуд.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Ҳама аз паи оз бо дарду ранҷ.

Саранҷом неку бадаш бигзарад,
Шикор асту маргаш ҳаме бишкарад.

Ҳама дар гирифтанд эронсипоҳ,
Бар эрониён гашт гетӣ сиёҳ.

Ду баҳра сӯи Зобулистон шуданд,
Ба хоҳиш бари пури*[2] Дастон шуданд,

Ки моро зи бадҳо ту бошӣ паноҳ,
Чу гум шуд кунун фарри Ковусшоҳ.

Бигуфтанд ҳар кас, ки шӯрид бахт,
Ба пеш андаромад[3] кунун кори сахт[4]

Дареғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад.

Ҳама ҷои ҷангисаворон будӣ,
Нишастангаҳи шаҳрёрон будӣ.

Кунун ҷои сахтиву ҷои балост,
Нишастангаҳи тезчанг аждаҳост.

Кунун чорае бояд андохтан,
Дили хеш аз ранҷ пардохтан.[5]

1. ЛМ – чустан; И – баҳрӣ.
2. М – ба наздики.
3. И – андарояд.
4. –б. 210 нест.
5. Л – б. 214 нест;
ТПЗ– Агар рой бинад ҷаҳонпаҳлавон,
Бипардозад Эрон зи турконгавон.

Касе к-аз палангон бихӯрдаст шир,
Аз ин ранҷ моро бувад дастгир.

Фиристод бояд яке пурхирад
Ба наздики Рустам, чу андархурад.

Яке мӯбаде рафту паймуд роҳ
Бари пури Дастон яли кинахоҳ.[1]

Бигуфт, он куҷо дида буду шунид,
Аз он[2] Рустами шердил бардамид.[3]

Биборид аз дидагон[4] оби зард,
Дилаш гашт пуртобу ҷон пур зи дард.

Чунин дод посух, ки ман бо сипоҳ
Миён бастаам ҷангро, кинахоҳ.

Чу ёбам зи Ковуси кай огаҳӣ,
Кунам шаҳри Эрон зи туркон тиҳӣ.

Фиристод ҳар сӯ ба ҳар кишваре,
Биёмад ба ҳар ҷойгаҳ лашкаре.[5]

Зи Зобул ҳам аз Кобулу ҳиндувон
Сипаҳ ҷумла омад бари паҳлавон.

Баромад ғави бӯқу ҳиндидарой,
Биҷӯшид лашкар бад-он паҳнҷой.

---

Нишинад ба ором бар тахтгоҳ,
Ҳама банда бошему ӯ подшоҳ.
В-агар на зану кӯдаконмон асир
Ба чанголи девон бувад хир-хир.

1. И – Дастон, ки буд некхоҳ.
2. И – Ду лаб.
3. Л – б. 216-218 нест.
4. Л – Рустам ба руҳ; И – Рустам чашм.
5. ИЛ – ба ҷои б. 222-225 ин б. омада:

Пас огоҳӣ омад зи Ковусшоҳ
Зи банду камингоҳу кори сипоҳ.
Сипаҳро зи Кобул* ба Зобул бихонд,
Миён бастаи ҷанг лашкар бимонд.

* И – яко як.

Ба кирдори оташ дилаш бардамид,
Чу боди дамон лашкар андаркашид.

## ПАЁМ ФИРИСТОДАНИ РУСТАМ БА НАЗДИ ШОҲИ ҲОМОВАРОН

Яке марди бедори ҷӯяндароҳ
Фиристод наздики Ковусшоҳ,

Ки ман омадам бо сипоҳи гарон
Сӯи разми солори Ҳомоварон.[1]

Ту дил шодмон дору андӯҳ мах(в)ар,
Ки инак расидам бад-он буму бар.[2]

Ҳамон назди солори Ҳомоварон
Бишуд номдоре зи кундоварон.

Яке нома бинвишт бо гиру дор,
Пур аз гурзу шамшеру пур корзор,[3]

Ки бар шоҳи Эрон камин сохтӣ,
Ба пайвастагӣ-дар[4] бад андохтӣ.[5]

На мардӣ бувад чора ҷустан ба ҷанг,
На зуфтӣ ба сони[6] диловар наҳанг,

---

1. ТПЗ – Бад-он, то намоям бад-ӯ доварӣ.
Мар он кас, ки будаст аз лашкарӣ.
2. ИЛ – б. 227 – 228 нест.
3. ТПЗ – Нахуст аз ҷаҳонофарин кард ёд,
Дари донишу додро баркушод.
Дигар гуфт, к-Эй шоҳи Ҳомоварон,
Ҳамоно, ки ҳастӣ зи бадгавҳарон.
Зи бадгавҳарӣ бар ту бас ин нишон,
Ки найранг созӣ ба гарданкашон.
Зи бедонишӣ ҷустаӣ бартарӣ,
Ту бадгавҳариву зи саг камтарӣ.
Бад-ин сон бибояд-т аз хеш шарм,
Ба гетӣ надонӣ ҳаме сарду гарм.
4. Л – Ба пайвастан эдар.
5. И – Ба пайвандаш аз бад бипардохтӣ.
6. И – Нарафтӣ ба расм.

Ки дар ҷанг ҳаргиз насозад камин,
Агарчанд бошад дилаш пур зи кин.[1]

Агар шоҳ Ковус ёбад раҳо,
Ту растӣ зи чанги бади аждаҳо.[2]

В-агарна биёрой ҷанги маро,
Ба гардан бипаймой ҳанги маро.[3]

Ҳамоно шунидӣ ту*[4] аз меҳтарон,
Ки чун кардаам ҷанги Мозандарон.

Ҳамон размӣ Пӯлоди Ғандию Бед,
Шунидӣ чӣ кардам ба Деви Сапед?

Чу нома ба мӯҳр андаромад дуруст,
Фириста шуду зуд раҳро биҷуст.[5]

Фиристода шуд то ба[6] Ҳомоварон,
Бидодаш паёми ҷаҳонпаҳлавон.[7]

Чу пайғом бишниду нома бихонд,
Зи кирдори худ дар шигифтӣ бимонд.[8]

Чу бархонд нома, сараш хира шуд,
Ҷаҳон пеши чашмаш ҳама тира шуд.

---

1. ТПЗ– Туро кардам огаҳ, к-аз ин бартарӣ
Бипечиву пӯи раҳи кеҳтарӣ.
2. ТПЗ– В-агар сар битобӣ зи андарзи ман,
Саратро ҳаме дур хоҳӣ зи тан.
Надонӣ, ки чун ман кунам рои ҷанг,
Зи теғам бисӯзад ба дарё наҳанг.
Ба кишвар бибахшою бар хеш ҳам,
Бад-он то нагардӣ парешон ба ғам.
3. ТПЗ– Ба дорои кайҳону Ҳурмузду шед,
Ба разму ба базму ба биму умед,
Ки ман кини Ковусу эронсипоҳ
Бихоҳам зи ту, бехирад подшоҳ!
4. М – шунидастӣ.
5. ИЛ – 237, 238 нест.
6. Л – назди.
7. Л – яко-як сарон.
8. ТПЗ– Аз он номи равшан дилаш шуд ба ҷӯш,
Баровард чун раъди ғуррон хурӯш.

Чунин дод посух, ки Ковуси кай
Ба ҳомун дигар наспарад низ пай.

Ту ҳар гаҳ ки ой ба Барбарситон,
Саворон ҳама гирд карда инон.

Ҳамин банду зиндонат оростаст,
Агар роят ин орзу хостаст.

Биёям ба ҷанги ту ман бо сипоҳ
Бар ин гуна созем оину роҳ.

Чу пӯянда бишнид гуфтори ӯй,
Бигардиду омад сӯи номҷӯй.[1]

Якояк сухан назди Рустам бигуфт,
Ки беҳуш варо дидаму девҷуфт.

Ҳамон посухаш низ дархур набуд,
Ки Оҳарманаш кард дил пур зи дуд.[2]

Чу бишнид посух гави пилтан,
Далерони лашкар шуданд анҷуман.

Баромад хурӯшидани каррной,
Таҳамтан ба Рахш андаровард пой.[3]

---

1. ТПЗ– Фиристодаро хор карду биронд.
Ҳаме оташи хашму кин барфишонд.
Ҳам андар замон лашкаре гирд кард,
Ки шуд рӯзи равшан шаби лоҷвард.
Сипоҳе ҳама найзаву гурздор,
Ялони сарафрозу ханҷаргузор.
В-аз ин сӯ фиристодаи сарфароз
Чу омад ба назди сипаҳбад фароз,
Зи гуфтору кирдори он бадниҳод
Якояк паёмаш ба Рустам бидод.
2. ИЛ – б. 246 – 248 нест.
3. ИЛ – б. 250 нест.
ТПЗ– Пур аз хашму кин кард савганд ёд,
Ба меҳру ба кину ба дину ба дод,
Ки ман з-он саги бадраги тираҷон
Ситонам ҳама марзи Ҳомоварон
Ба размаш даровардa, беҷон кунем,
Чу бар бобзан мурғи печон кунем.

Сӯи жарфдарё биёмад ба ҷанг,
Ки бар хушк-бар буд раҳ бо диранг.

Ба киштиву заврақ сипоҳи гарон
Бирафтанд бар сӯи[1] Ҳомоварон.

Ба тороҷу куштан биёростанд,
Аз озарм дилҳо бипеространд.

Чу солори Ҳомоварон з-ин сипоҳ
Шуд огоҳу аз Рустами кинахоҳ,[2]

Бибоист ногоҳаш омад ба ҷанг,
Набуд рӯзгори сукуну диранг.

Барошуфту з-он марз бар шуд хурӯш,
Ҷаҳон омад аз ғорату хун ба[3] ҷӯш.

Чу берун шуд аз шаҳри худ бо сипоҳ,
Бар ӯ рӯз ҳамчун шаб омад сиёҳ.

Аз овои шайпуру ҳиндидарой,
Ту гуфтӣ, сипеҳр андаромад зи ҷой.

Чапу рост лашкар биёростанд,
Ба ҷанг-андарун номвар хостанд.

Гави пилтан гуфт: Ҷангӣ манам,
Ба овардгаҳ-бар дирангӣ манам.

Бипӯшид пас ҷавшани корзор,
Ба Рахши даманда баровард бор.[4]

---

Бифармуд, то барнишинад сипоҳ
Паи разми Ҳомоварон кинахоҳ.

1. ИЛ – Расиданд наздики.
2. ТПЗ – Хабар шуд ба шоҳи Ҳамовар* аз ин,
Ки Рустам ниҳодаст бар Рахш зин.
* Л – ҳумоюн; Ин – Ҳомоварон шоҳ.
3. И– Ҷаҳон шуд пур аз ғорату ҷангу.
4. ТПЗ– Ба гурдон чунин гуфт пас паҳлавон,
Ки, эй номдорони фаррухтавон,
Ба найза бикӯшед дар корзор,
Бароред яксар аз эшон димор.

Баровард гурзи гаронро ба дӯш,
Барангехт аспу баромад ба ҷӯш.[1]

Чу диданд лашкар бару ёли ӯй,
Ба даст-андарун[2] гурзу кӯполи ӯй.[3]

Ту гуфтӣ, ки дилшон баромад зи тан,
Зи ҳавлаш пароканда гашт анҷуман.

Гурезон биёмад ба Ҳомоварон
Зи пеши Таҳамтан сипоҳи гарон.

Чу биншаст солор бо ройзан,
Ду марди ҷавон хост аз анҷуман.

Бад-он, то фиристад ҳам андар замон
Ба Мисру ба Барбар чу боди дамон.

Яке нома ҳар як ба даст-андарун,[4]
Набишта ба дарди дил аз обхун,

К-аз ин подшоҳӣ бад-он нест дур,[5]
Ба ҳам буд неку баду ҷангу сур.

Гар эдун, ки бошед бо ман яке,
Зи Рустам натарсам ба ҷанг андаке.[6]

---

Саворон сӯи найза бурданд даст
Хурӯшон ба кирдори пилони маст.
Наистон шуд аз найза овардгоҳ,
Зи найза на хуршед пайдо, на моҳ.
Ба қалб-андарун тохт Рустам чу бод,
Набудаш зи Ҳомоварон ҳеч ёд…

1. Л – хурӯш.
2. Л – дашт-андарун.
3. ТПЗ– Ҳамон номдорони зобулгурӯҳ,
Ки бо найза буданд монанди кӯҳ.
4. ИЛ – ба ҷанг – андарун.
5. ИЛ– К-аз он подшоҳӣ бад-он дур нест.
Ба неку ба бад-ҳарду онро якест.
6. ТПЗ– Аз он сӯ шумову аз ин сӯй мо
Бигардем дар ҷанг бо аждаҳо.

В-агарна аз ин бар ҳама бад расад,
Дароз аст бар ҳар сӯе дасти бад.[1]

Чу нома ба наздики эшон расид,
Ки Рустам бад-он дашт лашкар кашид,

Ҳама дил пур аз бим бархостанд,
Сипоҳи ду*[2] кишвар биёростанд.

Ниҳоданд сар сӯи Ҳомоварон,
Замин кӯҳ гашт аз карон то карон.

Сипаҳ кӯҳ то кӯҳ саф баркашид,
Зи гарди сипаҳ моҳ шуд нопадид.

Чу Рустам чунон дид, наздики шоҳ
Ниҳонӣ барафканд гурде ба роҳ,

Ки шоҳи се кишвар ҳама ҷангҷӯй
Ба як раҳ сӯи ман ниҳоданд рӯй.

Агар ҷангро ман биҷунбам зи ҷой,
Далерон надонанд сарро зи пой.

Набояд, к-аз ин кин ба ту бад расад,
Ки кори бад аз мардуми бад сазад.

Маро тахти Барбар наёяд ба кор,
Агар бад расад бар тани шаҳрёр.

Чунин дод посух, ки м-андеш аз ин,
На густарда аз баҳри ман шуд замин?

Чунин буд, то буд гардонсипеҳр,
Ки бо нӯш заҳр асту бо кина[3] меҳр.

---

1. ИЛ– В-агар на бад-он подшо бад расад,
На аз ҳар кас аз Рустамат* х(в)ад расад.
* И – Рустам
2. М – се.
3. ИЛ – ҷавр.

Ва дигар, ки доранда ёри ман аст,
Паноҳ асту меҳраш ҳисори ман аст.

Ту мар Рахши пӯяндаро деҳ инон,
Биёрой гӯшаш ба нӯки синон.

В-аз эшон яке зинда андар ҷаҳон
Мамон ошкоро, на андар ниҳон.[1]

Таҳамтан чу бишнид гуфтори ӯй,
Басечиду[2] зӣ ҷанг бинҳод рӯй.

Барангехт он Рахши пӯяндаро,
Ҳамеҷуст[3] он ҷангҷӯяндаро.

Даромад,[4] баробар ба ҷанг истод,
Бар он душманон чашми худ баркушод.

Талаб кард гурди диловар яке,
Зи бисёр гурдон ва ё[5] андаке.

Наёраст омад касе пеши ҷанг,
Диловар ҳаме кард бар ҷо диранг,

Ки то рафт хуршеди рахшон дар об,
Даромад шаби тирагун[6] дар шитоб.[7]

---

1. ТПЗ– В-агар з-он ки моро зи чархи баланд
Расад аз бадандеш захми газанд.
Ту Эронзаминро нигаҳдор бош,
Ба доду диҳиш кӯшу ҳушёр бош!
Фиристода бишниду баргашт боз,
Биёмад ба наздики он сарфароз.
Сухан ҳар чи бишнид он гурдмард,
Ба пеши сипаҳбад ҳама ёд кард.
2. ИЛ –Бипечид.
3. И – Талаб кард.
4. Л – Биёмад.
5. Л – гурдон в-аз.
6. И – қиргун.
7. ТПЗ– Чу хуршед дар қир зад шаъри зард,
Гуҳарбафт шуд байрақи лоҷвард.
Ситора чу гул гашту гардун чу боғ,
Чу парвона парвину маҳ чун чароғ.

Яли пилтан Рустами сарфароз[1]
Сӯи ҷои худ дарзамон рафт боз.

Ба оромгаҳ буд, то шаб гузашт,
Дигар рӯз чун шед рахшанда гашт,

Зи ҷой андаромад гави пилтан,
Сафе баркашид аз ялон анҷуман.

## РАЗМ КАРДАНИ РУСТАМ БО СЕ ШОҲ ВА РАҲО ШУДАНИ КОВУС АЗ БАНД

295 Дигар рӯз лашкар биёростанд,
Дурафш аз дурӯя бипеend.

Таҳамтан чу лашкар ба ҳомун кашид,
Сипоҳи се шоҳу се кишвар бидид.

Чунин гуфт бо лашкари сарфароз,
Ки имрӯз мижгон бидоред боз.

Бушу ёл бинеду аспу инон,
Ду дида ниҳода ба нӯки синон.

Агар сад саворанду гар[2] сад ҳазор,
Фузунии лашкар наёяд ба кор.

300 Чу моро бувад ёр Яздони пок,
Сари душманон андарорам ба хок.

В-аз он сӯ шаҳон низ бар пушти пил
Нишастанду лашкар кашида ду мил.

Зи Барбарситон буд саду шаст пил,
Шуда ҷумла ҷӯшон чу дарёи Нил.[3]

1. ИЛ–Диловар инонро битобид боз.
2. И – Агар як ҳазоранду вар; Л – Агар сад ҳазоранду гар сад савор.
3. ИЛ – б. 300-3002 нест.

Зи[1] Ҳомоварон буд сад жандапил,
Яке лашкаре сохта то[2] ду мил.

Севум лашкари Миср саф баркашид,
Ҳаво нилгун шуд, замин нопадид.

Ту гуфтӣ ҷаҳон яксар аз оҳан аст,
Ва ё кӯҳи Албурз дар ҷавшан аст.[3]

Паси пушти гурдон дурафшон дурафш,
Ба гирд-андарун сурху зарду бунафш.

Аз овози гурдон битӯфид кӯҳ,
Замин омад аз наъли аспон сутӯҳ.

Бидаррид чангу дили шери нар,
Уқоби диловар бияфканд пар.

Ҳаме абр бигдохт андар ҳаво,
Баробар кӣ дид йстодан раво.

Чапу рост лашкар биёростанд,
Дилерон ҳама разму кин хостанд.

Гуроза биёрост бар маймана,
Бад-он сӯ кашиданд лашкар буна.

Сӯи майсара номбардор шер
Завора, ки буд аждаҳои далер.

Ба қалб-андарун пури Дастони Сом,
Абар кӯҳаи зин-дарун хамми хом.[4]

---

1. ИЛ – Ба.
2. ИЛ – бар.
3. ИЛ – б. 305 нест.
4. ТПЗ– Чу Ҳомоварокшоҳ аз дур дид,
Ки Рустам бад-он сон ҳаме бардамид,
Ғамин гашту оҳанги овез кард,
Аз он пас, ки дар чанг парҳез кард.
Биёвард лашкар зи чаппу зи рост,
Ҳама мағзи гурдон зи наъра бикост.
Ба қалб-андарун шоҳи Ҳомоварон,
Ба гирдаш яке лашкари бекарон.

Бифармуд Рустам, ки то каррной
Зананду биҷунбанд лашкар зи ҷой.[1]

Баромад дурахшидани теғу хишт,
Ту гуфтӣ ҳаво бар замин лола кишт.

Бад-он сӯ, ки ӯ Рахшро рондӣ,
Ту гуфтӣ, ки оташ барафшондӣ.[2]

Зи хун дашт гуфтӣ, ки рӯди Зам аст,
На[3] разми гави пилтан Рустам аст.[4]

Бурида зи*[5] ҳар сӯ сари таргдор,
Пароканда хафтон ҳама дашту ғор.

Таҳамтан мар он Рахшро тез кард,
Зи хуни фурӯмоя парҳез кард.

Ҳаме тохт андар паи шоҳи Шом,
Бияндохт аз бод он хамми хом.

Миёнаш ба ҳалқа даровард гурд,
Ту гуфтӣ ҳам андар миёнаш фишурд.

---

Биларзид гетӣ зи бори гарон,
Зи бас кӯҳи оҳан карон то карон
Зи бас гарди лашкар ҷаҳон тор шуд,
Магар меҳри рахшон гирифтор шуд.

1. ИЛ – б. 310 – 314 нест;
ТПЗ–- Сиголиш бад-ин сон дарандохтанд.
Бипардохтанду бурун тохтанд.
Чакочоки теғ омаду гурзу тир,
Зи хуни ялон дашт гашт обгир.
2. ИЛ –б. 316 нест.
3. Л – Ки.
4. ТПЗ– Фаровон аз он мардумон кушта шуд,
Ба сар-бар сипеҳри бало гашта шуд.
Зи кирдори солори ноҳушёр
Бад омад сипаҳро бар он корзор.
Зи кушта дару дашт гашта чу кӯҳ,
Гурезон ба ҳар гӯшае шуд гурӯҳ.
Басе сар фитода ба майдон чу гӯй,
Зи хуни ялон буд равон ҷӯй-ҷӯй.
5. М – ба.

Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки чавгон ба захм андарояд ба рӯй.

Бияфканду Баҳром дасташ бубаст,
Гирифтор шуд номбардор[1] шаст.

Ба хун гашта оғушта ҳомуну кӯҳ,
Зи бас кушта омад зи*[2] ҳарду гурӯҳ.

Шаҳи Барбаристон ба чанги гуроз
Гирифтор шуд бо чиҳил сарфароз.[3]

Нигаҳ кард пас шоҳи Ҳомоварон,
Ҳама кушта дид аз карон то карон.

Гурӯҳе зи номварон хаста дид,
Гурӯҳе ба банди гарон баста дид.

Гави пилтан дид бо теғи тез
Фиканда бар он размгаҳ растахез.

Бидонист, к-он рӯз рӯзи балост,
Ба Рустам фиристоду зинҳор хост.[4]

Ба паймон, ки Ковуси кай бо сарон
Бари Рустам орад зи Ҳомоварон.

---

1. ИЛ–Шуд он марди паҳлав гирифтори.
2. М – афканда аз.
3. ТПЗ– Завора ба кирдори шери жиён
Бари шоҳи Миср андаромад дамон.
Баровехт бо шоҳ ҷангисавор,
Бизад бар сараш теғи заҳробдор.
Зи сар то миёнаш ба ду ним кард,
Дили размҷӯён пур аз бим кард.
Чу дар размгаҳ кушта шуд номдор
Ба дасти Завора диловар савор,
Ба ҳар сӯ ҳаме тохт чун пили маст,
Гурӯҳе бикушту гурӯҳе бихаст.
Зи кушта замин гашт бо кӯҳ рост,
Ҳаме гуфт ҳар кас, ки рӯзи балост.*

* Дар ИЛ – танҳо ба охирин дида мешавад.
4. ИЛ – б. 325-329 нест.

Саропардаву ганҷу тоҷу гуҳар,
Парастандаву тахту заррин камар.

Бар ин барниҳоданду барсохтанд,
Сипоҳи се кишвар бипардохтанд.

Чу шоҳи Ҳамовар ба шаҳр-андарун
Биёмад, бибиншаст[1] бо раҳнамун,

Фиристоду Ковусро оварид,
Бад-ӯ дод гоҳаш, чунон чун сазид.[2]

Чу аз диж раҳо кард Ковусро,
Ҳамон Геву Гударзу ҳам Тусро,

Силеҳи се кишвар, се ганҷи се шоҳ,
Саропардаи лашкару тоҷу гоҳ,[3]

Сипаҳбад ҷуз ин хоста ҳар чӣ дид,
Ба ганҷи сипаҳдори Эрон кашид.

Биёрост Ковуси хуршедфар
Ба дебои румӣ яке маҳди зар.

Зи ёқут тоҷу зи пирӯза гоҳ,
Гуҳар бофта бар ҷулайли сиёҳ.

Яке аспи раҳвор зер-андараш,
Лагоми ба зар ожада[4] бар сараш.

---

1. ТПЗМ – ва биншаст.
2. ИЛ – б. 333, 334 нест;
ТПЗ– Сипоҳи се кишвар амон хостанд,
Бад-он гуфтаҳо дил биёростанд.
Бар ин барниҳоданд яксар сипоҳ,
К-аз он пас набошад касе кинахоҳ.
Гави пилтан низ паймон бибаст.
Ки он бастагонро кушояд ду даст.
3. ТПЗ– Зи пилу зи пирӯзаву тахти оҷ,
Зи дебову дайҳиму аз дурри тоҷ.
Ҳам аз теғи ҳиндиву гурзи гарон,
Зи пурмоя аспону аз гавҳарон.
Ҳамон хӯду баргустувон бешумор,
Зи пилони ҷангӣ фузун аз ҳазор.
4. ИЛ – озада.

Ҳама чӯбу болош аз уди тар,
Бар ӯ бофта чанд гуна гуҳар.

Ба Судоба фармуд, к-андарнишин,
Ниҳон рав, чу хуршед зери[1] замин.

Ба лашкаргаҳ овард лашкар зи шаҳр,
Зи гетӣ бар ин гуна ҷӯянда баҳр.[2]

Бар ӯ анҷуман шуд зи Барбар савор,
Зи Мисру зи Ҳомоварон сад ҳазор.

Сипоҳаш фузун шуд зи сесад ҳазор,
Зиреҳдору баргустувонвар[3] савор.[4]

## ПАЙҒОМ ФИРИСТОДАНИ КОВУС БА НАЗДИ КАЙСАРИ РУМ ВА АФРОСИЁБ

Фиристода шуд назди Кайсар зи шоҳ,
Саворе ки андар[5]навардид роҳ.

1. И – Ниҳон рӯ зи хуршеди рӯи;
ТПЗ– Бубахшуд бар шоҳи Ҳомоварон,
Ба дил- дар наёвард банди гарон.
Ҳам ӯ рафту пас корсозӣ гирифт,
Ҳаме хешро сарфарозӣ гирифт.
Яке тахти пирӯза чун осмон,
Ба гавҳар дурахшанда чун ахтарон.
Дусад ҷома дебо бар он барфузуд,
Ба зарру гуҳар бофта тору пуд.
Саду чил канизак або тавқи зар,
Дусад ридаки хуби зарринкамар.
Зи аспу зи уштур фузун аз шумор,
Ҳама фаршу динор карданд бор.
Фиристод наздики Ковусшоҳ.
Шукуфта аз он шоҳи эронсипоҳ.
2. ТПЗ– Баророст, к-ояд ба Эронзамин,
Зи кишвар талаб кард гурдони кин,
Биёмад гарон лашкари барбарӣ,
Саворони ҷанговару лашкарӣ.
3. Л – баргустувон в-аз.
4. ТПЗ – Ба андозаи хештан ҳар касе,
Ҳаме некуиҳо намудӣ басе.
Шаҳони диловар або тахти зар,
Бари шоҳ рафтанд баста камар.
5. Л – эдар.

Бифармуд, к-аз номдорони Рум
Касе к-ӯ битозад ба барру ба*[1] бум,[2]

Фиристод бояд ба наздики ман,
Барафрӯхтан рои торики ман.[3]

Ҷаҳондида бояд инондор бас,
Инону сипар боядаш ёр бас.*[4]

Чунин лашкаре бояд аз марзи Рум,
Ки оянд бо ман ба ободбум.

Пас огоҳӣ омад зи Ҳомоварон,
Ба дашти саворони найзаварон,

Ки Рустам ба Мисру ба Барбар чи кард
Бар он шаҳрёрон ба рӯзи набард.[5]

Далерон биҷустанд гурди[6] савор,
Инонпечу аспафкану найзадор,[7]

Ки мо шоҳро сар ба сар чокарем,
Ҷаҳон ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Чу аз Гургсорон биёмад сипоҳ,
Ки ҷӯянд гоҳи сарафроз шоҳ.

Дили мо шуд аз кори эшон бадард,
Ки дилшон чунин бартарӣ ёд кард.

Ҳаме тахти ту[8] хост Афросиёб,
Чунин бад мабинод ҳаргиз ба хоб!

---

1. М–Мабодо, ки монад бад-он марғу
2. ТПЗ– Гароянд эдар ҳама сохта,
   Синонҳо ба абр- андар афрохта.
3. ИЛ – б. 348 нест.
4. М–Мабодо, ки ояд ҷуз ин ҳеч кас.
5. ТП – Кунун сӯи Эрон бипӯяд ҳаме,
   Зи туронсипаҳ разм ҷӯяд ҳаме.
6. И – гурду.
7. Л – Инонпечу гурдафкану номдор; И – мардвор.
8. ИЛ – ӯ.

Ҳама номдорони шамшерзан,
Бар ин кинагаҳ- бар шудем анҷуман.

Бирафтем бо найзаҳои дароз,
Бар ӯ талх кардем орому ноз.

Аз эшону аз мо басе кушта шуд,
Замона ба ҳар неку бад гашта шуд.

Кунун омад аз кори ту огаҳӣ,
Ки тоза шуд он фарри[1] шоҳаншаҳӣ.

Чу ту баргирой зи Барбар инон,
Ба гардан барорем яксар синон.

Замин кӯҳ то кӯҳ пурхун кунем,
Зи хуншон ҷаҳон рӯди Ҷайҳун кунем.

Фиристода бора барафканду рафт,
Ба Барбарситон рӯй бинҳод тафт.

Чу нома бари шоҳи Эрон расид,
Бад-ин гуна гуфтори боиста дид,

Аз эшон писанд омадаш коркард,
Ба Афросиёб он замон нома кард,[2]

Ки Эрон бипардозу бешӣ маҷӯй,
Сари мо шуд аз ту пур аз гуфтугӯй.

Туро шаҳри Турон басандаст х(в)ад,
Чаро хира ме-даст[3] ёзӣ ба бад?

Фузунӣ маҷӯй, ар шудӣ бениёз,
Ки зуд орадат пеш ранҷи дароз.

Туро кеҳтарӣ кор бастан[4] накӯст,
Нигаҳ доштан бар тани хеш пӯст.

---

1. ИЛ – тахти.
2. ТПЗ– Яке нома бинвишт Ковусшоҳ
   Ба назди сипаҳдори туронсипоҳ.
3. Л – Зи хира ҳаме даст; И – Ки хира ҳаме даст.
4. Л – кори беҳтар.

Надонӣ, ки Эрон нишасти ман аст,
Ҷаҳон сар ба сар зери дасти ман аст.

Паланги жиён гарчи бошад далер,
Наёрад шудан пеши чанголи шер.[1]

Чу нома ба мӯҳр - андаромад, бидод
Ба дасти яке гурди паҳлавнажод.[2]

Ситад нома аз шоҳу раҳ баргирифт,
Ҳаме рафт пӯён ба роҳ, эй шигифт.

---

1. ТПЗ– Аз он размҳо дил бипардохтӣ,
Ҳама кор бар орзу сохтӣ,
Ки аз нав дигар лашкар овардаӣ,
Дурафши бузургӣ баровардаӣ.
Аз онҳо бидидӣ ҳама неку бад,
Кунун он гузин, к-ат писандад хирад.
Пушаймонӣ он гаҳ наёяд ба кор,
Чу бархезад аз буму кишвар димор.
Чунин гуфт шери жиён бо паланг,
Ки бар ғурм чун рӯз шуд тору танг,
Ба неку ба бад кори худ нангарад,
Биёяд, дамон пеши мо бугзарад.
Туро ҳам бад-он гуна донам ҳаме,
Хирад дар сари ту набинам ҳаме.
Пас андеша бояд дар ин кор кард,
Ба посух хирад боядат ёр кард.
Гар эдун, ки разм оварам бо сипоҳ
Ҷаҳонро кунам пеши чашмат сиёҳ.
Зи бас гурзу шамшери мардони мард
Зи абр андарорам саратро ба гард.
Ба гурзи гарону ба шамшери тез
На овард ёбӣ, на роҳи гурез.
Гар эдун, ки бо ин сипаҳ бугзарам,
Сару афсарат зери пай биспарам.
Туро бо далерони он анҷуман
Надорад ба кас Рустами пилтан.
Ба Туронзамин гар шудӣ шаҳрёр,
Або шоҳу шаҳри далерон чӣ кор?
2. ТПЗ– Чу он нома яксар ба поён расид,
Фиристодаи номвар баргузид.
Фиристода наздики Афросиёб
Ҳаме тохт пӯён чу киштӣ бар об.
Чу омад ба наздики туронсипоҳ,
Бибурданд ӯро ба наздики шоҳ.

Чу омад бари шоҳи туркону Чин,
Заминро бибӯсиду кард офарин.

Бад-ӯ дод пайғомҳо бешумор,
Ҳамон номаи номвар шаҳрёр.[1]

Чу он нома бархонд[2] Афросиёб,
Сараш гашт пуркину дил пуршитоб.

Фиристод посух, ки ин гуфтугӯй,
Назебад ҷуз аз мардуми зиштхӯй.

Туро гар сазо буд Эрон, бадон[3]
Ниёзат набудӣ ба Ҳомоварон.[4]

Кунун омадам ҷангро сохта,
Дурафши дурафшон барафрохта.

Бару буми Эрон дурӯя мароcт,
Бибояд шунидан суханҳои рост.

Ҳама шаҳри Эрон сарои ман аст,
Ки Тури Фаридун ниёи ман аст.

Ва дигар ба бозуи шамшерзан
Тиҳӣ кардам аз тозиён анҷуман.

Ба шамшер бистонам аз кӯҳ теғ,
Уқоб андарорам зи торик меғ.

Биёрост лашкар карон то карон
Ба гурзу ба теғу ба тиру синон.[5]

1. ИЛ – 374 –377 нест.
2. ИЛ – Чу ин огаҳӣ шуд ба.
3. ЛМ – будӣ Эрон, ҳамон.
4. ТПЗ– Ту донӣ, ки чун ман кунам рои ҷанг,
Зи теғам бисӯзад ба дарё наҳанг.
ИЛ – Мозандарон.
5. ТПЗ – Надорад касе тоби ман рӯзи ҷанг,
На дар беша шеру ба дарё наҳанг.
Манам шердил номдори меҳон,
Ба мардӣ ҳаме бошам андар ҷаҳон.

Пас он гаҳ сӯи[1] номвар бошитоб
Биёмад ҳамон низ Афросиёб.[2]

Чу бишнид Ковус гуфтори ӯй,
Биёрост лашкар ба пайкори ӯй.

Зи Барбар биёмад сӯи тозиён
Яке лашкари бекарону миён.[3]

Ба ҷангаш биёрост Афросиёб,
Ба гардун ҳаме хок бар зад зи об,[4]

Ҷаҳон пур шуд аз нолаи бӯқу кӯс,
Замин оҳанин шуд, сипеҳр обнӯс.[5]

Зи захми табарзину аз бас таранг
Ҳаме мавҷи хун хост аз дашти ҷанг.

Таҳамтан биғуррид дар қалбгоҳ,
Ба як ҳамла бидрид қалби сипоҳ.[6]

---

Чу ой ба майдони кин, пой дор,
Бад-он то бибинӣ ту мардони кор.
Чунонат бифарҳанҷам, эй бадниҳод,
Ки н-орӣ дигарбора Эрон ба ёд.

1. И – Бишуд сӯи ӯ.
2. ТПЗ– Фиристода баргашт бар сони бод,
Ба Ковус гуфт, он чи ӯ кард ёд.
3. ИЛ – Яке лашкаре бекарон румиён;
ТПЗ– Зи мардони гурд аз дари корзор
Бурун кард лашкар ду раҳ сад ҳазор
Ғави кӯсу гарди далерони ҷанг
Замон кард тору замин кард танг.
4. ТПЗ – Ба турониён лашкаре гирд кард,
Ки шуд рӯзи равшан шаби лоҷвард.
Ту гуфтӣ ба Турон саворе намонд,
Ки Афросиёб андар Эрон нахонд.
5. ТПЗ– Ба кина даровехтанд аз ду сӯй,
Зи хуни далерон равон гашт ҷӯй.
6. ИЛ – б. 393 нест;
ТПЗ– Ба ҳар ҳамла аз найзаи ҷонситон
Сар овард бар номдорон замон.
Фаровон табаҳ кард марду сутур,
Баровард аз лашкари Тур шӯр.

Сари бахти гурдони Афросиёб
Дар ин размгоҳ андаромад ба хоб.

Сипаҳдор чун кор*[1] з-он гуна дид,
Бе оташ бучӯшид ҳамчун набид.

Ба овоз гуфт: «Эй далерони ман,
Гузида бузургону шерони ман,

Шуморо зи баҳри чунин рӯзгор
Ҳаме парваронидам андар канор,

Ки бо душманам теғбозӣ кунед,
Бад-ин гуна дар ҷанг тозӣ кунед.[2]

Бикӯшеду ҳампушт ҷанг оваред,
Ҷаҳонро ба Ковус танг оваред!

Ялонро ба жӯпину ханҷар занед,
Сари саркашонро зи тан барканед!*[3]

Ҳамон Рустами сагзии шердил,
Ки аз теғи ӯ гашт гардун хиҷил,

Бувад, к-аз далерӣ ба банд оваред,
Сарашро ба доми каманд оваред.[4]

Ҳар он кас, ки ӯро бо дашти набард
Зи зини паланг андарорад ба гард,

Бад-ӯ шоҳиву чатру духтар[5] диҳам,
Ҳамаш номи испаҳбадӣ барниҳам.[6]

Ҳамон шаҳри Эрон супорам варо,
Ба гардуни гардон барорам варо».

---

1. М – Сипаҳдори Турон чу.
2. Л – б. 397, 398 нест.
3. М – Далерон-шро сар ба сар афканд.
4. Л– б. 400-402 нест.
5. И – духтари худ.
6. ИЛ – Ҳамаш ном шоҳу сипаҳбуд ниҳам.

Чу туркон шуниданд гуфтори ӯй,
Саросар сӯи разм карданд рӯй,[1]

Далерони Эрон саросар сарон
Ба даст- андарун гурзҳои гарон

Бикуштанд чандон зи туронгурӯҳ,
Ки пайдо набуд дашту дарёву кӯҳ.

Ду баҳра зи туронсипаҳ кушта шуд,
Зи хуншон замин чун гил оғушта шуд.

Сари бахти туркон даромад ба хоб,
Гурезон шуд аз Рустам Афросиёб.

Бишуд тез бо лашкари ғуриён,
Бад-он суд ҷустан сар омад зиён.

Чу гашти[2] замона бад-он гуна дид,
Аз он ҷо сӯи шаҳри Турон кашид.

Дилаш хаставу кушта лашкар ду баҳр,
Ҳаме нӯш ҷуст аз ҷаҳон, ёфт заҳр.

## ОРОСТАНИ КОВУС ҶАҲОНРО

Биёмад сӯи Порс Ковуси кай,
Ҷаҳоне ба шодӣ нав афканд[3] пай.

Биёрост тахту бигустард дод,
Ба шодиву хӯрдан дар андар кушод.

Фиристод ҳар сӯ яке паҳлавон,
Ҷаҳондору бедору равшанравон,

1. ТПЗ– Дамид оташе андар он корзор,
Ки шӯълаш синон буду ханҷар шарор.
Ҳамон гард баррафт монанди дуд,
Зи осеб рухсораи маҳ шахуд.
2. ИЛ – равшан.
3. Л – барафканд.

Ба Марву Нишопуру Балху Ҳарӣ,
Фиристод бар ҳар сӯе*[1] лашкаре.

Ҷаҳоне пур аз дод шуд яксара,
Ҳаме рӯй баргошт гург аз бара.

Зи бас ганҷу зебоиву фарраҳӣ
Парӣ мардуму дев гашташ[2] раҳӣ.

Ҳама пеши Ковус кеҳтар шуданд,
Ҳама тоҷдорон-ш лашкар шуданд.

Ҷаҳонпаҳлавонӣ ба Рустам супурд,
Ҳама рӯзгори беҳӣ з-ӯ шумурд.[3]

Яке ҷой кард андар Албурзкӯҳ,
Ки дев аз чунон ранҷҳо буд[4] сутӯҳ.

Бифармуд, то санги хоро кананд,
Ду хона бар ӯ ҳар яке даҳ каманд.

Биёрост охур ба санг-андарун,
Зи пӯлод меху зи хоро[5] сутун.

Бибастанд аспони ҷангӣ дар[6] ӯй,
Ҳам уштур иморикашу роҳҷӯй.

Яке хонаро[7] з-обгина бисохт,
Забарҷад ба ҳар ҷой - андар нишохт.

Чунин ҷой будаш[8] хирому х(в)ариш
Ки бошад-ш[9] аз хӯрданӣ парвариш.

---

1. М – ҳар сӯ яке.
2. ИЛ – гашта.
3. ТПЗ– Чу эмин шуд аз душману тоҷу тахт,
Ба кажжӣ ба як лахт баргашт бахт.
Нигар, то чӣ кард он шаҳи хешкор,
Чу ӯ пурманиш кам бувад шаҳрёр.
4. ИЛ – Ки девон аз он ранҷҳо шуд.
5. И – оҳан.
6. Л – Набиштанд аспони ҷанг андар.
7. ИЛ – Ду хона дигар.
8. И – Чунин ҷои ороми хобу; Л – чунин ҷои ҳоҷат.
9. Ил – Ки ёбад тан.

Зи ҷизъе ямонӣ яке гунбаде
Нишастангаҳи номвар мӯбаде.

Азеро чунин ҷойгаҳ кард рост,
Ки дониш аз он ҷой ҳаргиз нахост.[1]

Ду хона зи баҳри салеҳи набард
Бифармуд аз нуқраи хом кард.

Яке кохи заррин зи баҳри нишаст,
Баровард болошро бар ду шаст.

Зи пирӯза карда бар ӯ-бар нигор,
Дар айвон-ш ёқут бурда ба кор.

Чунин ҷойгоҳе ки дилхострост,[2]
Ки рӯзӣ бияфзуду[3] ҳаргиз[4] накост.

Набудӣ тамуз эч пайдо, на дай,
Ҳаво анбарин буду борон-ш май.

Ҳамасола рӯзаш баҳорон будӣ,
Гулон чун рухи гулъизорон будӣ.

Зи дарду ғаму ранҷ дил дур буд,
Бадиро тани дев ранҷур буд.

Ба хоб андаромад сари рӯзгор
Зи хубиву аз доди[5] омӯзгор.

Ба ранҷаш гирифтор девон буданд,[6]
Зи бодафраҳи вай ғиревон буданд.[7]

1. ИЛ – б. 427-429 нест.
2. ИЛТП – Чунин ҷойгаҳ сохт бар хатти рост.
3. И – наяфзуду.
4. Л – Ки рӯзе наяфзуду рӯзе; ТПЗ – Ки не рӯз афзуду не шаб бикост.
5. Л – роҳи.
6. ИЛ – будӣ.
7. ИЛ – будӣ.

## ГУМРОҲ КАРДАНИ ИБЛИС КОВУСРО ВА БА ОСМОН РАФТАНИ КОВУС

Чунон буд, ки иблис рӯзе пагоҳ
Яке анҷуман кард пинҳон зи шоҳ.

Ба девон чунин гуфт, к-имрӯз кор
Ба ранҷу ба сахтист бо шаҳрёр.

Яке дев бояд кунун чарбдаст,[1]
Ки донад ҳама расму роҳи[2] нишаст.

Шавад, ҷони Ковус бераҳ кунад,
Ба девон-бар ин ранҷ кӯтаҳ кунад.

Бигардонадаш сар зи Яздони пок,
Фишонад бар он фарри зебош[3] хок.

Шуниданду бар дил гирифтанд ёд,
Кас аз бими Ковус посух надод.

Яке деви дижхим бар пой хост,
Чунин гуфт, к-ин нағзкорӣ марост.

Бигардонамаш сар зи дини Худой,
Кас ин роз ҷуз ман наёрад ба ҷой.[4]

Ғуломе биёрост аз хештан
Сухангӯю шоистаи анҷуман.

Ҳаме буд, то номвар шаҳрёр
Зи паҳлӯ бурун рафт[5*6] баҳри шикор.

Биёмад ба пешаш, замин бӯс дод,
Яке дастаи гул ба Ковус дод.

---

1. ИЛМ –нағздаст.
2. ИЛ – зи ҳар гуна рою.
3. Л – фарши дебош.
4. ИЛ – б. 446 нест.
5. ИЛ – шуд.
6. М – Ки рӯзе бурун шуд зи.

Чунин гуфт, к-ин фарри зебои ту,
Ҳаме чархи гардон сазад ҷои ту.

Ба коми ту шуд рӯи гетӣ ҳама,
Шубониву гарданфарозон рама.[1]

Яке кор мондаст, то дар ҷаҳон
Нишони ту ҳаргиз нагардад ниҳон.

Чӣ дорад ҳаме офтоб аз ту роз,
Ки чун гардад андар нишебу фароз?[2]

Чӣ гуна-ст моҳу шабу рӯз чист?
Бар ин гардиши чарх солор кист?[3]

Гирифтӣ замин в-он чи буд коми ту,
Шавад осмон низ дар доми ту.[4]

Дили шоҳ аз он дев бероҳ шуд,
Равонаш зи андеша кӯтоҳ шуд.

Гумонаш чунон буд, ки гардонсипеҳр
Ба гетӣ маро-дар[5] намудаст чеҳр.

Надонист, к-ин чархро поя нест,
Ситора фаровону Эзад якест.

Ҳама зери[6] фармон-ш бечораанд,
Ки бо шӯришу ҷангу[7] патёраанд.

Ҷаҳонофарин бениёз аст аз ин,
Зи баҳри ту бояд сипеҳру[8] замин.

1. ТПЗ – Парӣ одамӣ, дев пешат ба пой,
Ту Ҷамшед гаштӣ, ҷаҳонкадхудой.
2. И – б. 452, 453 нест.
3. ТПЗ– Бидонӣ ҳама буданиҳову роз,
Чу бо чора бартар шавӣ бар фароз.
4. ИЛ – б. 455 нест.
5. ИЛ – мар ӯро.
6. И – пеши.
7. ИЛ – Ки бо саъду наҳсанд.
8. Л – замону.

Пурандеша шуд ҷони он подшо,
Ки то чун шавад бепар андар ҳаво.

Зи донандагон бас[1] бипурсид шоҳ,
К-аз ин хок чанд аст то чарху моҳ.

Ситорашумар гуфту хусрав шунид,
Яке кажжу нохуб чора гузид.

Бифармуд пас, то[2] ба ҳангоми хоб
Бирафтанд сӯи нишеми уқоб.

Аз он бачча бисёр бардоштанд,
Ба ҳар хонае як-ду[3] бигзоштанд.

Ҳаме парваронидашон солу моҳ
Ба мурғу кабобу бара чанд гоҳ.

Чу нерӯ гирифтанд ҳар як чу шер,
Бар он сон, ки ғурм андароранд зер.

Зи уди қуморӣ яке тахт кард,
Сари тахтаҳоро ба зар сахт кард.

Ба паҳлӯш-бар найзаҳои дароз
Бубасту бар он гуна баркард соз.

Биёвехт бар найза рони[4] бара,
Бубаст андар андеша дил яксара.

Аз он пас уқоби диловар чаҳор
Биёварду бар тахт баст устувор.

Нишаст аз бари тахт Ковуси кай,
Ниҳода ба пеш -андарун ҷоми май[5].

Чу шуд гурсуна тезпаррон уқоб,
Сӯи гӯшт карданд ҳар як шитоб.

1. И – пас.
2. Л – аз он пас.
3. ИЛ – хонае дур.
4. И – он найзаро бо.
5. И – б. 472 нест.

Зи рӯи замин тахт бардоштанд,
Зи ҳомун ба абр-андар афроштанд.

Бад-он ҳад, ки –шон буд нерӯ ба ҷой,
Сӯи гӯшт карданд оҳангу рой.

Шунидам, ки Ковус аз он бар фалак
Ҳаме рафт, то бигзарад аз[1] малак.

Дигар*[2] гуфт аз он рафт бар осмон,
Ки то ҷанг созад ба тиру камон.

Зи ҳар гунае ҳаст овози[3] ин,
Надонад ба ҷуз пурхирад рози ин.

Париданд бисёру монданд боз,
Чунин бошад он кас, ки гирад-ш оз.

Чу бо мурғи парранда неру намонд,
Ғамин[4] гашту парҳо ба хай дарнишонд.

Нагунсор гаштанд аз абри сиёҳ.
Кашон аз ҳаво найзаву тахти шоҳ.

Сӯи бешаи шаҳри Чин омаданд,
Ба Омул ба рӯи замин омаданд.

Накардаш табоҳ аз шигифтӣ ҷаҳон,
Ҳаме буданӣ дошт андар ниҳон.

Сиёвуш аз ӯ хост омад падид,
Бибоист лахте чамиду чарид.[5]

---

1. И – баррасид бар.
2. М – Яке.
3. ИЛ – овоз аз.
4. ИЛ – ғамӣ.
5. И – б. 484 нест;
   ТПЗ– Агар шоҳ Ковус гаштӣ табоҳ,
   Ҷаҳондор хусрав набудӣ зи шоҳ.
   Чу афтод андар чунон ҷои бим
   Зи ғам буд бечораву дил дуним.

Ба ҷои бузургиву тахти нишаст
Пушаймониву ранҷ будаш ба даст.

Бимонда ба беша-дарун хору зор,
Ниёиш ҳаме кард бо кирдгор.

## БОЗ ОВАРДАНИ РУСТАМ КОВУСРО

Ҳаме кард пӯзиш зи карда гуноҳ,
Варо мебиҷустанд*[1] ҳар сӯ сипоҳ.

Хабар ёфт з-ӯ Рустаму Геву Тус,
Бирафтанд бо лашкари гашну кӯс.

Ба Рустам чунин гуфт Гударзи пир,
Ки «То кард модар маро сер шир,

Ҳаме бинам андар ҷаҳон тоҷу тахт,
Каёну бузургони бедорбахт.

Чу Ковус худкома[2] андар ҷаҳон
Надидам касе аз кеҳону меҳон.

Хирад нест ӯро, на дину[3] на рой,
На ҳушаш ба ҷой асту на дил ба ҷой.

Ту гӯӣ ба сар-ш-андарун мағз нест,
Як андешаи ӯ ҳаме нағз нест.

Кас аз номдорони пешинзамон
Накарданд оҳанг зӣ осмон.[4]

Чу девонагон аст беҳушу рой,
Ба ҳар бод, к-ояд биҷунбад зи ҷой».[5]*[6]

1. М – Ҳаме ҷуст ӯро зи.
2. ИЛ – нашнидам.
3. ИЛ – дониш.
4. ТПЗ– Кӣ ҷӯяд ҳаме рози гардонсипеҳр?
   Магар он ки деваш кунад тирачеҳр.
5. Л – б. 493 – 495 нест.
6. М – барояд зи пой.

Расиданд пас паҳлавонон бад-ӯй,
Накӯҳишкуну тезу пархошҷӯй.

Бад-ӯ гуфт Гударз: «Беморсон
Туро ҷои зеботар аз шорсон.

Ба душман диҳӣ ҳар замон ҷои хеш,
Нагӯӣ ба кас беҳуда рои хеш.

Се борат чунин ранҷу сахтӣ фитод,
Сарат з-озмоиш нагашт устод.

Кашидӣ сипаҳро ба Мозандарон,
Нигар, то чӣ сахтӣ расид андар он.

Дигарбора меҳмони душман шудӣ,
Санам будӣ ӯро, бараҳман шудӣ.

Ба гетӣ ҷуз аз покяздон намонд,
Ки маншури теғи туро барнахонд.

Ба ҷанги замин сар ба сар тохтӣ,
Кунун б-осмон[1] низ пардохтӣ.

Зи як даст чун бартар ой ҳаме,
Баробар ба ҷанг андарой ҳаме.

Нигаҳ кун, ки то чанд гуна бало
Ба пеш омадат, ёфтӣ з-ӯ раҳо.

Пас аз ту бар ин достонҳо зананд,
Ки шоҳе баромад ба чархи баланд,

Ки то моҳу хуршедро бингарад,
Ситора ҳама як ба як бишмарад.

Чунон кун, ки бедоршоҳон кунанд,
Ситояндаву некхоҳон кунанд.

Ҷуз аз бандагӣ то тавонӣ, маҷӯй,
Мазан даст дар неку бад ҷуз бад-ӯй».

1. ИЛ – осмон.

Фурӯ монд Ковусу ташвир х(в)ард.
Аз он номдорону мардони мард.

Чунин дод посух, ки аз ростӣ
Наёяд ба дод[1]- андарун костӣ.

Ҳама дод гуфтиву бедод нест,
Зи доми ту ҷони ман озод нест.

Ҳаме рехт аз дидагон оби зард,
Ҳаме[2] аз ҷаҳонофарин ёд кард.

Басечиду андар иморӣ нишаст,
Пушаймониву дард будаш[3] ба даст.

Чу омад сӯи тахтгоҳи баланд,
Дилаш з-он чунон кор монда нажанд.

Чиҳил рӯз дар назди[4] Яздон ба пой
Бипаймуд хоку бипардохт ҷой.

Зи шарм аз дари кох берун нарафт,
Ҳаме пӯст гуфтӣ бар ӯ - бар бикафт.

Ҳаме рехт бо лоба аз дида хун,
Ҳаме хост омурзиш аз раҳнамун.

Зи шарми далерон маниш кард паст,
Хирому дари бор додан бубаст.

Пушаймон шуду дард бигзиду ранҷ,
Ниҳода бубахшид бисёр ганҷ.

Ҳаме рух бимолид бар тирахок
Ниёишкунон пеши[5] Яздони пок.

Чу бугзашт якчанд гирён чунин,
Бубахшуд бар вай ҷаҳонофарин.

1. Л – Наёбад ба кор.
2. ЛМ – Басе.
3. Л – мондаш.
4. Л – пеши.
5. И – назди.

Пароканда омад зи ҳар сӯ сипоҳ
Ба наздики даргоҳи Ковусшоҳ.

Барафрӯхт з-омурзиши додгар,
Бидонист, к-аз ранҷҳо ёфт бар.

Нишаст аз бари тахти зар бо кулоҳ,
Яке ганҷ букшод дар бар[1] сипоҳ.

Яке кори нав сохт андар ҷаҳон,
Ки тобанда шуд бар кеҳону меҳон.

Ҷаҳон гуфтӣ аз дод дебо шудаст,
Шаҳаншоҳ бар гоҳ зебо шудаст.

Зи ҳар кишваре номвар меҳтаре,
Ки бар сар ниҳодӣ баланд афсаре,

Ба даргоҳи Ковусшоҳ омаданд,
В-аз он сар кашидан ба роҳ омаданд.

Замона чунон шуд, ки буд аз нахуст,
Ба меҳру*[2] вафо тоҷи хусрав бишуст.

Ҳама меҳтарон кеҳтари ӯ шуданд,
Парастандаву чокари ӯ шуданд.

Нишаст аз бари тахти гавҳарнигор
Або тоҷу бо гурзаи говсар.[3]

Дар ин достон гуфтам, он кам шунуд,
Чунин ёд ҳаргиз касеро набуд.[4]

Чунин буд оини шоҳи ҷаҳон,
Чунин буд Рустам сари[5] паҳлавон.

---

1. Л – пеши.
2. М – оби.
3. ТПЗ– Ба коми дили хеш бардошт гом,
 Шуда шоддил, ёфта кому ном.
4. Л – Кунун разми Рустам бибояд суруд; И – Чунин разм ҳаргиз касеро набуд.
5. Л – Ки Рустам бувад бар ҳама.

Кучо подшо додгар буду бас,
Ниёзаш набудӣ ба фарёдрас.

Ҳама дод карду ҳама дод дид,
Азеро ки гетӣ ҳама бод дид.[1]

## ДОСТОНИ ҶАНГИ ҲАФТ ГУРДОН

Чу бо марг кӯшиш надорад-т суд,
Кунун расми[2] Рустам бибояд шунуд.

Чӣ гуфт он сароянда марди далер,
Ки ногаҳ баровехт бо наррашер,

Ки гар номи мардӣ биҷӯӣ ҳаме,
Ба хун[3] теғи ҳиндӣ бишӯӣ ҳаме,

Зи бадҳо набояд-т парҳез кард,
Чу пеш оядат рӯзгори набард.

Замона чу ояд*[4] ба тангӣ фароз,
Ҳамоно нагардад ба парҳез боз.

Чу ҳамраҳ кунӣ маргро[5] бо хирад,
Далерат зи ҷанговарон нашмарад.

Хирадрову динро раҳе дигар аст,
Суханҳои некӯ ба банд-андар аст.[6]

---

1. ТПЗ– Ҳама коми худ баргирифт аз ҷаҳон,
Або номдорону фаррух меҳон.
Ҳама базму майдон будӣ кори ӯй,
Чу Тусу чу Рустам будӣ ёри ӯй.
Фаридунманиш буду Ҷамшедҷоҳ,
Набинад чу ӯ подшо тоҷу гоҳ.
Гар акнун будӣ, бандагиро камар
Бубастӣ бари шоҳ Маҳмуд-бар.
2. И – разм.
3. Л – рухи.
4. М – омад.
5. Л – ҷангро.
6. ТПЗ– Маро умр бар шаст шуд солиён,
Ба ранҷу ба сахтӣ бубастам миён.

Кунун аз раҳи Рустами ҷангҷӯй
Яке достон аст борангу бӯй.

Шунидам, ки рӯзе гави пилтан
Яке сур кард аз дари анҷуман.

Ба ҷое куҷо номи ӯ буд Наванд,
Бад-ӯ андарун коххои баланд.

Куҷо озари бурзи[1] Барзин, кунун
Бад-он ҷо фурӯзад ҳаме раҳнамун.

Бузургони Эрон бад-он базмгоҳ
Шаванд анҷуман номвар як сипоҳ.

Чу Тусу чу Гударзи Кашводагон,
Чу Баҳрому чун Геви озодагон.

Чу Гургину чун Зангаи Шоварон,
Чу Густаҳму Харроди ҷанговарон.

Або ҳар як аз меҳтарон мард чанд,
Яке лашкари номдор арҷманд.[2]

Наёсуд лашкар замоне зи кор,
Зи чавгону тиру набиду шикор.

Чу чанде бад-ин сон гузар кард рӯз,
Ба шодиву ромиш ҳама дилфурӯз.[3]

Ба мастӣ чунин гуфт як рӯз Гев,
Ба Рустам, ки «Эй номбардори Нев,

---

Гаҳи рафтан омад ба дигар сарой,
Магар назди Яздон беҳ ояд-м ҷой.
Чунонам, ки гӯӣ надида ҷаҳон,
Ҳама кардаҳои гузашта ниҳон.
Чу мебугзарад рӯзгори беҳӣ,
Ҳамон беҳ, ки ранҷе ба худ барниҳӣ.

1. Л – тези.
2. ТПЗ– Баророст Рустам яке ҷашнгоҳ,
Ки базм орзу кард хуршеду моҳ.
3. ИЛ –б. 554 нест.

Гар эдун, ки рои шикор оядат,
Чу юзи даванда ба кор оядат.

Ба наҳчиргоҳи рад Афросиёб
Бипӯшем тобон рухи офтоб.

Зи гарди саворону аз юзу боз
Фарозидани найзаҳои дароз.

Ба гӯри таковар саманд[1] афканем,
Ба шамшер бар шер банд афканем.[2]

Ба жӯпин гурозу тазарвон ба боз
Бигирем яксар ба рӯзи дароз.

Бар он дашти Турон шикоре кунем,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунем.»[3]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бо[4] коми ту
Ҷаҳон боду некӣ саранҷоми ту.

Саҳаргаҳ бад-он дашти Турон шавем,
Зи нахчиру аз тохтан нағнавем.»[5]

Бибуданд яксар бар ин як сухун,
Касе рои дигар наяфканд бун.[6]

---

1. ИЛ – каманд.
2. ТПЗ– Ба нахчир кардан ба дашти дағӯй
Або бозу юзон ба нахҷирҷӯй.
3. ТПЗ– Чунин рой бинам мани паҳлавон,
Агар дарпазирӣ ба равшанравон,
Ки аз хусравон ҳар ки ин бингарад,
Бад –ин коми мо офарин густарад.
4. ИЛ – бар.
5. ТПЗ– Ҳамин аст рой, эй гави номдор,
Ҷаҳонро бимонем як ёдгор.
Чу фардо шавад чоки рӯз ошкор.
Сазад гар бад-он ҷой ҷӯй шикор.
Маю ҷому нахчир барҳам занем,
Дамодам набиди дамодам занем.
6. ТПЗ– Фуруд омаданд то лаби рӯдвор,
Чунон сархуш аз бодаи хушгувор.

Саҳаргаҳ чу аз хоб бархостанд,
Бар он орзу рафтан оростанд.

Бирафтанд бо юзу бозону маҳд
Гурозону тозон сӯи[1] рӯди Шаҳд.

Ба нахчиргоҳи рад Афросиёб,
Зи як даст кӯҳу дигар рӯди об.

Дигар сӯ Сарахсу биёбон ба пеш,
Гала гашта бар дашт оҳуву меш.

Ҳама дашт пурхиргаҳу хайма гашт,
Аз анбӯҳ оҳу саросема гашт.[2]

Зи дарранда шерон замин шуд тиҳӣ,
Ба парранда мурғон расид огаҳӣ.

Тале ҳар сӯе мурғу нахчир буд,
Агар кушта, гар хастаи тир буд.[3]

---

1. Л – то.
2. ТПЗ – Бирафтанд аз он пас ба нахчиргоҳ
Ҳама базмҷӯю ҳама размхоҳ.
Куҳу дашт нахчир бардоштанд,
Зи гардун ҳаме наъра бигзоштанд.
3. ТПЗ– Зи шоҳи гавазнон рама дар рама
Замин бешае гашт очин ҳама.
Зи бозон ҳаво ҳамчу абри баҳор
Зи хуни тазарвон замин лолазор.
Дамон бозу юзон бар оҳубара,
Камин сохта бар кӯҳу бар дара.
Ба новард ҳар ҷой харгӯшу саг,
Сутурон ба хай ғарқ монда зи таг,
Гирифта сӯи кабк шоҳин шитоб.
Зи хун карда чангул ақиқин уқоб.
Фитода ғави табли туғрал ба абр,
Гурезон зи гарди саворон ҳизабр.
Зи куҳ дидбон наъра бардошта,
Каминоварон гӯш бифрошта.
Ниҳода ба оҳу сияҳгӯш чашм,
Ҷаҳон чун дурахш, аз камингаҳ ба хашм.
Ба ҳар сӯ яке номдор аз сарон,
Фигандӣ зи гӯру зи оҳу сарон.
Сипаҳдор бо ҳамла бо шеру карг,
Зи пайкон ҳаме рехт алмоси марг,

Бибуданд равшандилу шодмон,
Зи ханда наёсуд лаб як замон.[1]

Чу як ҳафта з-ин гуна бо май ба даст,
Бибуданд шодондилу майпараст,

Ба ҳаштум Таҳамтан биёмад пагоҳ,
Яке рои шоиста зад бо сипоҳ.

Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,
Бузургону гарданкашону сарон,[2]

Ки «Аз мо ба Афросиёб ин замон
Ҳамоно шуда[3] огаҳӣ бегумон.

Набояд, ки он римани баднишон
Занад рой бо номвар саркашон.[4]

Яке чора созад, биёяд ба ҷанг,
Кунад дашти нахчир бар юз танг.

Бибояд талоя ба раҳ- бар яке,
Ки чун огаҳӣ ёбад ӯ андаке.

---

Гаҳ афканд нахчир бар дашту роғ,
Гаҳе зад ба новак абар меғ моғ.
Сари гӯр буд аз камандаш ба дом,
Дили шер шамшери ӯро ниём.
Бияфканд бас гӯри ҷангӣ зи тир,
Дили ташнаҳомун зи хун карда сер.
Пур аз хуррамӣ буд равони меҳон
Аз овози мурғу таки оҳувон.

1. Л– Набуданд эшон ҳазин як замон,
Бар он дашт равшандилу шодмон.
И– Бибурданд он сон ҷаҳон як замон,
Бар он дашт равшандилу шодмон;
ТПЗ– Сӯи базмгаҳ боз рафтанд шод,
Зи базму зи нахчир доданд дод.
Нишастанду ромиш бароростанд,
Зи дилҳо ғаму ранҷ даркостанд,
Ба каф ҷому бар гӯш бонги рубоб,
Бар оташ сурини гавазнон кабоб.
2. ИЛ – гарданкашу сарварон.
3. Л – расид.
4. ИЛ – б. 577 нест.

Биёяд, диҳад огаҳӣ аз сипоҳ,
Набояд, ки гирад[1] бадандеш роҳ.

Гуроза сари тухмаи гевгон,
Биёмад бад-он кор бастамиён.[2]

Сипаҳро ки чун ӯ нигаҳдор буд,
Ҳама чораи душманон хор буд.

Ба нахчир кардан ниҳоданд рӯй,
Накарданд кас ёди пархошҷӯй.

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб
Аз эшон шаби тира ҳангоми хоб.

Зи лашкар ҷаҳондидагонро бихонд,
Зи Рустам басе достонҳо биронд.

В-аз он ҳафт гурди савори далер,
Ки буданд ҳар як ба кирдори шер[3],

Чунин гуфт бо номдорони ҷанг,
Ки «Моро кунун нест ҷои диранг.

Бибояд кунун чорае сохтан,
Ба ногоҳ бурдан яке тохтан.

Гар ин[4] ҳафт ялро[5] ба ҷанг оварем,
Ҷаҳон пеши Ковус танг оварем.

---

1. Л – орад.
2. Л– Гуроза ба зеҳ барниҳода камон,
Биёмад бар ин кор баста миён.
ТПЗ– Чунин гуфт бо номвар паҳлавон,
Ки ман рафт хоҳам ба равшан равон.
Бад –ӯ гуфт Рустам, ки эй номдор,
Бирав тозиён то лаби рӯдбор.
Ба пос андар он роҳ бедор бош,
Сипаҳро ҳаме худ нигаҳдор бош!
Гуроза шуд он номбардор шер
Або чанд номӣ савори далер.
3. ТПЗ– В-аз он пас ба лашкар саросар бигуфт,
Ки моро фитодаст коре шигифт.
4. И – ки он.
5. Л – ҳафтро як.

Ба кирдори нахчир бояд шудан,
Сипаҳро ба ногаҳ бар эшон задан.»[1]

Гузин кард шамшерзан сӣ ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор.

Чунин гуфт, к-«Аз роҳ яксӯ шавед,
Шабу рӯз аз тохтан нағнавед!»

Ба роҳи биёбон бурун тохтанд,
Ҳама ҷангро гардан афрохтанд.

Ба ҳар сӯ фиристод бемар сипоҳ,
Бар он саркашон то бигиранд роҳ.

Чу наздики нахчиргоҳ омаданд,
Шитобон ҳама кинахоҳ[2] омаданд.[3]

Нигаҳ кард, яксар бидид он сипоҳ,
Сипоҳе, ки буд ҳамчу абри сиёҳ.

Бидидаш, ки аз дашт бархост гард,
Дурафше падид омад аз лоҷвард.

Гуроза чу боди дамон бозгашт,
Або наъраву бонгу овоз гашт.

Чу омад ба наздики нахчиргоҳ,
Таҳамтан ҳаме хӯрд май бо сипоҳ.

Чунин гуфт, к-«Эй Рустами шермард,
Аз эдар бад-ин хуррамӣ бозгард!

Ки чандон сипоҳ аст, к-андоза нест,
Зи лашкар баландиву ҳомун якест.

1. ТПЗ – Радону саворони туронсипоҳ
Бад-он раъй гаштанд ҳамрои шоҳ.
2. И – Пур аз кин дилу додхоҳ.
3. ТПЗИЛ – Гуроза чу гарди сипаҳро бидид,
Биёмад, сипаҳро ҳама бингарид.

Дурафши ҷафопеша Афросиёб
Ҳаме тобад аз гард чун офтоб.»

Чу бишнид Рустам, бихандид сахт,
Бад-ӯ гуфт: «Бо мост пирӯз бахт.

Ту аз шоҳи туркон чӣ тарсӣ чунин
Зи гарди саворони Туронзамин?

Сипоҳаш фузун нест аз сад ҳазор,
Инонпечу баргустувонвар савор.

Бад-ин дашт агар вижа танҳо манам,
Ки бо гурзу бо Рахшу бо ҷавшанам,

Набошад пас андеша з-Афросиёб,
В-аз он лашкари гашну чандон шитоб.[1]

Бад-ин дашти кина гар аз мо якест,
Ҳама хайли Турон ба ҷанг андакест.

Чунин кинагоҳе бибояд маро,
Аз Эрон сипоҳе набояд маро.

Шуда ҳафт гурди савор анҷуман,
Чунин номдорони шамшерзан.

Яке мард бо понсаду ду ҳазор
Саворони аспафкану найзадор.[2]

Ту, эй майгусор, аз маи зобулӣ
Бипаймой то сар яке булбулӣ».

Бипаймуд соқӣ маю дод зуд,
Таҳамтан шуд аз доданаш шод зуд.

---

1. ИЛ – б. 607 нест.
2. Л– Яке понсаду ду зи мо бо ҳазор
Саворони гарданкаши номдор.
ТПЗ– Агар номвар сарвар Афросиёб
Ҳаме рой ҷӯяд бад-ин рӯи об,
Ҳамоно, ки баргашт аз ӯ рӯзгор,
Гар ояд ба эдар мар он номдор.

Ба каф барниҳод он дурахшанда ҷом,
Нахустин зи Ковуси кай бурд ном,

Ки шоҳи замона маро ёд бод!
Ҳамеша тану ҷонаш обод бод!*[1]

Дигарбора бистад, замин дод бӯс,
Чунин гуфт, к-ин бода бар рӯи Тус.[2]

Сарони ҷаҳондор бархостанд,
Абар[3] паҳлавон хоҳиш оростанд,

Ки моро бад-ин ҷоми май ҷой нест,
Ба май бо ту иблисро пой нест.

Маю гурзи якзахму майдони ҷанг
Наёмад ҷуз аз ту касеро ба чанг.

Маи зобулӣ сурх дар ҷоми зард
Таҳамтан ба рӯи Завора бих(в)ард.

Завора чу соғар ба каф барниҳод,
Ҳамон аз шаҳи номвар кард ёд.

Бихӯрду бибӯсид рӯи замин,
Таҳамтан бар ӯ баргирифт офарин,

Ки ҷоми бародар бародар х(в)арад,
Ҳизабр он ки ӯ[4] ҷоми май бишкарад.[5]

## РАЗМИ РУСТАМ БО ТУРОНИЁН

Чунин гуфт пас Гев бо паҳлавон,
Ки «Эй нозиши шаҳрёру гавон.

---

1. М – Бигуфту бихӯрду замин бӯса дод.
2. ИЛ – б. 616 нест.
3. И – Бари.
4. Л – ин.
5. ТП – Зи багмозу ромиш накард эч кам,
Ба шодӣ бияфзуду коҳид ғам.

Шавам, раҳ бигирам бар Афросиёб,
Намонам, ки ояд бад-он рӯи об.

Сари пул бигирам бад-он бадгумон,
Бидорам-ш аз он рӯи[1] пул як замон.

Бад-он то бипӯшанд гурдон салеҳ[2]
Ки бар мо сар омад нишоту мазеҳ"[3].

Бишуд тозиён то сари пул дамон,
Ба зеҳ барниҳода ду зоғи камон.

Чунин то ба наздикии пул расид,
Чу омад, дирафши ҷафопеша дид,

Ки бигзашта будаш бар ин рӯи об,
Ба пеши сипоҳ-андар[4] Афросиёб.[5]

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари жандапили[6] жиён.

Бишуд пеши туронсипаҳ ӯ ба ҷанг,
Биғуррид ҳамчун даманда наҳанг.

Чу дар ҷавшан Афросиёбаш бидид,
Ту гуфтӣ, ки ҳуш аз танаш барпарид,[7]

Зи чангу бару бозуву ёли ӯй,
Ба гардан бароварда[8] кӯполи ӯй.

Чу Тусу чу Гударзи найзагузор,
Чу Гургину чун Геви гурди савор.

---

1. ИЛ - сӯи.
2. И - силоҳ.
3. И - мазоҳ.
4. Л - омад.
5. ТПЗ - Фиристодае кард геви сутург
Ба огоҳии паҳлавони бузург.
6. И - Рахши шери.
7. И - парид.
8. ИЛ - бар он ҳавлӣ.

Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,
Чу Барзину Фарҳоди ҷанговарон.[1]

Чунон лашкари сарфарозон ба ҷанг,
Ҳама найзаву теғи ҳиндӣ ба чанг.

Ҳама яксар аз ҷой бархостанд,
Ба сони палангон бароростанд.[2]

Бад-он гуна шуд Гев дар корзор,
Чу шере, ки гум карда бошад шикор.[3]

Пасу пеш ҳар сӯ ҳаме кӯфт гурз.
Дуто кард бисёр болову бурз.

Зи Турон фаровон сарон кушта шуд,
Зи номоварон бахт баргашта шуд.

Рамиданд аз ӯ размсозони Чин,
Шуд хира солори Туронзамин.[4]

---

1. Л - б. 636 нест.
2. ТПЗ– Бифармуд, то бӯқу кӯси набард
Заданду ба разм-андарун ҳамла кард.
Кашиданд шамшеру жӯпину гурз
Диловар саворони бо фарру бурз.
Далерони Эрон ба кӯшиш - дарун
Бару ёлу бора ҳама ғарқи хун.
3. Л– Зи Рустам натарсид Афросиёб
Накард эч бар ҷанг ҷустан шитоб.
4. И – турконзамин;
ТПЗ– Бад-он сӯ, ки Гургини Милод буд,
Ки бо гурзу бо теғи фӯлод буд.
Яке паҳлавон буд, номаш Гуразм,
Зи туронсипаҳ пешаш омад ба разм.
Биғуррид Гургин, чу ӯро бидид
Ҳамон гаҳ, ки қирбон камон баркашид
Бар он паҳлавон тирборон гирифт,
Ҳаворо чу абри баҳорон гирифт.
Гуразми диловар чу з-он гуна дид,
Сипар бар сар оварду пешаш давид.
Яке найза зад бар сари аспи ӯй,
Бияфтод Гургини пархошҷӯй.
Ҳамон гоҳ Геви диловар расид,
Нигаҳ карду ӯро пиёда бидид.

Сабук рон ба ҷанг- андарун тез кард,
Барошуфту оҳанги овез кард.[1]

Чу Рустам чунон дид, гурзи гарон
Ба гардан баровpolice бифшурд рон.

---

Барошуфт бар сони ғурранда шер,
Яке бонг зад бар Гуразми далер.
Камарбанди ӯро гирифту зи ҷой
Биканд он ҳунарманди фархундарой.
Миёнаш ба ханҷар ба ду ним кард,
Дили сарфарозон пур аз бим кард.
Ҳам эдун сипаҳбад шаҳи нӯзарон
Ҳамекӯфтӣ сар ба гурзи гарон.
Гуроза ба сони гурози дижам
Ҳаме ҳамла овард бо тездам.
Ҳаме разм аз он гуна Гударз кард,
Ки аз ҷони туркон баровард гард.
Завора биёмад ба кирдори шер,
Ба бозу камон, аждаҳое ба зер.
Ҳаме тохт чун бод Гургини гав
Або номдорону гурдони нав.
Чу Фарҳоду Барзини номоварон
Кашиданд шамшеру гурзи гарон.
Яке наъра зад Гев дар корзор
Ба Афросиёб он шаҳи номдор,
Ки, эй турки бадбахти гумбуданом,
Чаро ранҷа гаштӣ бад-ин кори хом?
Фаромӯш кардӣ ту разми сарон?
Ки боз омадӣ бо сипоҳи гарон?
Магар огаҳ аз паҳлавонон наӣ,
Аз ин номдорони Эрон наӣ?

1. Дар 3 б. 643 пас аз б. 654 омадааст. ки ба мазмун бештар мувофиқат дорад:
ТПЗ– Сипаҳдор чун Рустаму Туси шер,
Чу Гударзу Гургин савори далер.
Ба ҳам барзананд ин сипоҳи туро,
Ба хок андароранд гоҳи туро.
В-аз он сӯ Таҳамтан чу шери жиён
Биғурриду гуфт, эй бади баднишон,
Чаро тозиён пеши ман тохтӣ?
Чунин разм бо анҷуман сохтӣ?
Ба ҷое, ки Рустам бувад кинахоҳ,
На лашкар бимонад, на тахту на шоҳ.
Маро худ набояд бад-ин ҷанг кас,
Ману Геву турониён ҷумла бас.
Зи Турон нахонем як тан ба мард,
Ки яксар занонанд андар набард.

Ба пеши сипоҳ андаромад далер,
Биғуррид бар сони ғурранда шер.

Паси пушти ӯ пури Кашвод буд,
Ки бо ҷавшану гурзи пӯлод буд.

Саворону гурдони Эрон дамон,
Ба чанг- андарун гурзу тиру камон.[1]

Чу шуд тиратар[2] чашми туронсипоҳ,
Ба гардун барафрохт Рустам кулоҳ.[3]

Ба Пирони Виса[4] чунин гуфт шоҳ,
Ки, эй пурхирад меҳтари некхоҳ,

---

Бигуфт ину бифрохт бурранда теғ.
Биғуррид бар сони ғурранда меғ.
Аз он пас дигарбора овоз дод,
Ки, эй турки шӯридаи баднажод.
Ту дар ҷанги мардон писанда наӣ,
Ки пажмурдаӣ, ҳеч зинда наӣ?
Бирав чун занон панбаву дук гир!
Паси парда бо духтарон сӯк гир!
Ки кори ту акнун ба ҷое расид,
Ки аз ҷанг чангат бибояд кашид.
Бибинӣ кунун теғи мардони мард,
К-аз ин пас ба ёдат наёяд набард.
Бад-ин теғи ҳиндӣ бибуррам сарат,
Бигиряд ба ту ҷавшану миғфарат.
Чу Афросиёб ин суханҳо шунид,
Дилаш гашт пурдарду дам даркашид.
Зи Рустам битарсид Афросиёб,
Накард эч бар ҷанг ҷустан шитоб.
Паси лашкар - андар ҳаме ронд нарм,
Меҳонро зи ҳар сӯ ҳаме хонд гарм.

1. Л – б. б. 647 ин б. омада:
Зи Турон фаровон сарон кушта шуд,
Сари бахти гарданкашон гашта шуд.
ТПЗ – Баромад дурахшидани теғи тез
Замин аз ниҳеб омад андар гурез.
2. Л – бар.
3. Дар Л. ба ҷои б. 649 ин б. омада:
Зи Пирон бипурсид Афросиёб,
Ки ин ҷои разм аст, не ҷои хоб,
Ки дар разм ҷустан далерон будем,
Сиголиш гирифтему шерон будем.
4. ИЛ – В-аз он пас ба Пирон.

Зи шерони Турон ханида туӣ,
Ҷаҳонҷӯю ҳам размдида туӣ.

Инонро ба тундӣ яке баргирой,
Бирав, тез аз эшон бипардоз ҷой.

Чу пирӯзгар бошӣ, Эрон турост,
Тани пилу чанголи шерон туроcт.

Чу Пирон зи Афросиёб ин шунид,
Чу боди дамон аз миён бардамид.

Басечид бо номвар даҳ ҳазор
Зи туркон далерони ханҷаргузор.

Чу оташ биёмад[1] бари пилтан,
К-аз ӯ буд нерӯи ҷангу шикан.

Таҳамтан ба лабҳо баровард каф,
Ту гуфтӣ, ки бистад зи хуршед таф.

Барангехт аспу баромад хурӯш,
Бар он сон, ки дарё дарояд[2] ба ҷӯш.

Сипар бар сару теғи ҳиндӣ ба мушт,
Аз он номдорон ду баҳра бикушт.

Нигаҳ кард Афросиёб аз карон,
Чунин гуфт бо номвар меҳтарон,

Ки гар то шаб ин ҷанг ҳам[3] з-ин нишон
Миёни далерону гарданкашон

Бимонад, намонад саворе ба ҷой,
Набоист кардан бад-ин разм рой.

Ба разми далерони Эрон шудем,
Сиголиш гирифтему шерон шудем.

1. ИМ – баромад.
2. Л – барояд.
3. ИЛ – ҷангро.

Кунун дашт рӯбоҳ бинам ҳаме,
Сар аз разм[1] кӯтоҳ бинам ҳаме.

## РАЗМИ ПИЛСАМ БО ЭРОНИЁН

Далере, ки буд Пилсам номи ӯй,
Гави кайнажоде, яли номҷӯй,

Ки Виса будаш номи фаррух падар,
Бародар-ш Пирони пирӯзгар.

Дар Эрону Турон ҳамоварди ӯй
Набудӣ ба ҷуз Рустами ҷангҷӯй.

Чу бишнид як Пилсам инчунин,
Бар абрӯ баровард аз хашм[2] чин.

Бишуд тез[3] наздики Афросиёб,
Сараш пур зи ҷангу дилаш пуршитоб.

Чунин гуфт бо шоҳи Турон, ки «Ман
Далеру ҷавонам аз ин анҷуман.

Чи хок аст пешам, чи Туси далер,
Чи Геви ял — он номбардори шер.

Чи Баҳрому чи Зангаи Шоварон,
Гуроза, ки ҳаст ӯ зи ҷанговарон.[4]

Агар шоҳ фармон диҳад, ҳамчу шер
Миёни ялон андароям далер

Ҳама сарваронро сар аз тан ба теғ
Бибуррам, кунам моҳашон зери меғ.

Кунам*[5] афсари номдорон ба гард,
Сароншон бибуррам ба теғи набард.»

---

1. Л – Зи разм
2. ИЛ — Даровард дар абрувон тоби.
3. ИЛ — Биёмад ба.
4. ТПЗ — Ҳамон сагзии бадраги тираҷон,
   Ки шоҳаш ситояд ҳаме ҳар замон.
5. М — Кашам

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй яли номдор,
Ту пирӯз бодӣ дар ин рӯзгор![1]

Бад- ин разм фархунда бояд шудан,
Ба пирӯзиву ном боз омадан.»[2]

Чу бишнид гуфтори шаҳ Пилсам,
Биғуррид монанди рӯина хам.[3]

Сӯи қалби эронсипаҳ шуд чу гард,
Чапу рост зад теғу гурзи набард.

Чу бод андаромад, ба Гургин расид,
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Яке теғ зад бар сари аспи ӯй,
Таковар зи дард андаромад ба рӯй.

Чу он дид Густаҳми размозмой,
Ба кирдори оташ баромад зи ҷой.

Чу шери жиён шуд бари Пилсам,
Баровехт бо*[4] оташи тездам.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Газанде наёмад ба пайванди ӯй.

---

1. ИЛ — 3. б. б. 675 ин б. омада:
Бад-ӯ гуфт шоҳ: Эй далери ҷавон,
Сари номдорону пушти гавон,
Ту пирӯз бодӣ бар ин корзор,
Ҳама душманони туро кор зор!
2. ТПЗ — Ки Яздони некидиҳат ёр бод!
Сари бадгумони ту бар дор бод!
Чу пӯӣ сӯи Рустами номвар,
Абар кини ӯ баст хоҳӣ камар,
Нигаҳ кун, ки дар кор риман бувад,
Бадандешу хунрезу пурфан бувад.
Магар даст ёбӣ бад-он нобакор,
К-аз ӯяст ин печиши корзор.
3. ТПЗ — Нишаст аз бари ашқаре ҳамчу бод,
Ту гуфтӣ зи размаш набуд бим ёд.
4. М — чун.

Ба даст- андараш чӯби найза шикаст,
Биёндохташ чӯби найза зи даст.[1]

Чу он дид, пас Пилсам теғи тез
Кашиду даромад дили пурситез.

Яке теғ зад бар сари тарги ӯй,
Рабуд аз сараш тарг бар сони[2] гӯй.

Бараҳна сару найза афканд хор,
Фурӯ монд бечора дар корзор.

Чу аз маймана Зангаи Шоварон
Бидид он дилу рӯзи[3] кундоварон,

Ба ёрӣ биёмад бари Густаҳам,
Варо дид аз он гуна гашта дижам.[4]

Пазируфт ҳамла диловар наҳанг,
Даромад яке теғи ҳиндӣ ба чанг.

Бизад теғу баргустувон кард чок,
Сари борагӣ андаромад ба хок.

Диловар бияфтоду доманзиреҳ
Бароварду зад бар камаргаҳ гиреҳ.[5]

Пиёда баровехт бо номдор,
Ба гирд-андараш ҳамчу шери шикор.[6]

Яке гарди тира барангехтанд,
Бад-он гаҳ ки бо ҳам даровехтанд.

Зи қалби сипаҳ Гев чун бингарид,
Ҷаҳон пеши чашми ялон тира дид.

1. Л — б. 684 нест.
2. ИЛ — монанди
3. Л — зӯри
4. ТПЗИЛ -Яке ҳамла овард бар Пилсам
Чу пили сарафрозу шери дижам.
5. Л — Камар бар.
6. ИЛ — б. 693 нест.

Биғуррид чун раъд дар кӯҳсор,
Ва ё шери ҷангӣ гаҳи корзор.

Ба ёрӣ биёмад бари ҳар се ёр,
Баровехт бо Пилсам ҳар чаҳор.

Диловар нашуд ҳеч гуна зи ранг,
Миёни далерон даромад ба ҷанг.

Гаҳе теғ зад, гоҳ гурзи гарон,
Чунин то фурӯ монд дасти сарон.

Чу Пирон зи қалби сипаҳ бингарид,
Бародар бад-он ҷой бечора дид.

Ба ёрӣ биёмад бараш тозиён,
Хурӯшону ҷӯшону наъразанон.

Чунин гуфт бо Гев, к-«Эй номдор,
Шуморо ҳунар нест дар корзор,

Ки бо номдоре ба кирдори шер
Шуда ҷангҷӯ чор гурди далер.»[1]

Бигуфт ину бар саркашон ҳамла кард,
Баромад аз он размгаҳ тира гард.

В-аз он рӯй Рустам ба кирдори шер
Миёни сипоҳ андаромад далер.

Ба теғу ба кӯполу гурзи гарон
Бияфканд туронсипаҳро сарон.[2]

Гурезанда шуд Пилсам з-аждаҳо,
Ки донист, к-аз вай наёбад раҳо.

---

1. ТПЗ — Ба наздики мардон гаҳи гирудор
Яке бо яке хуб дар корзор.

2. ТПЗ — Чу дид ончунон Пилсам ҷангҷӯй,
Бизад Рахшу омад ба наздики ӯй.
Баровехт бо Пилсам номдор,
Натобид бо ӯ диловар савор.

Далерони Эрон саросар сарон,
Ба даст- андарун гурзҳои гарон.

Бикуштанд чандон зи туронсипоҳ,
Ки аз кушта шуд пушта то чарху моҳ.

Нигаҳ кард Афросиёб, он бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Бипурсид к-Алкӯси ҷангӣ куҷост,
Ки чандин ҳаме разми[1] шерон бихост?

Ба мастӣ ҳаме Гевро хостӣ,
Ҳама разм[2] бо Рустам оростӣ.

Ҳамеша аз Эрон будӣ ёди ӯй,
Куҷо шуд кунун отašу боди ӯй?

Ба Алкӯс шуд огаҳӣ з-ин сухун,
Ки солори туркон чӣ афканд бун.

Барангехт Алкӯс шабрангро,
Ба хун шуста буд бегумон ҷангро.

Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ,
Бари шоҳи Турон бипаймуд роҳ.

Ба овоз гуфто, ки «Ҷангӣ манам,
Ҳамон наррашери дирангӣ манам.

Чу фармон диҳад мар маро шаҳрёр,
Ба танҳо равам ман бад-ин корзор.»

Чу бишнид аз ӯ шоҳи Туронзамин,*[3]
Бигуфташ: Зи лашкар сарон баргузин.[4]

Бурун рафт бо ӯ зи лашкар савор
Зи мардони ҷангӣ фузун аз ҳазор.

1. И — Кӣ чанде ҳаме ҷанги.
2. ИЛ — ҷанг.
3. М — солори Туронзамин.
4. Л-б 716-719 нест.

Ҳама бо синони сарафшон[1] шуданд,*[2]
Чу Ноҳиду Ҳурмуз дурахшон[3] шуданд.*[4]

Чу омад ба наздики эронсипоҳ,
Бипӯшид аз гард хуршеду моҳ.[5]

Завора падидор буд ҷангҷӯй,
Бад-ӯ тез Алкӯс бинҳод рӯй.

Гумоне чунон бурд, к-ӯ Рустам аст,
Бидонист, к-аз тухмаи Найрам аст.

Завора баровехт бо ӯ ба ҳам
Ба найза ба кирдори шери[6] дижам.

Синонвор найза ба ду ним гашт,[7]
Завора зи Алкӯс пурбим гашт.

Бизад дасту он[8] теғи буррон кашид,
Зи гарди саворон ҷаҳон нопадид.

Ба кин-андарун[9] теғ бар ҳам шикаст,
Сӯи гурз бурданд чун бод[10] даст.

Бияндохт Алкӯс гурзе чу кӯҳ,
Ки аз захми[11] ӯ шуд Завора сутӯҳ.

Ба зин-андар аз захм беҳуш гашт,
Ба хок-андар афтоду хомӯш гашт.

---

1. Л — дурафшон.
2. М — буданд.
3. Л — Або ҷавшану гурзу хафтон.
4. М — буданд.
5. Л — б 722 нест.
6. ИЛ — Чу пиле сарафрозу шере,
7. И — Синонро зи найза ба ду ним кард,
   Дили шери ҷангӣ пур аз бим кард.
8. И — даст бар.
9. Л — Зи теғоварон.
10. И — ночор.
11. Л — бими.

Фуруд омад Алкӯс тез[1] аз бараш,
Ҳаме хост аз тан буридан сараш.

Чу Рустам бародар бад-он гуна ёфт,
Ба кирдори оташ сӯи ӯ шитофт.

Ба Алкӯс барзад яке бонг тунд,
Куҷо даст шуд сусту шамшер кунд.

Чу Алкӯс овози Рустам шунид,
Дилаш гуфтӣ аз пӯст омад падид.[2]

Ба зин андаромад ба кирдори бод,
Зи мардӣ ба дил дарнаёмад-ш ёд.[3]

Бад -ӯ гуфт Рустам; «Ту чанголи шер
Напаймудаӣ, з-он шудастӣ далер».

Завора ба дард аз бари[4] зин нишаст,
Пур аз хун дил, озурда аз гурз даст.[5]

Баровехт Алкӯс бо пилтан,
Бипӯшид бар зини тӯзӣ[6] кафан.

Яке найза зад бар камарбанди ӯй,
Зи ҷавшан наёмад ба пайванди ӯй.

Таҳамтан яке найза зад бар сараш,
Ба хуни ҷигар ғарқа шуд миғфараш.

Ба найза ҳам эдун зи зин баргирифт,
Ду лашкар бад-ӯ монда андар шигифт.

Задаш бар замин ҳамчу як лахт кӯҳ,
Пур аз бим шуд ҷони туронгурӯҳ.

1. Л — танг.
2. Л — Дилаш аз тан ба берун парид.
3. ТПЗ — Биёмад бад-ӯ гуфт: «Рустам туӣ,
Гумонам бад-ӯ рафт, аз ӯ кам туӣ.»
4. Л — аз ин гуна бар.
5. Л — Пур аз хун тану теғ монда ба паст.
6. Л — Бипӯшид бар тан либоси.

Бад-ин ҳамнишон ҳафт гурди далер
Кашиданд*[1] шамшер бар сони шер.

Паси пушти эшон диловар сарон
Ниҳоданд бар китф гурзи гарон.

Чу Афросиёб он шигифтӣ бидид,
Ба сӯи далерон яке бингарид.

Чунин гуфт Афросиёб он замон,
Ки «Бар ҷангатон чира шуд бадгумон.

Бикӯшеду рои паланг оваред,
Якояк бад-ин кин диранг оваред»!

Чу лашкар шуниданд овози ӯй,
Ба Рустам ниҳоданд якбора рӯй.

Чу он дид Рустам, або ҳафт гурд
Ба тундӣ ба эшон[2] яке ҳамла бурд.

Чунон баргирифтанд лашкар зи ҷой,
Ки пайдо наёмад ҳаме сар зи пой.

Бикуштанд чандон зи кундоварон,[3]
Ки шуд лаъл хок аз карон то карон.

Фикананд чандон ба ҳар ҷой- бар,
Чи бо сар, чи аз тан ҷудо карда сар.

Ба овардгаҳ ҷои гаштан намонд,[4]
Сипаҳро раҳи баргузаштан намонд.[5]

## ГУРЕХТАНИ АФРОСИЁБ АЗ РАЗМГОҲ

Сипаҳдори Турон чу з-он гуна дид,
Сабук сар аз он ҷанг берун кашид.

---

1. М — Гирифтанд.
2. ИЛ — тундиву тези.
3. ИЛ — ҷанговарон.
4. Л — набуд.
5. Л — набуд.

Инонро бупечиду бигрифт роҳ,
Ҳаме шуд ба тезӣ чу абри сиёҳ.[1]

Таҳамтан барангехт Рахш аз шитоб
Паси пушти ҷанговар[2] Афросиёб.

Чунин гуфт бо Рахш, к-Эй ҳушёр,[3]
Макун сустӣ андар гаҳи корзор,

Ки ман шоҳро бар ту беҷон кунам,
Зи хун дастро ҳамчу*[4] марҷон кунам.

Чунон гарм шуд Рахши оташгуҳар,
Ки[5] гуфтӣ баромад зи паҳлӯш пар.[6]

Зи фитрок букшод Рустам каманд,
Ҳаме хост, к-орад миёнаш ба банд.

Ба тарк - андар афтод хамми дувол,
Сипаҳдори туркон бидуздид ёл.

Дигар он ки зер - андараш бодпой
Ба кирдори оташ баромад зи ҷой.

Биҷаст аз каманди гави пилтан,
Пур аз об рух, хушк монда даҳан.

Якояк саворон пас - андар дамон,
Шикастасилоҳу гусастаравон.

Ҳаме тохт чун бод Афросиёб,
Шитобанда бугзашт аз рӯи об.[7]

1. ИЛ — б. 754, 755 нест.
2. ЛМ — Ҳаме шуд паси пушти.
3. ИЛМ — нек ёр.
4. М — Дару дашт бар сони.
5. ИЛ — Ту
6. ТПЗ — Чу наздикии шоҳи Турон расид,
Ба дил гуфт, к-омад замонаш падид.
7. ИЛ — б. 764. 765 нест.

Дилаш хаставу кушта лашкар ду баҳр,
Ҳаме нӯш[1] ҷуст аз ҷаҳон, ёфт заҳр.

Зи лашкар ҳар он кас, ки буд ҷангсоз,
Ду баҳра наёмад ба хиргоҳ боз.

Ҳама кушта буданд ё[2] хаста тан,
Гирифтор дар дасти он анҷуман.

Зи ганҷу зи тахту кулоҳу камар,
Зи теғу зи хафтону хӯду гуҳар,[3]

Зи пурмоя аспони зарринситом,
Зи таргу зи шамшери зарринниём.

Ҷуз ин ҳар чи пурмоятар буд, низ
Ба эрониён монд бисёр чиз.

Ҳама гирд карданд эронсипоҳ
Ба дил шодмон гашта з-он размгоҳ.[4]

Миён боз накшод кас куштаро,
Наҷустанд[5] мардони баргаштаро.

Бад-он дашти нахчир боз омаданд,
Зи ҳар гуна бо аспу соз[6] омаданд.

Набиштанд нома ба Ковусшоҳ
Зи пайкору аз дашти нахчиргоҳ

В-аз он, к-аз далерон нашуд кушта кас,
Завора зи асп андарафтоду бас.[7]

---

1. И — шаҳд.
2. ИЛ — агар.
3. ИЛ- б. 769 нест.
4. ИЛ — б. 772 нест.
5. Л — Накуштанд.
6. Л — Зи ҳар некӯӣ бо ниёз,
7. ТПЗ — Ба Гургин чунин гуфт пас паҳлавон,
К — Аз эдар бирав шоду равшанравон.
Бибар нома наздики Ковуси кай,
Бигӯ, он чи даврон бияфканд пай.
Ҳама ҳадяҳоро фиристод низ,

Бад-он дашти фархунда-бар паҳлавон
Ду ҳафта ҳаме буд равшанравон.

Севум ҳафта наздики[1] шоҳ омаданд,
Ба дидори фаррухкулоҳ омаданд.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,
Яке з-ӯ таносону дигар ба ранҷ.[2]

Бар ину бар он рӯз ҳам бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?!

Суханҳо бад-ин достон шуд ба бун,[3]
Чунон чун даромад[4] зи боло сухун.

# СӮҲРОБ

## ОҒОЗИ ДОСТОНИ СӮҲРОБ

Кунун разми Сӯҳробу Рустам шунав,
Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав.

Яке достон аст пуроби чашм,
Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афканад норасида турунҷ.

Ситамкора хонемаш, ар додгар,
Ҳунарманд донемаш, ар беҳунар,

Агар марг дод аст, бедод чист?
Зи дод ин ҳама бонгу[5] фарёд чист?

---

Ба гурдони гарданкашон дод чиз.

1. И — Саворон ба даргоҳи.
2. ТПЗ — Ҷаҳонро чунин дастёзӣ басест,
Зи ҳар ранг найрангсозӣ басест.
На з-ӯ шояд эмин шудан рӯзи ноз,
На навмед гаштан ба рӯзи ниёз.
3. Л — куҳун.
4. Л — К-андаромад.
5. Л — ҷангу.

Аз ин роз ҷони ту огоҳ нест,
Бад-ин парда-андар[1] туро роҳ нест.

Ҳама то дари оз рафта фароз,
Ба кас во нашуд ин дари оз боз.

Ба рафтан магар беҳтар ояд-т ҷой,
Чу *[2] ором гирӣ ба дигар сарой.

Агар марг касро наявборадӣ,
Зи пиру ҷавон хок биспорадӣ.

Агар оташе гоҳи афрӯхтан
Бисӯзад, аҷаб нест з-ӯ сӯхтан.[3]

Бисӯзад, чу дар сӯзиш ояд дуруст,
Чу шохи нав аз бехи кӯҳна бируст.

Дами марг чун оташи ҳавлнок
Надорад зи барнову фартут бок.

Ҷавонро чӣ бояд ба гетӣ тараб,
Ки не маргро ҳаст пирӣ сабаб.

Дар ин ҷои рафтан на ҷои диранг,
Бар аспи қазо гар кашад[4] марг танг,

Чунон дон, ки дод аст, бедод нест,
Чу дод омадат, бонгу фарёд чист?!

Ҷавониву пирӣ ба назди аҷал
Яке дон, чу дар дин нахоҳӣ халал.

Дил аз нури имон гар огандаӣ,
Туро хомушӣ беҳ, ки ту бандаӣ.

Парастиш ҳамон пеша кун ё ниёз,
Ҳаме кори рӯзи пасинро бисоз.[5]

1. Л — эдар.
2. М — Гар.
3. И — б. 7-10 нест.
4. ИЛ — кунад.
5. И — б. 16-18 нест.

Бар ин кори Яздон туро роз нест,
Агар дев бо ҷонат анбоз нест.

Ба гетӣ дар он кӯш, чун бугзарӣ,
Саранҷом*[1] ислом бо худ барӣ.

Кунун размы Сӯҳроб гӯям дуруст
Аз он кин, ки ӯ бо падар чун биҷуст.

## ОМАДАНИ РУСТАМ БА НАХЧИРГОҲ

Зи гуфтори деҳқон яке достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Зи мӯбад бар он гуна бардошт ёд,
Ки Рустам баророст аз бомдод.

Ғамӣ буд дилаш, сози нахчир кард,
Камар басту таркаш пур аз тир кард.

Бирафту ба Рахш андаровард пой.
Барангехт он пилпайкар зи ҷой.[2]

Сӯи марзи Турон-ш[3] бинҳод рӯй
Чу шери дижогоҳи нахчирҷӯй.

Чу наздикии марзи Турон расид,
Биёбон саросар пур аз гӯр дид.

Барафрӯхт чун гул рухи тоҷбахш,
Бихандиду аз ҷой баркард Рахш.

Ба тиру камону ба гурзу каманд
Бияфканд бар дашт нахчир чанд.

Зи хору зи хошоку шохи дарахт
Яке оташе барфурӯзид сахт.

1. М — Ки анҷом.
2. ИЛ — б. нест.
3. Ж — Турон.

Чу оташ пароканда шуд, пилтан
Дарахте бичуст аз дари бобзан.

Яке наррагӯре бизад бар дарахт,
Ки дар чанги ӯ парри мурғе насахт.

Чу бирён шуд, аз ҳам биканду бих(в)ард,
Зи мағз устухонаш баровард гард.[1]

Бихуфту баросуд аз рӯзгор,
Чамону чарон Рахш дар марғзор.

Саворони туркон тане ҳафт-ҳашт
Бад-он дашти нахчиргаҳ баргузашт.[2]

Паи Рахш диданд дар марғзор,
Бигаштанд*[3] гирди лаби ҷӯйбор.

Чу дар дашт мар Рахшро[4] ёфтанд,
Сӯи банд кардан-ш биштофтанд.

Саворон зи ҳар сӯ ба ӯ тохтанд,
Каманди каёнӣ дарандохтанд.

Чу Рахш он каманди саворон бидид,
Чу шери жиён он гаҳе*[5] бардамид.

Ду касро ба захми лагад кард паст,
Якеро сар аз тан ба дандон гусаст.[6]

Се тан кушта шуд з-он саворони чанд,[7]
Наёмад сари Рахши ҷангӣ ба банд.

---

1. ТПЗИ — Пас он гаҳ хиромон бишуд назди об,
   Чу сероб шуд, кард оҳанги хоб.
2. И — б. б. 35 ин б. омада:
   Ки то оҳуеро ба чанг оваранд,
   Баранду буранду пазанду х(в)аранд.
3. М — Ки мегашт.
4. Л — аспро
5. М — Ба кирдори шери жиён.
6. Л — бихаст.
7. Л — меҳтару арҷманд.

Пас он гаҳ фиканданд ҳар сӯ каманд,
Ки то гардани Рахш карданд банд.[1]

Гирифтанду бурданд пӯён ба шаҳр,
Ҳаме ҳар кас аз Рахш ҷустанд[2] баҳр.

Чу бедор шуд Рустам аз хоби х(в)аш,
Ба кор омадаш бораи дасткаш.

Бад-он марғзор-андарун бингарид
Зи ҳар сӯ ҳаме, борагиро надид.

Ғамӣ гашт, чун борагиро наёфт,
Саросема сӯи Самангон шитофт.

Ҳаме гуфт, к-акнун пиёда давон
Куҷо пӯям, аз нанг тира равон,

Або таркашу гурз баста миён,
Чунин таргу шамшеру бабри баён?

Биёбон чӣ гуна гузора кунам,
Або ҷангҷӯён чӣ чора кунам?

Чӣ гӯянд туркон, ки Рахшаш[3] кӣ бурд,
Таҳамтан бад-ин сон бихуфту бимурд?

Кунун рафт бояд ба бечорагӣ,
Ба ғам дил ниҳодан ба якборагӣ.

Ҳаме[4] баст бояд силеҳу камар,
Ба ҷое нишонаш биёбам магар.

Бирафт инчунин дил пур аз дарду ранҷ,
Тан андар балову дил андар шиканҷ.[5]

1. И — б 38-42 нест.
2. Л — бурданд.
3. И — гурдон, ки аспаш.
4. ЛМ – Кунун.
5. ИЛ — б. 53 нест.
ТПЗ — Ба пушт андаровард зину лаҷом,
Ҳаме гуфт бо худ яли некном.

## ОМАДАНИ РУСТАМ БА ШАҲРИ САМАНГОН

Чу наздики шаҳри Самангон расид,
Хабар з-ӯ ба шоҳу бузургон расид,

Ки омад пиёда гави тоҷбахш,
Ба нахчиргаҳ з-ӯ рамидаст Рахш.

Пазира шудандаш бузургони шоҳ,
Касе к-ӯ ба сар барниҳодӣ кулоҳ.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин Рустам аст,
Ва ё офтоби сапедадам аст?

Пиёда бишуд пеши ӯ зуд шоҳ,
Бар ӯ анҷуман шуд фаровон сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳи Самангон: «Чӣ буд?
Кӣ ёраст бо ту набард озмуд?

Дар ин шаҳр мо некхоҳи туем,
Ситода ба фармону роҳи туем.

Тану хоста зери фармони туст,
Сари арҷмандону ҷон они туст.»

Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарад,
Зи дил бадгумониш[1] кӯтоҳ дид.

Бад-ӯ гуфт: «Рахшам бад-ин марғзор
Зи ман дур шуд бе лагому фисор.

Кунун то Самангон нишони пай аст,
Аз он сӯ куҷо ҷӯйбору най аст.

Туро бошад ар боз ҷӯӣ сипос,
Биёбӣ ту подоши[2] некӣ шинос.

---

Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе пушти зину гаҳе зин ба пушт.
Паи Рахш бардошт, раҳ баргирифт,
Бас андешаҳо дар дил-андар гирифт.

1. ИЛ — бадҳо гумониш.
2. Л — Биёрад ба подош.

В-ар эдун, ки Рахшам наёяд падид,
Саронро басе сар бихоҳам бурид.»[1]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сарафроз мард,
Наёрад касе бо ту ин кор кард.

Ту меҳмони ман бошу тундӣ макун,
Ба коми ту гардад саросар сухун.

Як имшаб ба май шод дорем дил,
В-аз андеша озод дорем дил,

Ки тундиву тезӣ наёяд ба кор,
Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор.[2]

Ҳаме[3] Рахши Рустам намонад[4] ниҳон,
Чунон бораи номвар дар ҷаҳон.[5]

Биҷӯему Рахшат биёрем зуд,
Аё пурҳунар марди корозмуд!»[6]

Таҳамтан зи гуфтори ӯ шод шуд,
Равонаш зи андеша озод шуд.

Сазо дид рафтан сӯи хони ӯй,
Шуд аз мужда дилшод[7] меҳмони ӯй.[8]

Сипаҳбад варо дод дар [9*10] кох ҷой,
Ҳаме буд дар пеши ӯ-бар[11] ба пой.

1. И — б. 70 нест.
2. И — б. 70 нест.
3. ИЛМ –Паи.
4. Л — нагардад.
5. Л — паҳлавон.
6. ИЛ — б. 72 нест.
7. Л — он муждаро шод; И — Бад-он мужда шуд шод.
8. ТПЗИ — Магар боз ёбад аз ӯ Рахши хеш,
Саодат барад баҳра з-ӯ* бахши хеш.
* И — бувад баҳра з-он.
9. ИЛ — бад-ӯ дод бар.
10. М — тахт.
11. Л — чун банда пешаш; И — Ситода ҳамебуд пешаш.

Зи шаҳру зи лашкар саронро бихонд,
Сазовор бо ӯ ба ромиш[1] нишонд.

Бифармуд холигаронро, ки хон[2]
Биёранду бинҳанд пеши гавон.[3]

Нишастанд бо рудсозон ба ҳам,
Бад-он то Таҳамтан набошад дижам.

Гусорандаи бодаву руду соз,
Сияҳчашми[4] гулрух бутони Тароз.

Чу шуд маст, ҳангоми хоб омадаш,
Ҳаме аз нишастан шитоб омадаш.

Сазовори ӯ ҷои орому хоб
Биёрост, бинҳод мушку гулоб.[5]

## ОМАДАНИ ТАҲМИНА – ДУХТАРИ ШОҲИ САМАНГОН БА НАЗДИ РУСТАМ

Чу як баҳра з-он[6] тирашаб даргузашт,
Шабоҳанг бар чархи гардон бигашт.

Сухан гуфта[7] омад нуҳуфта ба роз,
Дари хобгаҳ нарм карданд боз.

Яке банда шамъи муанбар ба даст,
Хиромон биёмад ба болини маст.

1. Л — шодӣ.
2. Л — хунёгаронро бихонд.
3. Л — Ҳама бадсиголон зи пешаш биронд.
   ТПЗ — Яке базми хуррам биёростанд,
   Зи туркони чинӣ қадаҳ хостанд.
4. Л — Сияҳчашму.
5. ТПЗ — Баросуд Рустам бари хобгоҳ,
   Ғунуда шуд аз бодаву ранҷи роҳ.
6. Ж — Аз.
7. Ж — гуфтан.

Паси парда-андар[1] яке[2] моҳрӯй,
Чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй.

Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори сарви баланд.

Ду рух чун ақиқи ямонӣ ба ранг,
Даҳон чун дили ошиқон гашта танг.[3]

Равонаш хирад буду тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок.

Аз ӯ Рустами шердил хира монд,
Бар ӯ-бар ҷаҳонофаринро[4] бихонд.

Бипурсид аз ӯ, гуфт: «Номи ту чист?
Чӣ ҷӯӣ шаби тира,[5] коми ту чист?»

Чунин дод посух, ки «Таҳминаам,
Ту гӯӣ, ки аз ғам ба ду нимаам.

Яке духти шоҳи Самангон манам,
Зи пушти ҳизабру палангон манам.

Ба гетӣ зи шоҳон[6] маро ҷуфт нест,
Чу ман зери чархи барин[7] андакест.

---

1. ЛЖ — парда-андар.
2. И — буд духтаре.
3. ИЛ — б. 87 нест;
ТПЗ — Ду барги гулаш савсани майсиришт,
Ду шамшоди анбарфурӯш аз биҳишт.
Баногӯш тобанда хуршедвор,
Фурӯҳишт з-ӯ ҳалқаи гӯшвор.
Лабон аз табарзад, забон аз шакар.
Даҳонаш мукаллал ба дурру гуҳар.
Ситора ниҳон карда зери ақиқ,
Ту гуфтӣ варо Зӯҳра омад рафиқ.*

* Ил — танҳо ду байти охир мавҷуд аст.

4. ИЛЖ — Бар ӯ офаринҳои Яздон.
5. Л — тору.
6. Л — хубон.
7. И — кабуд, Ж-баланд.

Зи парда бурун кас надида маро,
На ҳаргиз кас ово шунида маро.

Ба кирдори[1] афсона аз ҳар касе
Шунидам ҳаме[2] достонат басе,

Ки аз деву шеру палангу наҳанг
Натарсиву ҳастӣ чунин тезчанг.[3]

Шаби тира танҳо ба Турон шавӣ,
Бигардӣ дар он марзу ҳам нағнавӣ.

Ба танҳо яке гӯр бирён кунӣ,
Ҳаворо ба шамшер гирён кунӣ.

Бидаррад дили шеру чарми паланг,
Ҳар он гаҳ ки гурзи ту бинад ба ҷанг.

Бараҳна чу теғи ту бинад уқоб,
Наёрад ба нахчир кардан[4] шитоб.

Нишони каманди ту дорад ҳизабр,
Зи бими синони ту хун борад абр.

Чунин достонҳо шунидам зи ту,
Басе лаб ба дандон газидам зи ту.

Биҷустам ҳаме китфу ёлу барат,
Бад-ин шаҳр кард Эзад обишх(в)арат.

Туроам, кунун гар бихоҳӣ маро,
Набинад ҳаме мурғу моҳӣ маро.

Яке он ки бар ту чунин гаштаам,
Хирадро зи баҳри ҳаво куштаам.

1. ИЛ — гуфтору.
2. Л — Шунидастам.
3. И — б. 96 нест.
4. Л — Ба нахчир кардан насозад.

Ва дигар, ки аз ту магар[1] кирдгор
Нишонад яке кӯдакам дар[2] канор.

Магар чун ту бошад ба мардиву зӯр,
Сипеҳраш диҳад баҳра кайвону ҳур.

Се дигар, ки Рахшат[3] ба ҷой оварам,
Самангон ҳама зери пой оварам.»

Суханҳои он моҳ омад ба бун,
Таҳамтан саросар шунид он сухун.

Чу Рустам бад-он сон паричеҳра дид,
Зи ҳар донише назди ӯ баҳра дид.

Дигар он, ки аз Рахш дод огаҳӣ,
Надид эч фарҷом ҷуз фаррахӣ.[4]

Бифармуд, то мӯбади пурҳунар
Биёяд, бихоҳад варо аз падар.

Чу бишнид шоҳ ин сухан, шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд.[5]

Бад-он паҳлавон дод он духти хеш,
Бар он сон, ки будаст оину кеш.

Ба хушнудиву рою фармони ӯй
Ба хубӣ биёрост паймони ӯй.

Чу биспурд духтар бад-он паҳлавон,
Ҳама шод гаштанд пиру ҷавон.

---

1. ИЛ — Маро.
2. ИЛ — пурам андар.
3. ИЛ — аспат.
4. ТПЗ — Бари хеш хондаш, чу сарви равон
Хиромон биёмад бари паҳлавон.
5. ТПЗ — Бишуд донишуманд назди сипоҳ*.
Хабар чун ба шоҳи Самангон расид,
Аз ин шодмонӣ дилаш бардамид.
Зи пайванди Рустам дилаш шод гашт,
Ба сони яке сарви озод гашт.

*3 — 6 якум нест.

Ба шодӣ ҳама ҷон барафшонданд,
Бар он паҳлавон офарин хонданд,

Ки ин моҳи нав бар ту фархунда бод,
Сари бадсиголони ту канда бод![1]

Чу анбози ӯ гашт бо ӯ ба роз,
Бибуд он шаби тира то дер боз.[2]

Чу хуршеди равшан[3] зи чархи баланд
Ҳаме хост афканд мушкин[4] каманд.

Ба бозуи Рустам яке мӯҳра буд,
Ки он мӯҳра андар ҷаҳон шӯҳра буд.

Бад-ӯ доду гуфташ, ки «Инро бидор,
Гарат духтаре ояд аз рӯзгор,

Бигиру ба гесӯи ӯ-бар бидӯз
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

В-ар эдун, ки ояд зи ахтар писар,
Бубандаш ба бозу нишони[5] падар.

Ба болои Соми Наримон бувад,
Ба мардиву хӯи[6] каримон бувад.

Фуруд орад аз абр парронуқоб,
Натобад ба тундӣ бар ӯ офтоб.»[7]

---

1. ИЛ — б. 116-118 нест.
2. ТПЗ — Зи шабнам шуд он ғунчаи тоза пур,
Ва ё ҳуққаи лаъл шуд пур зи дур.
Ба коми садаф қатра андарчакид,
Миёнаш яке гавҳар омад падид.
Бидонист Рустам, ки ӯ бар гирифт.
Таҳамтан ба дил меҳраш андаргирифт.
3. ИЛ — тобон.
4. ИЛ — рахшон.
5. ИЛ — ба сони.
6. Л — хубӣ.
7. ТПЗ — Ба бозӣ шуморад ҳаме разми шер,
Напечад сар аз разми пили далер.

Ҳаме буд он шаб бари моҳрӯй,
Ҳаме гуфт аз ҳар сухан пеши ӯй.

Чу рахшанда хуршед шуд бар сипеҳр,
Биёрост рӯи заминро ба меҳр,

Ба падруд кардан гирифташ ба бар,
Басе бӯса додаш ба чашму ба сар.

Паричеҳра гирён аз ӯ боз гашт,
Або андуҳу дард анбоз гашт.

Бари Рустам омад гаронмоя шоҳ,
Бипурсидаш аз хобу оромгоҳ.

Чу ин гуфта шуд, мужда додаш ба[1] Рахш
Аз ӯ шодмон шуд дили тоҷбахш.

Биёмад, бимолиду зин барниҳод,
Шуд аз Рахш рахшону аз шоҳ шод.[2]

В-аз он ҷо сӯи Систон шуд чу бод,
В-аз ин достон кард бисёр ёд.

В-аз он ҷо сӯи Зобулистон кашид,
Касеро нагуфт, он чи диду шунид.[3]

## ЗОДАНИ СӮҲРОБ АЗ МОДАРАШ ТАҲМИНА

Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар духти шоҳ,
Яке кӯдак омад чу тобанда моҳ.

Ту гуфтӣ гави пилтан Рустам аст,
Ва ё[4] Соми шер аст, ё[5] Найрам аст.

Чу хандон шуду чеҳра шодоб кард,
Варо ном Таҳмина Сӯҳроб кард.

1. Л — зи.
2. ИЛ — Зи яздони некидиҳиш кард ёд.
3. ИЛ — б. 135 нест.
4. ИЛ — Ва гар.
5. ИЛ — ва гар.

Чу якмоҳ[1] шуд ҳамчу яксол буд,
Бараш чун бари Рустами Зол буд.

Чу сесола шуд, сози майдон гирифт,
Ба панҷум дили шермардон[2] гирифт.

Чу даҳсола шуд, з-он замин кас набуд,
Ки ёраст бо ӯ набард озмуд.[3]

Бари модар омад, бипурсид аз ӯй,
Бад-ӯ гуфт густох: «Бо ман бигӯй,

Ки ман чун зи ҳамширагон[4] бартарам?
Ҳаме б-осмон андарояд сарам.

Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?
Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?

Гар ин пурсиш аз ман бимонад[5] ниҳон,
Намонам туро зинда андар ҷаҳон.»[6]

Бад-ӯ гуфт модар, ки «Бишнав сухун,
Бад-ин шодмон бошу тундӣ макун.

Ту пури гави пилтан – Рустамӣ,
Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ.

Азеро сарат з-осмон бартар аст,
Ки тухми ту з-он номвар гавҳар аст.

---

1. Л — моҳа.
2. ИЛ — шеру ҷавгон.
3. ТПЗ — Ба тан ҳамчу пилу ба чеҳра чу хун,
Ситабраш ду бозу ба сони сутун.
Ба нахчири шерон бурун тохтӣ,
Ба бозӣ ҳама размашон сохтӣ.
Ба так -дар давидӣ паи бодпой
Гирифтӣ думи асп, мондӣ ба ҷой.
4. Л — ҳамзодагон.
5. ИЛ — ту дорӣ.
6. ТПЗ — Чу бишнид Таҳмина гуфти ҷавон,
Битарсид аз он номвар паҳлавон.

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Саворе чу Рустам наёмад падид.[1]

Чу Соми Наримон ба гетӣ набуд,
Сарашро наёраст гардун бисуд.»

Яке нома аз Рустами ҷангҷӯй
Биёварду бинмуд пинҳон бад-ӯй.

Се ёқути рахшону се бадра[2] зар,
К-аз Эрон[3] фиристода будаш падар,

Бад-он гоҳ, к-ӯ зода будаш зи мом,
Фиристода будаш падар бо паём.[4]

Нигаҳ кун ту онро, ба хубӣ нигар,
Ки бобат фиристода, эй пурҳунар.[5]

Дигар гуфт, к-Афросиёб ин сухун
Набояд, ки донад зи сар то ба бун,

Ки ӯ душмани номвар Рустам аст.
Ба Туронзамин з-ӯ ҳама мотам аст.

Мабодо, ки гардад ба ту кинахоҳ,
Зи хашми падар пур созад табоҳ.[6]

Падар гар бидонад, ки ту з-ин нишон
Шудастӣ[7] сарафрози гарданкашон,

Ҳамон гаҳ[8] бихонад туро назди хеш,
Дили модарат гардад аз дард реш.

---

1. ТПЗ — Дили шер дорад, ба тан жандапил,
Наҳангон барорад зи дарёи Нил.
2. ИЛ — мӯҳра.
3. И — Бад-он гаҳ.
4. Л — б. 153 нест.
5. ТПЗ — Сазад, гар бидорӣ кунун ёдгор
Ҳамоно, ки бошад туро ин ба кор.
6. ИЛ — б. 156, 157 нест.
7. И — Кӣ ҳастӣ.
8. ИЛМ – Чу донад.

Чунин гуфт Сӯҳроб, к-«Андар ҷаҳон
Надорад касе ин суханро ниҳон.

Бузургони ҷанговар аз бостон
Зи Рустам зананд ин замон достон.[1]

Набарданажоде ки чунин бувад,
Ниҳон кардан аз ман чӣ оин бувад?

Кунун ман зи туркони[2] ҷанговарон
Фароз оварам лашкари бекарон.[3]

Барангезам аз гоҳ*[4] Ковусро,
Аз Эрон бибуррам паи Тусро.

На Гургин бимонам, на Гударзу Гев,
На Густаҳми Нӯзар, на Баҳроми нев.[5]

Ба Рустам диҳам ганҷу[6] тахту кулоҳ,
Нишонам- ш бар гоҳи*[7] Ковусшоҳ.

Аз Эрон ба Турон шавам ҷангҷӯй,
Або шоҳ рӯй андарорам ба рӯй.

Бигирам сари тахти Афросиёб,
Сари найза бигзорам аз офтоб.

Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,
Ба ҷанг-андарун кори шерон кунам.[8]

---

1. И — б. 161 нест.
   ТПЗИ - Ниҳонӣ чаро доштӣ аз ман ин
   Нажоде баоину боофарин?
2. ИЛ — туркону.
3. ТПЗ — Биронам ба Эронзамин кинахоҳ,
   Ҳама гарди кина барорам ба моҳ.
4. М — кох.
5. И-б 165 нест.
   ТПЗ — На Гударз монам, на некӯсарон,
   На гурдони ҷангиву номоварон.
6. Л — кӯсу; И — гурзу.
7. М — кохи.
8. И — б. 169 нест.

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Ба гетӣ намонад яке[1] тоҷвар.

Чу равшан бувад рӯи хуршеду моҳ,
Ситора чаро барфарозад кулоҳ?

## ГУЗИДАНИ СӮҲРОБ АСПРО

Ба модар чунин гуфт Сӯҳроби гурд,[2]
Ки «Акнун бубинӣ зи ман дастбурд.[3]

Яке асп бояд маро гомзан,
Суми ӯ зи[4] пӯлоди хорошикан.

Чу пилон ба зӯру чу мурғон ба пар,
Чу моҳӣ ба дарё[5], чу оҳу ба барр.

Кӣ баргирад ин гурзу кӯполи ман,
Ҳамин паҳлавонӣ бару ёли ман?

Пиёда нашояд шудан ҷангҷӯй,
Чу бо хасм рӯ андарорам ба рӯй.»

Чу бишнид модар чунин аз писар,
Ба хуршеди тобон баровард сар.

Ба чӯпон бифармуд, то ҳар чи буд,
Фасила биёрад ба кирдори дуд,

Ки Сӯҳроб аспе ба чанг оварад,
Ки бар вай нишинад, чу ҷанг оварад.

Ҳама ҳар чи буданд аспон гала,
Ки будӣ ба кӯҳу ба саҳро яла,

Ба шаҳр овариданд, Сӯҳроби шер
Каманде гирифту биёмад далер.

---

1. Л — Чӣ бояд ба гетӣ касе; И — Набояд ба гетӣ яке.
2. Л — гав.
3. Л — Ки, эй модар, аз ман чунин.
4. Ж — асп.
5. Л — баҳру.

Ҳар аспе, ки дидӣ ба нерӯю[1] ёл,
Фикандӣ ба гардан-ш хамми дувол.

Ниҳодӣ бар ӯ дастро озмун,
Шикам бар замин барниҳодӣ ҳаюн.

Ба зӯраш басе аспи зебо шикаст,
Наёмад-ш шоиста аспе ба даст.

Набуд ҳеч аспе сазовори ӯй,
Бибуд тангдил он гави номҷӯй.

Саранҷом гурде аз он анҷуман
Биёмад ба наздики он пилтан,

Ки дорам яке курра,[2] Рахшаш нажод,
Ба нерӯ чу шеру ба рафтан[3] чу бод.

Яке курра чун кӯҳу водисипар,
Ба саҳро бипӯяд чу мурғе ба пар.

Ба зӯру ба рафтан ба кирдори ҳур,
Надидаст кас ҳамчунон тез бӯр.

Зи захми сумаш говмоҳӣ сутӯҳ,
Ба ҷастан чу барқу ба ҳайкал чу кӯҳ.

Ба куҳ-бар давида ба сони калоғ,
Ба дарё ба кирдори моҳиву моғ.

Ба саҳро равад[4] ҳамчу тир аз камон,
Расад, чун шавад аз паи[5] бадгумон.

Бишуд[6] шод Сӯҳроб аз гуфти мард,
Бихандиду рухсора шодоб кард.

1. Л — қавӣ зӯру.
2. Л — ҷарма.
3. Л — Ба рафтан чу тиру ба ҷастан.
4. Л — дарун.
5. Л — бирони асп.
6. Л — Бибурд.

Бибурданд он чармаи хубранг
Ба наздики Сӯҳроби ял бединг.

Бикардаш ба нерӯи худ озмун,
Қавӣ буду шоиста омад ҳаюн.

Навозиду молиду зин барниҳод,
Бар ӯ барнишаст он яли невзод.

Даромад ба зин чун кӯҳи Бесутун,
Гирифташ яке найзаи чун*[1] сутун.

Чунин гуфт Сӯҳроби боофарин,
Ки «Чун аспам омад ба даст инчунин,

Ман акнун бибояд[2] саворӣ кунам,
Ба Ковус-бар рӯз торӣ кунам.»

Бигуфт ину омад сӯи хона боз,
Ҳаме ҷанги эрониён кард соз.[3]

Зи ҳар сӯ сипаҳ шуд бар ӯ анҷуман,
Ки ҳам богуҳар буду ҳам теғзан.

Ба пеши ниё шуд ба хоҳишгарӣ,
В-аз ӯ хост дастуриву ёварӣ,

Ки хоҳам шудан сӯи Эронзамин,
Ки бинам мар он боби боофарин.[4]

Чу шоҳи Самангон чунин дид боз,
Бубахшид ӯро[5] зи ҳар гуна соз.

Зи тоҷу зи тахту кулоҳу камар,
Зи аспу зи астар, зи зарру гуҳар

1. М — найза ҳамчун, Ж-яке найза ҳамчу.
2. Л — чу бояд.
3. И –б. 172 — 200 нест.
4. ИЛ..б. 203 нест.
5. ИЛМ –вайро.

Зи хафтони румиву сози набард,
Шигифтид аз он кӯдаки ширх(в)ард.

Ба доду диҳиш дастро баркушод,
Ҳама созу оини шоҳон ниҳод.

## ФИРИСТОДАНИ АФРОСИЁБ БОРМОН ВА ҲУМОНРО БА НАЗДИКИ СӮҲРОБ

Хабар шуд ба наздики Афросиёб,
Ки афканд Сӯҳроб киштӣ бар об.[1]

Яке лашкаре шуд бар ӯ анҷуман,
Ҳаме сар фарозад чу сарви чаман.

Ҳанӯз[2] аз даҳан бӯи шир оядаш,
Ҳаме рои шамшеру тир оядаш.

Заминро ба ханҷар бишӯяд ҳаме,
Кунун разми Ковус ҷӯяд ҳаме.

Сипоҳ анҷуман шуд бар ӯ-бар басе,
Наёяд ҳаме ёдаш аз ҳар касе.

Сухан з-ин дарозӣ чӣ бояд кашид?
Ҳунар бартар аз гавҳар омад падид.[3]

Чу Афросиёб ин суханҳо шунуд,
Хуш омад-шу хандиду шодӣ намуд.

Зи лашкар гузид аз[4] диловар сарон,
Касе к-ӯ гирояд ба гурзи гарон.

Сипаҳбад чу Ҳумону чун Бормон,
Ки дар ҷанги шерон наҷустӣ замон.

---

1. ИЛ — б. 208 нест.
2. Л — Ҳаме.
3. ТПЗ — Касе к-аз нажоди Таҳамтан бувад,
Набошад гумон, к-ӯ фурӯтан бувад.
Сипаҳдор бишнида буд ин хабар
Зи Таҳминаву Рустами Золи Зар.*

* ИЛ — танҳо байти охир мавҷуд аст.

4. Л — гузида.

Даҳу ду ҳазор аз далерони гурд
Гузидаш зи лашкар, бад-эшон супурд.[1]

Чунин гуфт, к-ин чора андар ҷаҳон[2]
Бисозеду доред андар ниҳон.[3]

Писарро набояд, ки донад падар,
Зи пайванди ҷону зи меҳру гуҳар.[4]

Чу рӯй андароранд ҳар ду ба рӯй,
Таҳамтан бувад бегумон чораҷӯй.[5]

Магар, к-он диловар гави солх(в)ард
Шавад кушта бар дасти ин шермард.

Чу бе Рустам Эрон ба чанг оварем,
Ҷаҳон пеши Ковус танг оварем.

В-аз он пас бисозем[6*7] Сӯҳробро,
Бубандем як шаб бад[8]-ӯ хобро.

В-агар кушта гардад ба дасти падар,
Аз он пас, бисӯзад дили номвар.[9]

Бирафтанд бедор ду паҳлавон
Ба наздики Сӯҳроби равшанравон.

Ба пеш-андарун ҳадяи шаҳрёр,
Даҳ аспу даҳ астар базину бабор.

---

1. ТПЗИЛ -Ба гурдони лашкар сипаҳдор гуфт,
   Ки он роз бояд, ки монад нуҳуфт.
2. Л — ниҳон.
3. И — б. 218 нест; Л — Бидореду созед кори меҳон.
4. Л — Ки бандад ба дил меҳри ҷони писар;
   ТПЗ — Фиристам гарон лашкаре назди ӯй,
   Ба Эрон шавад дарзамон ҷангҷӯй.
5. ИЛ — ҷангҷӯй.
6. Л — бибандем.
7. М — бигирем.
8. Л — Бигирем як шаб бар.
9. ИЛ-б. 224 нест.

Зи пирӯза тахту зи беҷода тоҷ,
Сари тоҷ дур,[1] пояи тахт оҷ.

Яке нома бо лобаву дилписанд
Набишта ба наздики он арҷманд,[2]

Ки гар тахти Эрон ба даст[3] оварӣ,
Замона баросояд аз доварӣ.

Аз ин марз то он басе роҳ нест,
Самангону Турону Эрон якест.

Фиристам-т, чандон ки бояд сипоҳ,
Ту бар тахт биншину барнеҳ кулоҳ.

Ба Турон чу Ҳумону чун Бормон
Далеру сипаҳбад набуд бегумон.[4]

Фиристодам инак[5] ба фармони ту,
Ки бошанд якчанд меҳмони ту.

Агар ҷанг ҷӯӣ ту, ҷанг оваранд,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оваранд.»

Чунин номаву[6] хилъати шаҳрёр
Бибурданд бо аспу астар ба бор.[7]

Чу[8] омад ба Сӯҳроб аз эшон хабар,
Пазира шуданро бубасташ камар.

---

1. ИЛ — зар.
2. И — б. 228 ин б. омада:
   Чу нома бибурданд он бихрадон,
   Бидоданд пайғоми шоҳи радон.
3. ИЛ — чанг.
4. ТПЗЛ — Чу Тархони чиниву сесад ҳазор
   Гузида ялон аз дари корзор.*
   * Л — б. ин б. се б. дигар омада:
5. И — инро.
6. Л — Чу он нома бо.
7. Л — аспону чанде савор.
8. ЛМ — Пас.

Бишуд бо ниё пеши[1] Ҳумон чу бод,
Сипаҳ дид чандон,[2] дилаш гашт шод.

Чу Ҳумон варо дид бо ёлу кифт,
Фурӯ монд якбор[3] аз ӯ дар[4] шигифт.

Бад-ӯ дод пас номаи шаҳрёр
Або ҳадяву аспу астар бабор.[5]

Ҳамон низ бедор ду паҳлавон,
Бигуфтанд пайғоми шоҳи ҷаҳон.[6]

Ҷаҳонҷӯй чун номаи ӯ бихонд,
Аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд.[7]

Бизад кӯсу сӯи раҳ овард рӯй,
Ҷаҳон шуд пур аз лашкару ҳою ҳуй.[8]

Касеро набуд тоб бо ӯ ба ҷанг,
Агар шер пеш оядаш ё[9] наҳанг.

Сӯи марзи Эрон сипаҳро биронд,
Ҳаме сӯхт, з-обод[10] чизе намонд.

---

1. Л — Биёмад дамон назди.
2. И — Лабаш гашт хандон.
3. Л — Ҳуммон.
4. И — якбора андар.
5. Л — олати корзор.
6. И — б. 240 нест; Л — радон;
ТПЗ — Сипаҳдор Ҳумон савори далер
Ба Сӯҳроб гуфт: «Эй яли наррашер,
Бихон номаи шоҳи Туронзамин,
Бубин то чӣ фармон диҳӣ андар ин.»
Зи Чин он замон назди Афросиёб
Ба хидмат расида ба ҳангоми хоб.
Бигуфто бар он сон гирояд радон,
Саросар бипӯянд бо Бормон.
Дигар номдорон, ки аз Чин буданд,
Саросар камар бастаи кин буданд.
7. ТПЗ — Ҷаҳондида гурдони кишваркушой
Нишастанд бар ҷармаи бодпой.
8. ИЛ — б. 242 нест.
9. ИЛ — омадаш, гар.
10. ИЛ — ободу.

## РАСИДАНИ СӮҲРОБ БА ДИЖИ САПЕД

Диже буд, к-аш хонандӣ Сапед,
Бад-он диж буд эрониёнро умед.

Нигаҳбони диж размдида Ҳаҷир,
Ки бо зӯру дил буду бо гурзу тир.

Ҳанӯз он замон Гаждаҳам хурд буд,
Ба хурдӣ гирояндаву[1] гурд буд.

Яке духтараш[2] буд гурду савор,
Бадандешу гарданкашу[3] номдор.[4]

Чу Сӯҳроб наздики он диж расид,
Ҳаҷири диловар мар ӯро бидид.

Нишаст аз бари бодпое чу гард,
Зи диж рафт пӯён ба дашти набард.[5]

Чу Сӯҳроби ҷанговар ӯро бидид,
Барошуфту шамшери кин баркашид.

Зи лашкар бурун тохт бар сони бод,[6]
Чунин гуфт, к-«Эй дода ҷонат ба бод,[7]

---

1. ИЛ — ҳунаргустару.
2. ИЛ — хоҳараш.
3. ИЛ — мардафкану.
4. ТПЗ — Чу огаҳ шуд аз кори лашкар Ҳаҷир,
   Бипӯшид ҷавшан ба кирдори шер.
5. И — б. 249, 250 нест;
   ТПЗ — Бад – он лашкари турк овоз дод,
   Чунин гуфт он гурди паҳлавнажод,
   Ки гурдон кадоманду ҷанговарон,
   Далерону корозмуда сарон?
6. Кӣ бо ман бигардад дар ин кинагоҳ
   Зи чандин диловар сарони сипоҳ?
   Пазира наёмад кас ӯро ба ҷанг,
   Ки буд бурзболову бозӯру ҳанг.
   Л — шер.
7. И — б. 252 нест; Л — бо размдида Ҳаҷир.

Ту танҳо ба ҷанг омадӣ хира-хир,
Кунун пой дору инон сахт гир.[1]

Чӣ мардиву ному нажоди ту чист,[2]
Ки зояндаро бар ту бояд гирист?»

Ҳаҷираш чунин дод посух, ки «Бас,
Ба ҷангат набояд[3] маро ёр кас.

Ҳаҷири далери сипаҳбад манам,
Ҳам акнун саратро зи тан барканам.

Фиристам ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Танатро канад каргас андар ниҳон»[4]

Бихандид Сӯҳроб, к-ин[5] гуфтугӯй
Ба гӯш омадаш, тез бинҳод рӯй.

Сабук найза бар найза андохтанд,
Ки аз якдигар боз нашнохтанд.

Чу оташ биёмад гави пилзӯр,
Чу кӯҳе равон кард аз ҷо сутур.

Яке найза зад бар миёнаш Ҳаҷир,
Наёмад синон андар ӯ ҷойгир.

Синон боз пас кард Сӯҳроби шер,
Буни найза зад бар миёнаш далер.

Зи зин баргирифташ ба кирдори бод,
Наёмад ҳаме з-ӯ ба дил-дар-ш ёд.

1. ТПЗ — Чунин гуфт бо размдида Ҳаҷир,
Ки танҳо ба ҷанг омадӣ хира-хир.
Чаро хира танҳо ба ҷанг омадӣ,
Хиромон ба ҷанги наҳанг омадӣ?*

* З — ин ду б. ба ҷои б. 253 омада.

2. Л — Чӣ номию асли нажоди ту кист?
3. Л — наёяд.
4. ИЛ — кунам зери гил дар ниҳон.
5. ИЛ — аз ин.

Бизад бар заминаш чу як лахти кӯҳ,
Ба ҷону дилаш андаромад сутӯҳ.[1]

Зи асп андаромад, нишаст аз бараш,
Ҳаме хост аз тан буридан сараш.

Бипечиду баргашт бар дасти рост,
Ғамӣ шуд зи Сӯҳробу зинҳор хост.

Раҳо кард з-ӯ ҷангу зинҳор дод,[2]
Чу хушнуд шуд, панди бисёр дод.

Бубасташ ба банд он гаҳе ҷангҷӯй,
Ба наздики Ҳумон фиристод ӯй.[3]

Ба диж-дар чу огаҳ шуданд аз Ҳаҷир,
Ки ӯро гирифтанду бурданд асир,

Хурӯш омаду нолаи марду зан,
Ки гум шуд Ҳаҷир андар он анҷуман.

## РАЗМИ СӮҲРОБ БО ГУРДОФАРИД

Чу огоҳ шуд духтари Гаждаҳам,
Ки солори он анҷуман гашт кам.

Ғамин гашту барзад хурӯше бадард,
Баровард аз дил яке боди сард.[4]

Зане буд бар сони*[5] гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун номдор.

Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид.

1. ИЛ — б. 264 нест.
2. И — аз ӯ ҷанг Сӯҳроби род.
3. ТПЗ — Зи кораш фурӯ монд Ҳумон шигифт.
   Ки з-он сон далере ба осон гирифт.
4. ИЛ — б. 272 нест.
5. М — ба кирдори.

Чунон нангаш омад зи кори Ҳаҷир,
Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир.[1]

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.

Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.

Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён, бодпое ба зер.

Ба пеши сипоҳ андаромад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,

Ки гурдон кадоманду солор кист?[2]
Зи размоварон ҷангро ёр кист?[3]

Ки бар ман яке озмунро ба ҷанг
Бигардад ба сони диловар наҳанг?

Зи ҷанговарон лашкари сарфароз
Мар ӯро наёмад касе пеш боз.[4]

Чу Сӯҳроби шеравжан ӯро бидид,
Бихандиду лабро ба дандон газид.

Чунин гуфт, к-омад дигарбора гӯр
Ба доми худованди шамшеру зӯр.

Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод
Яке тарки чинӣ[5] ба кирдори бод.[6]

Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти[7] камандафкан ӯро бидид,

1. ЛМЖ –қир; И — шир.
2. ИЛ — кундоварон.
3. ИЛМ — Далерону корозмуда сарон.
4. ИЛ — б. 281 — 282 нест.
5. Руми.
6. И — б. 285 нест; Ж-Румӣ.
7. И — гурди.

Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мурғро пеши тираш гузар,

Ба Сӯҳроб- бар[1] тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.[2]

Нигаҳ кард Сӯҳроб, омад-ш нанг,
Барошуфту тез андаромад ба ҷанг.

Сипар бар сар оварду бинҳод рӯй
Ба наздики он духтари ҷангҷӯй.

Ҳамовардро дид Гурдофарид,
Ки бар сони оташ ҳаме бардамид.

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Самандаш баромад бар абри баланд.

Сари найзаро сӯи Сӯҳроб кард,
Инону синонро[3] пур аз тоб кард.

Барошуфт Сӯҳробу шуд чун[4] паланг,
Чу бадхоҳи ӯ чораҷӯ шуд ба ҷанг.[5]

Инон баргироиду бардошт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.[6]

Ба даст-андарун найзаи ҷонситон,
Паси пушти худ кардаш он гаҳ синон.

Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зиреҳ бар танаш як ба як бардарид.

---

1. Л — Чу Сӯҳробро.
2. ИЛ — Ба гирдаш-дарун низ ҷавлон гирифт.
3. ИЛ — синонаш.
4. Л — Сӯҳроб ҳамчун.
5. Л — Чу бадхоҳро дид ӯ бо диранг.
6. ТПЗЛ – Чу ошуфта* шуд шер, тундӣ намуд,
   Сари** найзаро сӯи ӯ кард зуд.

* Л — барошуфта; ** Л — буни.

Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки[1] чавгон зи бод андарояд бар ӯй.

Чу бар зин[2] бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид,

Бизад, найзаи ӯ[3] ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину[4] бархост гард.

Ба овард бо ӯ басанда[5] набуд,
Битобид аз ӯ рӯю баргошт[6] зуд.

Сипаҳбад инон аждаҳоро супурд,
Ба хашм аз ҷаҳон[7] равшаноӣ бибурд.

Чу омад хурӯшон ба танг-андараш,
Биҷунбиду бардошт хӯд аз сараш,[8]

Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯи ӯй,
Дурафшон чу хуршед шуд рӯи ӯй.

Бидонист[9] Сӯҳроб, к-ӯ духтар аст,
Сари мӯи ӯ аз дури асфар аст.[10]

Шигифт омадаш, гуфт аз эронсипоҳ
Чунин духтар ояд ба овардгоҳ.

Саворони ҷангӣ ба рӯзи набард
Ҳамоно ба абр андароранд[11] гард.[12*13]

---

1. Л — Чу.
2. ИЛ — худ.
3. ЛМ — теғу найза.
4. ИЛ — аспу.
5. ИЛ — басанда.
6. ИЛ — баргашт.
7. ИЛ — ҷанг аз ҳаво.
8. Л — Бихандиду бардошт худ аз бараш:
9. И — Барошуфт.
10. ИЛ — Сару мӯи ӯ аз дуру афсар аст.
11. И — бароранд азшер.
12. ТПЗЛ — Заноншон чунинанд, з-эрониён,
Чӣ гӯянд гурдони ҷанговарон?!
13. М — Бароранд бар чархи гарданда гард.

Зи фитрок букшод печон каманд,
Бияндохт в-омад миёнаш ба банд.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз ман раҳоӣ[1] маҷӯй,
Чаро ҷангҷӯӣ[2] ту, эй моҳрӯй?

Наёмад*[3] ба домам ба сони ту гӯр,
Зи чангам раҳоӣ наёбӣ, машӯр!»[4]

Кушодаш рух он гоҳ Гурдофарид,
Мар онро ҷуз ин ҳеч чора надид.

Бад-ӯ рӯй бинмуд, гуфт:«Эй далер,
Миёни далерон ба кирдори шер.

Ду лашкар назора бар ин ҷанги мо,
Бад-ин гурзу шамшеру оҳанги мо.

Кунун ман кушода чунин рӯю мӯй,
Сипоҳ аз ту гардад пур аз гуфтугӯй,

Ки бо духтаре ӯ ба дашти набард
Бад-инсон ба абр андаровард гард.

Набояд ки чандин диранг оварад,[5]
К-аз ин разм бар хеш нанг оварад.[6]

Ниҳонӣ[7] бисозем, беҳтар бувад,
Хирад доштан кори меҳтар бувад.

Зи баҳри ман оҳу зи ҳар сӯ маҳоҳ,
Миёни ду саф баркашида сипоҳ!

Кунун лашкари диж ба фармони туст,
Набояд бад-ин оштӣ ҷанг ҷуст.

1. Л — баҳона.
2. Л — ҷанг ҷӯстӣ.
3. М — Биёмад.
4. И — ба зӯр.
5. Л — оварӣ.
6. И — б. 316 нест; Л — Ҳама номи моро ба нанг оварӣ.
7. Л — Ҳамоно.

Дижу ганҷу дижбон саросар туроcт,
Чу ой̣ чунон, к-ат мууроду ҳавост.»

Чу рухсор бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушшоб бикшуд уннобро.

Яке бӯстон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.

Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.[1]

Бад-ӯ гуфт: «З-ин гуфта акнун магард,
Ки дидӣ маро рӯзгори набард.

Бад-он бораи диж дил андармабанд,
Ки он нест бартар зи чархи баланд.

Ба пой оварад захми кӯполи ман,
Наронад касе найза бар ёли ман.»

Инонро бупечид Гурдофарид,
Саманди сарафроз бар диж кашид.

Ҳаме рафт Сӯҳроб[2] бо ӯ ба ҳам,
Биёмад ба даргоҳи диж[3] Гаждаҳам.

Дари диж кушоданду[4] Гурдофарид
Тани хаставу баста[5] дар диж кашид.

Дари диж бубастанду ғамгин шуданд,
Пур аз ғам дилу дида хунин шуданд.

---

1. Л — Ба ораз чу дебои мансуч (?) буд,
Ба зулфайнҳо банди Ҳорут (?) буд.
Ба боло ба кирдори сарви баланд
Лабонаш чу писта, даҳонаш чу қанд.
ТПЗИЛ -Зи дидори ӯ мубтало шуд дилаш,
Ту гуфтӣ, ки дурҷи бало шуд дилаш.
2. ИЛ — диждор.
3. И — даргоҳ-бар.
4. ИЛ — бора бикшод.
5. Л — Саманди сарафроз.

Аз озори Гурдофариду[1] Ҳаҷир
Пур аз дард буданд барнову пир.

Бари духтар омад ҳаме Гаждаҳам
Або номдорону гурдон ба ҳам.[2]

Бигуфташ, ки «Эй[3] некдил шерзан,[4]
Пур аз ғам буд аз ту дили анҷуман,

Ки ҳам разм ҷустӣ, ҳам афсуну ранг
Наёмад зи кори ту бар дуда нанг.

Сипос аз худованди чархи баланд,
Ки н-омад ба ҷонат зи душман газанд».[5]

Бихандид бисёр Гурдофарид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.

Чу Сӯҳробро дид бар пушти зин,
Чунин гуфт, к-«Эй гурди Туронзамин,[6]

Чаро ранҷа гаштӣ чунин, боз гард,
Ҳам аз омадан, ҳам зи дашти набард».

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к- «Эй хубчеҳр,
Ба тоҷу ба тахту ба моҳу ба меҳр,

Ки ин бора бо хок паст оварам,
Туро, эй ситамгар, ба даст оварам.

Чу бечора гардиву печон шавӣ,
Зи гуфтори ҳарза пушаймон шавӣ.

Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
Чу гардуни гардон кулоҳат рабуд.

1. ИЛ — озору кирдори кори.
2. ИЛ-б. 332 нест.
3. ЛМ — Бад-ӯ гуфт; «Эй»
4. И — Бад-ӯ гуфт Гаждаҳм к - «Эй покзан».
5. ИЛ-б. нест.
6. Л — шоҳи Тӯрону Чин; И — шоҳи Туронзамин. Ж-Туркону Чин.

Куҷо рафт паймон, ки кардӣ падид?»
Чу бишнид гуфтор Гурдофарид,[1]

Бихандиду он гаҳ[2] ба афсун бигуфт,
Ки «Туркон зи Эрон наёбанд ҷуфт.

Чунин рафт, рӯзӣ набудат зи ман,
Бад-ин дард ғамгин макун хештан,

Ҳамоно, ки ту худ зи туркон наӣ,
Ки ҷуз б-офарини бузургон наӣ.

Бад-ин зӯру ин бозуву китфу ёл
Надорӣ[3] кас аз паҳлавонон ҳамол.

Валекин чу огоҳӣ ояд ба шоҳ,
Ки овард гурде[4] зи туронсипоҳ,

Шаҳаншоҳу Рустам биҷунбад зи ҷой,
Шумо бо Таҳамтан надоред пой.

Намонад яке зинда аз лашкарат,
Надонам, чӣ ояд зи бад бар сарат.

Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт
Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт.

Набошӣ бас[5] эмин ба бозуи хеш,
Хӯрад гови нодон зи паҳлӯи хеш.

Туро беҳтар ояд, ки фармон кунӣ,
Рухи номвар сӯи Турон кунӣ.»

Чу бишнид Сӯҳроб, нанг омадаш,
Ки осон ҳаме диж ба чанг омадаш.

1. ИЛ-б. 342, 343 нест.
2. ЛМ — бо ӯ; И — Бихандид аз он пас.
3. ИЛ — Наёбӣ.
4. ИЛ — омад гурӯҳе.
5. И — пас.

Ба зери диж-андар яке ҷой буд,
Куҷо диж бад-он ҷой барпой буд.[1]

Ба тороҷ дод он ҳама буму руст,
Ба якборагӣ дасти бадро бишуст.

Чунин гуфт, к-«Имрӯз бегоҳ гашт,
Зи пайкори мо даст кӯтоҳ гашт.

Барорем шабгир аз ин бора гард,
Ниҳем андар ин ҷой шӯри набард.»

Чу гуфт ин, инонро битобиду рафт,
Сӯи ҷои худ роҳро баргирафт.

## НОМАИ ГАЖДАҲАМ БА НАЗДИКИ КОВУС

Чу баргашт Сӯҳроб,[2] Гаждаҳми пир
Биёварду биншонд марди дабир.

Яке нома бинвишт наздики шоҳ,
Барафканд пӯянда марде ба роҳ.[3]

Нахуст офарин кард бар шаҳрёр,
Намуд он гаҳе гардиши рӯзгор,

Ки омад бари мо сипоҳи гарон,
Ҳама размҷӯёну кундоварон.

Яке паҳлавоне ба пеш-андарун,
Ки солаш зи ду ҳафт[4] н-омад фузун.

Ба боло зи сарви саҳӣ бартар аст,
Чу[5] хуршеди тобон бад-ӯ пайкар аст.

Бараш чун бари шеру болош бурз,
Ба Эрон[6] надидам чунин дасту гурз.

1. Л — б. 355 нест.
2. ЛМ — Чу ӯ боз гардид.
3. И — б. 361 нест.
4. Л — даҳу ду.
5. Л — Зи.
6. ИЛЖ — Зи туркон.

Чу шамшери ҳиндӣ ба чанг оядаш,
Зи дарёву аз кӯҳ нанг оядаш.

Чу овози ӯ раъди ғурранда нест,
Чу бозуи ӯ теғи бурранда нест.

Ба Эрону Турон чун ӯ мард нест,
Зи гурдон кас ӯро ҳамовард нест.

Ба ном аст Сӯҳроб гурди далер,
На аз дев печад, на аз пилу шер.

Ту гӯӣ магар бегумон Рустам аст,
Ва ё гурде аз тухмаи Найрам аст[1]

Ҳаҷири диловар миёнро бубаст,
Яке бораи тезтак барнишаст.

Бишуд пеши Сӯҳроб размозмой,
Бар аспаш надидам фузун з-он ба пой,

Ки барҳам занад миҷжаро ҷагҷӯй,
Гирояд зи бинӣ сӯи мағз бӯй.

Ки Сӯҳробаш аз пушти зин баргирифт,
Бараш монда з-он бозу андар шигифт.

Дуруст асту акнун ба зинҳори ӯст,
Пурозор ҷону пур аз дард пӯст.

Саворони туркон[2] басе дидаам,
Инонпеч аз ин гуна нашнидаам.[3]

Мабодо, ки ӯ дар миёни ду саф
Яке марди ҷанговар орад ба каф.

1. И — б. 369-371 нест; Л-б. 370-371 нест;
ТПЗ — Чу эдар расид инчунин подшоҳ
Або лашкари номвар кинахоҳ.
2. Л — Зи Турону Эрон. Ж — Турон.
3. ТПЗ — Набошад ба гетӣ чу ӯ размсоз,
Магар пилтан гурди гарданфароз.
Ҳамоварди ӯ дар ҷаҳон сар ба сар
Набошад ба ҷуз Рустами Золи Зар.

Нахоҳам, ки бо ӯ ба саҳро бувад,
Ҳамовард агар кӯҳи хоро бувад.[1]

Бар он кӯҳ[2] бахшоиш орад замин,
Куҷо[3] асп ронад бар ӯ рӯзи[4] кин.

Агар дам занад шаҳрёр андар ин,
Наронад[5] сипоҳу насозад камин.

Аз Эрон ҳама фарраҳӣ рафта гир,
Ҷаҳон аз сари теғаш ошуфта гир.[6]

Зи мо моя гирад, ки худ зӯр ҳаст,
Нагирад касе дасти ӯро ба даст.

Инондор чун ӯ надидаст кас,
Ту гӯӣ, ки Соми савор асту бас.

Надорем мо тоби ин ҷангҷӯй[7]
Бад-ин гурзу чанголу оҳанги ӯй.

Сари бахти гурдон фурӯ хуфта гир,
Бузургиш бар осмон рафта гир.[8]

Буна инак имшаб ҳама барниҳем,
Ҳама рӯйро сӯи кишвар[9] ниҳем.

Агар худ шикебем якчанд низ,
Накӯшему дигар нагӯем чиз,

Ки ин бораро нест поёби ӯй,
Дирангӣ шавад шер з-иштоби ӯй.

1. ИЛ — б. 379 нест.
2. ИЛ — гуна.
3. ИЛЖ — Ки ӯ.
4. ИЛ — пур зи.
5. ЛЖ –Наёрад.
6. И — б. 382 нест.
7. Л — Надорем тоқат дар ин ҷанги ӯй.
8. И — б. 385, 386 нест
9. ИЛЖ — лашкар.

Чу нома ба мӯҳр-андар омад ба шаб,
Фиристода барҷасту бикшод лаб.

Бигуфташ, чунон рав, ки фардо пагоҳ
Набинад туро ҳеҷ кас з-он сипоҳ.[1]

Фиристод нома сӯи роҳ рост,
Паси нома[6] он гоҳ бар пой хост.[2]

## ГИРИФТАНИ СӮҲРОБ ДИЖИ САПЕДРО

Чу хуршед барзад сар аз бурзи кӯҳ,
Миёнҳо бубастанд туронгурӯҳ.

Сипаҳдор Сӯҳроб найза ба даст
Яке бораи тезтак барнишаст.

Бад-он буд, ки гурдони дижро ҳама
Бигирад, бубандад ба сони рама.

Чу оҳанги диж кард, касро надид,
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Биёмад, дари диж кушоданд боз,
Надиданд дар диж касе*[3] сарфароз.[4]

Ба шаб рафта буданд бо Гаждаҳам
Саворони диждору гурдон ба ҳам,

Ки зери диж - андар яке роҳ буд,
Ки душман аз он раҳ на огоҳ буд.

---

1. И — б. 391 нест; Л — б. 391 ин б. омада.
2. Ж-Бубасту пас
Гусӣ кард нома ҳам андар замон
Ба наздики Ковус- шоҳи ҷаҳон.
ТПЗЛ — Ба зери диж -андар яке роҳ буд,
Куҷо Гаждаҳам з-он раҳ огоҳ буд.
Буна барниҳоду сар андаркашид,
Бад-он роҳи бероҳ шуд нопадид.
Ҳамон шаб аз он роҳи диж Гаждаҳам
Бурун шуд, ҳама дуда бо ӯ ба ҳам.
3. М — Яке.
4. ИЛЖ — Надиданд бар диж касе размсоз.

Чу Сӯҳробу лашкар бари диж расид,
Ба бора-дарун Гаждаҳамро надид.

Ҳар он кас, ки буд андар он ҷойгоҳ,
Гунаҳкор буданд, агар бегуноҳ,[1]

Ба фармон ҳама пеши ӯй омаданд.
Ба ҷон ҳар касе чораҷӯй омаданд.

Ҳаме ҷуст Гурдофариду надид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.

Ба дил гуфт аз ин пас: «Дареғо, дареғ!
Ки шуд моҳи тобанда дар зери мeғ».[2]

Чу нома ба наздики хусрав расид,
Ғамӣ шуд дилаш, к-он суханҳо шунид.

Гаронмоягонро зи лашкар бихонд,
В-аз ин достон чанд гуна биронд.[3]

---

1. ИЛ — б. нест.
2. И — б. 404 нест;
ТПЗ —
Маро чашмзахме аҷаб рӯ намуд,
Ки дахр ончунон сайде аз ман рабуд.
Ғариб оҳуе омадам дар каманд,
Ки аз банд ҷасту маро кард банд.
3.
Парипайкаре ногаҳон рӯ намуд,
Диламро рабуду ғамамро фузуд.
Ба ногоҳ пинҳон шуд он дилрабо,
Шудам ман ба доғи ғамаш мубтало.
Зиҳӣ чашмбандӣ, ки он пурфусун
Ба теғам нахасту маро рехт хун.
Маро талх шуд зиндагӣ бе рухаш,
Танам шуд асири шакарпосухаш.
Надонам, чӣ кард он фусунгар ба ман,
Ки ногаҳ маро баст роҳи сухан.
Ба он разму он рӯю он гуфтугӯй
Набинам дигар дилбаре ҳамчу ӯй.
Аз он гуфтанаш ҳар гаҳ орам ба ёд,
Зи доғаш шавад сӯзу дардам зиёд.
Маро меҳнате бекарон рӯ намуд,
Ки аз ёр дурӣ ба ман гашт суд.
Ба зорӣ маро худ бибояд гирист,
Ки дилдори худро надонам, ки кист.
Ҳамегуфту месӯхт аз ғам басе,
Намехост розаш бидонад касе.

Нишастанд бо шоҳи Эрон ба ҳам
Бузургони лашкар ҳама бешу кам,

Чу Тусу чу Гударзи Кашводу Гев,
Чу Гургину Баҳрому Фарҳоди нев.

---

Вале ишқ пинҳон намонад, ки роз
Ба мардум намояд ҳаме ашк боз.
Ғами ҷон барорад хурӯш аз дарун,
Агарчанд ошиқ бувад зуфунун.
Зи бас меҳри он духти бофарру ҳанг
Намонд эч бар рӯи Сӯҳроб ранг.
Аз он кор Ҳумон набудаш хабар,
Ки Сӯҳробро ҳаст хун дар ҷигар.
Вале аз фаросат ба дил нақш баст,
Ки ӯро парешоние дод даст.
Ба доми касе пойбанд омадаст,
Зи зулфи буте дар каманд омадаст.
Ниҳон мекунад дарду хуниндил аст,
Ҳавас меравад роҳу по дар гил аст.
Яке фурсате ҷусту гуфташ ба роз,
Ки, эй шердил, гурди гарданфароз,
Бузургони пешин ба оину кеш
Гиромӣ надиданд касро чу хеш.
Надоданд беҳуда дилро зи даст,
Нагаштанд аз бодаи меҳр маст.
Сад оҳуи мушкин ба хамми каманд
Гирифтанду дилро накарданд банд.
Фиреби парипайкарони ҷавон
Нахоҳад касе, к-ӯ бувад паҳлавон.
Касеро расад гурдиву сарварӣ,
Ки Меҳри фалакро кунад Муштарӣ.
Ту, эй шердил, меҳтари девбанд,
Зи меҳри кӣ гаштӣ чунин мустаманд?
На расми ҷаҳонгириву сарварист,
Ки аз меҳри моҳе бибояд гирист,
Туро хонд фарзанд Афросиёб,
Туӣ сарвар имрӯз бар хушку об.
Зи Турон ба коре бурун омадем,
Шиновар ба дарёи хун омадем.
Сари марзи Эрон гирифтем танг,
Чунин диж ба осонӣ омад ба чанг.
Агарчанд ин кор бошад ба ком,
Вале ҳаст дар пеш ранҷе тамом.
Биёмад шаҳаншоҳ Ковусу Тус,
Чу Рустам, ки бо шер созад фусӯс.
Сипаҳдор Гударзу Геви далер,
Фаромарзу Баҳрому Руҳҳоми шер.

Сипаҳдор нома бар эшон бихонд,
Каму беши он паҳлавонро биронд.[1]

Чунин гуфт бо паҳлавонон ба роз,
Ки ин кор гардад ба мо - бар дароз.[2]

Чу Гургини Милоду Фарҳоди род,
Гуроза, ки аз пил бошад зиёд.
Чунин нарраашерони пӯлодчанг,
Камарбастаи кин паи ному нанг
Биёянд яксар ба пайкори мо,
Кӣ донад, ки худ чун шавад кори мо.
Туӣ марди майдони ин сарварон,
Чӣ корат ба ишқи парипайкарон?
Ба дил сард кун меҳри шӯхони шанг,
Ки фардо намонӣ зи мардони ҷанг.
Ту, эй навҷавон, аз далерии хеш
Гирифтӣ яке кори душвор пеш.
Агар якдилӣ, ком ҳосил кунӣ.
В-агар на, сар андар сари дил кунӣ,
Яқин дон, ки коре, ки дорад давом.
Баландӣ пазирад аз он кор ном,
Ту коре, ки дорӣ, набурдӣ ба сар,
Чаро даст ёзӣ ба кори дигар?
Ба нерӯю мардӣ ҷаҳонро бигир,
Зи шоҳон ба даст ор тоҷу сарир.
Чу кишвар ба дасти ту ояд фароз,
Ба ҳар ҷой хубон барандат намоз.
Касе хастаи меҳри дилбар бувад,
Ки ӯ аз зару зӯр лоғар бувад.
Ҳар он кас, ки шуд комрон дар ҷаҳон,
Парастиш кунандаш кеҳону меҳон.
Чу Ҳумон бад-ин сон сухан пеш бурд,
Саросар ба Сӯҳроби ял баршумурд.
Аз он гуфта Сӯҳроб бедор шуд,
Дилаш бастаи банди пайкор шуд.
Бигуфт, эй сари номдорони Чин,
Ба гуфтори хубат ҳазор офарин.
Шуд ин гуфти ту доруи ҷони ман,
Кунун бо ту нав гашт паймони ман.
Ҷаҳонро саросар чи хушку чи об,
Дарорам ба фармони Афросиёб.
Бигуфт ину дилро зи дилбар биканд,
Баромад бар афрози тахти баланд.
Зи фатҳи ҳисору диранги шитоб
Фиристод нома ба Афросиёб.
Аз он шод шуд шоҳи Туронзамин,
Ҳаме кард Сӯҳробро офарин.

1. И-б. 409 нест; Л — Бипурсид бисёру хира бимонд.
2. И — Ки, эй номдорони гарданфароз.

Бад-ин сон, ки Гаждаҳм гӯяд ҳаме,
Аз андеша дилро бишӯяд ҳаме.

Чӣ созему дармони ин дард[1] чист?
Ба[2] Эрон ҳамоварди ин мард кист?

Бар он барниҳоданд яксар, ки Гев
Ба Зобул шавад назди[3] солори нев.

Ба Рустам расонад аз ин огаҳӣ,
Ки бо бим шуд тахти шоҳаншаҳӣ.[4]

Мар ӯро бихонад[5] бад-ин размгоҳ,
Ки ӯяст эрониёнро паноҳ.[6]

Нишаст он гаҳе ройзан бо дабир,
Ки кори газоянда буд ногузир.

## НОМАИ КОВУС БА РУСТАМ ВА ХОНДАНИ Ӯ АЗ ЗОБУЛИСТОН

Яке нома фармуд пас шаҳрёр
Набиштан бари Рустами номдор.

Нахуст офарин кард бар паҳлавон,
Ки бедордил бошу[7] равшанравон.

Бидон, к-аз раҳи турк зӣ мо саре[8]
Яке тохтан кард бо лашкаре.

Ба диж - дар нишастаст худ бо сипоҳ,
Бар он мардуми диж гирифтаст роҳ.

Яке паҳлавон аст гурду далер,
Ба тан жандапилу ба дил наррашер.

1. ИЛ — кор.
2. ИЛМ – Аз.
3. ИЛ — пеши.
4. И-б. 414 нест.
5. Л — Гави пилтанро.
6. Л — Бихонад, ки ӯяст пушти сипоҳ.
7. ИЛ — Ки бедор бодиву.
8. Л — номоваре.

Аз Эрон надорад касе тоби ӯй,
Магар ту, ки тира кунӣ оби ӯй.[1]

Чунин дон,[2] ки андар ҷаҳон ҷуз ту кас
Набошад ба ҳар кор фарёдрас.

Дилу пушти гурдони Эрон туӣ,
Ба чанголу нерӯи шерон туӣ.

Ситонандаи шаҳри Мозандарон,
Кушояндаи банди Ҳомоварон.[3]

Зи гурзи ту хуршед гирён шавад,
Зи теғи ту Баҳром бирён шавад.

Чу гарди паи Рахши ту нил нест,
Ҳамоварди ту дар ҷаҳон пил нест.

Каманди ту бар шер банд афганад,
Синони ту бар куҳ газанд афганад,[4]

Туӣ дар ҳама бад ба Эрон паноҳ,
Зи ту барфарозанд гурдон кулоҳ.[5]

Газоянда коре нав омад ба пеш,
К-аз андешаи он дилам гашт реш.

Нишастанд гурдон саросар ба ҳам,
Бихонданд он номаи Гаждаҳам.

---

1. ТПЗ — Туӣ паҳлавонзодаи шердил,
Зи душман рабуда ба шамшер дил.
Сарафрозу гарданкашу номвар,
Зи гурдони гетӣ бароварда сар.
Сипаҳдори номӣ, гави пилтан,
Сутуни ялон, нозиши анҷуман.
2. ИЛ — Чунон бод.
3. Л — б. 425 нест.
4. И — б. 428 нест.
5. ТПЗ — Дуруд аз худованди рӯзи шумор,
Ба Гаршоспу Найрам, ба Соми савор.
К-аз ин гуна доранд тухму нажод,
Ҷаҳонгиру шеравжани покзод.
Маро бахт равшан ба дидори туст,
Бувӣ хурраму ҷовидон тандуруст!

Бад-он гуна диданд гурдони нев,
Ки назди ту ояд гаронмоя Гев.[1]

Ба назди ту орад мар ин номаро,
Бидонӣ баду неки ин хомаро.

Чу нома бихонӣ ба рӯзу ба шаб
Макун достонро кушода ду лаб.

Агар даста дорӣ ба дастат, мабӯй,
Яке тез кун мағзу бинмой рӯй.[2]

Магар бо саворони бисёрҳуш
Зи Зобул биронӣ, барорӣ хурӯш.

Бар он сон, ки Гаждаҳм аз ӯ ёд кард,
Ҷуз аз ту набошад варо ҳамнабард.[3]

Чу нома ба мӯҳр омад, андарбидод
Ба Геви диловар[4] ба кирдори бод.[5]

Ба Гев он гаҳе гуфт: Биштоб зуд,
Инони таковар бибояд бисуд.

Набояд, ки чун назди Рустам шавӣ,
Ба Зобул бимонӣ в- агар биғнавӣ.

Агар шаб расӣ, рӯзро боз гард,
Бигӯяш, ки танг андаромад набард.

В-агар на фароз аст ин марди гурд,
Бадандешро хор натвон шумурд.[6]

---

1. И — б. 432 нест.
2. И — б. 435 нест;
   ТПЗ — В-агар хуфтаӣ, зуд барҷаҳ ба пой!
   В-агар худ бапоӣ, замоне мапой!
3. ТПЗ — Чу бархонӣ ин номаро, бедиранг
   Баророю баркаш сипаҳ сӯи ҷанг.
   Ниҳод аз бари нома мӯҳре чу қир
   Зи анбар баромехта в-аз абир.
4. Л — Савора бирафт ӯ.
5. И — б. 438 нест.
6. ИЛ — б. 442 нест.

Аз ӯ нома бистад ҳам андар[1] шитоб,
Бирафту начуст эч орому хоб.

Шабу рӯз тозон чу боди дамон,
На парвои обу на андӯҳи нон.[2]

Чу наздикии Зобулистон расид,
Хурӯши талоя ба Дастон расид,[3]

Ки омад саворе зи Эрон чу гард,
Ба зер-андараш бораи раҳнавард.

Таҳамтан пазира шудаш бо сипоҳ,
Ниҳоданд бар сар бузургон кулоҳ.

Пиёда шудаш Геву гурдон ба ҳам,
Ҳар он кас, ки бар зин буд аз бешу кам.

Аз асп андаромад гави номдор,
Аз Эрон бипурсиду аз шаҳрёр.

Зи раҳ сӯи айвони Рустам шуданд,
Замоне бибуданду дам бар заданд.

Бигуфт, он чи бишнид, нома бидод,
Зи Сӯҳроб чанде сухан кард ёд.

Зи неку зи бад огаҳӣ дод низ,
Ҳамон ҳадяҳоро бад-ӯ доду чиз.[4]

Таҳамтан чу бишниду нома бихонд,
Бихандиду з-он кор хира бимонд,

Ки монандаи Соми гурд аз меҳон
Саворе падид омад андар ҷаҳон.

---

1. Л — бурун шуд чу.
2. ИЛ — б. 444 нест.
3. Л — б. б. 445 ва И — б. б. 446 ин б. омада:
   Чу аз дидгаҳ дидбон бингарид,
   Сӯи Зобулистон инон баркашид.
4. И — б. 452 нест.

Аз озодагон ин набошад шигифт,
Зи туркон чунин[1] ёд натвон гирифт.

Нагӯяд кас, ин номдор аз куҷост,
Надонам кунун, к-ин савор аз куҷост.[2]

Ман аз духти шоҳи Самангон яке
Писар дораму ҳаст ӯ кӯдаке.

Ҳанӯз он гиромӣ надонад, ки ҷанг
Тавон кард гоҳе шитобу[3] диранг.

Фиристодамаш зарру гавҳар басе
Бари модари ӯ ба дасти касе.

Чунин посух овард, к-он арҷманд
Басе барнаояд, ки гардад баланд.

Ҳаме май хӯрад бо лаби ширбӯй,
Шавад бегумон зуд пархошҷӯй.

Чу ояд-ш ҳангом, тозад чу шер,
Басе сарваронро сар орад ба зер.

Аз ин сон, ки гӯӣ ту, эй паҳлавон,
Ки омад сӯи разми эрониён.

Зи бори Ҳаҷири диловар фиканд,
Бубасташ саросар ба хамми каманд.

Набошад чунин кори он баччашер
В-агарчанд гаштаст гурду далер.[4]

Ки Яздон зи душман барорад ҳалок.
Ба Гев он гаҳе гуфт пас пилтан,

1. Л — турк ин сухан; И — турк инчунин.
2. ТПЗ — Надонам дар ин раъйи Яздон ба чист?
Чунин паҳлавон турки фархунда кист?
3. ИЛ — вақти набарду.
4. ТПЗИ — Гар ӯяст, аз ӯ нест он тарсу бок.

Биё, то кунун сӯи айвон шавем,
Ба шодӣ сӯи кохи Дастон шавем.

Бубинем, то рои ин кор чист?
Ҳамин паҳлавон турки фархунда кист?

Биёмад сӯи кохи Дастон фароз
Яли паҳлавон Рустами сарфароз.

Худу Гев дар кохи Найрам[1] шуданд,
Замоне бибуданду[2] беғам шуданд.[3]

Дувумборааш офарин кард Гев,
Ки «Эй паҳлавони ҷаҳон, гурди нев!

Ба ту бод афрӯхта тоҷу тахт,
Ки зебандаи тоҷӣ, эй некбахт!

Маро шоҳ Ковус фармуду гуфт,
Ки дар Зобулистон набояд-т хуфт.

Агар шаб расӣ, рӯзро боз гард,
Мабодо, ки танг андарояд набард.

Кунун, эй сарафрози боobрӯй,
Ба Эрон бибояд шудан пӯй-пӯй».[4]

---

1. Л — хуррам.
2. Л — нишастанду.
3. ТПЗИ — Нагӯяд кас ин номдор аз куҷост,
Надонам кунун, к-ин савор аз куҷост.
Фириста чунин посух овард боз,
Ки дере набошад аз он сарфароз
Ба боло шавад ҳамчу сарви баланд,
Ба даст-андарун гурзу бар зин каманд.
Ба бозу қавию ба тан зӯрманд,
Ситора барорад зи чархи баланд.
Ҳамоно ки солаш набошад ду ҳафт,
Ба мардӣ бари чархи гарданда рафт.
Валекин ҳанӯзаш гаҳи разм нест,
Ҳамон дархури сур, дар базм нест.
* Такрори б. –546 в аст; ин б. дар «з» пас аз иловаи б. 465 омадааст, ки ба мақсад бештар мувофиқ менамояд.
4. ИЛ — б. 770-774 нест.

Чунин гуфт Рустам, к-«Аз ин бок нест,
Ки охир саранҷом ҷуз хок нест.

Ҳам эдар нишинем имрӯз шод,
Зи Ковусу гурдон нагирем ёд.

Бибошем як рӯзу дам барзанем,
Яке бар лаби хушк нам барзанем.

В-аз он пас битозем наздики шоҳ,
Ба гурдони Эрон намоем роҳ.

Магар бахти рахшанда бедор нест,
В-агарна чунин кор душвор нест.

Чу дарё ба мавҷ андарояд зи ҷой,
Надорад дами оташи тез пой.

Дурафши маро чун бубинад зи дур,
Дилаш мотам орад ба ҳангоми сур.

Чу монад ҳаме Рустами Золро,
Худованди шамшеру кӯполро,

Ҳамон низ чун Соми ҷангӣ бувад,
Далеру ҳушивору сангӣ бувад.

Бад ин тезӣ - андар[1] наёяд ба ҷанг,
Набояд гирифтан чунин кор танг.»

Ба май даст бурданду мастон шуданд,
Зи ёди сипаҳбад ба дастон шуданд.

Дигар рӯз шабгир ҳам пурхумор
Биёмад Таҳамтан, биёрост кор.

Зи мастӣ ҳамон рӯз боз истод,
Дувум рӯз[2] рафтан наёмад-ш ёд.

---

1. ИМ – зудӣ эдар.
2. Сеюм рӯз.

Бифармуд Рустам ба холигарон,
Ки андар замон овариданд хон.

Чу хон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Чу он рӯз бигзашт, рӯзи дигар
Бароѓост маҷлис чу рухсори х(в)ар.

Се дигар саҳаргаҳ биёвард май,
Наёмад варо ёди Ковуси кай.

Ба рӯзи чаҳорум бароѓост Гев,
Чунин гуфт бо гурди солори нев,

Ки Ковус тунд асту ҳушёр нест,
Ҳамин достон бар дилаш хор нест.

Ғамин*[1] буд аз ин кору дил пуршитоб,
Шуда дур аз ӯ хӯрду орому хоб.

Ба Зобулситон гар диранг оварем,
Замин пеши Ковус танг оварем.

Шавад шоҳи Эрон ба мо хашмгин,
Зи нопокрой дарояд ба кин.[2]

Бад-ӯ гуфт Рустам: «Маяндеш аз ин
Ки бо мо нашӯрад кас андар замин.»[3]

Бифармуд, то Рахшро зин кунанд,
Дам андар дами нои рӯин кунанд.[4]

---

1. М — Ғамӣ
2. ТПЗИЛ — Маро чанд гуфтаст* Ковусшоҳ,
Ки танг андаромад ба Эрон сипоҳ.
* Л — кард андар
3. ТПЗИЛ – Сабӯҳӣ аз он рӯз бархостанд,
Аз андешаҳо дил бипардохтанд.
4. Л — Чу оростанд аспи Рустам тамом
Ба заррин инону рикебу ситом.
И — Чу оростанд Рахши Рустам тамом
Ба зарринрикобу ба симинситом.

Саворони Зобул шуниданд ной,
Бирафтанд бо таргу ҷавшан зи ҷой.

Бороност Рустам сипоҳе гарон,
Завора шудаш бар сипаҳ паҳлавон.

## ХАШМ ГИРИФТАНИ КОВУС БАР РУСТАМ

Чу Рустам биёмад ба наздики шоҳ,
Пазира шудандаш ба якрӯза роҳ.

Чу Тусу чу Гударзи Кашводагон
Пиёда шуда пеши аспаш давон.

Пиёда шуд аз асп Рустам ҳамон,
Гирифтанд пурсиш ба дил-дар[1] меҳон.

Гурозон[2] ба даргоҳи шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ[3] омаданд.

Чу рафтанду бурданд пешаш намоз,
Барошуфту посух надод эч боз.

Шуда тунд Ковус, чин дар ҷабин,
Шуда рост монанди шери арин.[4]

Яке бонг барзад ба Гев аз нахуст,
Пас он гоҳ шарм аз ду дида бишуст,

Ки «Рустам кӣ бошад, ки фармони ман
Кунад пасту печад зи паймони ман?

Агар теғ будӣ кунун пеши ман,
Сараш кандаме чун турунҷе зи тан.

Бигираш, бибар зинда бар дор кун,
В-аз ӯ низ макшой бо ман сухун.

1. ЛМ — бар ӯ бар.
2. Л — Аз он ҷо.
3. Л — Або шодмонӣ ба роҳ.
4. И — б. 505, 506 нест.

Зи гуфтори ӯ Гевро дил бихаст,
Ки бурдӣ ба Рустам бад-ин гуна даст.

Барошуфт бо Геву бо пилтан,
Бад-ӯ хира монда ҳама анҷуман.

Бифармуд пас Тусро шаҳрёр,
Ки рав, ҳар дуро зинда бар кун ба дор!

Худ аз ҷой бархост Ковуси кай,
Барафрӯхт бар сони оташ зи най.

Бишуд Тусу дасти Таҳамтан гирифт,
Бад-ӯ монда пархошҷӯён шигифт,

Ки аз пеши Ковус берун барад,
Магар андар он тезӣ афсун барад.[1]

Таҳамтан барошуфт бо шаҳрёр,
Ки чандин мадор оташ андар канор.

Ҳама корат аз якдигар бадтар аст,
Туро шаҳрёрӣ на андарх(в)ар аст.[2]

Ту он туркро[3] зинда бар дор кун,
Барошӯбу бадхоҳро хор кун.

Ҳама Руму Саксору Мозандарон
Чу Мисру чу Чину чу Ҳомоварон

Ҳама банда дар пеши Рахши мананд,
Ҷигархастаи теғу тахши мананд.

1. Л — б. 516 ин б. омада:
Гирифта ҳаме Тус дасташ ба даст,
Шуда Рустам аз хашми Ковус маст.
2. ТПЗ — Чунин тоҷ бар тораки бебаҳо
Басе беҳтар андар дами аждаҳо,
Ман он Рустами Золи номоварам,
Ки аз чун ту шаҳ хам нагирад сарам.
3. ИЛ — Сӯҳробро.

Ту андар ҷаҳон худ зи ман зиндаӣ,
Ба кина чаро дил парокандаӣ?[1]

Бизад тунд як даст бар дасти Тус,
Ту гуфтӣ зи пили жиён ёфт кӯс.

Зи боло нагун омад-андар ба сар,
Бар ӯ кард Рустам ба тундӣ гузар.

Бурун шуд, ба хашм андаромад ба Рахш,
Манам- гуфт- шеравжани тоҷбахш.

Чу хашм оварам, шоҳ Ковус кист?
Чаро даст ёзад ба ман? –Тус кист?

Маро зӯру фирӯзӣ аз довар аст,
На аз подшоҳу на аз лашкар аст.[2]

Замин бандаву Рахш гоҳи ман аст,
Нигин гурзу*[3] миғфар кулоҳи ман аст.

Сари найзаву гурз ёри мананд,
Ду бозуву дил шаҳрёри мананд.

Шаби тира аз теғ рахшон кунам,
Бар овардгаҳ-бар сар афшон кунам.

Чӣ озорадам ӯ*[4]? На ман бандаам,
Яке бандаи офаринандаам.

Далерон ба шоҳӣ маро хостанд,
Ҳамон гоҳу афсар биёростанд.

Сӯи тахти шоҳӣ накардам нигоҳ,
Нигаҳ доштам расму оину роҳ.

Агар ман пазируфтаме тоҷу тахт,
Набудӣ туро ин бузургиву бахт.

---

1. Л — биёгандаӣ; И — б. 520 — 522 нест.
2. ИЛ — б. 527 нест.
3. М — теғу.
4. М — Ки озод зодам.

Ҳама ҳар чи гуфтӣ, сазои ман аст,
Зи ту некуиҳо ба ҷои ман аст.

Нишондам бад-ин тахт ман Кайқубод,
Чи Ковус донам, чи хашмаш, чи бод.[1]

В-агар Кайқубодам зи Албурзкӯҳ
Ба зорӣ фитода миёни*[2] гурӯҳ,

Наёвардаме ман ба Эронзамин,
Набастӣ камарбанду шамшери кин,[3]

Туро ин бузургӣ набудиву ком,
Ки гӯӣ[4] суханҳо ба Дастони Сом![5]

Ба эрониён гуфт: Сӯҳроби*[6] гурд
Биёяд, намонад[7] бузургу на хурд.

Шумо ҳар яке[8] чораи ҷон кунед,
Хирадро бад-ин кор дармон[9] кунед.

Ба Эрон набинед з-ин пас маро,
Шуморо замин, парри каргас маро.

Бизад аспу аз пеши эшон бирафт,
Ҳама пӯст бар тан-ш гуфтӣ бикафт.[10]

---

1. ИЛ-б. 536 нест.
2. М — ба дур аз.
3. ИЛ — б. 539 нест.
4. Л — гуфтӣ.
5. ТПЗ — Агар ман нарафтӣ* ба Мозандарон
Ба гардан баровarda гурзи гарон,
Кӣ кандӣ дилу мағзи Деви Сапед,
Киро буд бар бозуи худ умед?
Чу баргуфт з-ин гуна гуфтор чанд
Ба гурдон дари панду бикшуд банд!

* З — нарафтам
6. М — он турки.
7. Л — Биёям, намонам.
8. ИЛ — касе.
9. ИЛ — бар ин кор печон.
10. Л — б. 543 нест.

Ғамин[1] шуд дили номдорон*[2] ҳама,
Ки Рустам шубон буду эшон рама.

Ба Гударз гуфтанд, к-Ин кори туст,
Шикаста ба дасти ту гардад дуруст.

Сипаҳбад чу аз ту сухан бишнавад,
Ба гуфтори ту бегумон бигравад.

Ба наздики он[3] шоҳи девона шав,[4]
В-аз ин дар сухан ёд кун нав ба нав.

Суханҳои чарбу[5] дароз оварӣ,
Магар бахти гумбуда боз оварӣ.

Ҳамон гаҳ нишастанд бо якдигар
Саросар бузургони пархошхар.

Чу Геву чу Гударзу Баҳроми шер,
Чу Руҳҳому Гургин - савори далер.

Ҳаме он бад-ин, ин бад-он гуфт: Шоҳ
Надорад дили номдорон*[6] нигоҳ.

Чу Рустам, ки ҳаст ӯ ҷаҳонпаҳлавон,
Бубахшид Ковуси кайро равон.

Ба ранҷу ба сахтиш фарёдрас
Набудаст ҳаргиз ҷуз ӯ ҳеч кас.

Чу бастанд девони Мозандарон,
Ҳам он шоҳу ҳам мо ба*[7] банди гарон.

Зи баҳраш чӣ ранҷу чӣ сахтӣ кашид,
Ҷигаргоҳи деви дижам бардарид.

---

1. ИЛ — Ғамӣ
2. М — Ғамӣ шуд дил эрониёнро.
3. ИЛ — ин.
4. ИЛ — рав.
5. Л — хубу.
6. М — ба расму ба оин.
7. М — Ин шоҳу гурдон.

Ба шодиш бар тахти шоҳӣ нишонд,
Бар ӯ офарини бузургон бихонд.

Дигар раҳ чу ӯро ба Ҳомоварон
Бубастанд пояш ба банди гарон.[1]

Зи баҳраш чунон шаҳрёрон бикушт,
Ба Ҳомоварон ҳеч нанмуд пушт,

Биёвард ӯро сӯи тахт боз,
Ба шоҳӣ ҳаме бурд пешаш[2] намоз.

Чу подоши ӯ бошад овехтан,
Набинем ҷуз рӯи бигрехтан.

Валекин кунун аст ҳангоми кор,
Ки танг андаромад чунин рӯзгор.[3]

Сипаҳдор Гударзи Кашвод рафт,
Ба наздики хусрав хиромид тафт.

Ба Ковуси кай гуфт: «Рустам чӣ кард,
К-аз Эрон баровардӣ имрӯз гард?

Фаромӯш кардӣ зи Ҳомоварон,
В-аз он кори девони Мозандарон?

Ки гӯӣ варо зинда бар дор кун,
Зи шоҳон набояд газофа сухун.[4]

---

1. Л — б. 555-557 нест И — б. 555,556 нест.
2. И — вайро.
3. ТПЗИЛ — Набояд, ки оянда эдар ба танг,
   Чу эдар набинанд моро ба ҷанг*.
   Чӣ созем акнун, ки Рустам бирафт,
   Сӯи Зобулистон хиромид тафт.
   Абе ӯ набошем дар разм шод,
   Ҳама разми мо гашт акнун чу бод.
   Касе бояд акнун ба рафтан дамон,
   Магар бозгардонад он паҳлавон.

   * Л — танҳо ин як б. мавҷуд аст.
4. ТПЗИЛ — Мукофоти Рустам намудӣ дуруст,
   Зи шоҳон кас ин рой ҳаргиз наҷуст;

   И-б. боло ин б. омада:

Чу ӯ рафту омад сипоҳи бузург
Або[1] паҳлавоне ба кирдори гург,[2]

Кӣ дорӣ, ки бо ӯ ба дашти набард
Шавад, барфишонад бар ӯ тира гард?

Ялони туро сар ба сар Гаждаҳам
Шунидасту дидаст аз бешу кам.

Ҳамегӯяд, он рӯз ҳаргиз мабод,
Ки бо ӯ саворе кунад разм ёд!

Касеро, ки ҷангӣ[3] чу Рустам бувад,
Биёзорад ӯро, хирад[4] кам бувад».

Чу бишнид гуфтори Гударз шоҳ,
Бидонист к-ӯ дорад оину роҳ.

Пушаймон шуд, аз ҳар чи он[5] гуфта буд,
Ба беҳудагӣ мағзаш ошуфта буд.

Ба Гударз гуфт: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Лаби пир бо панд некӯтар аст.[6]

Хирад бояд андар сари шаҳрёр,[7]
Ки тезиву тундӣ наёяд ба кор.

Шуморо бибояд бари ӯ шудан,
Ба хубӣ басе достонҳо задан.

Сараш кардан аз тезии ман тиҳӣ,
Намудан бар ӯ рӯзгори беҳӣ.

---

Бад-он сон ки Гаждаҳм ҷӯяд ҳаме,
Зи андеша дилро бишӯяд ҳаме.

1. Л — Яке.
2. И — б. 566 нест.
3. Л — мардӣ.
4. Л — Биронад, хирад дар сараш.
5. Л — аз он шуд, куҷо.
6. И — б. 571 – 573 нест.
7. Л — Хирадманд бояд дили шаҳрёр.

Биёвар ту ӯро ба наздики ман,
Ки равшан шавад ҷони торики ман».[1]

Чу Гударз бархост аз пеши ӯй,
Паси паҳлавон тез бинҳод рӯй.

Бирафтанд бо ӯ сарони сипоҳ,
Паси[2] Рустам-андар гирифтанд роҳ.

Чу диданд бар раҳ гави пилтан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Ситоиш гирифтанд бар паҳлавон,
Ки ҷовид бошиву равшанравон!

Ҷаҳон сар ба сар зери пои ту бод!
Ҳамеша сари тахт ҷои ту бод!

Ту донӣ, ки Ковусро мағз нест,
Ба тезӣ[3] сухан гуфтанаш нағз нест.

Бигӯяд,[4] ҳамон гаҳ пушаймон шавад,
Ба хубӣ зи сар боз паймон шавад.

Таҳамтан гар озурда гардад зи шоҳ,
Мар[5] эрониёнро набошад гуноҳ.

Ки бугзорад[6] ин шаҳри Эрон ҳаме,
Кунад[7] рӯи фархунда пинҳон ҳаме.

Ҳам ӯ з-ин[8] суханҳо пушаймон шудаст,
Зи тундӣ бихояд ҳаме[9] пушти даст.

1. ИЛ — б. 577 нест.
2. Л — Паи.
3. Л — тундӣ.
4. Л — Бичӯшад.
5. ИЛ — Ҳам.
6. Л — бигзорӣ.
7. Л — Кунӣ.
8. ИЛМ — Кунун з-он.
9. Л — ҳаме хояд ӯ.

Таҳамтан чунин посух овард боз,
Ки «Ҳастам зи Ковуси кай бениёз.

Маро тахт зин бошаду тоҷ тарг,
Қабо ҷавшану дил[1] ниҳода ба марг.

Чи Ковус пешам, чи як мушти хок,
Чаро дорам аз хашми ӯ тарсу[2] бок?

Сазоям бад-ин гуфтани носазо,
Ки гӯяд ба тундӣ маро подшо,

Ки ӯро зи банд оваридам бурун,
Сӯи тоҷу тахташ будам раҳнамун.

Гаҳи разми девони Мозандарон,
Гаҳи ҷанг бо шоҳи Ҳомоварон

Зи банду зи сахтӣ раҳонидамаш,
Чу дар дасти душман чунон дидамаш.[3]

Сарам гашт серу дилам кард бас.
Ҷуз аз пок Яздон натарсам зи кас.»

Зи гуфтор чун сер шуд Таҳмтан,[4]
Чунин гуфт Гударз бо пилтан,

Ки шоҳу далерони гарданкашон,[5]
Ба дигар суханҳо барандӣ гумон.[6]

К-аз ин турк тарсанда шуд сарфароз,[7]
Ҳаме гӯяд ин гуна ҳар кас ба роз,[8]

1. Л — тан.
2. ИЛ — Ковус.
3. ИЛ — б. 591 нест;
ТПЗ — Зи дониш надорад сараш огаҳӣ,
Магар тезиву тундиву аблаҳӣ.
4. Л — ӯ хира шуд анҷуман. Ж-сард шуд анҷуман.
5. Л — лашкар гумон.
6. Л — баранд ин замон. Ж-ин гумон.
7. И — тарсиду баргашт боз.
8. И — Ҳамегуфт аз ин гуна чанде ба роз.

К-аз он сон, ки Гаждаҳм дод[1] огаҳӣ,
Ҳама буму бар гардад аз мо[2] тиҳӣ,

Ки чун Рустам аз вай[3] битарсад ба ҷанг,
Марову туро нест ҷои диранг.

Зи ошуфтани шоҳу пайкори ӯй
Бидидам ба даргоҳ-бар гуфтугӯй.

Зи Сӯҳроби ял рафт[4] яксар сухун,
Чунин пушт бар шоҳи Эрон макун!

Чунин бар шуда номат андар ҷаҳон,
Бад-ин бозгаштан магардон ниҳон.

Ва дигар ки танг андаромад сипоҳ,
Макун тира бар хира ин тоҷу гоҳ,

Ки нанг аст бар мо зи Туронзамин
Писанда набошад бари покдин.[5]

Ба Рустам-бар ин достонҳо бихонд,
Таҳамтан чу бишнид, хира бимонд.[6]

Бад-ӯ гуфт: Агар бим дорад дилам,
Нахоҳам ба тан ҷон аз ӯ бугсилам,[7]

Ту донӣ, ки нагрезам аз корзор,
Валекин сабук дорадам шаҳрёр.[8]

1. ИЛМЖ – Ки чун Гаждаҳам додамон.
2. Л — Чи буму чи бар кард бояд; И — Ҳама буму бар кард бояд.
3. Л — Чу Рустам ҳаме з-ӯ.
4. Л — турк аст; И — пур гашт.
5. Л — б. 605 нест.
6. ТПЗЛ - Ба посух чунин гуфт Гударзро,
   Ки бисёр паймудам ин марзро.
7. Л — Зи пархошгар бим дорад дилам,
   Бихоҳам, ки сарро зи тан бугсилам.
8. И — б. 603 — 608 нест; Л — б. б. 608 ин б. омада:
   Нагӯяд бад-ӯ гуфт, халқ ин сухан,
   Ҷуз аз ту худ, эй пиргурги куҳан.

Чунин дид Рустам аз он[1] кори ӯй,
Ки баргардад, ояд ба дарбори[2] ӯй.[3]

Аз он нанг баргашту омад ба роҳ,
Хиромон бишуд пеши Ковусшоҳ.

Чу аз дур шаҳ[4] дид, бар пой хост,
Басе пӯзиш андаргузашту бихост,[5]

Ки тундӣ маро гавҳар асту сиришт,
Чунон руст бояд, ки Яздон бикишт.

В-аз ин носиголида бадхоҳи нав,
Дилам гашт борик чун моҳи нав.

Бад-ин чора ҷустан туро хостам,
Чу дер омадӣ, тундӣ оростам.

Чу озурда гаштӣ ту, эй пилтан,
Пушаймон шудам, хокам андар даҳан![6]

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки кайҳон туроcт,
Ҳама кеҳтаронему фармон туроcт.

Ҳамон бар дари ту яке кеҳтарам,
В-агар кеҳтариро худ андарх(в)арам.[7]

---

1. И — гуфт бо Рустам аз
2. И — аз ҷангу пайкори; Л — наздики.
3. И — б. б. 609 ин б. омада:
   Дигаргуна шуд рои пайкорҷӯй,
   Ки баргардад эдар ба наздики ӯй.
   Ба Гударз гуфт он гаҳе пилтан,
   Ки, эй паҳлавон, меҳтари анҷуман.
4. Л — шаҳ мардро.
5. ТПЗ — В-агарна маро пушти лашкар туӣ,
   Дар ин тахти шоҳим афсар туӣ.
   Ба ёди ту нӯшам ҳама рӯз ҷом,
   Ба меҳри ту кӯшам ҳама субҳу шом,
   Маро шоҳӣ аз фарру авранги туст,
   Зи Ҷамшед бошем ҳар ду дуруст
   Туро хоҳам андар ҷаҳон ёру бас,
   Ки бошӣ ба ҳар кор фарёдрас.
6. Л — б. 615 нест.
7. Л — б. 617 нест.

Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ,
Ту шоҳи ҷаҳондориву ман раҳӣ.

Чунин гуфт Ковус, к-«Эй паҳлавон,
Туро бод пайваста равшан равон!

Чунин беҳтар ояд, ки[1] имрӯз[2] базм
Бисозему фардо гузинем разм.»

Биёрост ромишгаҳи шоҳвор,
Шуд айвон ба кирдори боғи баҳор.

Гаронмоягонро ҳаме хонданд,
Бад-он хуррамӣ гавҳар афшонданд.

Аз овози абрешиму бонги ной
Суманчеҳрагон пеши хусрав ба пой.

Ҳаме бода хӯрданд то ними шаб
Ба ёди бузургон кушода ду лаб.[3]

Бихӯрданд май, то ҷаҳон тира гашт,
Дили номдорон зи май хира гашт.

Ҳама маст буданду гаштанд боз,
Бипаймуда гурдон шаби дерёз.

## ЛАШКАР КАШИДАНИ КОВУС БО РУСТАМ

Чу хуршед он чодари қиргун
Бидарриду аз парда омад бурун,

Бифармуд Ковус то Геву Тус
Бибастанд бар кӯҳаи пил кӯс.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипаҳ барнишонду буна барниҳод.

1. Л — Биё, то ба шодӣ як.
2. И — Бад-ӯ гуфт Ковус к-имрӯз.
3. ИЛ — Кушоданд ромишгарон ҳар ду лаб.

Сипаҳдору ҷавшанварон сад ҳазор
Шумурда, ба лашкаргаҳ омад савор.

Яке лашкар омад зи паҳлӯ ба дашт,
Ки аз гарди аспон[1] ҳаво тира гашт.

Саропардаву хайма зад бар ду мил,
Бипӯшид гетӣ ба наълу ба пил.[2]

Ҳаво нилгун шуд, замин обнӯс,
Бичунбид ҳомун зи овои кӯс.

Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,[3]
Шуда рӯи хуршеди тобон сиёҳ.[4*5]

Дурафшидани хишту ҷӯпин зи гард
Чу оташ паси пардаи лоҷвард.

Зи бас гуна-гуна синону дурафш,
Сипарҳои заррину заррина кафш

Ту гуфтӣ, ки абре ба ранг обнус
Биёмад,[6] биборид аз ӯ сандарус.

Ҷаҳонро шаб аз рӯз пайдо набуд,
Ту гуфтӣ сипеҳру сурайё набуд.

Аз ин сон бишуд, то дари диж расид,
Шуда хоку санг аз ҷаҳон нопадид.

Хурӯше баланд омад аз дидгоҳ,
Ба Сӯҳроб бинмуд, к-омад сипоҳ.

Чу Сӯҳроб аз он гуна ово шунид,
Ба бора баромад, сипаҳ бингарид.

1. Л — эшон.
2. И — б. 632 нест.
3. Л — ҷаҳон.
4. Л — Ҷаҳон шаб шуда, рӯз гашта ниҳон; Ж-шабу рӯз гашта сиёҳ.
5. М — Ҷаҳон чун шабу рӯз гашта.
6. ЛМ — Баромад.

Ба ангушт лашкар ба Ҳумон намуд,
Сипоҳе, ки онро карона набуд.

Чу Ҳумон зи дур он сипаҳро бидид,
Дилаш гашт пурбиму дам даркашид.[1]

Ба Ҳумон чунин гуфт Сӯҳроби гурд,
Ки андеша аз дил бибояд сутурд.

Набинӣ ту з-ин лашкари бекарон
Яке марди ҷангиву гурзи гарон,[2]

Ки пеши ман ояд ба овардгоҳ,
Гар эдун, ки ёрӣ диҳад ҳуру моҳ.

Силеҳ аст бисёру мардум басе,
Сарафроз номӣ надонам касе.

Кунун ман ба бахти шаҳ Афросиёб,
Кунам даштро ҳамчу дарёи об.

Ба тангӣ[3] надод эч Сӯҳроб дил,
Фуруд омад аз бора, шодоб дил.

Яке ҷоми май хост аз майгусор,
Накард эч ранҷа дил аз корзор.[4]

В-аз он сӯ саропардаи шаҳрёр
Кашиданд бар дашт пеши ҳисор.

Зи бас хаймаву марду пардасарой
Намонд эч бар дашту бар кӯҳ ҷой.

---

1. ИЛ — б. б. 643 ин б. омада:
   Бад-ӯ гуфт Сӯҳроби ҷангозмой,
   Ки дил дор бар ҷою рух ҳам ба ҷой.
2. ИЛ — б. 645 нест.
3. Л — тундӣ.
4. ТПЗ — Биёрост базму ба хӯрдан нишаст,
   Ба гирдаш далерони хусравпараст.

## КУШТАНИ РУСТАМ ЖАНДАРАЗМРО

Чу хуршед гашт аз ҷаҳон нопадид,
Шаби тира бар рӯз доман кашид,

Таҳамтан биёмад ба наздики шоҳ,
Миён бастаи разму[1] дил кинахоҳ,

Ки дастур бошад маро тоҷвар,
К-аз эдар шавам бекулоҳу камар.

Бубинам, ки ин навҷаҳондор кист?
Бузургон кадоманду солор кист?

Бад-ӯ гуфт Ковус, к-«Ин кори туст,
Ки равшанравон бодиву[2] тандуруст,

Ҳамеша нигаҳдор Яздон-т бод,
Ба коми дилу рою паймон-т бод!»[3]

Таҳамтан яке ҷомаи турквор
Бипӯшиду омад ниҳон то ҳисор.

Биёмад, чу наздикии диж расид,
Хурӯшидану бонги[4] туркон шунид.

Бад-он диж-дарун[5] рафт марди далер,
Чунон чун сӯи[6] оҳувон наррашер.

Якояк саронро нигаҳ карду дид,
Зи шодӣ рухонаш чу гул бишкуфид.

Бад-он гаҳ, ки Сӯҳроб оҳанги ҷанг
Намуду гаҳи рафтан омад-ш танг,

Ҳаме хонд пас модараш Жандаразм,
Ки ӯ дида буд паҳлавон гоҳи базм.

1. ЛЖ — ҷангу; И — баста бар ҷангу.
2. ЛМ — Ки бедордил бошиву.
3. Л — б. 658 нест.
4. И — Хӯрӯшидани кӯси; Л — Хӯрӯшидани нӯши.
5. ИЛ — фурӯ.
6. И — бари.

Буд ӯ пури шоҳи Самангонзамин
Ҳамон холи Сӯҳроби боофарин

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй гурди равшанравон,
Фиристам-т ҳамроҳи ин навҷавон,

Ки чун номвар сӯи Эрон расад,
Ба наздики шоҳи далерон расад.

Чу танг андарояд сипаҳ рӯзи кин,
Падарро намоӣ ба пури гузин.»[1]

Чу Сӯҳробро дид бар тахти базм,
Нишаста ба як дасти ӯ Жандаразм.

Ба дигар чу Ҳумон - савори далер,
Дигар Бормон - номбардор шер.

Ту гуфтӣ ҳама тахт Сӯҳроб буд,
Ба сони яке сарви шодоб буд.

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Бараш чун бари шеру чеҳра чу хун[2]

Зи гурдон[3] ба гирд-андараш сад далер,
Ҷавону[4] сарафроз чун наррашер.

Парастор панҷоҳ бо дастбанд
Ба пеши дилафрӯз тахти баланд.

Ҳама як ба як хонданд*[5] офарин
Бад-он бурзу болову теғу нигин.

Ҳаме буд Рустам бад-он ҷо зи дур,
Нишаста нигаҳ кард мардони Тур.

---

1. Л — б. 662-668 нест; И — б. 663-668 нест.
2. Л-б.б.
   Ба тан пилвору ба боло баланд,
   Ба беша-дар аз бим шераш ба банд.
3. ИЛМ – туркон.
4. ИЛ — Ялони.
5. М — Ҳаме хонд ҳар кас бар ӯ.

Ба шоиста коре бурун рафт Жанд,
Гаве дид бар сони сарви баланд.

Бад-он лашкар андар чун ӯ кас набуд,
Бисудаш ба тундиву пурсид[1] зуд.

«Чӣ мардӣ? –бад ӯ гуфт, — бо ман бигӯй,
Сӯи равшанӣ ою бинмой рӯй.»

Таҳамтан яке мушт бар гарданаш
Бизад тезу[2] баршуд[3] равон аз танаш.

Бад-он ҷойгаҳ хушк шуд Жандаразм,
Сар омад бар ӯ рӯзи пайкору базм.[4]

Замоне ҳаме буд Сӯҳроб дер,
Наёмад ба наздики ӯ жандашер.

Нигаҳ кард Сӯҳроб, то Жандаразм
Куҷо шуд, ки ҷояш тиҳӣ шуд зи базм.[5]

Бирафтанду дидандаш афканда хор,
Баросуда аз базму аз корзор.*[6]

Хурӯшон пур аз дард боз омаданд,
Зи дардаш дил андар гудоз омаданд.

Ба Сӯҳроб гуфтанд: Шуд Жандаразм,
Сар омад бар ӯ кори пайкору базм.

Чу бишнид Сӯҳроб, барҷаст зуд,
Биёмад бари Жанда бар сони дуд.

---

1. ИЛМ –Бари Рустам омад, бипурсид.
2. И — сахт.
3. Л — Бизад, то бурун шуд.
4. Л — Саромад-ш базму сар омад-ш разм.
5. ТПЗИЛ -Биёмад яке,* дид ӯро нагун,
Фитода,** шуда ҷонаш аз тан бурун
Зи кораш бигуфтанд Сӯҳробро,
Ба худ талх кардаш хӯру хобро.
* Л — касу; ** Л — табоҳу.
6. М — Бирафтанду диданд ӯро нагун,
Табоҳу шуда ҷонаш аз тан бурун.

Або чокару шамъу хунёгарон
Биёмад, варо дид мурда чунон.

Шигифт омадаш сахту хира бимонд,
Далерону кундоваронро[1] бихонд.

Бад-эшон чунин гуфт Сӯҳроби шер,
Ки «Эй бихрадону радони[2] далер.

Як имшаб шуморо[3] набояд ғунуд,
Ҳама шаб сари[4] найза бояд бисуд,

Ки гург андаромад миёни рама,
Сагу мардро дид дар дамдама.[5]

Рабуд аз далерон яке гӯсфанд,
Ба зориву хориш чунин фиканд.[6]

Агар ёр бошад ҷаҳонофарин,
Чу наъли самандам бисояд замин,

Зи фитроки зин баркушоям каманд,
Бихоҳам зи эрониён кини Жанд.»

Биёмад, нишаст аз бари гоҳи хеш,
Гаронмоягонро ҳама хонд пеш,

Ки гар[7] гум шуд аз тахти[8] ман Жандаразм,
Наёяд ҳаме сер ҷонам зи базм.[9]

Чу баргашт Рустам бари шаҳрёр,
Аз эронсипаҳ Гев буд посдор.

---

1. ИЛ –гарданкашонро.
2. Л — бихрадону ялони.
3. И — Чунин гуфт, к-имшаб.
4. И — ҳаме.
5. И — озмудаш ҳама; Л — озмуд ӯ ҳама.
6. ИЛ — б. 693 нест.
7. И — Агар.
8. И — бахти.
9. И — б. б. 697 ин б. омада:

Ба Ҳумон бифармуд, то май х(в)арем,
Ҳама лашкари ғам ба май бишкарем.

Ба раҳ-бар гави пилтанро бидид,
Бизад дасту теғ аз миён баркашид.

Яке бархурӯшид чун пили маст,
Сипар бар сар оварду бинмуд[1] даст.

Бидонист Рустам, к-аз эронсипоҳ
Ба шаб Гев бошад талоя ба роҳ.

Бихандиду з-он пас фиғон баркашид,
Талоя чу овози Рустам шунид,

Пиёда биёмад ба наздики ӯй,
Чунин гуфт, к-эй меҳтари киначӯй.[2]

Пиёда куҷо будаӣ тирашаб?
Таҳамтан ба гуфтор букшод лаб.

Бигуфташ ба Гев, он куҷо карда[3] буд,
Чунон шермарде, ки озарда[4] буд.

Бар ӯ офарин кард Геви гузин,
Ки бе ту мабод аспу кӯполу зин!

В-аз он ҷойгаҳ рафт наздики шоҳ,
Зи туркон сухан гуфту аз размгоҳ.[5]

Зи Сӯҳробу аз бурзу болои ӯй,
Зи бозуву китфу бару пои ӯй,

Ки ҳаргиз зи туркон чунин кас нахост,
Ба кирдори сарвест, болош рост.

Аз Эрону Турон намонад ба кас,
Ту гӯӣ, ки Соми савор асту бас.

В-аз он мушт бар гардани Жандаразм,
К-аз он пас наёмад ба разму ба базм.

---

1. ИЛ — бикшод.
2. ЛМ — некчӯй; И — б. 703 нест.
3. И — рафта.
4. И — ӯ кӯфта.
5. Л — базмгоҳ; И — в-аз базму гоҳ.

Бигуфтанду пас руду май хостанд,
Ҳама шаб ҳаме лашкар оростанд.

## ПУРСИДАНИ СӮҲРОБ НОМИ САРДОРОНИ ЭРОН АЗ ҲАҶИР

Чу хуршед бардошт[1] зарринсипар,
Замона баровард аз чарх сар.

Бипӯшид Сӯҳроб хафтони ҷанг,
Нишаст аз бари ҷармаи нилранг.[2]

Яке теғи ҳиндӣ буд андар бараш,*[3]
Яке миғфари хусравӣ бар сараш.

Каманде ба фитрок бар шаст хам,
Хам андар хаму рӯй карда дижам.

Биёмад яке, тунд боло гузид
Ба ҷое, ки эронсипаҳро бидид.

Бифармуд, то рафт пеши[4] Ҳаҷир,
Бад-ӯ гуфт: «Кажжӣ наёяд зи тир.[5]

Ба ҳар кор-дар пеша кун ростӣ,
Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ.

Сухан ҳар чӣ пурсам, ҳама рост гӯй,
Ба кажжӣ макун рою чора маҷӯй.[6]

Чу хоҳӣ, ки ёбӣ раҳоӣ зи ман,
Сарафроз бошӣ ба ҳар анҷуман,

---

1. И — Бифканд.
2. ЛЖ — нилранг, хубранг; ИЛ — б.б. 714 ин б. омада:
   Чу афканд хур сӯи гардун* каманд,
   Замона баромад ба чархи баланд.
   * И — сар сӯи боло.
3. М — Паранде барафканд андар бараш.
4. Л — пешаш; И — то пеш омад.
5. Л — акнун ту пандам пазир;
   ТПЗИ - Нишона наёбад, ки хам оварад,
   Сарафшон шавад, захм кам оварад.
6. И — б. 719, 720 нест.

Аз Эрон ҳар он чи-т бипурсам, бигӯй,
Матоб аз раҳи ростӣ ҳеч рӯй.[1]

Супорам ба ту ганҷи ороста,
Биёбӣ басе[2] хилъату хоста.

В-ар эдун, ки каҷҷӣ бувад рои ту,
Ҳамон банду зиндон бувад ҷои ту.»

Чунин дод посух Ҳаҷираш, ки «Шоҳ
Зи ман[3] ҳар чӣ пурсад зи эронсипоҳ,

Бигӯям ҳама, ҳар чӣ донам, бад-ӯй,
Ба каҷҷӣ чаро боядам гуфтугӯй?

Набинӣ ҷуз аз ростӣ пешаам,
Ба каҷҷӣ наёяд[4] худ андешаам.

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷҷӣ батар ҳеч андеша нест.»[5]

Бад-ӯ гуфт, к-Аз ту бипурсам ҳама,
Зи гарданкашону зи шоҳу рама.

Ҳама номдорони он марзро,
Чу Геву чу Тусу чу[6] Гударзро,

Зи Баҳрому аз Рустами номдор,
Зи ҳар чи-т бипурсам, ба ман баршумор.[7]

1. ТПЗ — Агар рост гуфтӣ саросар сухан,
Ба подош некӣ биёбӣ зи ман.
2. Л — зи ман.
3. Л — Сухан.
4. И — чӣ бояд.
5. И — б. 728 нест.
6. Л — Чу Тусу чу Ковусу;
ТПЗ — Далерону гурдони Эронзамин
Чу Густаҳму чун Геви боофарин.
7. ТПЗ — Якояк нишоне ба ман барнамо,
Агар сар ба тан хоҳиву ҷон ба ҷо.

Саропардаи дебаи[1] ранг-ранг,
Бад-ӯ - андарун хаймаҳои паланг.

Ба пеш-андарун баста сад жандапил
Яке тахти[2] пирӯза бар сони Нил,

Яке зард[3] хуршедпайкар дурафш,
Сараш моҳи заррин, ғилофаш бунафш.

735 Ба қалби сипоҳ-андарун ҷои кист?
Зи гурдони Эрон варо ном чист?»

Бад-ӯ гуфт, к-«Он шоҳи Эрон бувад,
Ки бар даргаҳаш пилу шерон бувад».

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«Аз маймана
Саворони[4] бисёру пилу буна,

Саропардае баркашида сиёҳ,
Рада гирдаш-андар ситода сипоҳ.

Ба гирд-андараш хайма з-андоза беш,
Паси пушти пилону шерон ба[5] пеш,

740 Зада пеши ӯ[6] пилпайкар дурафш,
Ба наздаш[7] саворони зарринакафш.»[8]

Чунин гуфт, к-«Он Туси Нӯзар бувад,
Дурафшаш куҷо пилпайкар бувад».[9]

---

1. –деба аз
2. Л — маҳди.
3. ИЛ — бурз.
4. Л — Савораст.
5. Л — мардон-ш.
6. Л — Яке аждаҳо.
7. И — даргаҳ.
8. ТПЗ — Чӣ бошад зи Эрониён номи ӯй,
Бигӯ, то куҷо бошад ороми ӯй?
9. ТПЗ — Сипаҳдору аз тухмаи подшоҳ,
Сарафрозу лашкаркашу кинахоҳ.
Надорад або захми ӯ шер тов,
Бузургон зи бимаш пазиранд сов.*

* И — танҳо б. дуюм ҳаст.

Бипурсид, к-«Он сурх пардасарой,
Саворон басе гирдаш-андар ба пой.

Яке шерпайкар дурафши бунафш,[1]
Дурафшон гуҳар дар миёни дурафш,[2]

Паси пушташ-андар сипоҳи гарон,
Ҳама найзадорону ҷавшанварон.

Кӣ бошад? Ба ман номи ӯ боз гӯй,
Зи кажжӣ маёвар табоҳӣ ба рӯй.»[3]

Чунин гуфт к-«Он фарри озодагон
Сипаҳдор Гударзи Кашводагон.

Сипаҳкаш бувад, гоҳи кина далер,
Ду чил пур дорад чу пилу чу шер.[4]

Куҷо пил бо ӯ накӯшад ба ҷанг,*[5]
На аз дашт бабру на аз куҳ паланг».[6]

Дигар гуфт,[7] к-«Он сабз пардасарой,
Яке лашкари гашн пешаш ба пой,

Яке тахти пурмоя андар миён
Зада пеши ӯ ахтари ковиён.

Бар ӯ барнишаста яке паҳлавон,
Або фарру бо сифту ёли гавон,[8]

Аз он кас, ки бар пой пешаш-бар аст,
Нишаста ба як сар аз ӯ бартар аст.

1. ИЛ –Дурафше ба зар.
2. Л — Дурафшону андар миёнаш гуҳар; И — Дурафшон шуд андар миёнаш гуҳар.
3. ИЛ — б. 745 нест.
4. И — б. 746 нест.
5. М — Ки бо ӯ накӯшад диловар наҳанг.
6. Л — 746, 747 нест.
7. ИЛ — Бипурсид.
8. И — б. 751 нест.

Яке бора пешаш ба болои ӯй,
Каманде фурӯ ҳишта то пои[1] ӯй.

Ба худ[2] ҳар замон бархурӯшад ҳаме,
Ту гӯӣ,[3] ки дарё биҷӯшад ҳаме.

Басе пили баргустувондор пеш,
Ҳаме ҷӯшад он мард бар ҷои хеш.

Ба Эрон на марде ба болои ӯй,[4]
Набинам ҳаме асп ҳамтои ӯй,

Дурафшаш бубин,[5] аждаҳопайкар аст,
Бар он найза-бар шери зарринсар аст».[6]

Ҳаҷир он гаҳе гуфт бо хештан,
Ки гар ман нишони гави пилтан

Бигӯям бад - ин некдил шермард,
Зи Рустам барорад ба ногоҳ гард.

Аз он беҳ набошад, ки пинҳон кунам,
Зи гарданкашон номи ӯ бифканам.

Бад-ӯ[7] гуфт, к- «Аз Чин яке некхоҳ
Ба наввӣ биёмад ба наздики шоҳ.»

Бипурсид номаш зи фаррух Ҳаҷир,
Бигуфто, ки *[8] «Номаш надонам ба вир.[9]

---

1. И — Набинам ҳаме асп ҳамтои.
2. ИЛЖ — Бад-ӯ.
3. И — гуфтӣ.
4. И — Ба Эрон на сарве ба болои ӯ,
Каманде фурӯ ҳишта то пои ӯ.
5. Л — ба дил.
6. ТПЗ — Кӣ бошад ба ном он савори далер,
Ки ҳар дам ҳаме бархурӯшад чу шер?
7. И — Чунин.
8. М — Бад-ӯ гуфт.
9. ТПИ — Дигар боз пурсид Сӯҳроб аз ӯй,
Ки боре маро номи чинӣ бигӯй.
Ба посух чунин гуфт бо ӯ* Ҳаҷир,
Ки «Эй пурҳунар меҳтари шергир».

* И — ӯро.

Бад-ин диж будам ман бад-он рӯзгор,
Куҷо ӯ биёмад бари шаҳрёр».[1]

Ғамин[2] гашт Сӯҳробро дил бад-он,
Ки ҷое наёмад зи Рустам нишон.

Нишон дода буд аз падар модараш,
Ҳаме диду дида набуд бовараш.

Ҳаме ном ҷуст аз даҳони Ҳаҷир,
Магар, к-он суханҳо шавад дилпазир.

Набишта ба сар-бар дигаргуна буд,
Зи фармон накоҳад, на ҳаргиз фузуд.[3]

В-аз он пас бипурсид, к-«Аз меҳтарон
Кашида саропардае бар карон,[4]

Саворони бисёру пилон ба пой,
Барояд ҳаме нолаи каррной.

Яке гургпайкар дурафш аз бараш,
Ба абр андаровардa заррин сараш,

Миёни саропарда тахте зада,
Ситода ғуломон ба пешаш рада?»[5]

Чунин гуфт, к-«Он пури Гударз-Гев,
Ки хонанд гурдон варо Геви нев.

Зи Гударзиён меҳтару беҳтар аст,
Ба эронсипаҳ бар ду баҳра сар аст.

1. ТПЗ — Гумонам, ки он чинӣ ин паҳлав аст,
Ки ҳар гуна созу силоҳаш нав аст.
2. ИМЖ — Ғамӣ.
3. ТПЗ — Қазо чун зи гардун фурӯ ҳишт пар,
Ҳама зиракон кӯр гарданду кар.
4. И — Саропардае аз карон то карон; И — б. б. 768 ин б. омада:
Ки лаълу бунафш аст пардасарой,
Зи саҳмаш ҳаме барфурӯзад зи ҷой.
5. Л — б. 771 нест;
ТПЗ — Зи Эрон бигӯ, номи он мард чист?
Куҷо ҷой дорад, нажодаш зи кист?

Сарафроз домоди Рустам бувад,
Ба Эронзамин ҳамчу ӯ кам бувад.»[1]

Бад-ӯ гуфт: «Аз он сӯ, ки тобанда шед
Барояд, яке парда бинам сапед

Зи дебои румӣ, ба пешаш савор
Рада баркашида фузун аз ҳазор.

Пиёда сипардору ҷӯпинварон,[2]
Шуда анҷуман лашкари бекарон,

Нишаста сипаҳдор бар тахти оҷ,
Ниҳода бар он оҷ курсии соҷ.[3]

Зи парда фурӯ ҳишта дебо ҷулайл,
Ғулом истода рада хайл-хайл.»[4]

Бад-ӯ[5] гуфт, к-«Ӯро Фарибурз хон,
Ки фарзанди шоҳ асту тоҷи гавон.»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин дарх(в)ар аст,
Ки фарзанди шоҳ асту боафсар аст.»

Бипурсид аз он зард[6] пардасарой,
Дурафши дурахшон ба пешаш*[7] ба пой[8]

Ба гирд-андараш зарду сурху бунафш
Зи ҳар гунае баркашида дирафш.

---

1. ИЛ — б. 774 нест;
2. ИЛ — найзаварон.
3. Л — курсии оҷ.
4. ТПЗ — Чӣ ном аст ӯро зи номоварон,
   Сипаҳбаднажод аст ё сарвар он?
   Л — б. б. 779 ин б. омада:
   Бари хайма дар пеши пардасарой
   Яке моҳпайкар, дурафше ба пой.
5. И — Чунин.
6. Л — сурх.
7. М — Яке моҳпайкар дурафше.
8. ИЛ — Ба даҳлез чанде ситода ба пой.

Дирафше паси пушт пайкаргуроз,
Сараш моҳи симину боло дароз».[1]

Чунин гуфт, к-«Ӯро Гуроз аст ном,
Ки дар ҷанги шерон надорад*[2] лагом.[3]

Ҳушивору аз тухмаи Гевгон,
Ки бар дарду сахтӣ набошад жакон.

Нишони падар ҷусту бо ӯ нагуфт,
Ҳаме дошт он ростӣ дар нуҳуфт.

Ҷаҳонро чӣ созӣ, ки худ сохтаст,
Ҷаҳондор аз ин кор пардохтаст.

Замона набишта дигаргуна дошт,
Чунон, к-ӯ гузорад, бибояд гузошт.

Чу дил барниҳӣ дар[4] сарои сипанҷ,
Ҳама захр з-ӯ биниву[5] дарду ранҷ.

Дигарбора пурсид аз ӯ сарфароз,
Аз он к-аш ба дидори ӯ буд ниёз.

Аз он пардаи сабзу аспи баланд,
В-аз он марду он тобдода каманд.

В-аз он пас Ҳаҷири сипаҳбад-ш гуфт,
Ки «Аз ту суханро набояд[6] нуҳуфт.

Гар аз номи чинӣ бимонам ҳаме,
Аз он аст, к-ӯро надонам ҳаме.»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин нест дод,
Зи Рустам накардӣ сухан ҳеч ёд.

---

1. ТПЗ — Чӣ хонанд ӯро зи гарданкашон,
Бигӯ, то чӣ дорӣ аз ӯ ҳам нишон.
2. МЖ — натобад.
3. ИЛ — зимом.
4. ИЛ — бар
5. ИЛ — пеш ораду.
6. ИЛ — чӣ бояд.

Касе к-ӯ бувад паҳлавони ҷаҳон,[1]
Миёни сипаҳ-дар намонад ниҳон.

Ту гуфтӣ, ки дар лашкар ӯ меҳтар аст,
Нигаҳбони ҳар марзу ҳар кишвар аст.

Ба разме, ки Ковус лашкар кашад,
Ба пили дамон тахту афсар кашад.

Ҷаҳонпаҳлавон боядаш пешрав,
Чу бархезад аз дашт овои ғав.[2]

Чунин дод посух мар ӯро Ҳаҷир,
Ки «Шояд будан, к-он гави шергир

Кунун рафта бошад ба Зобулситон,
Ки ҳангоми базм аст дар[3] гулситон.

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин худ бигӯй,
Ки дорад сипаҳбад сӯи ҷанг рӯй?

Зи ҳар сӯ зи баҳри ҷаҳондор шоҳ
Биёянд наздаш меҳон бокулоҳ.[4]

Ба ромиш нишинад ҷаҳонпаҳлавон,
Бар ин*[5] -бар бихандaнд пиру ҷавон.

Маро бо ту имрӯз паймон якест,
Бигӯям, ки гуфтори ман андакест.

Агар паҳлавонро намоӣ ба ман,
Сарафроз бошӣ ба ҳар анҷуман.

Туро бениёзӣ диҳам дар ҷаҳон,
Кушода кунам ганҷҳои ниҳон.

---

1. И — меҳон.
2. ИЛ — б. 798, 799 нест.
3. И — бишкуфаву.
4. И — б. 803 нест.
5. М — Бар ӯ.

В-ар эдун, ки ин роз дорӣ зи ман,
Кушода ба ман-бар бипӯшӣ сухан,

Саратро нахоҳад[1] ҳаме тан ба ҷой,
Миёнҷӣ кун акнун ба ин ҳар ду рой.

Набинӣ, ки мӯбад ба хусрав чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ ки букшод роз аз нуҳуфт?

Сухан-гуфт-ногуфта[2] чун гавҳар аст,
Куҷо[3] нобисуда, ба банд[4] - андар аст.

Чу аз банду пайванд ёбад раҳо,
Дурахшанда[5] меҳре бувад бебаҳо.»

Чунин дод посух Ҳаҷираш, ки «Шоҳ
Чу сер ояд аз меҳру аз тоҷу гоҳ,

Набарди касе ҷӯяд андар ҷаҳон,
Ки ӯ жандапил андарорад зи ҷон.[6]

Зи[7] захми сари гурзи сандоншикан
Барорад димор аз дусад анҷуман.

Касеро, ки Рустам бувад ҳамнабард,
Сараш з-осмон андарорад ба гард.

Ҳамоварди ӯ бар замин пил нест,
Чу гарди паи аспи[8] ӯ Нил нест.

Танаш зӯр дорад ба сад зӯрманд,
Сараш з-осмон андарорад ба гард.

---

1. Л — Сарат менахоҳад.
2. Л — носуфта.
3. Ж — ҳаме.
4. Л — санг.
5. Л — Ки рахшанда; И — Чу рахшанда.
6. Л — Ки аз абру пил андарорад замон.
   ТПЗ — Агар худ бибинӣ ту чанголи ӯй,
   Чунон ҳайбату пайкару ёли ӯй,
   Бидонӣ, ки аз вай наёбад раҳо
   На деву на шеру на нараждаҳо.
7. ИЛ — Ба.
8. ИЛ — Рахши.

Чу ӯ хашм гирад ба рӯзи набард,
Ба чангаш чи шеру чи пилу чи мард.»[1]

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроби озодагон,
Сияҳбахт Гударзи Кажводагон,

Ки ҳамчун туе[2] хонд бояд писар
Бад-ин зӯру ин донишу ин ҳунар.

Ту мардони ҷангӣ куҷо дидаӣ,
Ки бонги паи асп нашнидаӣ?!

Ки чандин зи Рустам сухан бар забон
Биронӣ, ситонӣ варо ҳар замон.[3]

Аз оташ туро бим чандон бувад,
Ки дарё ба ором ҷунбон бувад.

Чу дарёи сабз андарояд зи ҷой,
Надорад дами оташи тез пой.[4]

Сари тирагӣ андарояд ба хоб,
Чу теғи табиш баркашад офтоб.[5]

---

1. ТПЗ — Нахоҳам, ки бо ӯ ба саҳро бувад,
Ҳамовард агар кӯҳи хоро бувад.*
Ҳунарҳои Рустам ба гирди ҷаҳон
Ҳама ошкор аст пеши меҳон.
Ту бо ӯ басанда набошӣ ба ҷанг,
Чу ӯ теғи ҳиндӣ бигирад ба чанг.
Ба гетӣ надидӣ ту ҷанговарон,
Ки буданд бо гурзҳои гарон?
Чу Афросиёб он сипаҳдори Чин
Або номдорони Туронзамин.
Ба шамшери кин Рустами пилтан
Буборид оташ бар он анҷуман.

* ИЛ — танҳо ҳамин як байти аввал мавҷуд аст.

2. Л — Куҷо чун туро.
3. ТПЗ — Гараш бинам. он гоҳ ояд-т ёд,
Ки дарёи ҷӯшон биларзад зи бод.
4. ИЛ — б. 825 нест.
5. ТПЗ — Чу баргуфт аз ин гуна Сӯҳроби гурд,
Ғамин гашта ҳазмон ҳаме баршумурд.

Ба дил гуфт нокордида Ҳаҷир,
Ки гар ман нишони гави шергир

Бигӯям бад-ин турки бо зӯри даст,
Чунин ёлу ин хусравонӣ нишаст,

Зи лашкар кунад ҷангҷӯ анҷуман,
Барангезад он бораи пилтан.

Бад-ин зӯру ин китфу ин ёли ӯй
Шавад кушта Рустам ба чанголи ӯй.

Зи гурдон наояд касе[1] ҷангҷӯй,
Ки бо ӯ ба рӯй андарорад[2] ба рӯй.

Зи Эрон набошад касе[3] кинахоҳ,
Бигирад сари тахти Ковусшоҳ.

Чунин гуфт мӯбад, ки мурдан ба ном
Беҳ аз зинда, душман бар ӯ шодком.

Агар ман шавам кушта бар дасти ӯй,
Нагардад сияҳ рӯзу хун оби ҷӯй.

Чу ман ҳаст Гударзро солх(в)ард,
Дигар пур ҳафтоду шаш шермард.

Чу Геви ҷаҳонгири лашкаршикан,
Ки бошад ба ҳар ҷо сари анҷуман.

Чу Баҳрому Руҳҳоми гарданфароз,
Чу Шедӯши шеравжани размсоз.

Пас аз марги ман меҳрбонӣ кунанд,
Зи душман ба кин ҷонситонӣ кунанд.[4]

Чу Гударзу ҳафтод пури гузин,
Ҳама номдорони боофарин

1. ИЛМ — Аз Эрон наёяд яке.
2. Л — Ки рӯй андарорад або ӯ.
3. ЛМ — Чу з-Эрон.
4. ИЛ — 836 –838 нест.

Набошад ба Эрон, тани ман мабод,
Чунин дорам аз мӯбади пок ёд.

Чу тан сар кашад аз замин*[1] бехи сарв,
Сазад, гар гиёро набӯяд тазарв.

Ба Сӯҳроб гуфт: «Ин чӣ ошуфтан аст?
Ҳама бо ман аз Рустамат гуфтан аст?

Чаро бояд ин кина оростан,
Ба беҳуда чизе зи ман хостан?

Ки огоҳии он набошад барам,
Бад-ин кина хоҳӣ буридан сарам?

Баҳона набояд ба хун рехтан,
Чӣ бояд кунун рангат омехтан?[2]

Ҳаме пилтанро нахоҳӣ шикаст,[3]
Ҳамоно, к-ат осон наёяд ба даст.

Набояд туро ҷуст бо ӯ набард,
Барорад ба овардгаҳ аз ту гард».[4]

## ТОХТАНИ СӮҲРОБ БАР ЛАШКАРИ КОВУС

Чу бишнид гуфторҳои дурушт,
Сари пурдилон зуд*[5] бинмуд пушт.

Ниҳон кард аз ӯ рӯю чизе нагуфт,
Аҷаб монд аз он гуфтаҳои нуҳуфт.

Зи боло задаш тунд як пушти даст,
Бияфкандаш, омад ба ҷои нишаст.

Басе кард андешаҳои дароз,
Зи ҳар гунае кард пайкор соз.

1. М — Ки гар бошад андар чаман.
2. Л — б. 843-745 нест.
3. Л — бихоҳӣ шикаст?
4. Л — б. 847 нест.
5. МЖ — Аз ӯ рӯй баргошт.

Бубаст аз паи кина он гаҳ камар,
Ниҳод аз сари сарварӣ тоҷи зар.

Зиреҳрову хафтон бипӯшид шод,
Яке тарги румӣ ба сар барниҳод.

Гирифташ синону камону каманд
Гарон гурзро паҳлави девбанд.

Зи тундӣ ба ҷӯш омадаш хуну раг,
Нишаст аз бари бораи тезтаг.

Хурӯшиду бигрифт найза ба даст,
Ба овардгаҳ рафт чун пили маст.

Бурун омаду рои новард кард,
Баровард бар чеҳраи моҳ гард.[1]

В-аз он пас дамон шуд ба пардасарой,
Ба найза баровард боло зи ҷой.

Ба кирдори гӯрон зи чанголи шер,
Рамиданд аз вай сарони далер.

Кас аз номдорони эронсипоҳ
Наёраст кардан бад-ӯ дар нигоҳ.

Зи пову рикебу зи дасту инон,
Зи бозую он обдода синон.

В-аз он пас*[2] далерон шуданд анҷуман,
Бигуфтанд, к-инат гави пилтан!

Нашояд нигаҳ кардан осон бад-ӯй,
Кӣ ёрад шудан пеши ӯ ҷангҷӯй?

В-аз он пас хурӯшид Сӯҳроби гурд,
Ҳаме шоҳ Ковусро баршумурд.[3]

---

1. ТПЗ — Биёмад дамон то ба қалби сипоҳ,
Расид ӯ ба наздики Ковусшоҳ.
2. М — Сарону.
3. И — б.864 нест.

Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи озодмард,
Чигуна-ст корат ба дашти набард?

Чаро кардаӣ ном Ковуси кай,
Ки дар ҷанги шерон надорӣ ту пай?

Гар ин найза дар мушт печон кунам,
Сипоҳи туро ҷумла беҷон кунам.

Яке сахт савганд хӯрдам ба базм,
Бад-он шаб, куҷо кушта шуд Жандаразм,

К-аз Эрон намонам яке найзадор,
Кунам зинда Ковуси кайро ба дор.

Кӣ дорӣ аз ерониён тезчанг,
Ки пеши ман ояд бад-ин дашти ҷанг?»[1]

Бигуфту ҳаме буд хомӯш бас,[2]
Аз Эрон надод эч посух-ш кас.[3]

Ҳам овард пушту синони ситех
Бизад тунду барканд ҳафтод мех.

Саропарда як баҳра омад зи пой,[4]
Зи ҳар сӯ баромад дами каррной.

Ғамин[5] гашт Ковусу овоз дод,
Ки "Эй номдорони фаррухнажод,

---

1. ТПЗ — Куҷо Геву Гударзу Туси далер,
Фарибурзу Ковусу Густаҳми шер?
Савори ҷаҳон Рустами номвар,
Дигар Зангаи гурди пархошх(в)ар
Дароянду мардӣ намоянд ҳин,
Дар ин размгоҳ аз паи хашму кин.
2. Л — басе.
3. Л — Зи Эрон надоданд посух касе;
ТПЗ — Аз он пас биҷунбид аз ҷои хеш,
Ба наздики пардасаро рафт пеш.
4. Л — кандаш зи ҷой; И — ҷой.
5. ИЛ — ғамӣ.

Яке назди Рустам баред огаҳӣ,
К-аз ин турк шуд мағзи гурдон тиҳӣ.

Надорам саворе варо ҳамнабард,
Аз Эрон наёрад кас ин кор кард»

Бишуд Тусу пайғоми Ковус бурд,
Шунида сухан пеши ӯ баршумурд.

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Ҳар шаҳрёр,
Ки кардӣ маро ногаҳон хостгор,

Гаҳе ҷанг будӣ, гаҳе созу базм,
Надидам зи Ковус ҷуз ранҷи разм.»

Бифармуд, то Рахшро зин кунанд,
Саворон бурӯҳо пур аз чин кунанд».

Зи хайма нигаҳ кард Рустам ба дашт,
Зи раҳ Гевро дид, к-андаргузашт.

Ниҳод аз бари Рахш рахшанда зин,
Ҳаме гуфт Гургин, ки биштоб ҳин.

Ҳаме баст бо гурз Руҳҳом танг,
Ба баргустувон барзада Тус чанг.

Ҳаме он бад-ин ин, бад-он гуфт зуд,
Таҳамтан чу аз парда[1] ово шунуд,

Ба дил гуфт ин разми Оҳарман аст,
На ин растахез як паи як тан аст.

Бизад дасту пӯшид бабри баён,
Бубаст он каёнӣ камар бар миён.

Нишаст аз бари Рахшу паймуд[2] роҳ,
Завора нигаҳбони гоҳу сипоҳ.

Бад-ӯ гуфт: «Аз эдар марав пештар,
Ба ман дор гӯш аз ялон бештар.»

1. Л — хайма.
2. ИЛ — бигрифт.

Дурафшаш бибурданд бо ӯ ба ҳам,
Ҳаме рафт пархошҷӯю дижам.

Чу Сӯҳробро диду он ёлу шох,
Бараш чун бари Соми ҷангӣ фарох,

Бад-ӯ гуфт: « Аз эдар ба як сӯ шавем,
Бар овардгаҳ- бар беоҳу шавем.»[1]

Бимолид Сӯҳроб кафро ба каф,
Ба овардгаҳ рафт аз пеши саф.[2]

Бигуфт ӯ ба Рустам:«Бирав, то равем
Ба як ҷой, ҳарду ду марди гавем.

Аз Эрону Турон нахоҳем кас,[3]
Чу ман бошаму ту ба овард, бас.

Ба овардгаҳ мар туро ҷой нест,
Туро худ ба як мушти ман пой нест.

Ба боло баландиву бокитфу ёл,*[4]
Ситам ёфт бо ин зи[5] бисёр сол.»

Нигаҳ кард Рустам бад-он сарфароз,
Бад-он сифту чангу рикеби[6] дароз.

Бад-ӯ гуфт нарм, «Эй ҷавонмарди нарм,[7]
Замин хушку сарду ҳаво нарму гарм.[8]

Ба пирӣ басе дидам овардгоҳ,
Басе бар замин паст кардам сипоҳ.

---

1. ТПЗ — Бичунбид Сӯҳроби пархошх(в)ар
Зи гуфти гави пилтан номвар.
2. Л — б. б. 892 ин б. омада:
Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-андаргузашт
Зи ман ҷангу пайкор сӯи ту гашт.
3. ИЛ — Зи Эрон нахоҳӣ ҳаме ёр кас.
4. М — ёлат.
5. Л — солат зи.
6. Л — Бад-он ёлу чангу рикоби.
7. Л — ҷавонмард гарм.
8. Л — Замин сарду хушку ҳаво гарму нарм.

Табаҳ шуд басе дев бар дасти ман,
Надидам бад он сӯ[1*2.], ки будам шикан.

Нигаҳ кун маро, то бубинӣ ба ҷанг,
Агар зинда монӣ, натарс аз наҳанг.

Маро дида дар ҷанг дарёву кӯҳ,
Ки бо номдорони туронгурӯҳ

Чӣ кардам, ситора гувои ман аст,
Ба мардӣ ҷаҳон зери пои ман аст.[3]

Ҳаме раҳмат орад ба ту бар дилам,
Нахоҳам, ки ҷонат зи тан бигсилам.

Намонӣ ба туркон бад-ин ёлу суфт,
Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт».[4]

Чу омад зи Рустам чунин гуфтугӯй,
Биҷунбид Сӯҳробро дил бад-ӯй.

Бад-ӯ гуфт к-«Аз ту бипурсам сухун,
Ҳама ростӣ бояд афканд бун.

Якояк нажодат маро ёд дор,
Зи гуфтори хубат маро шод дор.[5]

Ман эдун гумонам, ки ту Рустамӣ,
Ки аз тухмаи номвар Найрамӣ».

Чунин дод посух, ки «Рустам наям,
Ҳам аз тухмаи Соми Найрам наям,

Ки ӯ паҳлавон асту ман кеҳтарам,
На ботахту гоҳам, на боафсарам».[6]

1. Л — ба сӯе.
2. М — Нагаштам ба сӯе.
3. ТПЗ — Касоне, ки диданд разми маро,
Шумурданд гӯӣ, ки базми маро.
4. Л-б. 904. 905 нест.
5. ИЛ-б. 908 нест.
6. И — гоҳу на бо ахтарам.

Зи уммед Сӯҳроб шуд ноумед,
Бад-ӯ тира шуд рӯи рӯзи сафед.

## РАЗМИ РУСТАМ БО СӮҲРОБ

Ба овардгаҳ рафту найза гирифт,
Ҳаме монда аз гуфти модар шигифт.

Яке танг майдон фурӯ сохтанд,
Ба кӯтоҳнайза ҳаме бохтанд.[1]

Намонд эч бар[2] найза банду синон,
Ба чап боз бурданд[3] ҳар ду инон.

Ба шамшери ҳиндӣ баровехтанд,
Ҳаме з-оҳан оташ фурӯ рехтанд.

Ба захм - андарун теғ шуд рез-рез,
Чӣ захме, ки пайдо кунад растахез.

Гирифтанд аз он пас амуди гарон,
Ҳаме кӯфтанд он бар ин, ин бар он.[4]

Зи нерӯ амуд андаромад ба хам,
Чамон[5] бодпоёну гурдон дижам.

Зи аспон фурӯ рехт баргустувон,
Зиреҳ пора шуд бар миёни гавон.

Фурӯ монд аспу диловар зи кор,
Якеро набуд дасту бозуш ёр.

Тан аз хай пуробу даҳон пур зи[6] хок,
Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.

1. ЛМ — тохтанд
2. Л — бо.
3. И — доданд.
4. ИЛ — Ғамӣ гашт бозуи кундоварон.
5. Л — Давон.
6. Л — ҳама ком.

Як аз дигар истод он гоҳ дур,
Пур аз дард бобу пур аз ранҷ пур.

Ҷаҳоно, шигифтӣ зи[1] кирдори туст,
Шикаста ҳам аз ту, ҳам аз ту дуруст.

Аз ин ду якеро наҷунбид меҳр,
Хирад дур буд, меҳр нанмуд чеҳр.

Ҳаме баччаро боздонад сутур,
Чи моҳӣ ба дарё, чи дар дашт гӯр.

Надонад ҳаме мардум аз ранҷу[2] оз
Яке душманеро зи фарзанд боз.

Ба дил[3] гуфт Рустам, ки ҳаргиз наҳанг
Надидам, ки ояд бад-ин сон ба ҷанг.

Маро хор шуд ҷанги[4] Деви Сапед,
Зи мардӣ шуд имрӯз дил ноумед.

Зи дасти яке носипардаҷаҳон,
На гурде, на номоваре аз меҳон.

Ба серӣ расонидам аз рӯзгор,
Ду лашкар назора бад-ин корзор.

Чу осуда шуд бораи ҳар ду мард,
Зи озори ҷангу зи нангу набард,

Ба зеҳ барниҳоданд ҳар ду камон,
Ҷавона ҳамон, солхӯрда ҳамон.

Зиреҳ буду хафтону бабри баён,
Зи килку зи пайкон наёмад зиён.[5]

1. Л — шигифто, ки.
2. ИЛ — ранҷи.
3. ИЛ — Ҳаме.
4. Л — разми.
5. ТПЗ — Ба ҳам тирборон намуданд сахт,
Ту гӯӣ фурӯ рехт барги дарахт.

Ғамин[1] шуд дили ҳарду аз якдигар,
Гирифтанд ҳарду дуволи камар.

Таҳамтан агар даст бурдӣ ба санг
Бикандӣ сияҳсангро рӯзи ҷанг.[2]

Камарбанди Сӯҳробро чора кард,
Ки аз зин бичунбонд андар набард.

Миёни ҷавонро набуд огаҳӣ,
Бимонд аз ҳунар дасти Рустам тиҳӣ.

Фурӯ дошт даст аз камарбанди ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз банди ӯй.[3*4]

Ду шеравжан аз ҷанг сер омаданд,
Табаҳ гаштаву хаста,[5] дер омаданд.

Дигарбора Сӯҳроб гурзи гарон
Зи зин бакашиду бияфшурд рон.

Бизад гурзу овард китфаш ба дард,
Бипечиду дард аз далерӣ бих(в)ард.

Бихандид Сӯҳробу гуфт: «Эй савор,
Ба захми далерон наӣ пойдор!

Ба зер - андарат[6] Рахш гӯӣ хар аст,
Ду дасти савор аз ҳама бадтар аст.»[7]

Агарчи гаве сарвболо бувад,
Ҷавонӣ кунад пир, коно бувад.[8]

---

1. ЛМ — Ғамӣ
2. ТПЗ — Ба зӯр аз замин кӯҳ бардоштӣ,
   Гаронсангро мум пиндоштӣ.
3. ИЛ — б. 939 нест.
4. М — Таҳамтан чунон хира монда бад-ӯй.
5. Л — Ҳаме хаставу гашта.
6. Л — Ба разм-андарун; И — Ба зин андарун.
7. ТПЗИ - Маро раҳмат ояд ба ту-бар зи дил,
   Ки аз хунат оғушта гаштаст гил.
8. ТПЗ — Таҳамтан надод эч ӯро ҷавоб,
   Шигифтӣ фурӯ монд дар печу тоб.

Ба пастӣ расид ин аз он, он аз ин,
Чунон танг шуд бар далерон замин,

Ки аз якдигар рӯй баргоштанд,
Дилу ҷон ба андеша бигзоштанд.[1]

Таҳамтан ба туронсипаҳ шуд ба ҷанг,
Бад-он сон, ки нахчир гирад паланг.

Ба эронсипаҳ рафт Сӯҳроби гурд,
Инон бораи тезтагро супурд.

Бизад хештанро ба эронсипоҳ,
Ба дасташ басе номвар шуд табоҳ.[2]

Миёни сипоҳ андаромад чу гург,
Пароканда гаштанд хурду бузург.

Дили Рустам андешае кард бад,
Ки Ковусро бегумон бад расад.

Аз ин пурҳунар турки навхоста,
Ба хафтон бару бозу ороста.

Ба лашкаргаҳи хеш тозид зуд,
Ки андешаи дил бад-он гуна буд.

Миёни сипаҳ дид Сӯҳробро,
Замин лаъл карда ба хунобро.

Сари найза пурхуну хафтону даст,
Чу шере, ки гирад зи нахчири[3] маст.

Дижам[4] гашт Рустам, чу ӯро бидид.
Хурӯше чу шери жиён баркашид.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй турки хунхорамард,
Зи эронсипаҳ ҷанг бо ту кӣ кард?

1. И — б. 947 нест.
2. И — б. 950 нест.
3. ИЛМ – Ту гуфтӣ зи нахчир гаштаст.
4. ИЛМ –Ғамӣ.

Чаро даст бо ман насудӣ[1] ҳама,
Чу гург омадӣ дар[2] миёни рама?»

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб: «Туронсипоҳ
Аз ин разм дуранду ҳам бегуноҳ.

Ту оҳанг кардӣ бад-эшон нахуст,
Касе бо ту пайкору кина наҷуст.»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Шуд тира рӯз,
Чу пайдо кунад теғ гетифурӯз,[3]

Бад-ин дашт ҳам дору ҳам минбар аст,
Ки равшанҷаҳон зери теғ-андар аст.

Гар эдун, ки боз ӯ ба шамшеру тир
Чунин ошно шуд, ту ҳаргиз мамир.

Бигардем шабгир бо теғи кин,
Ту рав,[4] то чӣ хоҳад ҷаҳонофарин.

## БОЗГАШТАНИ РУСТАМ ВА СӮҲРОБ БА ЛАШКАРГОҲ

Бирафтанду рӯи ҳаво тира гашт,
Зи Сӯҳроб гардун ҳаме хира гашт,

Ту гуфтӣ зи ҷангаш сиришт осмон,
Наёсояд аз тохтан як замон.

Дигарбора зер-андараш оҳан аст,
Шигифтӣ равон асту рӯинтан аст.

Шаби тира омад сӯи лашкараш,
Миён суда аз ҷангу оҳан бараш.[5]

1. И — бисудӣ.
2. И — омадастӣ.
3. ТПЗ — Ба куштӣ бигардем ҳар ду пагоҳ,
Бубинем, то бар кӣ гиряд сипоҳ.
4. И — Ба мо.
5. Л — сараш.

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-«Имрӯз ҳур
Баромад, ҷаҳон кард*[1] пурҷангу[2] шӯр.

Шуморо ба сар з-он*[3] савори далер,
Ки ёли ялон дошт, чанголи шер,

Чӣ омад? Шуморо чӣ гуфту чӣ кард?
Ки ӯ буд ҳамзӯри ман дар набард.

Чӣ кард ӯ або лашкарам сар ба сар,
Ки чун ӯ надонам ба гетӣ[4] дигар?

Яке пирмард аст бар сони шер,
Нагардад зи ҷангу зи пайкор сер.[5]

Надонам ба гирди ҷаҳон сар ба сар,
Кӣ бандад гаҳи кина чун ӯ камар.»

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки фармони шоҳ
Чунин буд, к-аз эдар наҷунбад сипоҳ.

Ҳама кори мо сахт босоз[6] буд,
Ба овардгаҳ гаштан оғоз буд.

Биёмад яке марди пархошҷӯй,
Бад-ин лашкари гашн бинҳод рӯй.

Ту гуфтӣ, зи мастӣ кунун хостаст,
Ки ин ҷангро як тан оростаст.[7]

Зи ҳар сӯ пароканда гарди набард,
Зи лашкаргаҳи мо басе кушт мард.

---

1. М — гашт.
2. Л — гашт пуршару.
3. М — чи гуфт он.
4. И — саворе надидам.
5. ТПЗ — Агар гӯям аз кори он номдор,
   На чандон бувад к-ояд андар шумор.
   Ду бозуш монандаи рони пил,
   Биҷӯшад зи овози ӯ рӯди Нил.
6. ИЛ — носоз.
7. ТПЗ — Инон бозпечиду бардошт роҳ,
   Ба эронсипаҳ рафт аз ин ҷойгоҳ.

В-аз он пас бад-он лашкари хеш рӯй
Ниҳоду ҳаме рафт дар пӯяпӯй![1]

Чунин гуфт Сӯҳроб, к- «Ӯ з-ин сипоҳ
Накард аз далерон касеро табоҳ.

Аз эрониён ман басе куштаам,
Заминро ба хун чун гил[2] оғуштаам.

В-аз ин бар шумо ҷуз назора набуд,
Валекин наёмад касе худ, чӣ суд?!

Агар шер пеш омадӣ, бегумон
Нарастӣ, чунин дон зи гурзи гарон.

Ба пешам чи бабру[3] палангу ҳизабр,
Ба пайкон фурӯ борам оташ зи абр.[6]

Чу гурдон[*4] маро рӯй бинанд тез,
Зиреҳ бар танони[5] шавад реза-рез.

Чу фардо ба пеш аст[6*7] рӯзи бузург,
Падид ояд он кас, ки[8] бошад сутург.[*9]

Ба номи ҷаҳонофарин як Худой,
Яке душманеро намонам ба ҷой.[10]

Кунун хони май бояд оростан,
Бибояд ба май[11] ғам зи дил костан.»

---

1. ИЛ-б. 980, 981 нест.
2. Л — хуну гил; И — хуни дил.
3. Л — шеру; И — гургу.
4. М — эшон.
5. Л — фуруд орам оҳу зи бар.
6. Л — Аз андӯҳашон тан. Л — Кунун ҷанг фардову.
7. М — Кунун рӯзи фардост.
8. Л — гаҳ, кӣ.
9. М — Падид ояд аз меш якбора гург.
10. И — Ба номи Худованди ҷонофарин,
    Намонам зи гурдон яке бар замин.
11. ИЛ — ҳаме.

В-аз он рӯй Рустам сипаҳро бидид,
Сухан ронд бо Гев, гуфту шунид,

Ки имрӯз Сӯҳроби ҷангозмой
Чӣ гуна ба ҷанг андаровард пой.

Чунин гуфт бо Рустами гурд Гев,
К-аз ин гуна ҳаргиз надидем нев.

Биёмад дамон то миёни сипоҳ,
Зи лашкар бари Тус шуд кинахоҳ,

Ки ӯ буд бар зину найза ба даст,
Чу гург ин фуруд омаду[1] барнишаст.

Биёмад, чу бо найза ӯро бидид,
Ба кирдори шери жиён бардамид.

Хамида амуде бизад бар бараш,
Зи нерӯ бияфтод тарг[2] аз сараш.

Натобид бо ӯ, битобид рӯй,
Шуданд аз далерон басе ҷангҷӯй.

Зи гурдон касе мояи ӯ надошт,
Ба ҷуз пилтан пояи ӯ надошт.

Ҳам оини пешин нигаҳ доштам,[3]
Сипаҳро бар ӯ ҳеч нагзоштам.[4]

Ба танҳо нашуд бар[5] бараш ҷангҷӯй,
Супурдем майдони кина бад-ӯй.

Саворе нашуд пеши ӯ як тана,
Ҳаме тохт аз қалб то маймана.

1. ИЛ — Гургин фуруд омад, ӯ.
2. Л — худ.
3. ИЛ — доштем.
4. ИЛ — Сипоҳе бар ӯ соя бигмоштем.
5. Л — кас.

Зи ҳар сӯ ҳаме шуд дамону данон,
Ба зер-андарун буд аспаш чамон.[1]

Ғамин гашт Рустам зи гуфтори ӯй,
Бари шоҳ Ковус бинҳод рӯй.

Чу Ковуси кай*[2] паҳлавонро бидид,
Бари хеш наздик ҷояш гузид.

Зи Сӯҳроб Рустам забон баркушод,
Зи болову бурзаш[3] ҳаме кард ёд,

Ки «Кас дар ҷаҳон кӯдаки норасид
Бад-ин шермардиву гурдӣ надид.

Ба боло ситора бисояд ҳаме,
Танашро замин барнатобад[4] ҳаме.

Ду бозуву ронаш чу рони ҳаюн,
Ҳамоно, ки дорад ситабрӣ фузун.

Ба теғу ба тиру ба гурзу каманд
Зи ҳар гунае озмудем чанд.

Саранҷом гуфтам, ки ман пеш аз ин
Басе гурдро баргирифтам зи зин.[5]

Ҳаме хостам, к-аш зи зин барканам,
Чу дигар касонаш ба хок афканам.

Гар аз бод ҷунбон шавад кӯҳсор,
Наҷунбад абар[6] зин мар он номдор.

Аз ӯ боз гаштам, ки бегоҳ буд.
Ки шаб сахт торику бемоҳ буд.[7]

---

1. И — б. 1003 нест.
2. М — Ковус мар.
3. ИЛ — зӯраш.
4. ИЛ — баргирояд.
5. И-б. 1011 нест.
6. Л — бари.
7. ТПЗИЛ -Чу фардо биёяд ба дашти набард,
Ба куштӣ ҳаме боядам чора кард.

Бад-он то бигардем фардо яке,
Ба куштӣ гироем мо андаке.[1]

Бикӯшам, надонам, ки пирӯз кист?
Бибинем,[2*3] то рои Яздон ба чист?[4]

К-аз ӯяст пирӯзиву дастгоҳ,
Ҳам ӯ офаринандаи ҳуру моҳ.»

Бад-ӯ гуфт Ковус: «Яздони пок
Тани бадсиголон[5] кунад чок-чок.[6]

Ман имшаб ба пеши ҷаҳонофарин
Бимонам фаровон сар андар замин.[7]

Бад-он то туро бардиҳад дастгоҳ
Бар ин турки бадхоҳи гумкардароҳ.[8]

Кунад тоза пажмурда[9] коми туро,
Барорад ба хуршед номи туро.»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Бо фарри шоҳ
Барояд ҳама комаи некхоҳ.»

Ба лашкаргаҳи хеш бинҳод рӯй,
Пурандеша ҷону сараш кинаҷӯй.[10]

---

1. И — б1016 нест.
2. Л — Надонам, ки.
3. М — Бидонем.
4. ТПЗ — Бигуфт ину бархост пас пилтан,
   Дижам гашта ӯ пеши он анҷуман
   Ҳамон гаҳ бад-ӯ ҳоли Сӯҳроби гурд
   Саросар ҳама ҳар чӣ буд, баршумурд.
   Сипаҳро ду фарсанг буд дар миён,
   Кушодан наёраст як тан миён.*

   * Дар «з» якум баъд аз б. 1023 ду б. дигар пас аз б. 102 б омадааст, ки ин тартиб ба мақсад наздиктар менамояд.
5. И — бадсиголат.
6. Л — бадсиголаш кунад ҷой хок.
7. Л — Бимолам фаровон ду рух бар.
8. ИЛ — б. нест.
9. ИЛ — ин бор.
10. Л — дилаш ҷангҷӯй; И — В-аз андеша ҷону сараш чораҷӯй.

Завора биёмад халида равон,
Ки имрӯз чун гашт бар паҳлавон.

Аз ӯ хӯрданӣ хост Рустам нахуст,
Пас он гаҳ зи андеша дилро бишуст.

Чунин ронд пеши бародар сухун,
Ки «Бедордил бошу тундӣ макун.

Ба шабгир, чун ман ба овардгоҳ
Равам пеши он турки н-овардхоҳ,

Биёвар сипоҳу дирафши маро,
Ҳамон тахту заррина[1] кафши маро.

Ҳаме бош дар пеши пардасарой,
Чу хуршеди тобон барояд зи ҷой.

Гар эдун, ки пирӯз бошам ба ҷанг,
Ба овардгаҳ-бар наёрам[2] диранг.

Маёед як тан ба овардгоҳ,
Масозед ҷустан сӯи разм роҳ.

Якояк сӯи Зобулистон шавед,
Аз эдар ба наздики Дастон шавед.[3]

Ту хурсанд гардон дили модарам,
Чунин ронд Эзад қазо бар сарам.

Бигӯяш, ки ту дил ба ман- дар мабанд,
Машав ҷовидон баҳри ҷонам нажанд.

Кас андар ҷаҳон ҷовидона намонд,
Зи гардун[4] маро худ[5] баҳона намонд.

---

1. И — тахти заррину.
2. ИЛ — бар насозам.
3. ТПЗ — Аз ӯ баркушоӣ якояк сухун,
   Ки рӯзи Таҳамтан даромад ба бун.
   Чунин буд фармони Яздони пок,
   Ки гардад ба дасти ҷавоне ҳалок.
4. И — гетӣ.
5. Л — гетӣ маро ҷуз.

Басе деву шеру палангу наҳанг
Табаҳ шуд зи чангам ба ҳангоми ҷанг.

Басе бораву диж, ки кардем паст,
Наёвард кас дасти ман зери даст.

Дари маргро он бикӯбад, ки пой
Ба асп андарорад, барояд*[1] зи ҷой.

Агар сол гардад фузун аз ҳазор,
Ҳамин аст[2] роҳу ҳамин аст[3] кор.

Нигаҳ кун ба Ҷамшед- шоҳи баланд,
Ҳамон низ Таҳмураси Девбанд,

Ба гетӣ чу эшон набуд шаҳрёр,
Саранҷом рафтанд зӣ кирдгор.[4]

Чу гетӣ бар эшон намонду бигашт,
Маро низ бар раҳ бибояд гузашт.[5]

Чу хурсанд гардад, ба Дастон бигӯй,
Ки аз шоҳи гетӣ мабартоб[6] рӯй.

Агар ҷанг созад, ту сустӣ макун,
Чунон рав, ки ӯ ронад[7] аз бун сухун.

Ҳама маргроем пиру ҷавон
Ба гетӣ намонад касе ҷовидон.»

Зи шаб нимае гуфти Сӯҳроб буд,
Дигар нима оромишу[8] хоб буд.

---

1. М — бичунбад.
2. ИЛ — буд.
3. ИЛ — буд.
4. ТПЗ — Ба мардӣ зи Гаршосп бартар набуд,
Сипеҳри барин гирдгоҳаш бисуд.
Наримону Сом он ду гарданфароз,
Зи мурдан ба гетӣ набудшон ҷавоз.
5. ИЛ — б. 1042 — 1044 нест.
6. Л — магардон ту.
7. Л — Чунон дон, ки ӯ хоҳад.
8. ИЛ — осоиш.

## АФКАНДАНИ СӮҲРОБ РУСТАМРО

Чу хуршеди рахшон бигустард пар,[1]
Сияҳзоғи паррон фурӯ бурд сар,[2]

Таҳамтан бипӯшид бабри баён,
Нишаст аз бари аждаҳои дамон.

Сипаҳро ду фарсанг буд дар миён,
Кушодан наёраст як тан миён.[3]

Биёмад бад-он дашти овардгоҳ,
Ниҳода зи оҳан ба сар-бар кулоҳ.

Ҳама талхӣ аз баҳри бешӣ бувад,
Мабодо, ки бо оз хешӣ бувад.

В-аз он рӯй Сӯҳроб бо анҷуман
Ҳаме май гусорид бо рудзан.

Ба Ҳумон чунин гуфт, к-«Он шермард,
Ки бо ман ҳаме гардад андар набард,

Зи болои ман нест болош кам,
Ба разм-андарун дил надорад дижам.

Бару китфу ёлаш ба монанди ман,
Ту гӯӣ, ки донанда барзад расан.

Зи пову рикебаш*[4] ҳаме меҳри ман
Биҷунбад, ба шарм оварад чеҳри ман.

Нишонҳои модар биёбам ҳаме,
Ба дил низ лахте битобам ҳаме.

Гумоне барам ман, ки ӯ Рустам аст,
Ки чун ӯ набарда ба гетӣ кам аст.

1. Л — баровард сар.
2. Л — пар.
3. ИЛ — б. 1051 нест.
4. М — рикоб.

Набояд, ки ман бо падар ҷанҷӯй[1]
Шавам хира, рӯ андарорам бар ӯй.»

Бад-ӯ гуфт Ҳумон, ки «Дар корзор
Расидаст Рустам ба ман чанд бор.

Шунидӣ,[2] ки дар ҷанги Мозандарон
Чӣ кард он сипаҳбад ба гурзи гарон?

Бад-ин рахш монад ҳаме Рахши ӯй,
Валекин надорад паю пахши ӯй.[3]

Ба шабгир чун бардамид офтоб,
Сари ҷангҷӯён баромад зи хоб.[4]

Бипӯшид Сӯҳроб хафтони размʼ,
Сараш пур зи разму дилаш пур зи базм.

Биёмад хурӯшон бад-он дашти ҷанг,
Ба чанг-андарун гурзаи гов ранг.

Зи Рустам бипурсид хандон ду лаб,
Ту гуфтӣ, ки бо ӯ ба ҳам буд шаб,

Ки шаб чун будӣ, рӯз чун хостӣ?
Зи пайкор дил бар чӣ оростӣ?

---

1. ТПЗ — Зи додор гардам басе шармнок,
Сияхрӯ равам аз сари тирахок.
Набошад умеди сарои дигар,
Набояд, ки разм оварам бо падар.
Ба шоҳони гетӣ шавам рӯсиёҳ,
Ки бар марзи Эрону туронсипоҳ
Нагӯяд касе ҷуз ба бад номи ман,
Набошад ба ҳарду саро коми ман,
Саросема гардам аз овехтан,
Ба ҷуз бад набошад зи хун рехтан.
2. ИЛ – Шунидам.
3. ТПЗИ – Чу як баҳра аз тирашаб даргузашт,
Хурӯши талоя баромад зи дашт.
Ҷаҳонҷӯй Сӯҳроб дил пур зи разм
Ба оромгаҳ рафт аз тахти базм.
4. ИЛ-б. 1065 нест.

Зи каф бифкан ин тиру шамшери кин,
Бизан чанги бедодро[1] бар замин.

Нишинем ҳар ду пиёда ба ҳам,
Ба май тоза дорем рӯи дижам.

Ба пеши ҷаҳондор паймон кунем,
Дил аз ҷанг ҷустан пушаймон кунем.

Ҳамон[2], то каси дигар ояд ба разм,
Ту бо ман бисозу биёрой базм.

Дили ман ҳаме бар ту меҳр оварад,
Ҳаме оби шармам ба чеҳр оварад.

Ҳамоно, ки дорӣ зи гурдон нажод,
Кунӣ пеши ман гавҳари хеш ёд.[3]

Зи ман ном пинҳон набояд-т кард,
Чу гаштӣ ту бо ман кунун ҳамнабард.

Магар пури Дастони Соми ялӣ,
Гузин номвар Рустами зобулӣ?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «Эй номҷӯй,
Накардем ҳаргиз чунин гуфтугӯй.

Зи куштӣ гирифтан сухан буд дӯш,
Нагирам фиреби ту, з-ин дар макӯш.[4]

На ман кӯдакам, гар ту ҳастӣ ҷавон,
Ба куштӣ камар баста дорам[5] миён.

Бикӯшем, фарҷоми кор он бувад,
Ки фармону рои ҷаҳонбон бувад.[6]

---

1. Л — ҷангу пайкорро.
2. Л — Бимон.
3. ТПЗИ — Зи номи ту кардам басе ҷустуҷӯй,
Нагуфтанд номат, ту бо ман бигӯй.
4. И-б. 1078, 1079 нест.
5. И — бастаам бар.
6. ТПЗ — Ва дигар, ки дар ҷои нангу набард
Пижӯҳиш наҷӯянд мардони мард.

Басе гаштаам дар фарозу нишеб,[1]
Наям марди гуфтори зарқу фиреб.»[2]

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Эй марди пир,
Агар нест панди манат ҷойгир.

Маро орзу буд, ки бар бистарат
Барояд ба ҳангом ҳуш аз барат.

Касе, к-аз ту монад сутудон кунад,
Бипаррад равон, тан ба зиндон кунад.

Агар ҳуши ту зери дасти ман аст,
Ба фармони Яздон барорам[3] зи даст.»

Зи аспони ҷангӣ фуруд омаданд,
Ҳушивор бо кабру хӯд омаданд.

Бубастанд бар санг аспи набард,
Бирафтанд ҳар ду равон пур зи дард.

Чу шерон ба куштӣ баровехтанд,[4]
Зи танҳо хаю хун ҳаме рехтанд.

Зи шабгир то соягустарда ҳур,
Ҳаме ин бар он, он бар ин кард зӯр.

Бизад даст[5] Сӯҳроб чун пили маст,
Чу шери даманда зи ҷо дарбиҷаст.

Камарбанди Рустам гирифту кашид,
Зи бас зӯр гуфтӣ замин бардарид.

Яке наъра барзад пур аз хашму кин,
Бизад Рустами шерро бар замин,[6]

1. И — нишебу фароз.
2. И — маҷоз.
3. Л — барояд.
4. Л — даровехтанд.
5. Л — Биғуррид.
6. ИЛ — б. 1093 нест.

Ба Рустам даровехт чун пили маст,
Баровардаш аз ҷою бинҳод паст.

Нишаст аз бари синаи пилтан,
Пур аз хок чанголу рӯю даҳан.

Ба кирдори шере, ки бар гӯри нар
Занад дасту гӯр андарояд ба сар.

Яке ханҷари обгун баркашид,
Ҳаме хост аз тан сарашро бурид.

Нигаҳ кард Рустам, ба овоз гуфт,
Ки ин роз бояд кушод аз нуҳуфт.

Ба Сӯҳроб гуфт: «Эй яли шергир,
Камандафкану гурзу шамшергир,[1]

Дигаргуна ин[2] бошад оини мо,
Ҷуз ин бошад ороиши дини мо.

Касе, к-ӯ ба куштӣ набард оварад.
Сари меҳтаре зери гард оварад,

Нахустин, ки пушташ ниҳад бар замин,
Набуррад сараш, гарчи бошад бакин.

Агар бори дигар-ш зер оварад,
Ба афканданаш номи шер оварад.

Раво бошад, ар сар кунад з-ӯ ҷудо,
Бад-ин гуна-бар бошад оини мо.»

Бад-ин чора аз чанги нараждаҳо
Ҳаме хост ёбад зи куштан раҳо.

Далери ҷавон сар ба гуфтори пир
Бидоду набуд он сухан ҷойгир.

1. И-б. 1099 нест.
2. ИЛМ – Дигаргунатар.

Яке аз далерӣ, дувум аз замон,
Севум аз ҷавонмардияш бегумон.[1]

Раҳо кардаш аз дасту омад ба дашт,
Ба даште, ки бар пешаш оҳу гузашт.

Ҳаме кард нахчир, ёдаш набуд
Аз он кас, ки бо ӯ набард озмуд.

Ҳаме дер шуд боз Ҳумон чу гард
Биёмад, бипурсид аз ӯ аз набард.

Ба Ҳумон бигуфт, он куҷо рафта буд,
Сухан ҳар чи*[2] Рустам бад-ӯ гуфта буд.

Бад-ӯ гуфт Ҳумон: «Дареғ, эй ҷавон,
Ба серӣ расидӣ ҳамоно зи ҷон.

Дареғ ин бару бурзу болои ту,
Рикеби дарозу ялӣ пои ту.

Ҳизарбе, ки оварда будӣ ба дом,
Раҳо кардӣ аз дасту шуд кор хом.

Нигаҳ кун, ки з-ин беҳуда коркард
Чӣ орад ба пешат ба рӯзи набард.

Яке достон зад бад-ин шаҳрёр,
Ки душман мадор, арчи хурд аст, хор!»[3]

Бигуфту дил аз ҷони ӯ баргирифт,
Пурандуҳ ҳаме монд андар[4] шигифт.

Ба Ҳумон чунин гуфт Сӯҳроби гурд,
Ки «Андеша аз дил бибояд сутурд,

Ки фардо биёяд бари ман ба ҷанг,
Бубинӣ ба гардан-ш - бар полҳанг.»[5]

1. И-б. 1107 нест.
2. 1 М — Суханҳо, ки.
3. И-б.. 1116 нест.
4. Л — монда дилаш дар.
5. ИЛ — б. 1118, 1119 нест.

Ба лашкаргаҳи хеш бинҳод рӯй
Ба хашму пур аз ғам дил аз кори ӯй.

Чу Рустам зи ҷанги вай озод гашт,
Ба сони яке кӯҳи[1] пӯлод*[2] гашт.

Хиромон бишуд сӯи оби равон,
Чу ҷонрафта гӯё биёбад равон.

Бихӯрд обу рӯю сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳонофарин шуд нахуст.[3]

Ҳаме хост пирӯзиву дастгоҳ,
Набуд огаҳ аз бахши хуршеду моҳ,

Ки чун рафт хоҳад сипеҳр аз бараш,
Бихоҳад рабудан кулоҳ аз сараш.

Шунидам, ки Рустам зи оғози кор
Чунин ёфт нерӯ зи парвардгор,

Ки гар сангро ӯ ба сар баршудӣ,
Ҳаме ҳар ду пояш бад-ӯ даршудӣ.

Аз он рӯз пайваста ранҷур буд,
Дили ӯ аз он орзу дур буд.

Бинолид бар[4] кирдгори ҷаҳон,
Ба зорӣ ҳаме орзу кард он,

Ки лахте зи зӯраш ситонад ҳаме,
Ки[5] рафтан ба роҳ-бар тавонад ҳаме.

Бад-он сон, ки аз покяздон бихост,
Зи нерӯи он кӯҳпайкар бикост.

1. Л — теғи.
2. М — сарви озод.
3. ТПЗ — Ба замзам бинолид бар бениёз,
Ниёиш ҳамекард бар чорасоз.
4. Л — в-аз.
5. Л — Ба.

Чу боз он чунон кор пеш омадаш,
Дил аз бими Сӯҳроб реш омадаш,

Ба Яздон бинолид, к-эй кирдгор,
Бад-ин кор ин бандаро пос дор.

Ҳамон рӯз[1] хоҳам, к-аз оғози кор
Маро додӣ, эй пок парвардгор.

Бад-ӯ боз дод он чунон, к-аш бихост,
Бияфзуд бар тан, ҳар он ч-аш бикост.[2]

В-аз он обхур шуд ба ҷои набард,
Пурандеша будаш дилу рӯй зард.

Ҳаме тохт Сӯҳроб чун пили маст,
Каманде ба бозу, камоне ба даст.

Гурозону чун шер[3] наъразанон,
Самандаш ҷаҳону ҷаҳонро канон.

Бар он гуна Рустам чу ӯро бидид,
Аҷаб монд дар вай, ҳаме бингарид.[4]

Ғамин гашту з-ӯ монд[5] андар шигифт,
Зи пайкораш андозаҳо баргирифт.

Чу Сӯҳроб боз омад, ӯро бидид,
Зи боди[6] ҷавонӣ дилаш бардамид.

Чу наздиктар шуд бад-ӯ бингарид,
Мар ӯро бад-он фарру он зӯр дид.[7]

1. ЛМ — зӯр.
2. И-б. 1126-1135 нест.
3. Л — тозону.
4. И — б. 1139 нест.
5. ЛМ – Ғамӣ гашт аз ӯ монд; И — Таҳамтан аз ӯ монда.
6. Л — тоби.
7. И — б. 1041, 1042 нест.

Чунин гуфт, к-эй раста аз чанги шер,*[1]
Чаро омадӣ боз наздам[2]*[3] далер?

Чаро омадӣ боз пешам? Бигӯй!
Сӯи ростӣ худ надорӣ ту рӯй.[4]

## КУШТА ШУДАНИ СӮҲРОБ АЗ РУСТАМ

Дигарбора аспон бубастанд сахт,
Ба сар-бар ҳаме гашт бадхоҳ бахт.

Ҳар он гаҳ ки хашм оварад бахти шум,
Шавад санги хоро ба кирдори мум.

Ба куштӣ гирифтан ниҳоданд сар,
Гирифтанд ҳар ду дуволи камар.

Сипаҳдор*[5] Сӯҳроб он зӯрдаст
Ту гуфтӣ, ки чархи баландаш бибаст,

Ғамин[6] гашт, Рустам биёзид чанг,
Гирифт он сару ёли ҷангӣ паланг.[7]

Хам овард пушти диловар[8] ҷавон,
Замона сар омад, набудаш тавон.

1. М — растаи ҷанги ман.
2. Л — пеши шери.
3. М — Дар ҷанги ман.
4. И — б. 1144 нест;
ТПЗ — Ҳамоно, ки аз ҷон ту сер омадӣ,
Ки дар ҷанги шерон далер омадӣ.
Ду борат амон додам аз корзор,
Ба пирит бахшидам, эй номдор.
Чунин дод посух бад-ӯ пилтан,
Ки «Эй номвар гурди лашкаршикан,
Нагӯянд з-ин гуна мардони мард,
Ҳамоно ҷавонӣ туро ғарра кард.
Бибинӣ, ки аз пирмарди далер
Чӣ ояд ба рӯи ту, эй наррашер!
5. М — Сарафроз.
6. ИЛ — Ғамӣ.
7. Л — Гирифташ бару ёл ҷангӣ наҳанг.
8. ИЛ — далерӣ.

Задаш бар замин-бар ба кирдори шер,
Бидонист, к-ӯ ҳам намонад ба зер.

Сабук теғи тез аз миён баркашид,
Бари пури[1] бедордил бардарид.

Ҳар он гаҳ ки ту ташна гаштӣ ба хун,
Биёлудӣ ин ханҷари обгун,

Замона ба хуни ту ташна шавад,
Бар[2] андоми ту мӯй дашна шавад.

Бупечид, аз он пас яке оҳ кард,
Зи неку бад андеша[3] кӯтоҳ кард.

Бад -ӯ[4] гуфт, к-«Ин бар ман аз ман расид,
Замона ба дасти ту додам калид.

Ту з-ин бегуноҳӣ, ки ин кӯжпушт
Маро баркашиду ба зудӣ бикушт.

Ба бозӣ бигӯянд ҳамсоли ман,
Ба хок андаромад чунин ёли ман.

Нишон дод модар маро аз падар,
Зи меҳр андаромад равонам ба сар.

Ҳаме ҷустамаш, то бубинам-ш рӯй,
Чунин ҷон бидодам бад-ин орзуй.

Дареғо, ки ранҷам наёмад ба сар,
Надидам, дар ин ҳеч рӯи падар.[5]

Кунун гар ту дар об моҳӣ шавӣ,
Ва ё чун шаб андар сиёҳӣ шавӣ,

Ва ё чун ситора шавӣ бар сипеҳр,
Бибуррӣ зи рӯи замин пок меҳр,

1. ИЛ — шери.
2. Л — Зи.
3. Л — Зи нангаш ҳамон нола.
4. Л — Чунин.
5. ИЛ — б. 1161 нест.

Бихоҳад ҳам аз ту падар кини ман,
Чу бинад, ки хишт аст[1] болини ман.

Аз он номдорони гарданкашон
Касе ҳам барад назди Рустам нишон,

Ки Сӯҳроб куштасту афканда хор,[2]
Ҳаме хост кардан туро хостор.»

Чу бишнид Рустам, сараш хира гашт,
Ҷаҳон пеши чашм-андараш[3] тира гашт.

Ҳаме бетану тобу бетӯш гашт,
Бияфтод аз пою беҳуш гашт.

Бипурсид аз он пас, ки омад ба ҳуш,
Бад-ӯ гуфт бо нолаву бо хурӯш:

«Бигӯ, то чӣ дорӣ зи Рустам нишон.
Ки гум бод номаш зи гарданкашон,

Ки Рустам манам, к-ам момонод ном,
Нишинод бар мотамам пури Сом!»

Бизад наъраву хунаш[4] омад ба ҷӯш,
Ҳаме канд мӯю ҳаме зад хурӯш.

Чу Сӯҳроб Рустам бад-он сон бидид,
Бияфтоду[5] ҳуш аз сараш барпарид.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Гар з-он ки Рустам туӣ,
Бикуштӣ маро хира бар[7] бадхуӣ.

1. Л — хок аст.
2. Л — Ки Сӯҳробат афкандаву гашта хор,
Туро хост кардан ҳаме хостор.
3. Л — чашмаш ҳаме.
4. ИЛ — ҷонаш.
5. Л — Ки афтоду.
6. Л — бардамид.
7. Л — аз.

Зи ҳар гуна будам туро раҳнамой,
Начунбид як зарра меҳрат зи ҷой.

Кунун банд бикшой аз ҷавшанам,
Бараҳна бибин ин тани равшанам.[1]

Чу бархост овози[2] кӯс аз дарам,
Биёмад пур аз хун ду рух модарам.

Ҳаме ҷонаш аз рафтани ман бихаст,
Яке мӯҳра бар бозуи ман бибаст.

Маро гуфт, к-ин аз падар ёдгор,
Бидору бубин, то кай ояд ба кор.

Кунун коргар шуд, ки бекор гашт,
Писар пеши чашми падар хор гашт.»

Чу букшод хафтону он мӯҳра дид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.[3]

Ҳаме гуфт, к- «Эй кушта бар дасти ман,
Далеру ситуда ба*[4] ҳар анҷуман!»

Ҳамерехт хуну ҳамеканд мӯй,
Сараш[5] пур зи хоку пур аз об рӯй.

Бад-ӯ гуфт Сӯҳроб, к-«Ин бадтарист,
Ба оби ду дида набояд гирист.

Аз ин хештан куштан акнун чӣ суд,
Чунин рафту ин буданӣ кор буд.»

---

1. ТПЗ — Ба бозум- бар мӯҳраи худ нигар,
   Бубин, то чӣ дид ин писар аз падар.
2. И — овони; И — Кунун кор баргашту бекор.
3. И-б. 1181 нест; Л — б. 1181 ин б.омада:
   Бинолид гирён, бипурсид аз ӯй,
   Ки, эй шердил, пури хуршедрӯй.
   Аз ин пас дилам шодмона мабод,
   Ба гетӣ маро худ замона мабод!
4. М — Ситуда ба ҳар ҷою.
5. ИЛ — Саре.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Таҳамтан наёмад ба лашкар зи дашт.

Зи лашкар биёмад ҳушивор бист,
Ки то андар овардгаҳ кор чист?

Ду асп андар он дашт бар пой буд,
Пур аз гарду Рустам дигар ҷой буд.

Гави пилтанро чу бар пушти зин
Надиданд гурдон бар он дашти кин,

Чунон буд гумоншон,[1] ки ӯ кушта шуд,
Сари номдорон ҳама гашта шуд.

Ба Ковуси кай тохтанд огаҳӣ,
Ки тахти меҳӣ шуд зи Рустам тиҳӣ.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Баромад замона якояк ба ҷӯш.

Бифармуд Ковус, то бӯқу кӯс
Дамиданду омад сипаҳдор Тус.

В-аз он пас ба лашкар чунин гуфт шоҳ,
К-аз эдар ҳаюне сӯи размгоҳ

Битозед, то кори Сӯҳроб чист?
Ки бар шаҳри Эрон бибояд гирист.

Агар кушта шуд Рустами ҷангҷӯй,
Аз Эрон кӣ ёрад шудан пеши ӯй?[2]

Ба анбӯҳ захме бибояд задан,
Бад-ин размгаҳ барнашояд[3] будан.

Чу ошӯб бархост аз анҷуман,
Чунин гуфт Сӯҳроб бо пилтан,

1. ИЛ — гумоне.
2. ТПЗ — Бибояд чу Ҷамшед овора гашт,
Ки бинҳем сар ҷумла дар кӯҳу дашт.
3. ИЛ — барнабояд.

Ки «Акнун чу рӯзи ман андаргузашт,
Ҳама кори туркон дигаргуна гашт.

Ҳама меҳрбонӣ бад-он кун, ки шоҳ
Сӯи ҷанги Турон наронад сипоҳ,

Ки эшон ба пуштии[1] ман[2] ҷангҷӯй
Сӯи марзи Эрон ниҳоданд рӯй.

Басе рӯзро[3] дода будам навид,
Басе карда будам зи ҳар дар умед.[4]

Чӣ донистам, эй паҳлави номвар,
Ки бошад равонам ба дасти падар.[5]

Набояд, ки бинанд ранҷе ба роҳ,
Макун ҷуз ба некӣ дар эшон нигоҳ.

Дар[6] ин диж далере ба банди ман аст,
Гирифтори хамми каманди ман аст.

Басе з-ӯ нишони ту пурсидаам,
Ҳама буд хаёли ту дар дидаам.

Ҷуз он буд яксар суханҳои ӯй,
Аз ӯ боз монад тиҳӣ ҷои ӯй!

Чу гаштам зи гуфтори ӯ ноумед
Шудам лоҷарам тира рӯзи сапед.

Бубин, то кадоме аз эрониён
Набояд, ки ояд ба ҷонаш зиён.

Нишоне, ки буд дода модар маро
Бидидам, набуд дида бовар маро.

---

1. И — ҳам аз баҳри.
2. Л — зи баҳри маро.
3. И — рӯзашон.
4. ТПЗ — Бигуфтам, агар зинда бинам падар,
   Ба гетӣ намонам яке тоҷвар.
5. ИЛ — б. 1203 нест.
6. ИЛ — Аз.

Чунинам навишта буд ахтар ба сар,
Ки ман кушта гардам ба дасти падар.

Чу барқ омадам, рафтам акнун чу бод,
Ба мину магар бинамат боз шод.»

Зи сахтӣ ба Рустам фурӯ баст дам,
Пур оташ дилу дидагон пур зи нам.

Нишаст аз бари Рахш Рустам чу гард,
Пур аз хун дилу лаб пур аз боди сард.

Биёмад ба пеши сипаҳ бо хурӯш,
Дил аз кардаи хеш пурдарду[1] ҷӯш.

Чу диданд эрониён рӯи ӯй,
Ҳама барниҳоданд бар хок рӯй.

Ситоиш гирифтанд бар кирдгор,
Ки ӯ зинда боз омад аз корзор.

Чу з-он гуна диданд бар хок сар,
Дарида ҳама ҷомаву хаста бар,[2]

Ба пурсиш гирифтанд,[3] к-ин кор чист?
Туро дил бад-ин аз баҳри кист?

Бигуфт он шигифтӣ, ки худ карда буд,
Гиромӣ писарро, ки озарда буд.[4]

Ҳама баргирифтанд бо ӯ хурӯш,
Намонд он замон бо сипаҳдор ҳуш.

Чунин гуфт бо сарфарозон, ки «Ман
На дил дорам имрӯз гӯӣ, на тан.[5]

---

1. Л — бо дарду.
2. Л — Дарида ҳама ҷайбу хаста ҷигар.
3. ИЛ — бигуфтанд.
4. Л — Гиромӣ тани худ биёзурда буд.
5. Л — б. б. 1222 ин б. омада:
   Фурӯ мондам аз кор, эй анҷуман,
   Ҳаме бугсилам ҷони ширин зи тан.

Шумо ҷанги Турон маҷӯед кас,
Ки ин бад, ки ман кардам имрӯз, бас!»

Завора биёмад бари пилтан,
Дарида бару ҷомаву хаста тан.

Чу Рустам бародар бар он гуна дид,
Бигуфт, он чи аз пури кушта шунид.

«Пушаймон шудам ман зи кирдори хеш,
Ситонам мукофот з-андоза[1] беш.

Писарро бикуштам ба пиронасар,
Бурида*[2] паю бехи он номвар.

Дарида[3] ҷигаргоҳи пури ҷавон,
Бигиряд бар ӯ чарх то ҷовидон.»

Фиристод наздики Ҳумон паём,
Ки шамшери кин монд андар ниём.

Нигаҳдори он лашкар акнун тувӣ,
Нигаҳ кун бад-эшон, магар[4] нағнавӣ,

Ки бо ту маро рӯзи пайкор нест,
Ҳамон беш аз ин ҷои гуфтор нест.[5]

Ту аз зиштхӯӣ нагуфтӣ варо,
Бар оташ задӣ ҷону дида маро.[6]

Бародар-шро гуфт пас паҳлавон,
Ки баргард, эй[7] гурди равшанравон.

---

1. ИЛМ –Биёбам мукофот аз андоза.
2. М — Буридам.
3. ЛМ — Даридам.
4. Л — агар; И — дигар.
5. Л — б. 1231 ин б. омада:
   Бикуштам ба бедонишӣ пури х(в)ад,
   Аз ин гар ба ман - бар бад ояд, сазад.
6. И-б. 1231, 1232 нест.
7. ЛМ — Кӣ, эй номвар.

Ту бо ӯ бирав то лаби рӯди Об,
Макун бар касе ҳеч гуна шитоб.

Завора биёмад ҳам андар замон,
Ба Ҳумон сухан гуфт аз паҳлавон.

Ба посух чунин гуфт Ҳумони гурд,
Ки «Бинмуд Сӯҳробро дастбурд

Ҳаҷири ситезандаи бадгумон,
Ки медошт рози сипаҳбад ниҳон.

Нишони падар ҷуст, бо ӯ нагуфт,
Равонаш ба бедонишӣ буд ҷуфт.

Ба мо ин бад аз шумии ӯ расид,
Бибояд мар ӯро сар аз тан бурид.»

Завора биёмад бари пилтан,
Зи Ҳумон сухан ронду аз анҷуман.

Зи кори Ҳаҷири бади бадгумон,
Ки Сӯҳробро з-ӯ сар омад замон.

Таҳамтан зи гуфтори ӯ хира гашт,
Ҷаҳон пеши чашм-андараш[1] тира гашт.

Ба назди Ҳаҷир омад аз дашти кин,
Гиребон-ш бигрифту зад бар замин.

Яке ханҷари обгун баркашид,
Сарашро ҳаме хост аз тан бурид.

Бузургон ба пӯзиш фароз омаданд,
Ҳаҷир аз дами марг боз истаданд.

Чу баргашт аз он ҷойгаҳ паҳлавон,
Биёмад бари хаста пури ҷавон.

Бузургон бирафтанд бо ӯ ба ҳам
Чу Тусу чу Гударзу чун Густаҳам.

1. Л — чашмаш ҳаме.

Ҳама лашкар аз баҳри он арҷманд
Забон баркушоданд яксар зи банд,

Ки дармони ин кор Яздон кунад,
Магар к-ин ғамон бар ту осон кунад.

Яке дашна бигрифт Рустам ба даст,
Ки аз тан бибуррад сари хеш паст.

Бузургон бад-ӯ андаровехтанд,
Зи мижгон ҳаме хуни дил[1] рехтанд.

Бад-ӯ гуфт Гударз, к-«Акнун чӣ суд,
Гар аз рӯи гетӣ барорӣ ту дуд?

Ту бар хештан гар кунӣ сад газанд,
Чӣ осонӣ ояд бад-он арҷманд?

Агар монда бошад мар ӯро[2*3] замон,
Бимонад ба гетӣ, ту бо ӯ бимон.

В-агар з-ин ҷаҳон он ҷавон рафтанист,
Ба гетӣ нигаҳ кун, ки ҷовид кист?

Шикорем яксар ҳама пеши марг,
Сари[4] зери тоҷу сари[5] зери тарг.

Чу ояд-ш ҳангом, берун кунанд,
В-аз он пас надонем, то чун кунанд.

Зи марг, эй сипаҳбад, беандӯҳ кист?
Ҳаме хештанро бибояд гирист.

Дароз аст роҳаш в-агар кӯтаҳ аст,
Парокандагонем, агар ҳамраҳ аст.»

1. ИЛ — хун фурӯ.
2. Л — монад ӯро ба гетӣ.
3. М — Ҳеҷ мондаш ба гетӣ.
4. Л — Саре.
5. ИЛ — саре.

## НӮШДОРУ ХОСТАНИ РУСТАМ АЗ КОВУС

1260 Ба Гударз гуфт он замон паҳлавон,
Ки «Эй гурди бономи[1] равшанравон.

Паёме зи ман сӯи Ковус бар,
Бигӯяш, ки моро чӣ омад ба сар.

Ба дашна ҷигаргоҳи пури далер
Даридам, ки Рустам мамонод дер!

Гарат ҳеч ёд аст кирдори ман,
Яке ранҷа кун дил ба тимори ман.

Аз он нӯшдору, ки дар ганҷи туст,
Куҷо хастагонро кунад тандуруст,

1265 Ба наздики ман бо яке ҷоми май
Сазад, гар фиристӣ ҳам акнун зи пай.

Магар, к-ӯ ба бахти ту беҳтар шавад,
Чу ман пеши тахти ту кеҳтар шавад.»

Биёмад сипаҳбад ба кирдори бод,
Ба Ковус яксар паёмаш бидод.

Бад-ӯ гуфт Ковус, к-«Аз пилтан
Киро бештар об наздики ман?*[2]

Нахоҳам, ки ӯро бад ояд ба рӯй,
Ки ҳасташ басе назди ман обрӯй.

1270 Валекин агар доруи нӯш ман
Диҳам, зинда монад яли пилтан,

Кунад паст Рустам ба неру туро,
Ҳалок оварад бегумон мар маро.

1. ИЛ — К-аз эдар бирав зуд.
2. М — киро об бешаст аз анҷуман.

Агар як замон з-ӯ ба ман бад расад,
Насозем подоши ӯ[1] ҷуз ба бад.[2]

Шунидӣ, ки ӯ гуфт Ковус кист?
Гар ӯ шаҳрёр аст, пас Тус кист?[3]

Куҷо гунҷад андар ҷаҳони фарох
Бад-он фарру бурзу бад-он ёлу шох?[4]

Куҷо бошад ӯ пеши тахтам ба пой,
Куҷо ронад ӯ зери фарри ҳумой?

Ба дашном чанде маро баршумурд,
Ба пеши сипаҳ обрӯям бибурд.

Чу фарзанди ӯ зинда монад, маро
Яке[5] хок бошад ба даст-андаро.

Суханҳои Сӯҳроб нашнидаӣ?
На марди бузурги ҷаҳондидаӣ?

К-«Аз эрониён сар бибуррам ҳазор,
Кунам зинда Ковуси кайро ба дор.»

Агар монад ӯ зинда андар ҷаҳон,
Бупечанд аз ӯ ҳам меҳону кеҳон.

Касе душмани хештан парварад,
Ба гетӣ-дарун номи бад густарад.»[6]

Чу бишнид Гударз, баргашт зуд,
Бари Рустам омад ба кирдори дуд.

---

1. Л — подошро
2. ТПЗ — Ҳамон низ Сӯҳроби баргаштабахт,
   Ки савганд хӯрдӣ ба тоҷу ба тахт,
   Бад-ин найзаат гуфт беҷон кунам,
   Сарат бар сари дор печон кунам.
3. Л — чист.
4. ТПЗ — Нахоҳам ба некӣ сӯи ӯ нигоҳ,
   Агар тоҷбахш асту гар размхоҳ.
5. Л — Кунун.
6. И-б. 1276-1281 нест.

Бад-ӯ гуфт:-«Хӯи бади шаҳрёр
Дарахтест ҳанзал, ҳамеша бабор.

Ба тундӣ ба гетӣ варо ёр нест,
Ҳамон ранҷи касро харидор нест.»[1]

Туро рафт бояд ба наздики ӯй,
Ки равшан кунӣ ҷони торики ӯй.

## ЗОРӢ КАРДАНИ РУСТАМ БАР СӮҲРОБ

Бифармуд Рустам, ки то пешкор
Яке ҷома орад бараш пурнигор.[2]

Ҷавонро бар он ҷомаи[3] зарингор
Бихобонду омад бари шаҳрёр.

Гави пилтан сар сӯи роҳ кард,
Кас омад пояш[4] зуду огоҳ кард?

Ки Сӯҳроб шуд з-ин ҷаҳони фарох,
Ҳаме аз ту тобут хоҳад, на кох.[5]

Падар ҷусту барзад яке сардбод,[6]
Бинолиду мижгон ба ҳам барниҳод.[7]

Пиёда шуд аз аспу Рустам чу бод
Ба ҷои кулаҳ хок бар сар ниҳод.

Бузургони лашкар ҳама ҳамчунон
Ғиревону гирёну зорикунон.[8]

1. И-б. 1284 нест.
2. Л — Яке хона созад, бар он ҷӯйбор; И — Яке даҳма созад бар он ҷӯйбор.
3. Л — хонаи; И — дахмаи.
4. Л — бараш; И — пасаш.
5. ТПЗ — Чу бишнид Рустам, харошид рӯ,
Ҳаме зад ба сина, ҳаме канд мӯ.
6. Л — Дилаш хасту барзад яке боди сард.
7. Л — пур аз об кард.
8. И — б. 1292 нест.

Ҳаме гуфт зор: «Эй набарда[1] ҷавон,
Сарафрозу аз тухмаи паҳлавон.[2]

Набинад чу ту низ хуршеду моҳ
На ҷавшан, на хӯду на тахту кулоҳ.[3]

Киро омад ин пеш, к-омад маро,
Ки фарзанд куштам ба пиронсаро?

Набери[4] ҷаҳондор Соми савор,
Сӯи модар аз тухмаи номдор.

Чу ман нест дар гирди кайҳон яке
Ба мардӣ будам пеши ӯ кӯдаке.[5]

Буридан ду дастам сазовор ҳаст,
Ҷуз аз хоки тира мабодам нишаст.[6]

Чӣ гӯям, чу огаҳ шавад модараш?
Чӣ гуна фиристам касеро бараш?

Чӣ гӯям, чаро куштамаш бегуноҳ,
Чаро рӯз кардам бар ӯ-бар сиёҳ?

Кадомин падар ҳаргиз ин[7] кор кард?
Сазоворам акнун ба гуфтори сард.

Ба гетӣ кӣ куштаст фарзандро,
Далеру ҷавону хирадмандро?!

---

1. ИЛ — набард.
2. Л-б. 1294 ин б. омада:
   Чунин паст шуд зуд болои ту,
   Ҳаме бугзарад аз фалак рои ту.
   Напарвард гетӣ чу ту як далер,
   Лабат ношуда буд аз шир сер.
3. ИЛ — тахту на тоҷу на гоҳ.
4. Л — Набера.
5. ИЛ — б. 1297 нест.
6. ТПЗ — Ки фарзанд – Сӯҳроб додам ба бод,
   Ки чун ӯ гави номдоре назод.
   Зи Соми Наримону Гаршоспи гев
   Ба мардӣ фузун буду гурдони нев.
7. Л — буд, к-ин; И — буд он бад, ки ин.

Падар-ш он гаронмоятар[1] паҳлавон,
Чӣ гӯяд бад-он духти поки ҷавон?

Бар ин[2] тухмаи Сом нафрин кунанд,
Маро ном бемеҳру[3] бедин кунанд.

Кӣ донист, к-ин кӯдаки арҷманд
Бад-ин сол гардад чу сарви баланд?!

Ба ҷанг оядаш рою созад сипоҳ,
Ба ман-бар кунад рӯзи равшан сиёҳ?»

Бифармуд, то дебаи хусравон
Кашиданд бар рӯи пури ҷавон.

Ҳаме орзу гоҳу шаҳр омадаш,
Яке танг тобут баҳр омадаш.

Аз он дашт бурданд тобути ӯй,
Сӯи хаймаи хеш бинҳод рӯй.

Ба пардасарой оташ андарзаданд,
Ҳама лашкараш хок бар сар заданд.

Ҳамон хаймаву дебаи ранг-ранг
Ҳама[*4] тахти пурмоя заррин паланг[5]

Бар оташ ниҳоданд, бархост ғав,
Ҳаме кард зорӣ ҷаҳондор гав.

Ҷаҳон чун ту дигар набинад савор
Ба мардиву гурдӣ гаҳи корзор.[6]

Дареғ, он ҳама мардиву рои ту,
Дареғ, он руху бурзу болои ту.[7]

---

1. ИЛ — гаронмоя.
2. Л — На бар.
3. ЛМ — Ҳаме номи ман низ.
4. М — ҳамон.
5. Л — ҳамон тахту пурмоя зини паланг. И — Ҳамон тахти пурмоя зини паланг.
6. Л — б. 1313 нест.
7. И — б. 1313, 1314 нест.

1315 Дареғ, ин ғаму ҳасрати ҷонгусил,
Зи модар ҷудо в-аз падар доғдил!

Ҳаме рехт хуну ҳаме канд хок,
Ба тан ҷомаи хусравӣ карда чок.

Бигуфто: Накӯҳиш[1] кунад Золи Зар,
Ҳамон низ Рӯдобаи пурҳунар,

Ки Рустам ба кина*[2] бар ӯ даст ёфт,
Ба дашна ҷигаргоҳи ӯ баршикофт.

Бад-ин кор пӯзиш чӣ пеш оварам?
Ки дилшон ба гуфтори хеш оварам?

1320 Чӣ гӯянд гурдону гарданкашон,
Чу з-ин сон шавад назди эшон нишон?

Аз ин чун бад-эшон расад огаҳӣ,
Ки баркандам аз боғ сарви саҳӣ.

Ҳама паҳлавонони Ковусшоҳ
Нишастанд бар хок бо ӯ ба роҳ.

Забони бузургон пур аз панд буд,
Таҳамтан бадард аз ҷигарбанд буд.

Чунин аст кирдори чархи баланд,
Ба дасте кулоҳу ба дигар каманд.[3]

1325 Чу шодон нишинад касе бо кулоҳ,
Ба[4] хамми камандаш рабояд зи гоҳ.

Чаро меҳр бояд ҳаме бар ҷаҳон,
Чу бояд хиромид бо ҳамраҳон.[5]

1. Л — Никӯҳиш фаровон.
2. М — гуштин.
3. И — Ки гаҳ шодмон дораду гаҳ нажанд.
4. Ж-зи.
5. И-б. 1326 нест.

Чу андешае буд,[1] гардад дароз,
Ҳаме гашт бояд сӯи хок боз.

Агар чархро ҳаст аз ин огаҳӣ,
Ҳамоно, ки гаштаст мағзаш тиҳӣ.

Чунон дон, к-аз ин гардиш огоҳ нест,
Ба чуну[2] чаро сӯи ӯ роҳ нест.

Бад-ин рафтан акнун набояд гирист.
Надонем, фарҷоми ин кор чист?

Зи Сӯҳроб чун шуд хабар назди шоҳ,
Биёмад ба наздики ӯ бо сипоҳ.[3]

Ба Рустам чунин гуфт Ковуси кай,
Ки «Аз кӯҳи Албурз то барги[4] най

Ҳаме бурд хоҳад ба гардиш сипеҳр,[5]
Набояд фикандан бад-ин хок меҳр.

Яке зуд созад, яке дертар,
Саранҷом бар марг бошад гузар.

Дилу ҷон бад-ин рафта хурсанд кун,
Ҳама[6] гӯш сӯи хирадманд кун.

Агар осмон бар замин барзанӣ,
В-агар оташ андар ҷаҳон дарзанӣ,

1. Ж-Чу андешаи рӯз
   ТПЗ — Яке доира омада чанбарӣ,
   Фаровон дар ин доира доварӣ.
   На ҳар подшоҳу на ҳар бандаро
   Шиносад, на доно, на донандаро.
   Ҷаҳон саргузашт аст аз ҳар касе,
   Чунин гунагун бозӣ орад басе.
2. Ж-ки.
3. Ж-ҳамон.
4. Л — рӯз. 3 ИЛ — 1331 нест.
5. Л — обу.
6. Л — Ҳаме марг ёбад зи гардонсипеҳр.

Наёбӣ[1] ҳамон рафтаро боз ҷой,
Равонаш куҳан дон[2] ба дигар сарой.

Ман аз дур дидам бару ёли ӯй,
Чунон бурзу болову кӯполи ӯй.[3]

Замона барангехташ бо сипоҳ,
Ки эдар ба дасти ту гардад табоҳ.

Чӣ созиву дармони ин кор чист?
Бар ин рафта то чанд хоҳӣ гирист?»

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки ӯ худ гузашт,
Нишастаст Ҳумон дар ин паҳндашт.

Зи Турон саронанду чанде зи Чин,
Аз эшон ба дил-дар мадор эч кин.

Завора сипаҳро гузорад ба роҳ
Ба нерӯи Яздону фармони шоҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ, эй гави номҷӯй,
Аз ин разм андӯҳат ояд[4] ба рӯй.

Гар эшон ба ман чанд бад кардаанд,
Ва гар дуд аз Эрон баровардаанд,[5]

Дили ман зи дарди ту шуд пур зи дард,
Нахоҳам аз эшон ба кин[6] ёд кард.[7]

---

1. ИЛ-наёрӣ.
2. И — шуд.
3. ТПЗ — Бигуфтам, ба туркон намонад ҳаме,
Зи тухми бузургон бимонад ҳаме.
4. Л — Туро з-ин нишон андӯҳ омад.
5. ТПЗ — Валекин чу рои ту бо ҷанг нест,
Маро низ бо ҷанг оҳанг нест.
6. Л — ҳаме.
7. ТПЗИЛ -Ҳаҷири диловар биёмад* зи роҳ
Чунин гуфт, к-аз пеш рафт он сипоҳ.

* ИЛ — чу омад.

## БОЗГАШТАНИ РУСТАМ БА ЗОБУЛИСТОН

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ лашкар биронд,
Ба Эрон хиромид,[1] Рустам бимонд.

Бад-он то Завора биёяд зи роҳ,
Бар ӯ огаҳӣ оварад з-он сипоҳ.

Завора биёмад сапедадамон,
Сипаҳ ронд Рустам ҳам андар замон.[2]

Пас он гаҳ сӯи Зобулистон кашид,
Чу огоҳӣ аз вай ба Дастон расид.

Ҳама Систон пеш боз омаданд,
Ба ранҷу ба дарду гудоз омаданд.

Сипаҳ пеши тобут меронданд,
Бузургон ба сар хок бифшонданд.

Бурида саманди сарафроз дум,
Дарида ҳама кӯсу рӯина хум.[3]

Чу тобутро дид Дастони Сом,
Фуруд омад аз аспи զарринлагом.

Таҳамтан пиёда ҳаме рафт пеш,
Дарида ҳама ҷома, дил карда реш.

Кушоданд гурдон саросар камар,
Ҳама пеши тобут бар хок сар,[4]

---

1. Л — хиромиду.
2. Л — Завора биёмад ҳам андар замон,
Сӯи ӯ шитобид Рустам дамон.
ТПЗЛ — Бурида думи бодпоён ҳазор,
Пур аз хок сар меҳтарон номдор.*
* Л — савор.
3. И-б. 1353 нест.
4. ТПЗИ — Ҳама рух кабуду ҳама ҷома чок,
Ба сар барфишонда бар ин сӯг хок.

Кушоданд тобути ӯ[1] сар ба зер,
Дареғ ончунон номдори далер![2]

Таҳамтан ба зорӣ ба пеши падар
Зи тобути зардӯз баркард сар.

Бад-ӯ гуфт бингар, ки Соми савор
Бад-ин[3] тангтобут хуфтаст зор.[4]

Биборид Дастон зи ду дида хун,
Бинолид бо довари раҳнамун.

Таҳамтан ҳаме гуфт, к-«Эй номдор,
Ту рафтиву ман мондаам хору зор.»[5]

Ҳаме гуфт Зол ин-т кори шигифт,
Ки Сӯҳроб гурзи гарон баргирифт.

Нишонӣ шуд андар миёни меҳон,
Назояд чун ӯ модар андар ҷаҳон.

Ҳаме гуфту мижгон пур аз об кард,
Забон пур зи гуфтори Сӯҳроб кард.

Чу омад Таҳамтан ба айвони хеш,
Хурӯшиду тобут бинҳод пеш.

Чу Рӯдоба тобути Сӯҳроб дид,
Зи[6] чашмаш равон ҷӯи[7] хуноб дид.[8]

---

1. ИЛ — тобутро.
2. ИЛ — Дареғо, чун ӯ номдоре далер; И — Дареғо чунон номдори далер.
3. ЛМ — Дар ин.
4. Л — хор.
5. ИЛ — б. б. 1361 ин б. омада:
   Пас аз марги ту хок болин кунам,
   Ҳаме тарсам, ар дахма заррин кунам.
6. МЖ — ду.
7. Л — чу борони.
8. ТПЗИЛ -Бад-он танг тобут хуфта ҷавон,
   Ба зорӣ бигуфт: Эй шаҳи паҳлавон.*

* ИЛ – чароғи ғавон.

Ҳаме гуфт зор: Эй гави сарфароз,
Замоне зи сандуқ сар барфароз!

Ба зорӣ ҳаме мӯя оғоз кард,
Ҳаме баркашид аз ҷигар боди сард.

Ки, эй паҳлавонзодаи баччашер[1],
Назояд чу ту[2] зӯрманди далер.

Ба модар нагӯӣ ҳаме рози хеш,
Ки ҳангоми шодӣ чӣ омад-т пеш?[3]

Ба рӯзи ҷавонӣ ба зиндон шудӣ,
Бар ин хонаи мустамандон шудӣ.

Нагӯӣ, чӣ омад-т пеш аз падар,
Чаро бардаридат бад-ин сон ҷигар?

Фиғонаш зи айвон ба кайвон расид,
Ҳаме зор бигрист, ҳар к-он шунид.

Ба парда-дарун рафт бо сӯгу дард,
Дилаш пур зи дарду рухаш пур зи гард.[4]

Чу Рустам чунон дид, бигрист зор,
Биборид аз дида хун бар канор.

Ту гуфтӣ магар растахез омадаст,[5]
Ки дилро зи шодӣ гурез омадаст.[6]

Дигарбора тобути Сӯҳроби шер
Биёвард, пеши меҳони далер.

1. ИЛ — б. 1368 - б. 1368, 1369 нест. Ж – шергир.
2. Ж- чунин.
3. ИЛ — омада ба пеш.
4. ИЛ — ду рухсора зард.
5. ИЛ — омадаш.
6. ИЛ — омадаш.

Аз он тахта[1*2] барканду бикшод сар,
Кафан з-ӯ ҷудо кард пеши падар.

Танашро бад-он номдорон намуд,
Ту гуфтӣ, ки аз чарх бархост дуд.

Ҳар он кас, ки буданд пиру ҷавон,
Зану мард гашта ҳама бетавон.[3*4]

Ҳама рух кабуду ҳама ҷома чок,
Ҳама дил пур аз дарду сар пур зи хок.[5]

Ҳама кох тобут буд сар ба сар,
Ғунуда ба сандуқ-дар шери нар.

Ту гуфтӣ, ки Сом аст боёлу суфт,
Ғамин[6] шуд зи ҷанг, андаромад, бихуфт.[7]

Бипӯшид бозаш[8] ба дебои зард,
Сари тангтобутро сахт кард.

Ҳаме гуфт: Агар дахма заррин кунам,
Зи мушки сияҳ гардаш огин кунам,

Чу ман рафта бошам, намонад ба ҷой,
В-агарна маро худ ҷуз ин нест рой.[9]

Яке дахма кардаш чу сумми сутур,
Ҷаҳоне зи зорӣ ҳаме гашт кӯр.

---

1. ИЛЖ — ӯ меҳ.
2. М — мех.
3. ЛЖ — гаштанд яксар навон; И — Бар ин мурда гаштанд яксар навон.
4. М — гаштанд яксар навон.
5. Л — Ба сар барфишонда бар ин сӯг хок.
6. ИЛ — Ғамӣ.
7. ТПЗИ - Чу диданд он мардумон рӯи ӯй,
   Бикарданд ҳар кас басе ҳою ҳуй.
8. Л — рӯяш.
9. ТПЗ — Чӣ созам ман акнун сазовори ӯй,
   Ки монад аз ӯ дар ҷаҳон рангу бӯй?

Тарошид тобуташ аз уди хом,
Бар ӯ барзада банди заррин ситом.[1]

Ба гетӣ ҳама бар[2] шуд ин достон,
Ки чун кушт фарзандро паҳлавон?!

Ҷаҳон сар ба сар пур зи тимор гашт,
Ҳар он кас, ки бишнид, ғамхор гашт.

Ба Рустам бар ин рӯз чанде гузашт,
Ба гирди дилаш шодмонӣ нагашт.

Ба охир шикебоӣ овард пеш,
Ки ҷуз он намедид ҳинҷори хеш.

Ҷаҳонро басе ҳаст з-ин сон ба ёд,
Басе доғ бар ҷони ҳар кас ниҳод.

Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,
Куҷо ӯ фиреби замона хурад.

Чу эрониён з-ин хабар ёфтанд,
Бар он оташи ғам ҳаме тофтанд.

В-аз он рӯй Ҳумон ба Турон расид,
Бигуфт ӯ ба Афросиёб, он чи дид.

Аз ӯ монда буд шоҳи Турон шигифт,
В-аз он кор андоза андаргирифт.[3]

## ОГОҲӢ ЁФТАНИ МОДАР АЗ КУШТА ШУДАНИ СӮҲРОБ

Ғирев омад аз шаҳри Туронзамин,
Ки Сӯҳроб шуд кушта бар дашти кин.

Хабар з-ӯ ба шоҳи Самангон расид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.[4]

1. ИЛ — лагом.
2. ЗЖ — пур.
3. ИЛ-андозаҳо бас.
4. Л — б. 1399 ин б. омада:

Ҳамон модари гурд-Сӯҳробро
Бидод огаҳӣ з-он таку тобро.

Ба модар хабар шуд, ки Сӯҳроби гурд
Ба теғи падар хаста гашту бимурд.[1]

Бизад чангу бидрид пероҳанаш,
Дурахшон шуд он лаъли зебо танаш.

Баровард бонгу ғиреву хурӯш,
Замон то замон з-ӯ ҳамерафт[2] ҳуш.[3]

Мар он зулфи чун[4] тобдода каманд
Ба*[5] ангушт печиду[6] аз бун биканд.

Равон гашта аз рӯи ӯ ҷӯи хун,[7]
Замон то замон андаромад нагун.

Ҳама хоки тира[8] ба сар барфиканд,
Ба дандон зи бозуи худ гӯшт канд.[9]

Ба сар барфиканд оташу барфурӯхт,
Ҳама мӯи мушкин бар оташ[10] бисӯхт.

Ҳаме гуфт, к -«Эй ҷони модар, кунун
Куҷоӣ сиришта ба хоку ба хун?

Ду чашмам ба раҳ буд, гуфтам, магар
Зи Сӯҳробу Рустам биёбам*[11] хабар.

---

1. ТПЗ — Хурӯшиду ҷӯшиду ҷома дарид
Ба зорӣ бар он кӯдаки норасид.
2. ЛЖ — ӯ ҳамешуд зи.
3. И — б. б. 402 ин б. омада:
Фурӯ бурд нохун, ду дида биканд,
Ба боло баромад, бар оташ фиканд.
4. И — Ду зулфайни он.
5. М — Бар.
6. Л — Барошуфт печид в-аз.
7. ИЛМ – Зи рух мечакидаш фуруд оби хун.
8. ИЛ — раҳро.
9. ИЛЖ — Ба дандон ҳама* гӯшти бозӯ биканд.
* И — ҳаме;
10. ИЛЖ — ҷаъду мӯи сиёҳаш.
11. М — Биёбам зи фарзанду Рустам.

Гумонам чунин буд, гуфтам кунун
Бигаштӣ ба гирди ҷаҳон-андарун.

Падарро ҳаме ҷустиву ёфтӣ,
Кунун б-омадан тез биштофтӣ.

Чӣ донистам, эй пур, к-ояд хабар,
Ки Рустам ба ханҷар даридат ҷигар.

Дареғаш наёмад аз он рӯи ту,
Аз он бурзу болову бозуи ту.

Аз[1] он гирдгоҳаш наёмад дареғ,
Ки бибрид Рустам ба бурранда теғ.[2]

Бипарварда будам танашро[*3] ба ноз
Ба рахшандарӯзу[4] шабони дароз.

Кунун он ба хун-андарун ғарқа гашт,
Кафан бар тани поки ӯ хирқа гашт.

Кунун ман киро гирам андар канор?
Кӣ хоҳад будан[5*6] мар маро ғамгусор?

Киро хонам акнун ба ҷои ту пеш?
Киро гӯям ин дарду тимори хеш?

Дареғо, тану ҷону чашму чароғ,
Ба хок-андарун монда аз коху боғ!

Падар ҷустӣ, эй гурди[*7] лашкарпаноҳ,
Ба ҷои падар гӯрат омад ба роҳ.[8]

---

1. ИЛМ — Ба хок -андарун;
ТПЗИЛ -Ғарибу асиру нажанду назор
Ба хок- андарун он тани номдор.*
* И — шуд сари номдор.
2. Л — Бар.
3. М — танатро.
4. Л — Ки бидрид Рустам мафоҷо ба теғ; И — б. 1413.
5. ИЛ — Кӣ бошад кунун.
6. М — бошад ҳаме.
7. МЖ — шери.
8. ИЛ — б. 1419 нест.

Аз уммед навмед гаштӣ ту зор,
Бихуфтӣ ба хок-андарун зору хор.

Аз он пеш, к-ӯ дашнаро баркашид,
Ҷигаргоҳи симини ту бардарид,

Чаро он нишоне, ки модар-т дод,
Надодӣ бар ӯ- бар, накардиш[1] ёд?

Нишон дода буд аз падар модарат,
Зи баҳри чӣ н-омад ҳаме[2] боварат?

Кунун модарат монд бе ту асир,
Пур аз ранҷу тимору дарду заҳир.

Чаро н-омадам бо ту андар сафар,
Ки гаштӣ ба гурдони гетӣ самар?*[3]

Маро Рустам аз дур бишнохтӣ,
Туро бо ман, эй пур бинвохтӣ.

Бияндохтӣ теғ он сарфароз
Накардӣ ҷигаргоҳат, эй пур, боз.»

Ҳаме гуфту мехасту меканд мӯй,
Ҳаме зад кафи даст бар хуб рӯй.[4]

Зи бас, к-ӯ ҳаме шевану нола кард,
Ҳама халқро чашм пуржола кард.

Бар ин гуна беҳуш бияфтод паст,
Ҳама халқро дил бар ӯ-бар бихаст.

---

1. ИЛ-бад-ӯву накардиш.
2. И — туро.
3. М — коми диласт моҳу (х)вар.
4. ТПЗИЛ -Ҳаме гуфт модар-т бечора гашт,
   Ба ханҷар ҷигаргоҳи ту пора гашт.
   Зи ҳар сӯ бар ӯ анҷуман гашт халқ,
   К-аз он гиря дар хун ҳаме гашт ғарқ.*

* Л — танҳо б. дувум мавҷуд аст.

Бияфтод бар хок, чун мурда гашт,
Ту гуфтӣ, ҳаме хунаш афсурда гашт.

Ба ҳуш омаду боз нолиш гирифт,
Бар он пури кушта сиголиш гирифт.

Зи хуни ҷигар кард лаъл обро,
Биёвард он тоҷи[1] Сӯҳробро.

Ҳаме зор бигрист бар тоҷу тахт,
Ҳаме гуфт, эй хусравонӣ дарахт.

Биёвард он ҷармаи бодпой,
Ки дар рӯзи равшан бад-ӯ буд рой.[2]

Сари[3] аспи ӯро ба бар даргирифт,
Бимонда ҷаҳоне бад-ӯ дар шигифт.[4]

Гаҳе бӯса зад бар сараш, гаҳ ба рӯй
Зи хун зери суммаш ҳаме ронд ҷӯй.

Зи хуни мижа хокро кард лаъл,
Ҳаме рӯй молид бар сумму наъл.

Биёвард он ҷомаи шоҳвор,
Гирифташ чу фарзанд андар канор.

Биёвард хафтону диръу камон,
Ҳамон найзаву теғу гурзи гарон.[5]

Биёвард зину лагому сипар,
Лагому сипарро ҳаме зад ба сар.

Камандаш биёвард ҳаштод ёз,
Ба пеши худ - андар фикандаш дароз.

1. И — Ба пеш оварид аспи.
2. И — б. 1434, 1435 нест.
3. И — Суми.
4. И — Бад-ӯ монд наззора андар шигифт.
5. ТПЗИ — Ба сар-бар ҳаме зад гарон гурзро,
Ҳаме ёд кард он бару бурзро.

Биёвард он ҷавшану хӯди ӯй,
Ҳаме гуфт, к-эй шери пархошҷӯй!

Ҳаме теғи Сӯҳробро баркашид,
Фашу думми аспаш зи нима бурид.

Ба дарвеш дод ин ҳама хоста,
Зару симу аспони ороста.

Дари кох барбасту тахташ биканд,
Зи боло дароварду пасташ*[1] фиканд.

Дари хонаҳоро сияҳ кард пок,
Зи коху равоқаш баровард хок.

Фурӯ ҳишт ҷое, ки буд ҷои базм,
Аз он[2] базмгаҳ рафта будаш ба разм.

Бипӯшид пас ҷомаи нилгун,
Ҳамон нилгун ғарқ гашта ба хун.

Ба рӯзу ба шаб мӯя карду гирист,
Пас аз марги Сӯҳроб соле бизист.

Саранҷом ҳам дар ғами ӯ бимурд,
Равонаш бишуд сӯи Сӯҳроби гурд[3].

Чунин гуфт Баҳроми некӯсухун,
Ки «Бо мурдагон ошноӣ макун.[4]

На эдар ҳаме монд хоҳӣ дароз,
Басечида бошу диранге масоз.[5]

Ба ту дод як рӯз навбат падар,
Сазад, гар туро навбат ояд ба сар.

---

1. М — хораш.
2. И — К-аз он.
3. Л — б. 1431-1451 нест.
4. И — б. 1452 нест.
5. ТПЗЛ — Чунин аст расми сарои куҳун,
Сараш ҳеч пайдо набинӣ зи бун*.

* Л — Сараш нест пайдову пояш зи бун.

Чунин асту розаш наёмад падид,
Наёбӣ, ба хира чӣ ҷӯӣ калид?

Дари бастаро кас надонад кушод,
Бад он*[1] ранҷ умри ту гардад ба бод.

Валекин, ки андар гузашт аз қазо,
Чунин буд қазо аз Худованди мо.

Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд,
Сипанҷӣ набошад басе судманд.»

Аз ин достон рӯй бартофтам,
Ба кори Сиёвуш бипардохтам,[2]

Яке достон аст пуроби чашм,
Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.

# ДОСТОНИ СИЁВУШ

## ОҒОЗИ ДОСТОН

Кунун, эй сухангӯи бедормағз,
Яке достоне биёрой нағз.

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад.[3]

Касеро, ки андеша нох(в)аш бувад,
Бад-он нохушӣ рои ӯ каш бувад.

Ҳаме хештанро чалипо кунад,
Ба пеши хирадманд расво кунад.

Валекин набинад кас оҳуи хеш,
Туро равшан ояд ҳаме хӯи хеш.

1. М — Дар ин.
2. Л — б. 1457 — 1459 нест.
3. Л-Забон низ оянда номаш барад; И – б. б. 2. ин б. омада:
   Ҳам он гаҳ ки андешаи бад кунад,
   Ба фарҷом бад бо тани х(в)ад кунад

Агар дод бояд, ки монад ба ҷой,
Биёрой, з-он пас ба доно намой.

Чу донописанду писандида гашт,
Ба ҷӯи ту-дар об чун дида гашт.

Зи гуфтори деҳқон кунун достон
Бипайвандам аз гуфтаи бостон.

Куҳангашта ин достонҳо зи ман
Ҳаме нав шавад бар сари анҷуман.*[1]

Агар зиндагонӣ бувад дерёз,
Бад-ин дайр хуррам бимонам дароз,

Яке меваадоре бимонад зи ман,[2]
Ки монад ҳаме бори ӯ бар чаман.

Аз он пас, ки бинмуд панҷоҳу ҳашт,
Ба сар - бар фаровон шигифтӣ гузашт.

Ҳаме оз камтар нагардад ба сол,
Ҳаме рӯз ҷӯям ба тақвиму фол.

Чӣ гуфт андар ин*[3] мӯбади пешрав,
Ки ҳаргиз нагардад куҳангашта нав.

Ту чандон, ки бошӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу накӯхӯй[4] бош.

Чу рафтӣ, сару кор бо Эзад аст
Агар нек бошад-т кор, ар бад аст.

Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.[5]

1. М-Кунун нав кунад рӯзгори куҳан.
2. Л-б. 9, 19 нест.
3. М-чӣ гуфтаст он.
4. ИЛ –ҷаҳонҷӯй.
5. И –б. 16, 17 нест.

Дуруштӣ зи кас нашнавад нармгӯй,
Сухан то тавонӣ, ба озарм гӯй.

Ба гуфтори деҳқон кунун боз гард,
Нигар, то чӣ гӯяд сароянда мард.

## ДОСТОНИ МОДАРИ СИЁВУШ

Чунин гуфт мӯбад, ки як рӯз Тус
Бад-он гаҳ, ки хезад хурӯши хурӯс,

Худу Геву Гударзу чандин[1] савор
Бирафтанд шод аз дари шаҳрёр.

Бигаштанд гирди лаби ҷӯйбор
Гурозону тозон зи баҳри шикор.

Фаровон гирифтанду*[2] андохтанд,
Улуфа чиҳилрӯза-бар[3] сохтанд.

Бад-он ҷойгаҳ турк наздик буд,
Заминаш зи хиргоҳ торик буд.

Яке беша пеш андаромад зи дур
Ба наздики марзи саворони Тур.

Ҳаме ронд дар пеш бо Тус Гев
Пас - андар парастандае чанд нев.

Бад-он беша рафтанд ҳарду савор,[4]
Бигаштанд чанде зи баҳри шикор.

Ба беша яке хубрух[5] ёфтанд,
Пур аз ханда лаб, ҳарду биштофтанд.

---

1. ИЛ- чанде.
2. Л-б. 23 нест;
   И- Зи нахчирашон дил пурандеша буд,
   Ба наздики эшон яке беша буд.
3. Л-чиҳилрӯзаро.
4. ИЛ-бар гирди он марғзор.
5. И-хубрӯ.

Ба дидори ӯ дар замона набуд,
Зи хубӣ бар ӯ-бар баҳона набуд.

Ба боло чу сарву ба дидор моҳ
Нашоист кардан бад-ӯ-дар нигоҳ[1]

Бад-ӯ гуфт Тус, «Эй фиребанда моҳ,
Туро сӯи беша кӣ бинмуд*[2] роҳ?»

Чунин дод посух, ки «моро падар
Бизад дӯшу бугзоштам буму бар.

Шаби тира*[3] маст омад аз базми[4] сур
Ҳамон чун маро дид, ҷӯшон зи дур

Яке теғи[5] заҳробгун баркашид,[6]
Ҳаме хост аз тан сарамро бурид».

Бипурсид пас паҳлавон аз нажод,
Бад-ӯ сарвбун як ба як кард ёд.

Бад-ӯ гуфт: «Ман хеши Гарсевазам,[7]
Ба шоҳ Офаридун кашад парвазам».

«Пиёда, бад-ӯ гуфт, чун омадӣ,
Ки бе бораву раҳнамун омадӣ?»

Чунин*[8] дод посух, ки «Асбам бимонд,
Зи сустӣ маро бар замин барнишонд.

Беандоза зарру гуҳар доштам,
Ба сар-бар яке тоҷи зар доштам.

---

1. ИЛ – б. 31 нест.
2. М – ин беша кай буд.
3. М – дер.
4. ИЛ – дашти.
5. И – ханҷари.
6. ТПЗ – Гурезон дар ин беша ҷустам паноҳ.
   Расидастам ин лаҳза эдар зи роҳ.
7. ИЛ – Гаршевазам.
8. М – Бад-ӯ.

Бад-он рӯй боло зи ман*[1] бистаданд,
Ниёми яке теғ бар ман заданд.

Бичастам ман аз бим аз пешашон
Бад-ин бешаам, хун зи дида фишон.[2]

Чу ҳушёр гардад падар бе гумон,
Саворон фиристад паси ман дамон.

Биёяд ҳаме тозиён модарам,
Нахоҳад, к-аз ин буму бар бугзарам».

Дили паҳлавонон бад-ӯ гарм гашт,
Сари Туси Нӯзар беозарм[3] гашт.

Шаҳи Нӯзарӣ гуфт: «Ман ёфтам,
Азеро чунин тез биштофтам».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Эй сипаҳдор, шоҳ
На бо ман баробар будӣ бе сипоҳ».

Ҳамон Туси Нӯзар дар он бистаҳид:[4]
«Кучо пеш аспи ман ин чо расид».

Бад-ӯ гуфт Гев: «Ин сухан худ магӯй,
Ки ман тохтам пеш нахчирчӯй.

Зи баҳри парастандае каж[5] магӯй,
Нагардад чавонмард пархошчӯй».

Суханшон зи тундӣ ба чое расид,
Ки ин моҳро сар бибояд бурид.

Миёншон ҳаме[6] доварӣ шуд дароз,
Миёнчӣ биёмад яке сарфароз,

1. М-зи ман рӯзбонон ҳаме
2. ИЛ – б. 42 нест.
3. Л – пурозарм.
4. Л – Тус гуфт: ин нахоҳам шунид.
5. Л – газанди ҳаме худ; М – кажжӣ.
6. ИЛ – чунон.

Ки инро бари шоҳи Эрон баред,
Бар он, к-ӯ ниҳад, ҳарду фармон баред.

Нагаштанд ҳарду зи фармони ӯй,
Сӯи*[1] шоҳи Эрон ниҳоданд рӯй,

Чу Ковус рӯи канизак бидид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.[2]

Ба ҳар ду сипаҳбад чунин гуфт шоҳ,
Ки «Кӯтоҳ шуд бар шумо ранҷи роҳ.

Гавазн аст, агар оҳуи дилбар аст,
Шикоре чунин дархури меҳтар аст.

Бар ин достон бигзаронем рӯз,
Ки хуршед гиранд гурдон ба юз».

Бад-ӯ гуфт хусрав: «Нажоди ту чист,
Ки чеҳрат ба монанди чеҳри парист?»

Бигуфто, ки «Аз мом хотуниям,
Ба сӯи падар Офаридуниям.[3]

Ниёям сипаҳдор Гарсеваз аст,
Бад-он марз хиргоҳи ӯ парваз[4] аст»

Бад-ӯ гуфт, к – «Ин рӯю мӯю нажод
Ҳаме хостӣ дод ҳар се ба бод?

Ба мушкӯи заррин кунам шоядат
Сари моҳрӯён кунам боядат».

Чунин дод посух, ки*[5] «Дидам туро,
Зи гарданкашон баргузидам туро».

1. М – Бари.
2. ИЛМ – Бихандиду лабро ба дандон газид.
3. ИЛ – Зи сӯи падар - дар Фаридуниям.
4. ИЛ – марказ.
5. М – З- Офаридуниям. М – чу.

Даҳ аспи гаронмоя бо тоҷу гоҳ
Ба ҳарду сипаҳбад фиристод шоҳ.[1]

Бут андар шабистон фиристод шоҳ,
Бифармуд, то барнишинад ба гоҳ.

Ниҳоданд зер - андараш тахти оҷ,
Ба сар-бар зи зарру зи пирӯза тоҷ.[2]

Биёростандаш ба дебои зард,
Ба ёқуту пирӯзаву лоҷвард.

Дигар эзадӣ ҳар чи боист буд,
Яке сурх ёқут буд нобисуд.

## ЗОДАНИ СИЁВУШ АЗ МОДАР

Басе барнаёмад бар ин рӯзгор,
Ки ранг андаромад ба хуррам баҳор.

Бар ӯ-бар ҳаме гашт гардонсипеҳр,
Чу нӯҳ маҳ баромад бар он хубчеҳр,[3]

Бигуфтанд бо шоҳ Ковуси кай,
Ки бар хӯрдӣ аз моҳи фархундапай.

Яке баччаи фаррух омад падид,
Кунун тахт бар абр бояд кашид.

Ҷудо гашт аз ӯ кӯдаке чун парӣ,
Ба чеҳра ба сони бути озарӣ.

Ҷаҳон гашт аз он хурд пургуфтугӯй,
К-аз он гуна нашнид кас рӯю мӯй.

Ҷаҳондор номаш Сиёвахш кард,
Бад-ӯ чархи гардандаро бахш кард.[4]

---

1. ИЛ –б. 65 нест.
2. ИЛ – б. 67 нест.
3. ТПЗИЛ – Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар хубчеҳр,
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.
4. ТПЗ – Бихондаш ситорашиноси бузург,
Ба худ барниҳодаш сипоси бузург.

Аз он, к-ӯ шумори сипеҳри баланд
Бидонист неку баду чуну чанд,

Ситора бад-он кӯдак ошуфта дид,
Ғамин[1] гашт, чун бахти ӯ хуфта дид,

Бидид аз баду нек озори ӯй,
Ба Яздон паноҳид дар кори ӯй.

Бигуфт ӯ зи кори писар шоҳро
Намудаш якояк бад-ӯ роҳро.[2]

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Таҳамтан биёмад бари шаҳрёр.

Чунин гуфт, к-«Ин кӯдаки шерфаш
Маро парваронид бояд ба каш.

Чу дорандагони туро моя нест,
Мар ӯро ба гетӣ чу ман доя нест.

Басе меҳтар андеша кард андар он,
Наёмад ҳаме бар дилаш - бар гарон.

Ба Рустам супурдаш дилу дидаро,
Ҷаҳонҷӯй пури[3] писандидаро.

Таҳамтан бибурдаш ба Зобулситон,
Нишастангаҳе сохт дар бӯстон.*[4]

Савориву[5] тиру камону каманд,
Инону рикебу чиву чуну чанд,

Нишастангаҳу маҷлису майгусор,
Ҳамон бозу шоҳину юзу[6] шикор,

1. 3 ИЛ –Ғамӣ.
2. ИЛ –б. 80 нест.
3. ИЛ –гурди.
4. М – бар гулситон.
5. Л –саворӣ ба.
6. И –кори.

Зи доду зи бедоду тахту кулоҳ,
Сухан гуфтану разму рондан сипоҳ.

Ҳунарҳо биёмӯхташ сар ба сар,
Басе ранҷ бардошт, к-омад[1] ба бар.

Сиёвуш чунон шуд, ки андар ҷаҳон
Ба монанди ӯ кас набуд аз меҳон.

Чу якчанд бигзашту ӯ шуд баланд,
Ба нахчир шер овариди ба банд.[2]

Чунин гуфт бо Рустами сарфароз,
Ки «Омад ба дидори шоҳам ниёз,

Басе ранҷ бурдиву дил сӯхтӣ,
Ҳунарҳои шоҳонам омӯхтӣ.

Падар бояд акнун, ки бинад зи ман
Ҳунарҳову*[3] омӯзиши пилтан».

Гави шердил кори ӯро бисохт,
Фиристодагонро ба ҳар сӯ битохт.

Аз аспу парастандаву симу зар,
Зи мӯҳру зи теғу[4] кулоҳу камар,

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи оганданӣ[5]
Зи ҳар сӯ биёвард оварданӣ.

Аз ин ҳар чи дар ганҷи Рустам набуд,
Зи*[6] гетӣ фиристоду овард зуд.

Гусӣ кард аз он гуна ӯро ба роҳ,
Ки шуд бар Сиёвуш назора сипоҳ.

1. Л –бардошту омад.
2. ИЛМ –Сӯи гардани шер шуд бо каманд.
3. М –ҳунарҳои.
4. Л –хӯду зи тахту.
5. И –густарданӣ.
6. М –Ба.

Ҳаме рафт бо ӯ Таҳамтан ба ҳам,
Бад-он то сипаҳбад набошад дижам.

Ҷаҳоне ба оин биёростанд,
Чу хушнудии паҳлавон[1] хостанд.

Ҳама зарру анбар биёмехтанд,[2]
Зи шодӣ[3] ба сар-бар ҳаме рехтанд.

Ҷаҳон шуд пур аз шодиву хоста,
Дару боми[4] ҳар барзан[5] ороста.

Ба зери паи тозиаспон дирам,
Ба Эрон надиданд як тан дижам.[6]

Ҳама ёли асп аз карон то карон
Барандуда мушку маи[7] заъфарон.

## БОЗ ОМАДАНИ СИЁВУШ ЗИ ЗОБУЛИСТОН

Чу омад ба Ковусшоҳ огаҳӣ,
Ки омад Сиёвахш[8] бо фарраҳӣ,

Бифармуд, то бо сипаҳ Геву Тус
Бирафтанд бо шодию бӯқу[9] кӯс.

Ҳама номдорон шуданд анҷуман,
Ба як даст Тусу дигар пилтан.

Хиромон бари шаҳрёр омаданд,
Ки бо навдарахте ба бор омаданд.

Чу омад бари кохи Ковусшоҳ,
Хурӯш омаду баркушоданд роҳ.

1. ИЛ –номвар.
2. И –Ҳаме зар ба анбар баромехтанд.
3. Л –В-аз он пас; ИМ –гунбад.
4. ИЛ –бому.
5. Л –равзан.
6. И –б. 105 нест.
7. Л –Бисуданд мушку маю; И – Пароганда мушку маю.
8. Л –Сиёвуш.
9. ИЛ –пилу.

Парастор бо миҷмару[1] бӯи х(в)аш
Назора бар ӯ даст карда ба каш.

Ба ҳар кунҷ-бар сесад истода буд,
Миёни[2] ҳама сарви[3] озода буд.

Басе зарру гавҳар барафшонданд,
Саросар бар ӯ*[4] офарин хонданд.

Чу Ковусро дид бар тахти оҷ,
Зи ёқути рахшанда бар сар-ш тоҷ,

Нахуст офарин карду бурдаш намоз,
Замоне ҳаме гуфт бо хок роз.

В-аз он пас биёмад бари шаҳрёр,
Сипаҳбад гирифташ сар андар канор.

Зи Рустам бипурсиду бинвохташ,
Бар он тахти пирӯза*[5] биншохташ.

Чунон аз шигифтӣ бар ӯ-бар бимонд,
Басе офаринҳо бар ӯ-бар бихонд.

Бар он бурзу болову он фарри ӯй
Басе буданӣ диду бас гуфтугӯй.

Бад-он андаке солу чандин хирад,
Ки гуфтӣ равонаш хирад парварад.

Басе офарин аз ҷаҳонофарин
Бихонду бимолид рух бар замин.

Ҳаме гуфт, к-«Эй кирдгори сипеҳр,
Худованди ҳушу худованди меҳр,[6]

1. И –мӯбаду.
2. Л –Миёнаш.
3. ИМ –Миён-дар Сиёвахши.
4. М –Ҳаме.
5. М –фирӯза.
6. Л –б. 121 -123 нест.

Ҳама некуиҳои*[1] гетӣ зи туст,
Ниёиш зи фарзанд гирам нахуст».

Бузаргони Эрон ҳама бо нисор
Бирафтанд шодон бари шаҳрёр.

Зи фарри Сиёвуш дурӯ монданд,
Бар ӯ-бар басе[2] офарин хонданд.

Бифармуд, то пешаш озодагон[3]
Бибастанд гурдони лашкар миён.

Ба боғу ба коху ба айвони[4] ӯй
Ҷаҳоне зи[5] шодӣ ниҳоданд рӯй.

Ба ҳар ҷой ҷашне биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Яке сур фармуд, к-андар ҷаҳон
Касе пеш аз он худ накард аз меҳон.

Яке ҳафта буданд аз он гуна шод,[6]
Ба ҳаштум дари ганҷҳо баркушод.

Зи ҳар чиз ганҷе бифармуд шоҳ
Зи мӯҳру[7] зи теғу зи тахту кулоҳ.

Зи аспони тозӣ ба зини ханданг,[8]
Зи баргуставонҳову[9] хафтони ҷанг

Зи динору аз бадраҳои дирам,
Зи дебову аз гавҳарон[10] бешу кам.

1. М –некӯиҳо ба.
2. ИЛ –Ба додор-бар.
3. ИЛ –эрониён.
4. ИЛ –майдони.
5. ИЛМ –ба.
6. ИЛМ – Ба як ҳафта з-ин гуна буданд шод.
7. Л –хӯду.
8. ИЛ –паланг.
9. ИЛ -баргуставону зи.
10. Л –аз гавҳару.

Ҷуз афсар, ки ҳангоми афсар набуд,
Бад - он кӯдакӣ тоҷ дарх(в)ар набуд.

Сиёвахшро[1] доду кардаш навид,
Зи хубӣ бидодаш фаровон умед.

Чунин ҳафт солаш ҳаме озмуд,
Ба ҳар кор ҷуз покзода набуд.

Ба ҳаштум бифармуд, то тоҷи зар,
Ҳамон тавқи заррину[2] զарринкамар.

Набиштанд маншур бар парниён
Ба расми бузургону фарри каён.[3]

Замини куҳистон варо дод шоҳ,
Ки буд ӯ сазои бузургиву гоҳ.[4]

Чунин хондандаш ҳаме пештар,
Ки хонӣ кунун[5] Мовароуннаҳар.

## ВАФОТ ЁФТАНИ МОДАРИ СИЁВУШ

Ба фармони шаҳ чун басечид кор,
Бирафт аз ҷаҳон модари шаҳрёр.

Сиёвуш зи гоҳ андаромад чу дев,
Баровард бар чархи гардон ғирев.

Ба тан ҷомаи хусравӣ кард чок,
Ба сар-бар пароканд торик хок.

Ҳаме буд бо сӯги модар дижам,
Ҳаме кард бо ҷони ширин ситам.

Басе навҳа кардаш ба рӯзу ба шаб,
Басе рӯз накшод бар ханда лаб.

1. Л –Сиёвушро.
2. И –гавҳарафшону.
3. И –Ҳама подшоҳӣ ба расми каён.
4. ИЛ – Сазовори тахту кулоҳ.
5. И –туаш.

Ҳаме буд як моҳ бо дарду доғ,
Намеҷуст як дам зи андуҳ фароғ.[1]

Аз он чун бузургон хабар ёфтанд,
Ба пеши Сиёвахш биштофтанд.

Чу Тусу Фарибурзу Гударзу Гев,
Чи шаҳзода, чи паҳлавонони нев.

Сиёвуш чу рухсори эшон бидид,
Зи дил боз оҳи дигар баркашид.

Зи нав гиряи дигар оғоз кард,
Дари андуҳони дилаш боз кард.

Чу Гударз он сӯги шаҳзода дид,
Дижам шуд, чу он сарви озода дид,

Бихарҷиду гуфташ, ки «Эй шоҳзод,
Шунав панду аз нав макун сӯг ёд,

Ҳар он кас, ки зод ӯ зи модар, бимурд,
Зи дасти аҷал ҳеч кас ҷон набурд.

Кунун гарчи модар-т шуд ёдгор,
Ба минӯст ҷои вай, андуҳ мадор».

Ба сад лобаву панду афсуну рой
Дил овард шаҳзодаро боз ҷой.

## ОШИҚ ШУДАНИ СУДОБА БАР СИЁВУШ

Баромад бар ин низ як рӯзгор,
Бад-ӯ шодмон шуд дили шаҳрёр.[2]

Яке рӯз Ковуси кай бо писар
Нишаста, ки Судоба омад зи дар.[3]

1. ИЛ –б. 142 – 147 нест.
2. Л –Яке рӯз Судобаи пурнигор; И –Судобаи зарнигор.
3. ИЛ –б. 158 нест.

Чу Судоба[1] рӯи Сиёвуш бидид,
Пурандеша гашту дилаш бардамид.

Чунон шуд, ки гуфтӣ тарози нах аст,
Ва ё*[2] пеши оташ ниҳода ях аст.

Касеро фиристод наздики ӯй,
Ки пинҳон Сиёвахшро рав,[3] бигӯй,

Ки «Андар шабистони шоҳи ҷаҳон
Набошад шигифт, ар шавӣ ногаҳон».[4]

Фиристода рафту бидодаш паём,*[5]
Барошуфт аз он кор он некном.[6]*[7]

Бад-ӯ гуфт: «Марди шабистон наям,
Маҷӯям, ки бо банду дастон наям».

Дигар рӯз шабгир Судоба рафт,
Бари шоҳи Эрон хиромид тафт.

Бад-ӯ гуфт, к - «Эй шаҳрёри сипоҳ,
Ки чун ту надидаст хуршеду моҳ,

На андар замин кас чу фарзанди ту,
Ҷаҳон шод бодо ба пайванди ту!

Фиристаш ба сӯи шабистони хеш,
Бари хоҳарону фағистони хеш.

Бигӯяш, ки андар шабистон бирав
Бари хоҳарон ҳар*[8] замон нав ба нав.

Ҳама рӯйпӯшидагонро ба меҳр
Пур аз хун дил асту пур аз об чеҳр.

---

1. ИЛ –Ба ногоҳ.
2. М –гар.
3. Л –Сиёвушро ин; И –ин.
4. И –меҳмон.
5. М –паёмаш бидод.
6. ИЛ –б. 163 нест.
7. М –некзод.
8. М –хоҳаронат.

Намозаш барему нисор оварем,
Дарахти парастиш ба бор оварем».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин сухан дарх(в)ар аст,
Бар ӯ мар[1] туро меҳри сад модар аст».

Сипаҳбад Сиёвахшро монду гуфт,
Ки «Хуни[2] рагу меҳр натвон нуҳуфт.

Туро покяздон чунон офарид,
Ки меҳр оварад бар ту ҳар, к-ат бидид.

Туро дод Яздон ба покӣ нажод,
Касе пок чун ту зи модар назод.[3]

Бавижа, ки пайвастаи хун бувад,
Чу аз дур бинад туро, чун бувад.

Паси пардаи ман туро хоҳар аст,
Чу Судоба худ меҳрбон модар аст,

Паси парда пӯшидагонро бибин,
Замоне бимон, то кунанд офарин.

Сиёвуш чу бишнид гуфтори шоҳ,
Ҳаме кард хира бад-ӯ бар нигоҳ.[4]

Замоне ҳаме бо дил андеша кард,
Бикӯшид, то дил бишӯяд зи гард.

Гумоне чунон бурд, к-ӯро падар
Пижӯҳад ҳаме, то чӣ[5] дорад ба сар,

Ки бисёрдон буду чиразабон
Ҳушивору бинодилу бадгумон.

1. Л –бар.
2. ИЛ –хуну.
3. ИЛ –б. 175 нест.
4. Л –бар хира дар вай нигоҳ.
5. Л –тоҷ.

Бупечиду бо хештан роз кард,
Аз анҷом оҳанги оғоз кард,*[1]

Ки гар ман шавам дар шабистони ӯй,
Зи Судоба ёбам басе гуфтугӯй.

Чунин дод посух Сиёвуш, ки «Шоҳ
Маро дод фармону тахту кулоҳ.

Аз он ҷойгаҳ, к-офтоби баланд
Барояд, кунад хокро арҷманд,

Чу ту шоҳ нанҳода бар сар кулоҳ,
Ба хубиву дониш, ба оину роҳ.

Маро роҳ бинмо сӯи бихрадон,
Бузургону корозмуда радон.

Дигар найзаву гурзу тиру камон,
Ба печидан андар сафи бадгумон.

Дигар тахти шоҳию оини[2] бор,
Дигар базми руду маю майгусор.

Чӣ омӯзам андар шабистони моҳ?
Ба дониш занон кай намоянд роҳ?

Гар[3] эдун, ки фармони шоҳ ин бувад,
Аз он пас маро рафтан*[4] оин бувад».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: Эй писар, шод бош,
Ҳамеша хирадро ту бунёд бош.

Сухан кам шунидам бад-ин некувӣ,
Физояд ҳаме мағз, к-ин бишнавӣ.

---

1. М – Ҳаме гуфт бо хештан ин бад аст,
Зи Судоба ин гуфтугӯ омадаст.
2. Л –оину.
3. ИЛ –В-ар.
4. М – Маро пеши ӯ рафтан.

Мадор эч андешаи бад ба дил,
Ҳаме шодӣ орою ғам баргусил.

Бубин ту ҳаме[1] кӯдаконро яке,
Магар шодмона шаванд андаке».

Сиёвуш чунин гуфт, к-«Аз бомдод
Биёям, кунам ҳар чӣ шаҳ кард ёд.

Ман инак ба пеши ту истодаам,
Дилу ҷон ба фармони ту додаам.

Бар он сон равам, к-ам ту фармони диҳӣ,
Ту шоҳи ҷаҳондорию ман раҳӣ».[2]

## ОМАДАНИ СИЁВУШ БА НАЗДИ СУДОБА

Яке мард буд, номи ӯ Ҳирбад,
Зидуда дилу мағзу ҷонаш зи бад,

Ки бутхонаро ҳеч нагзоштӣ,
Калиди дари парда ӯ доштӣ.

Сипаҳдори Эрон ба фарзона гуфт,
Ки «Чун баркашад ҳур теғ аз нуҳуфт,

Ту пеши Сиёвуш ҳаме рав ба ҳуш,
Нигар, то чи фармояд, онро бикӯш.

Ба Судоба фармой, то пеши ӯй
Нисор оварад гавҳару мушкбӯй.

Парастандагон низ бо хоҳарон
Забарҷад фишонанд бо заъфарон».

Чу хуршед барзад сар аз кӯҳсор,
Сиёвуш биёмад бари шаҳрёр.

Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз,
Сухан гуфт бо ӯ сипаҳбад ба роз.

1. И –Ба парда бубин.
2. ИЛ –б. 198, 199 нест.

Чу пардахта шуд, Ҳирбадро бихонд,
Суханҳои шоиста[1] чанде биронд.

Сиёвахшро[2] гуфт: «Бо ӯ бирав
Биёрой дилро[3] ба дидори нав».

Бирафтанд як ҷой ҳарду ба ҳам,
Равон шодмону тиҳӣ дил зи ғам.

Чу бардошт парда зи дар Ҳирбад
Сиёвуш ҳаме буд тарсон зи бад.

Шабистон ҳама пеш боз омаданд,
Ба дидори ӯ*[4] базмсоз омаданд.

Ҳама хона буд аз карон то карон
Пур аз мушку динору пурзаъфарон.

Дирам зери пояш ҳаме рехтанд,
Чу бо зарру гавҳар*[5] баромехтанд.

Замин буд дар зери дебои Чин,
Пур аз дурри хушшоб рӯи замин.

Маю бӯю овози ромишгарон
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳарон.

Шабистон биҳиште буд ороста,
Пур аз хубрӯёни пурхоста.

Сиёвуш чу андар шабистон*[6] расид,
Яке тахти заррини рахшанда дид.

Бар ӯ-бар зи пирӯза карда нигор,
Ба дебо биёроста шоҳвор.

1. ИЛ –боиста.
2. Л –Сиёвушро.
3. Л –дилҳо.
4. М –Пур аз шодию.
5. М –Ақиқу забарчад.
6. М –наздики айвон.

Бад-он тахт Судобаи[1] моҳрӯй,
Ба сони биҳиште пур аз рангу бӯй.

Нишаста чу тобон Суҳайли Яман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан.

Яке тоҷ бар сар ниҳода баланд,
Фурӯ ҳишта то пой мушкин каманд,

Парастор наълайни заррин ба даст,
Ба пой истода, сар афканда паст.

Сиёвуш чу аз пеши парда бирафт.
Фуруд омад аз тахт Судоба[2] тафт.

Биёмад хиромону бурдаш намоз,
Ба бар-дар гирифташ замоне дароз.

Ҳаме чашму рӯяш бибусид дер,
Наёмад зи дидори он шоҳ[3] сер.

Ҳаме гуфт сад раҳ зи Яздон сипос,
Ниёиш кунам рӯзу шаб ҳар[4] се пос,

Ки касро ба сони ту фарзанд нест,
Ҳамон шоҳро низ пайванд нест».

Сиёвуш бидонист, к-он меҳр чист,
Чунон дӯстӣ н-аз раҳи эзадист.

Ба наздики хоҳар хиромид зуд,
Ки он ҷойгаҳ кор носоз буд.

Бар ӯ хоҳарон офарин хонданд,
Ба курсии заррин-ш биншонданд.

Чу бо хоҳарон буд замоне дароз,
Хиромиду омад бари[5] тахт боз.

1. И –Судоваи.
2. И –Судова.
3. И –ёр.
4. И –дар шаб.
5. Л –сӯи.

Шабистон ҳама пур шуд аз гуфтугӯй,
Ки инат[1] сару тоҷи фарҳангҷӯй.[2]

Ту гуфтӣ ба мардум намонад ҳаме
Равонаш хирад барфишонад ҳаме.

Сиёвуш ба пеши падар шуд, бигуфт,
Ки «Дидем пардасарою нуҳуфт.

Ҳама некӯӣ дар ҷаҳон бахри туст,
Зи Яздон баҳона набояд-т ҷуст.

Зи Ҷамму Фаридуну Ҳушангшоҳ
Фузунӣ ба шамшеру ганҷу сипоҳ».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳрёр,
Биёрост айвон чу хуррам*[3] баҳор.

Маю барбату соз барсохтанд,
Дил аз буданиҳо бипардохтанд.

Чу шаб гашт пайдову шуд рӯз тор,
Шуд андар шабистон каи номдор.

Пижӯҳида Судобаро шоҳ гуфт,
Ки «Ин розат аз ман набояд нуҳуфт.

Зи фарҳангу рои Сиёвуш бигӯй,
Зи болову дидору гуфтори ӯй.

Писанди ту омад? Хирадманд ҳаст?
Аз овоз беҳ, гар зи дидан беҳ аст?»

Бад-ӯ гуфт Судоба: «Ҳамтои шоҳ
Надиданд бар гоҳ шоҳу сипоҳ.[4]

Чу фарзанди ту кист андар ҷаҳон,
Чаро гуфт бояд сухан дар ниҳон?»

1. Л –омад.
2. И –тоҷу фарҳангу рӯй.
3. М –боғи.
4. Л –хуршеду моҳ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ар ба мардӣ расад,
Набояд, ки бинад варо чашми бад».

Бад-ӯ гуфт Судоба:[1] «Гар гуфти ман
Пазирад шавад рои ӯ[2] ҷуфти ман,

Ки аз тухми хешаш яке зан диҳам,
На аз номдорони барзан диҳам,

Ки фарзанд орад[3] варо дар ҷаҳон
Ба дидори ӯ дар миёни меҳон.[4]

Маро духтаронанд монанди ту,
Зи тухми туву покпайванди ту.

Ҳам аз тухми Кайорашу Кайпашин
Биҳоҳад ба шодӣ, кунад офарин».

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин худ ба коми ман аст,
Бузургӣ ба фарҷому номи ман аст».

Сиёвуш ба шабгир шуд назди шоҳ,
Ҳаме офарин хонд бар тоҷу гоҳ.

Падар бо писар роз гуфтан гирифт
Зи бегона мардум нуҳуфтан гирифт.

Бад-ӯ гуфт, к-«Аз кирдгори ҷаҳон[5]
Яке орзу дорам андар ниҳон,

Ки монад зи ту номи ту ёдгор,
Зи пушти ту[6] ояд яке шаҳрёр.

Чунон, к-аз ту ман гаштаам тозарӯй,
Ту дил баркушоӣ ба дидори ӯй.

1. И –Судова.
2. Л –ройро.
3. Л – дорад.
4. Л – Яке орзу дорам андар ниҳон.
5. Л –б. 250-255 нест.
6. Л –вай.

Чунин ёфтам ахтаратро нишон
Зи гуфти ситорашумар мӯбадон,

Ки аз пушти ту шаҳрёре бувад,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре бувад.

Кунун аз бузургон зане баргузин,
Нигаҳ кун паси пардаи Кайпашин,

Ба хони Каёраш дигар[1] низ ҳаст,
Зи ҳар сӯ биёрою бикшой даст»

Бад-ӯ гуфт: «Ман шоҳро бандаам,
Ба фармону рояш сар афкандаам.

Ҳар он кас, ки ӯ баргузинад, равост,
Ҷаҳондор бар бандагон подшост.

Мабодо,[2] ки Судоба[3] ин бишнавад,
Дигаргуна гӯяд, бад-ин награвад.

Ба Судоба з-ин гуна гуфтор нест,
Маро дар шабистони ӯ кор нест.»

Зи гуфти Сиёвуш бихандид шоҳ,
Набуд огаҳ аз об дар зери коҳ.

«Гузини ту бояд, - бад-ӯ гуфт зан
Аз ӯ ҳеч м-андеш дар анҷуман.

Зи[4] гуфтори ӯ меҳрубонӣ бувад,
Ба ҷони ту-бар посбонӣ бувад».

Сиёвуш зи гуфтори ӯ шод шуд,
Ниҳонаш зи андеша озод шуд.

Ба шоҳи ҷаҳон-бар ситоиш гирифт,
Навон пеши тахташ ниёиш гирифт.

1. ИЛ –ҳамон.
2. ИЛМ –Набояд.
3. И –Судова.
4. ИЛМ –ки.

Ниҳонӣ зи Судобаи чорагар
Ҳаме буд печону хастаҷигар.

Бидонист, к-он низ гуфтори ӯст,
Ҳаме з-ӯ бидаррид бар тан-ш пӯст.

## ОМАДАНИ СИЁВУШ БОРИ ДУВУМ БА ШАБИСТОН

Бар ин достон низ шаб даргузашт[1]
Сипеҳр аз бари хоки[2] тира бигашт.

Нишаст аз бари тахт Судоба[3] шод,
Зи ёқути сурх[4] афсаре барниҳод.

Ҳама духтаронро бари хеш хонд,
Биёрост,[5] бар тахти заррин нишонд.

Ба пешаш бутони навоин ба пой,
Ту гуфтӣ биҳишт аст коху сарой.

Чунин гуфт бо Ҳирбад моҳрӯй,
К- Аз эдар бирав, бо Сиёвуш бигӯй,

Ки бояд, ки ранҷа кунӣ пои хеш,
Намоӣ маро сарви[6] болои хеш.

Биёмад дамон Ҳирбад назди шоҳ,
Бад-ӯ дод пайғоми он некхоҳ.

Чу бишнид пайғом, хира бимонд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Басе чора ҷусту надид андар он,
Ҳаме буд печону ларзон бар он.[7]

1. И –баргузашт.
2. Л –гӯӣ.
3. И –Судова.
4. ИЛ –ёқуту зар.
5. ИЛ –Биёросту.
6. Л –чеҳру; И –рӯю.
7. ИЛ –б. 279 -281 нест.

Хиромон биёмад Сиёвуш бараш,
Бидид он нишасту сару афсараш.

Фуруд омад аз тахту шуд пеши ӯй,
Ба гавҳар биёроста рӯю мӯй.

Сиёвуш абар тахти заррин нишаст,
Зи*[1] пешаш ба каш карда Судоба[1] даст.

Бутонро ба шоҳи навоин намуд,
Ки буданд чун гавҳари нобисуд.

Бад-ӯ гуфт: «Бингар бад- ин тахтгоҳ[2]
Парастанда чандин[3] ба зарринкулоҳ.

Ҳама норасида бутони Тароз
Ки бисришташон Эзад аз шарму ноз.

Касе к-ат хуш ояд саропои ӯй,[4]
Нигаҳ кун ба дидору болои ӯй.»

Сиёвуш чу чашм андаке баргумошт.
Аз эшон яке чашм з-ӯ барнадошт.

Ҳаме ин бад-он, он бад-ин гуфт моҳ
Наёрад бад-ин шоҳ кардан нигоҳ.

Бирафтанд ҳар як сӯи тахти хеш,
Якояк шуморанда бар[5] бахти хеш.

Чу эшон бирафтанд, Судоба гуфт,
Ки «Чандин чӣ дорӣ сухан дар нуҳуфт?

Нагӯӣ маро, то муроди[6] ту чист,
Ки бар чеҳри ту фарри чеҳри парист.

1. И –Судова.
2. Л –тахту гоҳ.
3. И –чанде.
4. ИЛ –аз эшон, бигӯй.
5. Л –Ба мижгон шуморандаи.
6. ИЛ –нажоди.

Ҳар он кас, ки аз дур бинад туро,
Шавад беҳушу баргузинад туро.

Аз ин хубруён ба чашми хирад
Нигаҳ кун, ки бо ту кӣ андарх(в)арад».

Сиёвуш фурӯ монду посух надод,
Чунин омадаш бар дили пок ёд,

Ки ман бар дили*[1] пок шеван кунам,
Беҳ ояд, ки*[2] аз душманон зан кунам.

Шунидастам аз номвар меҳтарон
Ҳама достонҳои Ҳомоварон.

Ки ӯ[3] пеш бо шоҳи Эрон чӣ кард,
Зи гурдони Эрон баровард гард.

Пур аз банд Судоба,[4] к-ӯ духти ӯст,
Нахоҳад мар ин*[5] дударо мағзу пӯст.

Ба посух Сиёвахш накшод лаб,
Паричеҳра бардошт аз рӯ қасаб.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Хуршед бо моҳи нав,
Гар эдун, ки бинад бари гоҳи нав,

Набошад шигифт, ар шавад моҳ хор,
Ту хуршед дорӣ худ андар канор.

Касе к-ӯ чу ман дид бар тахти оҷ,
Зи ёқуту пирӯза бар сар-ш тоҷ,

Набошад шигифт, ар ба ман нангарад,[7]
Касеро ба хубӣ ба кас нашмарад.

---

1. М –тани.
2. М –Агар хира.
3. ИЛМ –аз.
4. И –Судова.
5. М –ҳаме.
6. Л – Сиёвуш ба посух чу бикшод лаб,
   Паричеҳраро омад аз вай аҷаб.
7. ИЛ –бингарад.

Гар эдун, ки бо ман[1] ту паймон кунӣ,
Напечиву андеша осон кунӣ,

Яке духтари норасида ба ҷой
Кунам чун парастор*[2] пешат ба пой.

Ба савганд паймон кун акнун яке,
Зи гуфтори ман сар напеч андаке.

Чу берун шавад з-ин ҷаҳон шаҳрёр,
Ту хоҳӣ будан з-ӯ маро ёдгор.

Намонӣ, ки ояд ба мо-бар[3] газанд,
Бидорӣ маро ҳамчу ҷон[4] арҷманд.

Ман инак ба пеши ту истодаам,
Тану ҷони ширин*[5] туро додаам.

Зи ман ҳар чӣ хоҳӣ, ҳама коми ту
Барорам, напечам сар аз доми ту.»

Сараш танг бигрифт, як бӯса дод,
Ҳамоно, ки аз шарм н-овард ёд.

Рухони Сиёвуш чи гул шуд зи шарм,
Биёрост мижгон ба[6] хуноби гарм.

Чунин гуфт бо дил, ки аз кори дев
Маро дур дород кайвонхидев.[7]

На ман бо падар бевафоӣ кунам,
На бо Аҳриман ошноӣ кунам.

Агар сард гӯям бар ин шӯхчашм,
Биҷӯшад дилаш, гарм гардад зи хашм,

1. ИЛМ –Агар бо ман акнун.
2. М –парастанда.
3. Л –бар ман бар ояд.
4. Л –ӯ.
5. М –равшан.
6. И –зи.
7. ИЛ –геҳонхидев.

Яке ҷодуӣ созад андар ниҳон,
Бад-ӯ бигравад шаҳрёри ҷаҳон.

Ҳамон беҳ, ки бо ӯ ба овози нарм
Сухан гӯяму дорамаш чарбу гарм.

Сиёвуш аз он пас ба Судоба гуфт,
Ки «Андар ҷаҳон мар туро нест[1] ҷуфт.

Намонӣ ба хубӣ магар[2] моҳро,
Нашоӣ касеро,[3] ба ҷуз шоҳро.

Кунун духтарат бас, ки бошад маро,
Набояд ҷуз ӯ кас, ки бошад маро.

Бар ин бошу бо шоҳи Эрон бигӯ,
Нигаҳ кун, ки посух чӣ ёбӣ аз ӯ.

Бихоҳам ман ӯрову паймон кунам,
Забонро ба наздат гаравгон кунам,

Ки то ӯ нагардад[4] ба болои ман,
Наояд[5] ба дигар касе рои ман.

Ва дигар, ки пурсидӣ аз чеҳри ман
Биёмехт[6] бо ҷони ту меҳри ман,

Маро офаринанда аз фарри хеш
Чунин офарид, эй нигорини пеш.

Ту ин роз макшову бо кас магӯй,
Маро ҷуз нуҳуфтан ҳамон*[7] нест рӯй.

Сари бонувониву ҳам меҳтарӣ,
Ман эдун гумонам, ки ту модарӣ».

1. ИЛ –худ туро кист.
2. ИЛ –магар нимаи.
3. ИЛ –ба гетӣ.
4. Л –бингардад.
5. Л –Наёбад.
6. Л –Баромехт.
7. М –сухан.

Чунин гуфту бархост аз пеши ӯй,
Пур аз меҳр ҷони бадандеши ӯй.[1]

Чу Ковуси кай дар шабистон расид,
Нигаҳ кард Судоба,[2] ӯро бидид.

Бари шоҳ шуд з-он сухан мужда дод,
Зи кори Сиёвуш ҳаме*[3] кард ёд,

Ки омад, нигаҳ кард айвон ҳама,
Бутони сияҳчашм кардам рама.

Чунон буд айвон зи бас хубчеҳр,
Ки гуфтӣ ҳаме борад аз моҳ меҳр.

Ҷуз аз духтари ман писандаш набуд,
Зи хубон касе арҷмандаш набуд.

Чунон шод шуд з-он сухан шаҳрёр,
Ки моҳ омадаш гуфтӣ андар канор.

Дари ганҷ букшоду чанде гуҳар,
Зи дебои зарбафту заррин камар,

Ҳам аз ёраву тоҷу ангуштарӣ,
Ҳамон тахту ҳам тавқи кундоварӣ,

Зи ҳар чиз ганҷе буд ороста
Ҷаҳоне*[4] саросар пур аз хоста,

Ба Судоба фармуд, к-Инро бидор
Зи баҳри Сиёвуш, чу ояд ба кор.

«Бар-ӯ деҳ бигӯяш, ки ин ҳаст хурд,
Дусад ганҷ чунин бибояд-т бурд».[5]

1. ИЛ –б. 330 нест.
2. И –Судова.
3. М –басе.
4. М –ҷаҳон буд.
5. ИЛ –б. 340, 341 нест.

Нигаҳ кард Судоба,[1] хира бимонд,
Ба андеша афсун фаровон бихонд,

Ки гар ӯ наёяд ба фармони ман,
Раво дорам, ар бигсилад ҷони ман.

Баду нек, ҳар чора, к-андар ҷаҳон
Кунанд ошкорову андар ниҳон,

Бисозам, гар ӯ сар бипечад зи ман,
Кунам з-ӯ фиғон бар сари анҷуман.

## РАФТАНИ СИЁВУШ БОРИ СЕВУМ ДАР ШАБИСТОН

Нишаст аз бари тахт бо гӯшвор,
Ба сар барниҳод афсари зарнигор.[2]

Сиёвахшро[3] дар бари хеш хонд,
Зи ҳар гуна бо ӯ суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт "Ганҷе биёрост шоҳ,
К-аз он сон надидаст кас тоҷу гоҳ.

Зи ҳар чиз чандон, ки андоза нест,
Агар барниҳӣ, пил бояд дувист.

Ба ту дод хоҳам[4] ҳаме духтарам,
Нигаҳ кун ба рӯю сару афсарам.

Баҳона чӣ дорӣ, ки аз меҳри ман
Бипечӣ зи болову аз чеҳри ман?

Ки то ман туро дидаам, мурдаам,
Хурӯшону ҷӯшону озурдаам.

Ҳаме рӯзи равшан набинам зи дард,
Бар онам, ки хуршед шуд лоҷвард.

1. И –Судова.
2. Л –пурнигор.
3. Л –Сиёвушро.
4. ИЛ –хоҳад.

Кунун ҳафт сол аст, то меҳри ман
Ҳаме хун чаконад абар[1] чеҳри ман.

Яке шод кун дар ниҳонӣ маро,
Бибахшой рӯзи ҷавонӣ маро.

Фузун з-он ки додат чаҳондор шоҳ,
Биёроямат тоҷу тахту кулоҳ.[2]

В-агар сар бипечӣ зи[3] фармони ман,
Наёяд дилат сӯи дармони[4] ман,[5]

Кунам бар ту-бар подшоҳӣ табоҳ,
Шавад тира бар чашми ту ҳуру моҳ».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт, к-«Ин худ[6] мабод,
Ки аз баҳри дил ман диҳам[7] дин ба бод.

Чунин бо падар бевафоӣ кунам,
Зи мардиву дониш[8] ҷудоӣ кунам.

Ту бонуи шоҳиву хуршеди гоҳ
Сазад, к-аз ту н-ояд бад-ин сон гуноҳ».

Аз он тахт бархост бо хашму ҷанг,
Бад-ӯ андаровехт Судоба чанг.

Бад-ӯ гуфт: «Ман рози дил пеши ту
Бигуфтам, ниҳонӣ бадандеши ту.

Маро хира хоҳӣ, ки расво кунӣ,
Ба пеши хирадманд раъно кунӣ».

---

1. ИЛ –бад-ин.
2. И –бораву тоҷу гоҳ.
3. И –ту наёӣ ба.
4. Л –паймони.
5. И –Бипечӣ зи рою зи паймони ман.
6. ИЛМ –ҳаргиз.
7. И –сар.
8. И –Зи дину зи мардӣ.

## ФИРЕБ ДОДАНИ СУДОБА КОВУСРО

365 Бизад дасту ҷома бидаррид пок,
Ба нохун ду рухро ҳаме кард чок.

Баромад хурӯш аз шабистони ӯй,
Фиғонаш зи айвон баромад ба кӯй.

Яке ғулғул аз коху айвон бихост,
Ту[1] гуфтӣ шаби растахез аст рост.

Ба гӯши сипаҳбад расид огаҳӣ,
Фуруд омад аз тахти шоҳаншаҳӣ.

Пурандеша аз тахти заррин бирафт,
Ба сӯи шабистон хиромид тафт.

370 Биёмад, чу Судобаро дид рӯй
Харошидаву кох пургуфтугӯй.

Зи ҳар кас бипурсиду шуд тангдил,
Надонист кирдори он сангдил.

Хурӯшид Судоба дар пеши ӯй,
Ҳаме рехт обу ҳаме канд мӯй.

Чунин[2] гуфт, к - «Омад Сиёвуш ба тахт,
Бaророст чангу баровехт сахт,

Ки аз туст ҷону танам пур зи меҳр,
Чӣ парҳезӣ аз ман ту, эй хубчеҳр?

375 Ки ҷуз ту касеро нахоҳам зи бун.
Чунинат ҳаме ронд бояд сухун.

Бияндохт афсар зи мушкин сарам,
Чунин чок шуд ҷома андар барам».

Пурандеша шуд з-он сухан шаҳрёр,
Сухан кард ҳар гунае хостор.[3]

1. И –ки.
2. Л –Ҳаме.
3. И –б. 376,377 нест.

Ба дил гуфт, ар ин рост гӯяд ҳаме
В-аз ин гуна*[1] зиштӣ наҷӯяд ҳаме,

Сиёвахшро[2] сар бибояд бурид,
Бад-ин сон бувад банди бадро калид.

Хирадманд мардум чӣ гӯяд кунун,[3]
Хаи шарм аз ин достон гашт хун.[4]

Касоне ки андар шабистон буданд,
Ҳушивору меҳтарпарастон буданд,

Гусӣ карду бар гоҳ танҳо бимонд,
Сиёвушу[5] Судобаро пеш хонд.

Ба ҳушу хирад бо Сиёвуш гуфт,
Ки «Ин роз аз ман набояд ниҳуфт.

Накардӣ ту ин бад, ки ман кардаам,
Зи гуфтори беҳуда озурдаам.

Чаро хондам андар шабистон туро,
Кунун ғам маро, банду[6] дастон туро.

Ҳама ростӣ ҷӯю бинмой рӯй,
Сухан бар чӣ сон рафт, бо ман бигӯй».

Сиёвуш бигуфт, он куҷо рафта буд,
В-аз он, к-ӯ зи[7] Судоба[8] ошуфта буд,

Саросар суханҳо ҳама боз гуфт,
Суханҳо, ки рафта буд андар нуҳуфт.[9]

1. М –Азин рӯй.
2. Л –Сиёвушро.
3. И –ҳаме.
4. И –Пижӯҳанда чун боз ҷӯяд ҳаме.
5. ИЛ –Сиёвушу.
6. Л –макру.
7. ИЛ –дар ки.
8. И –Судова.
9. Л –б. 388 нест.

Чунин гуфт Судоба, к-«Ин нест рост,
Ки ӯ аз бутон ҷуз тани ман нахост.

Бигуфтам, ҳама ҳар чи шоҳи ҷаҳон
Бад-ӯ хост, дод ошкору ниҳон.

Зи фарзанду аз тоҷу аз хоста,
Зи динору аз ганҷи ороста.

Бигуфтам, ки чандин бар ин бар ниҳам,
Ҳама некуиҳо ба духтар диҳам.

Маро гуфт, бо хоста кор нест,
Ба духтар маро рои[1] дидор нест.

Туро боядам з-ин миён-гуфт-бас,
На ганҷам ба кор аст бе ту на кас.

Маро хост, к-орад ба коре ба чанг,
Ду даст андаровард чун санг танг.

Набурдам-ш[2] фармон, ҳама мӯи ман
Биканду харошида шуд рӯи ман.

Яке кӯдаке дорам андар ниҳон
Зи пушти ту, эй шаҳрёри ҷаҳон.

Зи бас ранҷи куштан-ш[3] наздик буд,
Ҷаҳон пеши ман тангу торик буд.»

Чунин гуфт бо хештан шаҳрёр,
Ки гуфтори ҳар ду наёяд ба кор.[4]

Ба ин кор-бар нест ҷои шитоб,
Ки танги дил орад хирадро ба тоб.[5]

Нигаҳ кард бояд бад-ин бар нахуст,
Гувоҳӣ диҳад дил,чу гардад дуруст.

1. ИЛ –роҳи.
2. И –Накардам-ш.
3. Л –бурдан-ш.
4. Л -б. 399 нест.
5. Л –равонро ба хоб.

Бубинам, к-аз ин ду гунаҳкор кист,
Ба бодафраҳи бад сазовор кист.

Бад -он боз ҷустан ҳаме чора ҷуст,
Бибӯид дасти Сиёвуш нахуст.

Бару бозуву сарви болои ӯй,[1]
Саросар бибӯид ҳар ҷои ӯй.[2]

Зи Судоба[3] бӯи маю мушки ноб
Ҳаме ёфт Ковус бӯи гулоб.

Надид аз Сиёвуш чунон низ*[4] бӯй,
Нишони бисудан надид[5] андар ӯй.

Ғамин[6] гашту Судобаро хор кард,
Дили хештанро пурозор кард

Ба дил гуфт, к-инро ба тан тез-тез
Бибояд кунун карданаш рез-рез.

Зи Ҳомоварон з-он пас андеша кард,
Ки бархезад ошӯбу ҷангу набард.[7]

Ва дигар бад-он гаҳ, ки дар банд буд,
Бари ӯ[8] на хешу на пайванд буд.

Парастор Судоба[9] буд рӯзу шаб,
Бипечид аз он дарду накшод лаб.

Се дигар, ки як дил пур аз меҳр дошт,
Бибоист аз ӯ ҳар бад андар гузошт.

1. Л –ҳам саропои ӯ.
2. Л-ҳама ҷои ӯ.
3. И –Судова.
4. М –аз он гуна.
5. Л –набуд.
6. ИЛМ –ғамӣ.
7. Л-Ки ошӯб хезад аз озору дард; И -Ки ошӯб хезад бар овози дард.
8. Л –Бар ӯ-бар.
9. И –Судова.

Чаҳорум, к-аз ӯ кӯдакон дошт хурд,
Ғами хурдро хурд натвон шумурд.

Сиёвуш аз ин кор буд бегуноҳ
Хирадмандии вай бидонист шоҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-«Ин[1] худ маяндеш хеч
Ҳушивориву роҳи рафтан басеч.

Макун ёд аз ин низу бо кас магӯй,
Набояд, ки гирад сухан рангу бӯй.

## ЧОРА СОХТАНИ СУДОБА ВА ЗАНИ ҶОДУ

Чу донист Судоба, к-ӯ гашт хор,
Наёвехт бо вай дили шаҳрёр,

Яке чора ҷуст андар он кори зишт,
Зи кина ба наввӣ дарахте бикишт.

Зане буд бо ӯ ба парда-дарун,
Пур аз чораву рангу[2] банду фусун.[3]

Гарон буду андар шикам бачча дошт,
Ҳаме аз гаронӣ ба сахтӣ гузошт.

Бад-ӯ роз бикшоду з-ӯ чора ҷуст,
К-аз оғоз паймон-т хоҳам дуруст.

Чу паймон ситад, зар-ш бисёр дод
Сухан, - гуфт,- аз ин дар макун ҳеч ёд.

Яке доварӣ[4] соз, к-ин бифканӣ,
Тиҳӣ мониву[5] рози ман нашканӣ.

Магар, к-ин чунин банд[6] чандин дурӯғ
Бад-ин баччаи ту бигирад фурӯғ.

1. Л – аз ин.
2. Л – ҷодӯӣ буду.
3. И – ҷодӯӣ будаву бад фусун
4. ИЛ – доруе.
5. Л – ба ман созиву.
6. И – Нигар, к-он чунин банду; Л – банду.

Ба Ковус гӯям, ки ин аз ман аст,
Чунин кушта бар дасти Аҳриман аст.

Магар, к-ин шавад бар Сиёвуш дуруст,
Кунун чораи ин бибояд-т ҷуст.

Гар ин нашнавӣ, оби ман назди шоҳ
Шавад тираву дур монам зи гоҳ.»

Бад-ӯ гуфт зан: «Ман туро бандаам,
Ба фармону роят сарафкандаам.»

Чу шаб тира шуд, доруе хӯрд зан,
Бияфтояд[1] аз ӯ баччаи Аҳриман.

Ду бачча чунон, чун бувад девзод,
Чи бошад худ аз деви[2]*[3] ҷодунажод.

Яке ташти заррин биёвард пеш,
Бигуфт *[4] ин сухан бо парастори хеш.

Ниҳод андар ӯ баччаи Аҳриман
Хурӯшиду бифканд бар ҷома тан.

Ниҳон кард занрову[5] ӯ худ бихуфт,
Фиғонаш баромад ба кох[6] аз нуҳуфт.

Дар*[7] айвон парастор чандон, ки буд,
Ҳама назди[8]*[9] Судоба[10] рафтанд зуд.

Ду кӯдак бидиданд мурда ба ташт,
Аз айвону*[11] кайвон фиғон баргузашт.

1. Л – Ки бифтод; И – Ки афтод.
2. Л – Чигуна бувад бачча.
3. М – чу дорад зи.
4. М – Нагуфт.
5. И – онрову.
6. Л – кӯй.
7. М – Ба.
8. Л – Ба наздики.
9. М – Ба наздики.
10. И – Судова.
11. М – айвон ба.

Чу бишнид Ковус аз айвон хурӯш,
Биларзиду бикшод аз хоб гӯш[1].

Бипурсиду гуфтанд бо шаҳрёр,
Ки чун рафт бар хубрух рӯзгор.

Ғамин[2] гашту он шаб назад ҳеч дам,
Ба шабгир бархост, омад дижам.

Бад - он гуна Судобаро хуфта дид,
Саросар шабистон барошуфта[3] дид.

Ду кӯдак бар он гуна бар ташти зар
Ниҳода*[4] ба хориву хаста ҷигар.

Биборид Судоба аз дида об,
Ҳаме гуфт*[5]:[6] «Равшан бибин офтоб.

Ҳаме гуфтамат, к-ӯ чӣ кард аз бадӣ,
Ба гуфтори ӯ хира эмин шудӣ.

Дили Шоҳ Ковус шуд бадгумон
Бирафту дар андеша шуд як замон.

Ҳаме гуфт, к-инро чӣ дармон кунам.
Нашояд, ки ин бар дил осон кунам.

## ПУРСИДАНИ КОВУС КОРИ БАЧЧАГОНРО

Аз он пас нигаҳ кард Ковусшоҳ
Касеро, ки кардӣ ба ахтар нигоҳ,

Биҷусту зи Эрон бари хеш хонд,
Бипурсиду бар тахти заррин нишонд.

1. ИЛ – Биларзид дар хобу бикшод гӯш.
2. Л – Ғами.
3. Л-пурошуфта.
4. М – фиканда.
5. М – Бад – ӯ.
6. ИЛ – Бад ӯ гуфт.

Зи Судобаву[1] разми Ҳомоварон
Сухан рафт[2] ҳар гуна бо меҳтарон.

Бад-он то шаванд огаҳ аз кори ӯй,
Ба дониш бидонанд кирдори ӯй.

В-аз он кӯдакон низ бисёр гуфт,
Ҳаме дошт пӯшида андар[3]*[4] нуҳуфт.[5]

Ҳама зиҷу суллоб бардоштанд.
Бад - он кор як ҳафта бигзоштанд.

Саранҷом гуфтанд, к-ин кай бувад,
Ба ҷоме, ки заҳр оганӣ, май бувад?

Ду кӯдак зи пушти касе[6] дигаранд,
На аз пушти шоҳанду з-ин[7] модаранд.

Гар аз гавҳари шаҳрёрон будӣ,
Аз ин зиҷҳо ҷустан осон будӣ,[8]

На пайдост розаш дар ин осмон
На андар замин ин шигифтӣ, бидон.

Нишони бадандеш, нопокзан
Бигуфтанд бо шоҳу бо[9] анҷуман.[10]

Бинолид Судобаву[11] дод хост,
Зи шоҳи ҷаҳондор фарёд хост.

---

1. И – Судова.
2. Ил – гуфт.
3. Л – Нуҳуфта бурун оваранд аз.
4. М – суханро бурун оварид аз.
5. ТПИЛ – Бад-ин кор бигзашт як ҳафта низ,
Ҷаҳонро пур омад зи ҷоду қафиз.
6. ИМ – яке.
7. Л – шоҳу аз ин.
8. И – б. 453 нест.
9. И – шоҳ дар.
10. ТПЗИЛ – Ниҳон дошт Ковусу бо кас нагуфт,
Ҳаме дошт ин розҳо дар нуҳуфт.
11. И – Судова.

Ҳаме гуфт: «Ҳамдостонам зи шоҳ
Ба захму ба афкандан аз тахтгоҳ.[1]

Зи фарзанди кушта[2] бипечад дилам,
Замон то замон ҷон[3] зи тан бугсилам».[4]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй зан, ором гир!
Чи гӯӣ суханҳои нодилпазир?»[5]*[6]

Ҳама рӯзбонони даргоҳ шоҳ
Бифармуд, то баргирифтанд роҳ.

Ҳама шаҳру барзан ба пой оваранд,
Зани бадкунишро ба ҷой оваранд.

Ба наздикӣ- андар нишон ёфтанд,
Ҷаҳондидагон тез биштофанд.

Кашиданд бадбахт занро ба роҳ,
Ба хорӣ бибурданд наздики шоҳ.

Ба хубӣ[7] бипурсиду кардаш умед,
Басе рӯзҳо низ додаш[8] навид.[9]

Нашуд ҳеч хусту бад-он достон[10]
Набуд[11] шоҳи пурмоя[12] ҳамдостон.

---

1. Л – Ба захму фитодан ҳам аз тахту гоҳ.
2. ЛМ – фарзанд куштан.
3. Л – дил.
4. И – бори дил нагсилам.
5. Л – Ҳама корхоро ту фарҷом гир.
6. М – Ҳама мангар имрӯз, фарҷом гир.
7. ИЛМ – хушшӣ.
8. Л – додаш аз некуиҳо: И – рӯзро дод низаш.
9. ТПЗИЛ – Нагуфт он сухан пеши он шаҳрёр,
Ба ҳарчанд пурсид з-ӯ чанд бор.
В-аз он пас ба хорию чӯбу ба банд
Бипардахт аз ӯ шаҳрёри баланд.
10. ИЛ – На хушнуд шуд з-он шаҳи ростон.
11. Л – Нашуд.
12. И – Або он нашуд шоҳ.

Бифармуд, к-аз пеш берун баранд,
Басе чора созанду[1] афсун баранд.

Чу хусту наёяд, миёнаш ба ар
Бибурранд, ин аст оину фар.

Бибурданд занро зи даргоҳи шоҳ,
Зи шамшер гуфтанду аз дору чоҳ.

Чунин гуфт ҷоду*[2] ки «Ман бегуноҳ
Чи гӯям бад-ин номвар пешгоҳ?»[3]

Бигуфтанд бо шоҳ, к-ин зан чӣ гуфт,
Ҷаҳонофарин донад андар нуҳуфт.

Ба Судоба[4] фармуд, то рафт пеш,
Ситорашумар гуфт[5] гуфтори хеш,

Ки ин ҳар ду кӯдак зи ҷодузананд,
Падидору аз пушти Аҳриманananд.

Чунин посух овард Судоба[6] боз,
Ки «Наздики эшон ҷуз[7] ин аст роз.

Фурӯ басташон з-ин сухан дар нуҳуфт
Зи бими Сиёвуш наёранд гуфт.

Зи бими сипаҳбад гави пилтан
Биларзад ҳаме шер дар анҷуман,

Куҷо зӯр дорад, ба ҳаштод[8] пил
Бибандад, чу хоҳад раҳи рӯди Нил.

1. Л – ҷуянду.
2. М – дигар.
3. ТПЗ – Надорам аз ин кор ҳеч огаҳӣ
Сухан ҳар чи гӯям, бувад з-аблаҳӣ.
4. И – Судова.
5. Л – хонд.
6. И – Судова.
7. Л – мар.
8. Л – ҳафтод.

Ҳамон*[1] лашкари номвар сад ҳазор
Гурезанд аз ӯ дар сафи корзор.

Маро низ поёби ӯ чун бувад
Магар дида ҳамвора пурхун бувад.

Ҷуз он, к-ӯ бифармояд, ахтаршинос
Чӣ гӯяд сухан в-аз кӣ ҷӯяд сипос?

Туро худ ғами хурдфарзанд нест,
Маро ҳам фузун аз ту пайванд нест.

Сухан гар гирифтӣ чунин сарсарӣ,
Бад-он гетӣ афкандам ин доварӣ.»

Зи дида фузун з-он буборид об,
Ки бардорад аз рӯди Нил офтоб.

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ шуд дижам,
Ҳаме зор бигрист бо ӯ ба ҳам.

Гусӣ кард Судобаро[2] хастадил,
Бар он кор бинҳод пайваста дил.

Чунин гуфт, к-андар ҷаҳон ин сухун
Пижӯҳем, то бар[3] чӣ ояд ба бун.

Зи паҳлӯ ҳама мӯбадонро бихонд
Зи Судоба чандин[4] суханҳо биронд.

Чунин гуфт мӯбад ба шоҳи ҷаҳон
Ки «Дарди сипаҳбад намонад ниҳон.

Чу хоҳӣ, ки пайдо кунӣ гуфтугӯй,
Бибояд задан сангро бар сабӯй,

Ки ҳарчанд фарзанд ҳаст арҷманд,
Дили шоҳ з-андеша ёбад газанд.

1. М – Ҳаме.
2. И –Судова.
3. ИЛ – то худ.
4. И –Судова чанде.

В-аз ин духтари шоҳи Ҳомоварон
Пурандеша гаштӣ ба дигар карон.

Зи ҳар ду сухан чун бар ин гуна гашт,
Бар оташ бибояд якеро гузашт.

Чунин аст фармони[1] чархи баланд,
Ки бар бегуноҳон наёяд газанд.»

Ҷаҳондор Судобаро пеш хонд,
Ҳаме бо Сиёвуш ба гуфтан нишонд.

Саранҷом гуфт: Эмин аз ҳардувон
Нагардад маро дил ба равшан равон,

Магар, к-оташи тез пайдо кунад,
Гунаҳкорро[2] зуд расво кунад.

Чунин посух овард Судоба пеш,
Ки «Ман рост гӯям ба гуфтори хеш.

Фиканда намудам ду кӯдак ба шоҳ
Аз ин бештар худ чӣ бошад[3], гуноҳ.

Сиёвахшро[4] кард бояд дуруст,
Ки ин бад бикарду табоҳӣ биҷуст

Ба пури ҷавон гуфт шоҳи замин,
Ки «Роят чӣ бинад кунун андар ин?»

Ба посух чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Дӯзах маро з-ин сухан гашт хор.

Агар кӯҳи оташ бувад, биспарам,
Аз ин нанг хорист, гар нагзарам».

1. ИЛ –савганди.
2. Л -Гунаҳкардаро
3. ИМ – К-аз ин бештар кас набинад; Л –кас набинад.
4. ИЛ – Сиёвушро.

## ГУЗАШТАНИ СИЁВУШ БАР ОТАШ

Пурандеша шуд ҷони Ковуси кай[1]
Зи фарзанду Судобаи шумпай.[2]

Аз ин ду яке гар шавад нобакор,
Аз ин пас кӣ хонад маро шаҳрёр?

Чу фарзанду зан бошадам хуну мағз
Киро пеш берун шавад кори нағз?

Ҳамон беҳ, к-аз ин зишт андеша[3] дил
Бишӯям, кунам чораи дилгусил.

Чӣ гуфт он сипаҳдори некӯсухун,
Ки бо баддилӣ шаҳрёрӣ макун.

Ба дастур фармуд, то сорвон[4]
Ҳаюн орад аз дашт сад[5] корвон.

Ҳаюнон ба ҳезум кашидан шуданд,
Ҳама шаҳри Эрон ба дидан шуданд.

Ба сад корвон уштури сурхмӯй
Ҳаме ҳезум овард пархошҷӯй.

Ниҳоданд ҳезум ду кӯҳи*[6] баланд,
Шумораш гузар кард бар чуну чанд.

Ба дур аз ду фарсанг ҳар кас бидид,
Чунин ҷуст бояд балоро*[7] калид.

Ҳаме хост дидан раҳи[8]*[9] ростӣ,
Ба кор - андарун кажживу костӣ.[10]

1. Л –Ковусшоҳ.
2. Л –некхоҳ.
3. И –зиштгуфтор; Л – кирдор.
4. Л –сорбон.
5. Л – чанд.
6. М –чу чархи.
7. М –Ҳаме гуфт к-ин аст бадро.
8. ИЛ –дари.
9. М –сари.
10. ИЛ – Зи кори зан ояд ҳама костӣ.

Чу ин достон сар ба сар бишнавӣ,
Беҳ ояд туро, гар ба зан награвӣ.[1]

Ба гетӣ ба ҷуз порсозан маҷӯй,
Зани бадкуниш хорӣ орад ба рӯй.[2]

Ниҳоданд бар дашт ҳезум ду кӯҳ
Ҷаҳоне назора шуда ҳамгурӯҳ.[3]

Гузар буд чандон, ки ҷангисавор[4]
Миёнаш ба тангӣ бикардӣ гузор.[5]

Пас он гоҳ фармуд пурмоя шоҳ,
Ки бар чӯб резанд нафти сиёҳ.

Биёмад дусад марди оташфурӯз
Дамиданд, гуфтӣ шаб омад ба рӯз.

Нахустан дамидан сияҳ шуд зи дуд,
Забона баромад паси дуд зуд.

Замин гашт равшантар аз осмон,
Ҷаҳоне хурӯшону оташ дамон.

Саросар ҳама дашт бирён шуданд,
Бад-он чеҳри хандон-ш гирён шуданд.

Сиёвуш биёмад ба пеши падар,
Яке хӯди заррин ниҳода ба сар.

Ҳушивор бо ҷомаҳои сапед,
Лаби[6] пур зи ханда, дили[7] пурумед.

---

1. ИЛ – Бад ояд* туро, гар ба зан бигравӣ.
   * И –нашояд.
2. ТПЗ – Зану аждаҳо ҳар ду дар хок беҳ,
   Ҷаҳон пок з-ин ҳар ду нопок беҳ!
3. ИМ – бар ӯ-бар гурӯҳ.
4. Л – гӯи савор.
5. Л –Миёна бирафтӣ ба тангӣ чаҳор; ИЛ –пас аз б. 516 ин б. омада
   Бад-он гаҳ ки савганди пурмоя шоҳ
   Чунин буд оину ин буд роҳ.
6. ИЛ – Лабе.
7. Л –рухе.

Яке борагӣ барнишаста сиёҳ,
Ҳаме гарди[1] наълаш баромад ба моҳ.

Пароканд[2] кофур бар хештан,
Чунон чун бувад созу расми кафан.[3]

Бад-он гаҳ ки шуд пеши Ковус боз,
Фуруд омад аз аспу бурдаш[4] намоз.

Рухи шоҳ Ковус пуршарм буд,[5]
Сухан гуфтанаш бо писар нарм буд.[6]

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Андуҳ мадор,
К-аз ин сон бувад гардиши рӯзгор.

Сари[7] пур зи шарму табоҳӣ[8] марост,
Агар бегуноҳам, раҳоӣ марост.

В-ар эдун, ки з-ин кор ҳастам гуноҳ,
Ҷаҳонофаринам надорад нигоҳ.

Ба нерӯи Яздони некидиҳиш
Аз ин кӯҳи оташ наёбам табиш».

Сиёвуш чу омад ба оташ фароз,
Ҳаме гуфт бо довари бениёз:

«Маро деҳ аз ин кӯҳи оташ гузар,
Раҳо кун танамро зи банди падар!»

Чу з-ин гуна бисёр зорӣ намуд,
Сипаҳро барангехт бар сони дуд.[9]

---

1. Л –хоки.
2. Л –Пароканда.
3. ТПЗ – Ту гуфтӣ ба мину ҳаме чуст роҳ,
   На бар кӯҳи оташ ҳаме рафт шоҳ.
4. И –Пиёда шуду бурд пешаш.
5. –гашт; И –дид.
6. Л –гашт; И –дид.
7. ИЛ –саре.
8. Л –баҳоӣ.
9. ИЛ – б. 532 -534 нест.

Хурӯше баромад зи дашту зи шаҳр,
Ғам омад ҷаҳонро аз он кор баҳр.

Аз он[1] дашт Судоба[2] ово шунид,
Аз айвон ба бом омад,[3] оташ бидид.

Ҳаме хост, к-ӯро бад ояд ба рӯй,
Ҳаме буд ҷӯшону бо гуфтугӯй.

Ҷаҳоне ниҳода ба Ковус чашм
Забон пур зи гуфтору*[4] дил пур зи хашм.

Сиёвуш сипаҳро бад-он сон[5] битохт,
Ту гуфтӣ,*[6] ки аспаш ба[7] оташ бисохт.

Зи ҳар сӯ забона ҳаме баркашид,*[8]
Касе хӯду аспи Сиёвуш надид.

Яке дашт бо дидагон пур зи хун,
Ки то ӯ кай ояд зи оташ бурун.

Зи оташ бурун омад озодмард
Лабон пур зи ханда, ба рух ҳамчу вард.[9]

Чу ӯро бididанд, бархост ғав,
Ки омад зи оташ бурун шоҳи[10] нав.

Чунон омад аспу қабои савор,
Ки[11] гуфтӣ суман дошт андар канор.

1. ИЛ –Чу аз.
2. И –Судова.
3. ИЛ –Баромад ба айвону; И – Биёмад ба айвону.
4. М –дашному.
5. Л –ба тундӣ; И – Бар он кӯҳи оташ.
6. М –гӯй.
7. И –ба аспаш.
8. М –бардамид.
9. Л - б. 542 нест.
10. Л –сипаҳдори.
11. И –Ту.

Агар об будӣ, магар[1] тар шудӣ,
Ҳаме бар танаш[2] ҷома бебар шудӣ.

Чу бахшоиши покяздон бувад,
Дами оташу бод яксон бувад.

Чу з-он[3] кӯҳи оташ ба ҳомун гузашт,
Хурӯшидан омад зи шаҳру[4] зи дашт.

Саворони лашкар барангехтанд,
Ҳама дашт[5] пешаш дирам рехтанд,

Яке шодмонӣ буд андар ҷаҳон,
Миёни кеҳону миёни меҳон.

Ҳаме дод мужда якеро дигар,
Ки бахшуд бар бегунаҳ додгар.

Ҳамеканд Судоба[6] аз хашм мӯй,
Ҳамерехт обу ҳамехаст рӯй.

Чу пеши падар шуд Сиёвахш[7] пок,
На дуду на оташ, на гарду на хок,[8]

Фуруд омад аз асп Ковусшоҳ,
Пиёда сипаҳбад, пиёда сипоҳ.

Сиёвуш ба пеши ҷаҳондори пок
Биёмад, бимолид рухро ба хок,

Ки аз таффи[9] он кӯҳи оташ бираст,
Ҳама комаи душманон кард паст.

1. И –ҳаме.
2. ЛМ –зи таррӣ ҳама; И –зи таррӣ ҳаме.
3. ИЛ –аз.
4. Л –кӯҳу.
5. И –шаб ба.
6. И –Судова.
7. Л-Сиёвуш.
8. И –Биёмад, бимолид рухро ба хок; Л –на боду.
9. И – тафти.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй далери ҷаҳон,*[1]
Ки покизатухмиву равшанравон,

Чунонӣ, ки аз модари порсо
Бизояд, шавад бар ҷаҳон подшо.

Сиёвахшро[2] танг дар бар гирифт,
Зи кирдори бад пӯзиш андаргирифт,[3]

Ба айвон хиромиду биншаст шод,
Кулоҳи каёнӣ ба сар барниҳод.

Май овард у рамишгаронро бихонд,
Ҳама комҳо бо[4] Сиёвуш биронд.

Се рӯз андар он сур май даркашид,[5]
Набуд бар дари ганҷ банду калид.

## БАХШИ ҶОНИ СУДОБА ХОСТАНИ СИЁВУШ АЗ ПАДАР

Чаҳорум ба тахти каӣ барнишаст,
Яке гурзаи говпайкар ба даст.

Барошуфту Судобаро[6] пеш хонд,
Гузашта суханҳо бад-ӯ боз ронд.

Ки «Бешармиву бад касе кардаӣ,
Фаровон дили ман биёзурдаӣ.

Чӣ бозӣ[7] намудӣ ба фарҷоми кор,
Ки бар ҷони фарзанди ман зинҳор

Бихӯрдиву дар оташ андохтӣ,
Бад-ин гуна-бар ҷодуӣ сохтӣ.

1. М – ҷаваон.
2. Л – Сиёвушро.
3. И – б. 558 нест.
4. Ил – бар.
5. Ил – баркашид.
6. И – Судоваро.
7. Ил – Яке бад.

Набояд туро пӯзиш акнун ба кор,
Бипардоз ҷою баророй кор.

Нашояд, ки бошӣ ту андар замин,
Ҷуз овехтан нест подоши ин.»

Бад-ӯ гуфт Судоба, к-«Эй шаҳрёр,
Ту оташ бар ин тораки ман мабор.[1]

Маро гар ҳаме[2] сар бубояд бурид,
Мукофот ин буд, ки бар ман расид.

Бифармову ман дил ниҳодам бар ин,
Нахоҳам, ки бошад дилат[3] пур зи кин.

Сиёвуш сухан рост гӯяд ҳаме,
Дили шоҳ з-оташ[4] бишӯяд ҳаме.

Ҳама ҷодуӣ зол кард[5] андар ин
Набуд оташи тез бо ӯ ба кин.»

Бад-ӯ гуфт: «Найранг созӣ[6] ҳанӯз
Нагардад ҳаме пушти шӯхит кӯз.»

Ба эрониён гуфт шоҳи ҷавон:
«Аз ин бад, ки ӯ[7] сохт андар ниҳон,

Чӣ созам? Чӣ бошад мукофоти ин?»
Ҳама шоҳро хонданд офарин,

Ки подоши ин он ки беҷон шавад,
Зи бад кардани хеш пеҷон шавад.

Ба дижхим фармуд, к-«Инро ба кӯй
Зи дор андаровезу бартоб рӯй».

1. ИЛ – 569 нест.
2. ИЛ – бад-ӯ гуфт агар.
3. ИЛ – бошӣ диле.
4. Л – аз ғам.
5. Л – Ҳамон ҷодуи пок буд.
6. Л – дорӣ.
7. ИЛ – куҷо.

Чу Судобаро[1] рӯй баргоштанд,
Шабистон ҳама наъра бардоштанд.

Дили шоҳ Ковус пурдард шуд,
Ниҳон дошт, ранги рухаш зард шуд.[2]

Чу Судобаро хор бугзоштанд,
Ҳама анҷуман рӯй баргоштанд,[3]

Ҳаме гуфт бо дил, ки бар дасти шоҳ
Гар эдун, ки Судоба гардад табоҳ,

Ба фарҷоми кор ӯ пушаймон шавад,
Зи ман бинад ин ғам, чу печон шавад.

Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Дилро бад-ин кор ранҷа*[4] мадор.

Ба ман бахш Судобаро з-ин гуноҳ,
Пазирад магар панду ояд ба роҳ.»

Баҳона ҳаме ҷуст з-он кор шоҳ
Бад-он, то бубахшад гузашта гуноҳ.

Сиёвахшро гуфт: «Бахшидамат[5]
Аз он пас, ки бар ростӣ дидамат.»[6]

Сиёвуш бибӯсид тахти[7] падар,
Аз он тахт бархост, омад бадар.

Биёвард Судобаро боз ҷой,
Ба фармони шаҳ бурдаш андар сарой.[8]

1. И – Судобаро.
2. Дар «И» ва «Л» баъд аз б.580 б.584, 585 омадааст, ки ба мақсад наздиктар менамояд.
3. ИЛ – б. 581 нест.
4. М – ғамгин.
5. ИЛ – бахшидамаш.
6. ИЛ – хун рехтан дидамаш.
7. Л – дасти.
8. ИЛ – б. 589 нест.

Шабистон ҳама пеши Судоба боз
Давиданду бурданд як-як[1] намоз.

Бар ин гуна бигзашт як рӯзгор,
Бар ӯ гармтар шуд дили шаҳрёр.

Чунон шуд дилаш боз дар[2] меҳри ӯй,
Ки дида набардошт аз чеҳри ӯй.

Дигарбора бо шаҳрёри ҷаҳон
Ҳаме[3] ҷодуӣ сохт андар ниҳон

Бад-он, то шавад бо Сиёвуш[4] бад,
Бад-он сон, ки аз гавҳари бад сазад.

Зи гуфтори ӯ шоҳ шуд бадгумон
Накард эч бар кас падид аз ниҳон.

Ба ҷое ки коре чунин уфтод,
Хирад бояду донишу дину дод.[5]

Чунон чун бувад мардуми тарскор
Барояд ба коми дили мард кор.

Ба ҷое ки заҳр оганад рӯзгор,
Аз ӯ нӯш хира макун хостор.

Ту бо офариниш писанда[6] наӣ,
Машав тез, чун парваранда наӣ.

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр
Нахоҳад кушодан[7] ҳаме бар ту чеҳр.[8]

1. ИЛ – пешаш.
2. Л – пур.
3. И – яке.
4. Сиёвуш.
5. Л – род; И – дину дониш ба дод.
6. ИЛ – басанда.
7. И – кушудан.
8. Л – меҳр.

Яке*[1] достон зад бар*[2] ин раҳнамун,
Ки меҳре фузун нест аз меҳри хун.

Чу фарзанд шоиста омад падид,
Зи меҳри занон дил бибояд бурид.

Забон дигару дил-ш ҷои дигар,
Аз ӯ пой ёбӣ, ки ҷӯӣ ту сар.[3]

## ОГОҲӢ ЁФТАНИ КОВУС АЗ ОМАДАНИ АФРОСИЁБ

Ба мехр[4]-андарун буд шоҳи ҷаҳон,
Ки бишнид гуфтори корогаҳон,

Ки Афросиёб омаду сад ҳазор
Гузида зи туркон шумурда савор.

Дили шоҳ Ковус аз он танг шуд,
Ки аз базм ҷояш сӯи ҷанг шуд.

Яке анҷуман кард з-эрониён -
Касеро ки буд некхоҳи каён.[5]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Афросиёб
Зи боду зи оташ, зи хоку зи об

Ҳамоно ки Яздон накардаш сиришт,
Магар худ сипеҳраш дигаргуна кишт,

Ки чандон ба савганд паймон кунад,
Забонро ба хубӣ[6] гаравгон кунад,

Чу гирд оварад мардуми ҷангҷӯй[7]
Битобад зи паймону савганд рӯй.

1. М – Бад-ин.
2. М – Яке.
3. ИЛ – б. 602 нест.
4. И – шаҳр.
5. Л – Касе к-ӯ будӣ некхоҳи меҳон.
6. Л – ба хубӣ равонро.
7. Л – кинаҷуй.

Маро рафт бояд кунун[1] кинахоҳ,
Кунам рӯзи равшан бар ӯ-бар сиёҳ.

Магар гум кунам номи ӯ дар ҷаҳон
В-агарна чу тир аз камон ногаҳон

Сипаҳ созаду кори*[2] Эрон кунад,
Басе з-ин бару бум вайрон кунад.»

Бад-ӯ гуфт мӯбад «Чӣ бояд[3] сипоҳ,
Чу[4] худ рафт бояд ба овардгоҳ?

Чаро хоста дод бояд ба дод,
Дари ганҷ чандин чӣ бояд кушод?

Ду бор ин сари номвар гоҳи хеш
Супурдӣ ба тезӣ ба бадхоҳи хеш.

Кунун паҳлавони накӯ*[5] баргузин -
Сарафрози[6] ҷангу сазовори кин».

Чунин дод посух бад-эшон, ки «Ман
Набинам касеро аз ин[7] анҷуман,

Ки дорад пою тоби Афросиёб,
Маро рафт бояд чу киштӣ бар об.

Шумо боз гардед, то ман кунун
Ба ҷо оварам кор бо*[8] раҳнамун.»[9]

Сиёвуш аз он дил пурандеша кард,
Равонро аз андеша чун[10] беша кард.

---

1. ИЛ – Ҷуз аз ман набояд касе.
2. И – хоҳаду сози; Л – сози.
3. Л – ки чандин.
4. Л – ки.
5. М – Аз ин паҳлавонон яке.
6. Л – Сазовори.
7. Л – ҳаме кас бад-ин.
8. М – Бад-ин кор дилро.
9. И – Шумо бозгардед акнун ба бун,
   Бипечам яке дил бар ин раҳнамун.
10. Л – пур.

Ба дил гуфт, Ман созам ин размгоҳ
Ба чарбӣ*[1] бигӯям, бихоҳам зи шоҳ.

Магар, к-ам раҳоӣ диҳад додгар
Зи Судобаву[2] гуфтугӯи падар.

Ва дигар, к-аз ин кор ном оварам,
Чунин лашкареро ба дом оварам.»

Бишуд бо камар пеши Ковусшоҳ,
Бад-ӯ гуфт: «Ман дорам ин пойгоҳ,

Ки бо шоҳи Турон бичӯям набард,
Сари сарварон андарорам ба гард.»

Чунин буд рои ҷаҳонофарин,
Ки ӯ ҷон супорад ба Туронзамин.

Ба рою ба андешаи нобакор
Куҷо боз гардад бади рӯзгор,

Бад - ин кор ҳамдостон шуд падар,
Ки бандад бар ин кин Сиёвуш камар.

Аз ӯ шодмон гашту бинвохташ,
Ба наввӣ яке пойгаҳ сохташ.

Бад-ӯ гуфт «Ганҷу гуҳар пеши туст,
Ту гӯӣ сипаҳ сар ба сар пеши туст.[3]»

Гави пилтанро бари хеш хонд,
Басе достонҳои некӯ биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳамзӯри ту пил нест,
Ба монандаи дасти ту Нил нест.

1. М – хубӣ.
2. И – Судоваву.
3. ТПЗИЛ – Зи гуфтору кирдору аз офарин,
Ки хонданд бар ту зи Эронзамин*.
* Л – абар ту зи Туронзамин.

Зи гетӣ хунарманду хомуш туӣ,
Ки парвардгори Сиёвуш туӣ.

Чу оҳан бубандад ба кони гуҳар,
Кушода шавад, чун ту бастӣ камар.

Сиёвуш биёмад камар бар миён,
Сухан гуфт бо ман чу шери жиён.

Бихоҳад ҳаме ҷанги Афросиёб,
Ту бо ӯ бирав, рӯ аз ӯ барматоб.[1]

Чу бедор бошӣ ту, хоб оядам,
Чу ором гирӣ,*[2] шитоб оядам.

Ҷаҳон эмин аз тиру шамшери туст,
Сари моҳ бар чарх дар[3] зери туст.»

Таҳамтан бад-ӯ гуфт: «Ман бандаам,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, нигошандаам.[4]

Сиёвуш чу чашму*[5] равони ман аст,
Сари тоҷи ӯ осмони ман аст.»

Чу бишнид аз ӯ, офарин карду гуфт,
Ки «Бо ҷони покат хирад бод ҷуфт!»

## ЛАШКАР КАШИДАНИ СИЁВУШ

Баромад хурӯшидани бӯқу кӯс -
Биёмад сипаҳбад сарафроз[6] Тус.

Ба даргоҳ-бар анҷуман шуд сипоҳ,
Дари ганҷу динор бикшод шоҳ.

1. ТПЗ – Чӣ гӯӣ дар ин кор, некӯ бибин
Сиёвахш хоҳад ҳаме ҷуст кин.
2. М – ёби.
3. Л-бар.
4. Л – сарояндаам.
5. М – паноҳу.
6. И – сипаҳдор.

Зи шамшеру гурзу кулоҳу камар,
Ҳамон хӯду диръу синону сипар,

Ба ганҷе ки буд ҷомаи нобурид
Фиристод назди Сиёвуш калид,

Ки бар хону[1] бар хоста кадхудой[2]
Туӣ, соз кун, то чӣ ояд-т рой.

Гузин кард[3] аз он номдорон савор
Далерони ҷангӣ даҳу ду ҳазор.

Ҳам аз паҳлавӣ, порс, кучу балуҷ,[4]
Зи Гелони ҷангиву дашти Саруҷ.

Сипарвар пиёда даҳу ду ҳазор
Гузин кард шоҳ аз дари корзор.

Аз Эрон*[5] ҳар он кас, ки гавзода[6] буд,
Далеру хирадманду озода буд.

Ба болову соли Сиёвуш буданд,
Хирадманду бедору хомуш буданд.

Зи гурдони ҷангиву номварон
Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон.

Ҳамон панҷ мӯбад аз эрониён
Барафрохта ахтари ковиён.

Бифармуд, то ҷумла берун шуданд,
Зи паҳлӯ сӯи дашту ҳомун шуданд.

Ту гуфтӣ, ки андар замин ҷой нест,
Ки бар хоки ӯ наълро пой нест.

1. Л – ҷону.
2. Л – раҳнамой.
3. И – кун.
4. Л – Ҳама паҳлави Порсу кӯҳи Балуҷ.
5. Л – омода.
6. М – эшон.

Сар андар сипеҳр[1] ахтари ковиён
Чу моҳи дурахшанда андар миён.

Зи паҳлӯ бурун рафт Ковусшоҳ,
Яке тез баргашт гирди сипоҳ.

Сипаҳ дид ороста чун арӯс
Ба пилони ҷангиву овои кӯс.[2]

Яке*[3] офарин кард пурмоя кай,
Ки «Эй номдорони фархундапай!

Мабодо ба ҷуз бахт ҳамроҳатон,
Шуда тира дидори бадхоҳатон!

Ба некахтару тандурустӣ шудан
Ба пирӯзиву шод боз омадан!»

В-аз он ҷойгаҳ*[4] кӯс бар пил баст,
Ба гурдон бифармуд, худ барнишаст.

Ду дида пур аз об Ковусшоҳ
Ҳаме буд[5] якрӯза бо ӯ ба роҳ.

Саранҷом мар якдигарро канор
Гирифтанд ҳар ду[6] чу абри баҳор,

Зи дида ҳаме хун фурӯ рехтанд,
Ба зорӣ хурӯше барангехтанд.

Гувоҳӣ ҳаме дод дил дар*[7] шудан,
Ки дидор аз ин пас нахоҳад будан.

Чунин аст кирдори гарданда даҳр,
Гаҳе нӯш бор оварад, гоҳ заҳр.

1. Л – Саросар сипаҳ.
2. ИЛ – б. 660 нест.
3. М – Басе.
4. М – Сипаҳдори нав.
5. Л – Ҳамерафт.
6. И – Гирифтан, гиристан.
7. М – бар.

Сӯи гоҳ бинҳод Ковус рӯй,
Сиёвахш бо лашкари ҷангҷуй.

Аз Эрон*[1] сӯи Зобулистон кашид,
Або пилтан сӯи Дастон кашид.

Ҳаме буд якчанд*[2] бо руду май
Ба наздики Дастони фархундапай.

Гаҳе бо Таҳамтан будӣ май ба даст,
Гаҳе бо Завора гузидӣ нишаст.

Гаҳе шод бар тахти Дастон будӣ,
Гаҳе дар шикори наистон будӣ.

Чу як моҳ бугзашт, лашкар биронд,
Гави пилтан рафту Дастон бимонд.

Зи Зобул, ҳам аз Кобулу ҳиндувон
Сипоҳе бирафтанд бо паҳлавон.

Зи ҳар сӯ, ки буд номвар меҳтаре,
Бихонду биёмад ба дашти*[3] Ҳарӣ.

Аз эшон пиёда фаровон бибурд,
Ба раҳ Зангаи Шоваронро супурд.

Сӯи Толиқон омаду Марврӯд,
Сипеҳраш ҳаме дод, гуфтӣ, дуруд.

В-аз он пас биёмад ба наздики Балх,
Наёзурд касро ба гуфтори талх.[4]

В-аз он сӯй Гарсевазу Бормон
Кашиданд лашкар чу боди дамон.

Сипаҳрам пасу Бормон пешрав,
Хабар шуд бад-эшон зи солори нав,

1. М – Сипаҳро.
2. М – Як моҳ.
3. М – шаҳри.
4. И – б. 680 нест.

Ки омад зи Эрон сипоҳе гарон[1]
Ҳама номдорону кундоварон.[2]

Наванде барафканд ҳангоми хоб
Сипаҳбад ба наздики Афросиёб,[3]

Ки омад диловар сипоҳе гарон[4]
Сипаҳбад Сиёвахшу бо вай[5] сарон.

Сипаҳкаш чу Рустам гави пилтан,
Ба як даст ханҷар, ба дигар кафан.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Сипаҳ барнишонам, кунам корзор.[6]

Ту лашкар биёрою чандин[7] мапой,
Ки аз бод оташ[8] биҷубад зи ҷой.

Барангехт бар сони оташ ҳаюн,
К-аз он сон сухан дошт бо раҳнамун.[9]

Сиёвуш бад-он*[10] ҷойгаҳ ҳам намонд,
Сӯи Балх чун бод лашкар биронд.

Чу танг андаромад аз Эронсипоҳ,
Ба посух нашоист кардан нигоҳ.

Нигаҳ кард Гарсевази ҷангҷӯй,
Ҷуз аз ҷанг ҷустан надид эч рӯй.

---

1. ИЛМ – Ки омад сипоҳеву шоҳи ҷавон.
2. Л – Аз Эрон гави пилтан дар миён; И – Аз Эрон гави номвар паҳлавон.
3. ИЛМ – Ҳаюне ба наздики Афросиёб
   Барафканд бар сони киштӣ бар об.
4. ИЛ – сипоҳе зи Эрон.
5. ИЛ – ӯ.
6. ИЛ – б. 687 нест.
7. Л – чанде.
8. ЛМ – киштӣ.
9. ТПЗИ – Хабар чун ба наздики Турон расид,
   Мар он бандро сохта шуд калид.
10. М – дар он.

Чу Эронсипоҳ андаромад ба танг,
Ба дарвозаи Балх бархост[1] ҷанг.

Ду ҷанги гарон карда шуд дар се[2] рӯз,
Чаҳорум Сиёвахши[3] лашкарфурӯз[4]*[5]

696 Пиёда фиристод бар ҳар даре,
Ба Балх андаромад гарон лашкаре.

Гурезон Сипаҳрам аз он рӯи об,
Бишуд бо сипаҳ назди Афросиёб.

## НОМАИ СИЁВУШ БА КОВУС

Сиёвуш чу дар Балх шуд бо сипоҳ,
Яке нома фармуд наздики шоҳ.

Навиштанд нома ба мушку абир,
Чунон чун сазовор буд бар ҳарир.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,[6]
К-аз ӯяст[7] фирӯзу беҳ рӯзгор.[8]

700 Худованди хуршеду гарданда моҳ,
Фарозандаи*[9] тоҷу тахту кулоҳ.

Касеро ки хоҳад, барорад баланд,
Дигарро[10] кунад сӯгвору[11] нажанд.

Чаро на ба фармони ӯ-дар, на чун
Хирад кард бояд бад-ин раҳнамун.

1. ИЛ – барсохт.
2. Л – ду.
3. И – Шамосос.
4. Л – Биёмад Шамососи гетифурӯз.
5. М – гетифурӯз.
6. Л – додгар.
7. И –гашт.
8. Л – нерую фарру хунар.
9. М – фурӯзандаи.
10. И – Касеро.
11. Л – Якеро кунад сарфарозу.

Аз он додгар, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Або ошкоро ниҳон офарид,

Ҳама*[1] офарин бод бар шаҳрёр,
Ҳама некуӣ бод фарҷоми кор!

Ба Балх омадам шоду пирӯзбахт
Ба фарри ҷаҳондори ботоҷу тахт.[2]

Се рӯз андар он ҷанг шуд рӯзгор
Чаҳорум бубахшуд парвардгор.

Сипаҳрам ба Тирмид шуду Бормон
Ба кирдори новак биҷаст аз камон.

Кунун то ба Ҷайхун сипоҳи ман аст,
Ҷаҳон зери фарри[3] кулоҳи ман аст.

Ба Суғд аст бо лашкар Афросиёб,
Сипоҳу сипаҳбад ба ин рӯи об.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Сипаҳ бугзаронам, кунам корзор.

## ПОСУХИ НОМАИ СИЁВУШ АЗ КАЙКОВУС

Чу нома бари шоҳи Эрон расид,
Сари тоҷу тахташ ба кайвон расид.

Ба Яздон паноҳид, аз ӯ ҷуст бахт,
Бад-он то ба бор ояд он навдарахт.

Ба шодӣ яке нома посух навишт
Чу равшанбаҳору*[4] чу хуррамбиҳишт,

Ки аз офаринандаи хуру моҳ,
Ҷаҳондору бахшандаи тоҷу гоҳ

1. М – ҳаме.
2. И – пирӯзтахт.
3. Л – парри.
4. М – тозабаҳору.

Туро ҷовидон шодмон бод дил,
Зи дарду зи ғам гашта озод дил!

Ҳамеша ба пирӯзиву фарраҳӣ
Кулоҳи бузургиву тоҷи меҳӣ.[1]

Сипаҳ бурдиву ҷангро[2] хостӣ,
Ки будат сари бахту ҳам*[3] ростӣ.

Ҳаме аз лабат шир бӯяд ҳанӯз,
Ки зад бар камони ту аз ҷанг туз.

Ҳамеша ҳунарманд бодо танат,
Расида ба ком он дили равшанат!

Аз он пас, ки пирӯз гаштӣ ба ҷанг,
Ба кор-андарун кард бояд диранг.

Набояд пароканда кардан сипоҳ,
Бипаймой роҳу биёрой гоҳ,

Ки он турк бадпешаву риман аст,
Ки ҳам баднажод асту Аҳриман аст.

Ҳамон бокулоҳ асту бодастгоҳ,
Ҳам ӯ сар барорад ба хуршеду моҳ.

Макун ҳеч бар ҷанг ҷустан шитоб,
Ба ҷанги ту худ ояд Афросиёб.

Гар эдун, ки з-ин рӯи Ҷайҳун кашад,
Ҳаме[4] домани хеш дар хун кашад.

Ниҳод аз бари нома-бар мӯҳри хеш,
Ҳам он гаҳ фиристодаро хонд пеш.

1. Л – бузургӣ ба сар барниҳӣ.
2. ИЛ – ҷанг худ.
3. М – бахту ҳунар дориву.
4. Л- Ҳамон.

Бад-ӯ дод фармуд, то гашт боз,
Ҳаме тохт[1] андар нишебу фароз.

Фиристода назди Сиёвуш расид,
Чу он номаи шоҳи Эрон бидид,

Заминро бибӯсиду дил шод кард,*[2]
Зи банди ғамон пас дил озод кард.[3]*[4]

Нигаҳ дошт бедор фармони ӯ,[5]
Напечид дилро зи паймони ӯ.[6]

В-аз он пас чу Гарсевази шермард
Биёмад бари шоҳи Турон чу гард,

Бигуфт он суханҳои нопоки[7] талх,
Ки омад сипаҳбад Сиёвуш ба Балх.

Сипаҳкаш чу Рустам, сипаҳ бекарон,
Басе номдорону ҷанговарон.

Ба ҳар як зи мо буд панҷоҳ беш,
Сарафроз бо гурзаи говмеш.

Пиёда ба кирдори оташ буданд,
Сипардору бо тиру таркаш буданд.

Напаррид бар гирди эшон уқоб,
Якеро сар андарнаёмад ба хоб.

1. И – Ҳамегашт.
2. М – кард шод.
3. ИЛ – Ба нома-дарун номи шаҳ ёд кард:
ТПЗ – Аз он номаи шоҳ дил кард шод,
Ба нома дарун номи шаҳ кард ёд.
Л – б. б. 729 ин б. омада:
Аз он номаи шоҳ чун гашт шод,
Бихандиду нома ба сар барниҳод.
4. М – Бихандиду нома ба сар барниҳод.
5. ЛИ – Нигаҳ дошташ ҳукму фармони ӯй.
6. ЛИ – ӯй
7. ИЛ – нопоку.

Се рӯзу се шаб буд ҳам з-ин нишон,
Ғамӣ шуд дил марду*[1] гарданкашон.

В-аз эшон касеро ки хоб омадӣ,
Зи ҷанги далерон шитоб омадӣ,

Бихуфтиву осуда бархостӣ,
Ба наввӣ яке ҷанг оростӣ,[2]

Барошуфт чун оташ Афросиёб,
Бупечид аз ҷои[3] ораму хоб.

Ба Гарсеваз андар чунон бингарид,
Ки гуфтӣ[4] миёнаш бихоҳад бурид.

Яке бонг барзад, бирондаш зи пеш,
Тавоно набуд ӯ бар он[5] хасми хеш.

Бифармуд, к-аз номдорон ҳазор
Бихонанду аз базм созанд кор.

Саросар ҳама дашт озин ниҳанд,
Ба Суғд-андар ороиши Чин ниҳанд.

Бар эшон ба шодӣ гузар кард рӯз,
Чу аз чашм шуд чашми[6] гетифурӯз,

Ба хобу ба оромиш омад шитоб,
Биғалтид бар ҷома Афросиёб.[7]

## ХОБ ДИДАНИ АФРОСИЁБ ВА ТАРСИДАН

Чу як баҳра бугзашт аз тирашаб
Чунон чун касе, к-он биларзад ба таб,[8]

1. М – тану аспи.
2. ИЛ – Зи нав боз ҷанге биёростӣ.
3. Ки чандин чӣ гӯӣ, зи; ИМ – Ки чанде чӣ гӯӣ зи.
4. И – гӯӣ.
5. Л – Куҷо хост рондан бар ӯ.
6. Л – дур.
7. ИЛ – ҷон орому хоб.
8. Л – роз гӯяд ба лаб. И – роз ҷӯяд ба лаб.

Хурӯше баромад зи Афросиёб,
Биларзид бар ҷои орому хоб.[1]

Парастандагон тез бархостанд,
Ба ҳар сӯ яке[2] ғул-ғул оростанд.

Чу омад ба Гарсеваз ин огаҳӣ,
Ки шуд тира оини*[3] шоҳаншаҳӣ,

Ба тезӣ биёмад ба наздики[4] шоҳ,
Варо дид хуфта бар он хоки роҳ.

Ба дар бар гирифташ, бипурсид аз ӯй,
Ки «Ин достон бо бародар бигӯй».

Чунин дод посух, ки «Пурсиш макун,
Магӯй ин замон эч[5] бо ман сухун.

Бад-он то хирад боз ёбам яке,
Ба бар гиру сахтам бигир андаке.»

Замоне баромад, чу омад ба ҳуш,
Ҷаҳон дид[6] бо нолаву бо хурӯш.

Ниҳоданд шамъу баромад ба тахт,
Ҳаме буд ларзон чу шохи[7] дарахт.

Бипурсид Гарсевази номҷӯй,
Ки «Букшой лаб, ин шигифтӣ бигӯй».

Чунон гуфт пурмоя[8] Афросиёб,
Ки "Ҳаргиз касе ин набинад ба хоб.

---

1. ТПЗ – Фиканд аз сари тахт худро ба хок,
Баромад зи ҷон-ш оташи саҳмнок.
2. Л – низ; И-ҷумла.
3. М – тира шуд он тахти.
4. ЛМ – хурӯшидану; И – Ҳаросон ҳама
5. ИЛ — андар ин вақт.
6. Л –дида.
7. ЛМ –ба сони.
8. Л –Ба посух чунин гуфт.

Чунон чун*[1] шаби тира ман дидаам,
Зи пиру ҷавон низ нашнидаам.

Биёбон пур аз мор[2] дидам ба хоб,
Замин[3] пур зи гард, осмон пуруқоб.

Замин хушк, шаххе,[4] ки гуфтӣ сипеҳр
Бад-он то ҷаҳон буд, нанмуд чеҳр.

Саропардаи ман зада бар карон,
Ба гирдаш сипоҳе зи кундоварон.

Яке бод бархостӣ пур зи гард,
Дурафши маро сар нагунсор кард.

Бирафтӣ зи ҳар сӯ яке рӯди хун,
Саропардаву хайма гаштӣ нагун.

В-аз ин лашкари ман фузун аз шумор[5]
Бурида сарону тан афканда хор.

Сипоҳе аз Эрон чу боди дамон,
Чи найза ба дасту чи тиру камон.

Ҳама найзаҳошон сар оварда бор,
В-аз он ҳар саворе саре дар канор.

Бари тахти ман тохтандӣ савор,
Сияҳпӯшу найзаварон сад ҳазор.

Барангехтандам[6] зи ҷои нишаст,
Ҳаме тохтандӣ маро[7] бастадаст.

Нигаҳ кардаме нек ҳар сӯ басе
Зи пайваста пешам набудӣ касе.

1. М –кучҷо дар.
2. ИЛ – гард.
3. ИЛ –Ҷаҳон.
4. Л – хушку шахе.
5. ИЛ – чу сесад ҳазор.
6. ИЛ – Барангехтандӣ.
7. ИЛ –Маро тохтандӣ ҳама.

Маро пеши Ковус бурдӣ дамон*[1]
Яке бодсар номвар паҳлавон.

Яке тахт будӣ, сараш назди моҳ,
Нишаста бар он гурд Ковусшоҳ.

Ҷавоне ду рухсора монанди моҳ
Нишаста будӣ назди*[2] Ковусшоҳ.

Ду ҳафта-ш набудӣ ҳаме[3] сол беш,
Чу дидӣ маро баста дар пеши хеш,

Дамидӣ ба кирдори ғурранда меғ,
Миёнам ба ду ним кардӣ[4] ба теғ.

Хурӯшидаме ман фаровон зи дард,
Маро нолаву дард бедор кард.»

Бад-ӯ гуфт Гарсеваз: «Ин хоби шоҳ
Набошад ба ҷуз[5] комаи некхоҳ.

Ҳаме коми дил бошаду тоҷу тахт,
Нагун гашта бар бадсиголи ту бахт.

Гузорандаи хоб бояд касе,
К-аз ин дониш андеша дорад[6] басе.

Бихонем бедордил мӯбадон
Зи ахтаршиносону аз бихрадон.»

## ПУРСИДАНИ АФРОСИЁБ МӮБАДОНРО АЗ ХОБ

Касоне, к-аз ин дониш огаҳ буданд,
Пароканда ё бар дари шаҳ буданд,

1. М –давон.
2. М –ба наздикӣ.
3. Л –ҳафта набудӣ варо.; И –магар.
4. Л –нима карда.
5. И –ҷуз аз.
6. И –андоза орад; Л –орад.

Шуданд анҷуман бар дари шаҳрёр,
Бад-он то чаро кардашон хостор.

Бихонду сазовор биншонд пеш,
Сухан ронд бо ҳар як аз камму беш.

Чунин гуфт бо номвар мӯбадон,
Ба ахтаршиносону ҳам[1] бихрадон,

Ки*[2] «Ин хобу гуфтори[3] ман дар ҷаҳон
Касе нашнавад[4] ошкору ниҳон.

Якеро[5] намонам сару тан ба ҳам
Агар з-ин сухан бар лаб оранд дам».

Бубахшидашон бекарон зарру сим
Бад-он, то набошад касе з-ӯ ба бим.

В-аз он пас бигуфт, он чи дар хоб дид,
Чу мӯбад зи шоҳ он суханҳо шунид,

Битарсид в-аз шоҳ зинҳор хост,
Ки «Ин хоб гуфтан наёрем[6] рост.

Магар шоҳ бо банда паймон кунад,
Забонро ба посух гаравгон кунад,

К-аз ин дар сухан ҳар чи дорем ёд,
Кушоем бар шоҳу ёбем дод.»

Ба зинҳор додан забон дод шоҳ,
К-аз он бад аз эшон набинад гуноҳ.

Забоноваре буд бисёрмағз,
Ки ӯ баркушодӣ суханҳои нағз.

---

1. Л –Ки, эй покдил, некпай; И –некхӯ.
2. М –К-аз.
3. ИЛ –К-аз ин хобу гуфтор.
4. ИЛ –ЗИ кас нашнавам.
5. ИМ – Касеро.
6. –хобро кай тавон гуфт.

Чунин гуфт, к-«Эй подшоҳи ҷаҳон,
Кунам ошкоро ба ту-бар ниҳон.

Ба бедорӣ*[1] акнун сипоҳи гарон
Аз Эрон биёяд,*[2] диловар сарон.

Яке[3] шоҳзода ба пеш - андарун,
Ҷаҳондида бо ӯ басе раҳнамун,

Ки бар толиаш-бар касе нест шоҳ,
Кунад буму барро ба мо-бар табоҳ.

Агар бо Сиёвуш кунад шоҳ ҷанг,
Чу деба[4] шавад рӯи гетӣ ба ранг.

Зи туркон намонад касеро ба гоҳ,
Ғамӣ гардад аз ҷанги ӯ подшоҳ.

В-агар ӯ шавад кушта бар дасти шоҳ
Ба Турон намонад сару тахту гоҳ.[5]

Саросар пурошӯб гардад замин
Зи баҳри Сиёвуш ба ҷангу ба кин.

Бад-он гоҳ ёд оядат ростӣ,
Ки вайрон шавад кишвар аз костӣ.[6]

Ҷаҳондор гар мурғ гардад ба пар,
Бар*[7] ин чархи гардон наёбад гузар.

Бар ин сон гузар кард хоҳад сипеҳр
Гаҳе пур зи хашму гаҳе пур зи меҳр.»

Ғамӣ шуд, чу бишнид Афросиёб,
Накард эч[8] бар ҷанг ҷустан шитоб.

1. М –чунон дон, ки.
2. М –Биронанд аз Эрон.
3. И –Ҳаме.
4. Л –дуда.
5. И –б. 798-800 нест.
6. Л –Ки пайдо шавад кажживу костӣ.
7. М –Аз.
8. И –он чи.

Ба Гарсеваз[1] он розҳо баркушод,
Нуҳуфта суханҳо ҳаме кард*[2] ёд,

Ки гар ман ба ҷанги Сиёвуш сипоҳ[3]
Наронам, наёяд касе кинахоҳ.

На ӯ кушта ояд ба ҷангу на ман,
Баросояд аз шарру[4] шӯр[5] анҷуман.

На Ковус хоҳад зи ман низ кин
Нагардад пурошӯб яксар*[6] замин.[7]

Ба ҷои ҷаҳон ҷустану корзор
Мабодам ба ҷуз оштӣ[8] ҳеч кор.

Фиристам ба наздики ӯ симу зар,
Ҳам аз тоҷу тахту фаровон гуҳар.

Манучеҳр гетӣ набахшид[9] рост,
Ҳамон[10] баҳраи хештан кам бихост.

Замине ки бахшида будам зи пеш,
Аз он низ кӯтаҳ кунам дасти хеш[11].

Магар, к-ин балоҳо зи ман бугзарад,
Ки тарсам равонам фурӯ пажмурад.

Чу чашми замона[12] бидӯзам ба ганҷ,
Сазад, гар сипеҳрам надорад ба ранҷ.

---

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. М –бар ӯ кард.
3. И –Сиёвахшшоҳ.
4. И –ҷангу.
5. Мул Мул - М –На ошӯб гирад саросар.
6. ЛМ –аз гуфтугӯ.
7. Л –На ошӯб гардад саросар замин.
8. И –наёрам ҷуз аз ростӣ.
9. ИЛ –бибахшид.
10. Л –Ҳам ӯ.
11. ТПЗИ – Супорам ба Эрониён сар ба сар,
    Набошад бар ин бум моро гузар.
12. И –баҳона.

Нахоҳам замона ҷуз он, к-ӯ бихишт,[1]
Чунон руст бояд,[2] ки гардун[3] бикишт.

## РОЙ ЗАДАНИ АФРОСИЁБ БО МЕҲТАРОН

Чу бугзашт ниме зи гардонсипеҳр,
Дурахшанда хуршед бинмуд чехр,

Бузургон ба даргоҳи шоҳ омаданд,
Парастандаву бокулоҳ омаданд.

Яке анҷуман сохт аз[4] бихрадон,
Ҳушивору корозмуда сарон.[5*6]

Бад-эшон чунин гуфт, к-«Аз рӯзгор
Набинам ҳаме бар ҷуз аз корзор.

Басе номдорон, ки бар дасти ман
Табаҳ шуд ба ҷанг-андарун анҷуман.

Басо шорсон гашт беморсон,
Басо гулситон низ шуд хорсон.

Басе роҳ,[7] к-он размгоҳи ман аст,
Ба ҳар сӯ нишони сипоҳи ман аст.

Зи бедодии подшоҳи[8] ҷаҳон
Ҳама некуиҳо шавад дар[9] ниҳон.

Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
Шавад баччаи бозро дида кӯр.

Бибуррад зи пистони нахчир шир,
Шавад об дар чашмаи хеш қир.

---

1. ЛМ –навишт.
2. Л –Яздон.
3. И –хоҳад.
4. ИЛ –бо.
5. ИЛ –радон.
6. М –бедордил мӯбадон.
7. ИЛ –боғ.
8. ИЛМ, Ж – шаҳрёри.
9. И –шуд андар.

Шавад дар ҷаҳон чашмаи об хушк,
Надорад ба нофа-дарун бӯй мушк.

Зи кажжӣ гурезон шавад ростӣ,
Падид[1] ояд аз ҳар сӯе костӣ.

Маро сер шуд дил зи ҷангу бадӣ,
Ҳаме ҷуст хоҳам раҳи эзадӣ.

Кунун донишу дод боз оварем,
Ба ҷои ғаму ранҷ ноз[2] оварем.

Баросояд аз мо замоне ҷаҳон,
Набояд, ки марг ояд аз ногаҳон.

Ду баҳра ҷаҳон зери пои ман аст,
Ба[3] Эрону Турон сарои ман аст.

Нигаҳ кун, ки чандин зи кундоварон
Биёранд ҳар сол божи гарон.

Гар эдун, ки бошед ҳамдостон,
Ба Рустам фиристам яке достон.

Дари оштӣ бо Сиёвахш[4] низ
Бикӯбам,[5] фиристам зи ҳар гуна чиз.»

Сарон як ба як[6] посух оростанд,
Ҳама хубиву оштӣ хостанд,

Ки «Ту шаҳрёриву мо чун раҳӣ,
Бар он дил ниҳода, ки фармон диҳӣ.»

Ҳама боз гаштанд сар пур зи дод,
Наёмад касеро ғаму ранҷ ёд.

---

1. И – Ҳамон.
2. И –ранҷу оз.
3. И –дар.
4. Л –Сиёвуш.
5. ИЛ – Биҷӯям.
6. И –саросар ҳама.

Ба Гарсеваз[1] он гаҳ чунин гуфт шоҳ,
Ки «Бипсеч кору бупаймой роҳ.

Ба зудӣ бисозу ба раҳ-бар маист,
Зи лашкар гузин кун саворе дувист.

Ба назди Сиёвахш[2] бар[3] хоста,
Зи ҳар чиз ганҷе биёроста.

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём.

Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор,
Зи густарданӣ сад шутурвор бор.

Ғулому канизак бубар ҳам дувист,
Бигӯяш, ки бо ту маро ҷанг нест.

Бипурсаш фаровону бо ӯ бигӯй,
Ки мо сӯи Эрон накардем рӯй.

Зи Чин то[4] лаби рӯди Ҷайҳун мarост,
Ба Суғдему ин подшоҳӣ ҷудост.

Ҳамон аст, к-аз Туру Салми далер
Забар шуд ҷаҳон, он куҷо буд зер.

Зи Эраҷ, ки бар бегунаҳ кушта шуд,
Зи мағзи далерон хирад гашта шуд.

Зи Эрону Турон ҷудоӣ набуд,
Ки бо ҷангу кин ошноӣ набуд.

Зи Яздон бар он гуна дорам умед,
Ки овард рӯзи хирому[5] навид.

Барангехт аз шаҳри Эрон туро,
Кунад меҳрбон бар далерон туро.

1. ИЛ –гаршеваз.
2. ИЛ –Сиёвуш.
3. И –бар он.
4. ЛМ –Замин.
5. Л –аз ӯ рӯзи хуррам.

Ба бахти ту ором гирад ҷаҳон,
Шавад ҷангу нохубӣ андар ниҳон.

Чу Гарсеваз[1] ояд[2] ба наздики ту
Биёрояд он рои борики ту.

Чунон чун ба гоҳи Фаридуни гурд,
Ки гетӣ ба бахшиш ба гурдон[3] супурд,[4]

Бубахшему он рой[5] боз оварем,
Зи ҷангу зи кин пой боз оварем.

Ту шоҳиву бо шоҳи Эрон бигӯй,
Магар нарм гардад сари ҷангҷӯй.

Суханҳои некӯ або[6] пилтан
Бигӯву[7] басе достонҳо бизан.[8]

Ба наздики ӯ ҳамчунон хоста
Бубар, то шавад кор[9] ороста.

Ҷуз аз тахти заррин, ки ӯ шоҳ нест,
Тани паҳлавон аз дари гоҳ нест».

## ОМАДАНИ ГАРСЕВАЗ НАЗДИ СИЁВУШ

Биёвард Гарсеваз он хоста,
Ки рӯи замин з-он шуд ороста.

Дамон то лаби рӯди Ҷайҳун расид,
Зи гурдон[10] фиристодае баргузид.

---

1. Ж - ИЛ –Чу Гарсеваз.
2. И –омад.
3. И –фаровон.
4. И –б. б. 854 ин. б. омада:
   Зи гурдон, ки Рустам бидонад ҳаме,
   Куҷо номашон бар ту хонад ҳаме.
5. Л –ин.
6. ИЛ –Суханҳо ҳамегӯй бо.
7. ИЛ –Ба хубӣ.
8. ТПЗ - Бар ин ҳам нишон назди Рустам ғулом,
   Парастандаву аспи зарринситом.
9. Л –корат.
10. ИЛ –лашкар.

Бад-он то расонад ба шоҳ огаҳӣ,
Ки Гарсеваз[1] омад або фарраҳӣ.

Ба киштӣ ба як рӯз бугзошт об,
Биёмад сӯи Балх ҳам даршитоб.

Фиристода омад ба наздики шоҳ,
Бигуфташ, ки Гарсеваз омад зи роҳ.[2]

Сиёвуш гави пилтанро бихонд,
В-аз ин достон чанд гуна биронд.

Чу Гарсеваз[3] омад ба наздики[4] шоҳ,
Бифармуд, то баркушуданд роҳ.[5]

Сиёвуш варо диду бар пой хост,
Бихандид бисёру пӯзиш бихост.

Бибӯсид Гарсеваз аз дур хок,
Рухаш пур зи шарму дилаш пур зи бок.

Сиёвахш биншондаш[6] зери тахт,
Зи Афросиёбаш бипурсид сахт.

Чу биншаст Гарсевазу гоҳи нав
Бидиду сару афсару шоҳи[7] нав,

Ба Рустам чунин гуфт, к-«Афросиёб
Чу аз ту хабар ёфт, андар шитоб

Яке ёдгоре ба наздики шоҳ
Фиристода будаст бо ман ба роҳ.»[8]

---

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. Л –Бидодаш хабар з-он гави некхоҳ.
3. Л –Гаршеваз.
4. Л – даргоҳи.
5. И – Чу Гаршеваз аз дур дида ба шоҳ,
Пиёда шуд аз аспу паймуд роҳ.
6. Л –Сиёвуш биншохташ.
7. Л –Бидид он сару афсари моҳи.
8. Л –Фиристод бо ман ҳам акнун ба роҳ.

Бифармуд, то ҳадя бардоштанд,
Ба пеши Сиёвахш бугзоштанд.[1]

Зи дарвозаи шаҳр то боргоҳ
Дирам буду аспу ғуломи сипоҳ.[2]

Кас андоза нашнохт онро, ки чанд
Зи динору аз тоҷу тахти баланд.

Ғуломон ҳама бокулоҳу камар,
Парастанда бо ёраву тавқи зар[3].

Писанд омадаш сахту букшод рӯй,
Нигаҳ карду бишнид гуфтори[4] ӯй.

Таҳамтан бад-ӯ гуфт: «Як ҳафта шод
Бибошем, то посух орем ёд.

Бад-ин хоҳиш андеша бояд басе
Ҳамон низ[5] пурсидан аз ҳар касе.

Чу бишнид Гарсевази[6] пешбин,
Заминро бибӯсиду кард офарин.[7]

Яке хона ӯро биёростанд
Ба дебову холигарон хостанд.

Сиёвахш бо Рустами пилтан
Бирафтанд дур аз бари анҷуман.[8]

---

1. Л –Сиёвуш бигмоштанд.
2. Л –кулоҳ.
3. Л –б. б. 876 ин б. омада:
   Яке ёдгоре зи наздики шоҳ
   Зи баҳри ту, эй паҳлавони сипоҳ.
4. ИЛ –пайғоми.
5. И –боз.
6. ИЛ – Гаршевази.
7. Л –б. б. 880 ин. Б. омада:
   Чу огаҳ шуд аз он ҳама гуфтугӯй,
   Бимолид бар тахти ӯ рӯю мӯй;
   И – Чу огоҳ гашт аз ҳама гуфтугӯй,
   Бимолид бар тахти ӯ чашму рӯй.
8. ИЛ –б. 882 нест.

Нишастанд бедор ҳар ду ба ҳам,
Сиголиш гирифтанд бар бешу кам.

Аз он кор шуд[1] пилтан бадгумон,
К-аз он гуна Гарсеваз[2] омад дамон.[3]

Талоя ба ҳар сӯ бурун тохтанд,
Чунон чун бибоист, пардохтанд[4].

Сиёвуш зи Рустам бипурсиду гуфт,
Ки «Ин роз берун кашем*[5] аз нуҳуфт,

Ки ин оштӣ ҷустан аз баҳри чист,
Нигаҳ кун, ки тарёки ин заҳр чист?

Зи пайвастаи хун ба наздики ӯй,
Бубин, то кадоманд сад номҷӯй.

Гаравгон фиристад ба наздики мо,
Кунад равшан ин рои[6] торики мо

Набинӣ, ки аз мо ғамӣ шуд зи бим,
Ҳаме табл кӯбад ба зери гилем.

Чу ин карда бошем, наздики шоҳ
Фиристода бояд яке некхоҳ.

Барад назди ӯ з-ин сухан[7] огаҳӣ,
Магар мағзи ӯ ояд аз кин тиҳӣ.

Чунин гуфт Рустам, ки «Ин аст рой,
Ҷуз ин рӯи паймон наёяд ба ҷой».

---

1. Л –буд.
2. Л –Гаршеваз.
3. И –К-аз он рӯй Гаршеваз омад давон.
4. И –Ҷаҳон чун, бибоист, барсохтанд; И –баъд аз б. 885 ин б. омада:
   Нишастанд бедор ҳар ду ба шаб,
   Ба гуфторҳо баркушоданд лаб.
5. М –кунем.
6. И –ҷони.
7. И –низ наздики ӯ.

## ПАЙМОН КАРДАНИ СИЁВУШ БО АФРОСИЁБ

Ба шабгир Гарсеваз омад ба дар
Ба сар-бар кулоҳу бубаста*[1] камар.[2]

895 Биёмад ба пеши Сиёвуш, замин
Бибӯсиду бар шоҳ кард офарин.

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Чун буд дӯш,
Зи лашкаргаҳи гашну чандин хурӯш?»

В-аз он пас чунин гуфт, к-«Аз кори[3] ту
Пурандеша будам зи гуфтори[4] ту.

Кунун рои ҳар ду бад-он шуд дуруст,
Ки аз кин ҳаме дил[5] бихоҳем шуст.

Ту посух фиристӣ ба Афросиёб,
Ки аз кин тиҳӣ кун сар андар шитоб.

900 Касе к-ӯ набинад саранҷом бад,
Зи кирдори бад бозгаштан сазад.

Диле к-аз хирад гардад ороста,
Чу ганҷе бувад пурзару[6]*[7] хоста.

Агар зери нӯш-андарун заҳр нест,
Дилатро зи ранҷу зиён баҳр нест.

Чу паймон ҳаме дошт хоҳӣ*[8] дуруст,[9]
Тани сад,[10] ки пайвастаи хуни туст,

Зи гурдон, ки Рустам бидонад ҳаме,
Куҷо номашон бар ту хонад ҳаме,

1. М –Чунон чун сазад бо.
2. Л –Чунон чун бувад бо кулоҳу қамар.
3. ИЛ –рои.
4. Ил –аз он ҷон.
5. ЛМ –кина дилҳо.
6. Л –Яке ганҷ гардад пур аз.
7. М –Яке ганҷ бошад пур аз хоста.
8. М –кард хоҳӣ.
9. Л –ҳамекард хоҳӣ нахуст.
10. Л –касоне.

Бари ман фиристӣ ба расми наво,
Ки бошад ба гуфтори ту-бар[1] гуво.

Ва дигар аз Эронзамин ҳар чӣ ҳаст
Ки он шаҳрҳоро ту дорӣ ба даст,

Бипардозиву худ ба Турон шавӣ,
Зи ҷангу зи киноварон биғнавӣ.[2]

Набошад ҷуз аз ростӣ дар миён,*[3]
Набояд будан чун паланги жиён,*[4]

Фиристам яке нома наздики шоҳ,
Магар б-оштӣ[5] боз хонад сипоҳ.»

Барафканд Гарсеваз[6] андар замон
Саворе ба кирдори[7] боди дамон.

Бад-ӯ гуфт: «Хира манеҳ сар ба хоб
Бирав тозиён назди Афросиёб.

Бигӯяш, ки ман тез биштофтам,
Кунун ҳар чи ҷустам,[8] ҳама ёфтам.

Гаравгон ҳаме хоҳад[9] аз шаҳрёр
Чу хоҳӣ, ки баргардад аз корзор.»[10]

Фиристода омад, бидодаш паём
Зи шоҳу зи Гарсевази[11] некном.

---

1. Л –ту пур.
2. ЛМ –Замоне зи ҷангу зи кин биғнавӣ.
3. М –ҷаҳон.
4. М –Ба кина набандем як тан миён.
5. Л – Бидонад магар.
6. ИЛ –Гарсеваз.
7. И –фиристодаеро чу.
8. Л –ҷустӣ.
9. И –Ҳаме хонад.
10. ТП – Зи хешону пайванди мо сад ҷавон
    Зи мо хосташ Рустами паҳлавон.
11. Л –в-аз он Рустами; И –Гаршевази.

Чу гуфти фиристода бишнид шоҳ,
Фаровон бупечиду гум кард роҳ.

Ба дил гуфт сад тан зи хешони ман
Гар эдун, ки гум гардад аз анҷуман,[1]

Шикаст андарояд бар ин размгоҳ
Набошад бари ман касе некхоҳ.[2]

Вагар гӯям, аз ман гаравгон маҷӯй,
Дурӯғ оядаш сар ба сар гуфтугӯй.

Фиристод[3] бояд бари ӯ наво,[4]
Агар бегаравгон надорад раво.

Магар, к-ин балоҳо зи ман бигзарад,
Хирадманд бошам, беҳ аз[5] бехирад

Бар он сон, ки Рустам ҳаме ном бурд,
Зи хешони наздик сад[6] баршумурд,

Сӯи[7] шоҳи Эрон фиристодашон,
Басе хилъату некуӣ додашон.

Бифармуд, то кӯс бо каррной
Заданду фурӯ ҳишт пардасарой.

Бухорову Суғду Самарқанду Чоҷ,
Сапеҷобу[8] он кишвару тахти оҷ

Тиҳӣ карду шуд бо сипаҳ сӯи Ганг,
Баҳона наҷусту фиребу диранг.

1. ИЛ –Гузида фиристам бад-он анҷуман.
2. Л –кинахоҳ; И – Бари ман набошад яке некхоҳ.
3. Л –Фиристода.
4. И — Фиристода бояд зи баҳри наво.
5. И –на он.
6. И –наздики худ.
7. ИЛ –Бари.
8. ИЛ –Сипанҷобу.

Чу аз рафтанаш Рустам огоҳ шуд,
Равонаш зи андеша кӯтоҳ шуд.

Биёмад ба назди Сиёвуш чу гард,
Шунида суханҳо ҳама ёд кард.

Бад-ӯ гуфт: «Чун корҳо гашт рост,
Чу Гарсеваз[1] ар боз гардад, равост.»

Бифармуд, то хилъат оростанд,
Силеҳу кулоҳу камар хостанд.

Яке аспи тозӣ ба зарринситом
Яке теғи ҳиндӣ ба зарринниём.

Чу Гарсеваз он хилъати шоҳ дид,
Ту гуфтӣ магар бар замин моҳ дид.

## ФИРИСТОДАНИ СИЁВУШ РУСТАМРО БА НАЗДИ КОВУС

Сиёвуш нишаст аз бари тахти оҷ,
Биёвехт ӯ*[2] аз бари оҷ тоҷ.

Ҳаме рой зад, то яке чарбгӯй
Касе, к-ӯ суханро диҳад рангу бӯй[3].

Зи лашкар ҳаме хост*[4] гурди савор[5]
Ки бо вай бисозад магар шаҳрёр.

Чунин гуфт бо ӯ[6] гави пилтан
К-«Аз ин дар кӣ ёрад кушодан сухан?

Ҳамон аст Ковус, к-аз пеш буд,
Зи тезӣ накоҳад, бихоҳад фузуд.[7]

1. ИЛ – Гаршеваз.
2. М –низ.
3. И –б. 933, 934 нест.
4. М –ҷуст.
5. И –Сиёвуш ҳаме ҷуст гурду савор.
6. И –вай.
7. Л –нахоҳад.

Магар ман шавам назди шоҳи ҷаҳон,
Кунам ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.

Бибуррам замин, гар ту фармон диҳӣ,
Зи рафтан набинам ҳаме ҷуз беҳӣ.

Сиёвуш зи гуфтори ӯ шод гашт,[1]*[2]
Ҳадиси фиристодагон ёд*[3] гашт.[4]

Сипаҳдор биншасту Рустам ба ҳам
Сухан рафт ҳар гуна аз*[5] бешу кам.

Бифармуд, то рафт пешаш дабир
Навиштан яке номае бар ҳарир.*[6]

Нахуст офарин кард бар додгар,
К-аз ӯ дид нерӯву бахту[7] ҳунар.[8]

Худованди ҳушу забону тавон
Хирад парваронад ҳаме бо равон.

Гузар нест касро зи фармони ӯй,
Касе к-ӯ[9] бигардад зи паймони ӯй,

Зи гетӣ набинад ҷуз аз костӣ,
Бад-ӯ*[10] бошад афзуниву ростӣ.

Ҳамон офаринандаи ҳуру моҳ,
Физояндаи бахту тахту кулоҳ.

Аз ӯ бод бар шаҳрёр офарин –
Ҷаҳондору аз номдорон гузин.

---

1. И –На чизе бикоҳад, на ҳаргиз фузуд.
2. М –бод.
3. М –бисёр бар.
4. ЛМ –шуд.
5. Л –шуд.
6. М –Ба андеша бо май барангехт шир.
7. фарру.
8. ТПЗ – Худованди рою худованди дод,
   Зи додаш хирадманд пирӯзу шод.
9. Л –ӯ.
10. Л –ӯ.

Расида ба ҳар неку бад рои ӯй[1]
Сутуни хирад бод болои ӯй![2]

Расидам ба Балху ба хуррамбаҳор,
Ҳамон[3*4] шодмон будам аз рӯзгор.

Зи ман чун хабар ёфт[5] Афросиёб,
Сияҳ шуд ба ҷом[6] - андараш равшан об.

Бидонист, к-он[7] кор душвор гашт,
Ҷаҳон тира шуд, бахти ӯ хор гашт,

Биёмад бародар-ш бо хоста,
Басе хубрӯёни ороста,

Ки зинҳор хоҳад зи шоҳи ҷаҳон,
Супорад бад-ӯ тоҷу тахти меҳон.[8]

Басанда кунад з-ин ҷаҳон марзи хеш,
Бидонад ҳаме появу[9] арзи хеш.

Аз Эронзамин наспарад тирахок,
Бишӯяд дил аз кинаву ҷанг пок.

Зи хешон фиристод сад назди ман,
Бад-ин хоҳиш омад гави пилтан.

Гар ӯро бибахшад зи меҳраш, сазост[10],
Ки бар меҳри ӯ чеҳраи ӯ гувост.[11]

1. М –Аз.
2. Л –гашта болои ӯ.
3. И –Ҳаме.
4. М –Ҳама.
5. И –шуд.
6. ЛМ –ба чашм.
7. Л –к-аш.
8. Л –каён.
9. Л –мояву.
10. Л –равост.
11. Л – Ки аз меҳри ӯ чеҳри ӯ худ гувост.

Таҳамтан биёмад ба даргоҳи[1] шоҳ,
Чунон чун сазад[2] бо дирафшу сипоҳ.

В-аз он рӯй Гарсевази некхоҳ
Биёмад бари шоҳи туронсипоҳ.

Пас он гаҳ ки Гарсеваз андар шитоб
Биёмад ба наздики Афросиёб,[3]

Ҳама розҳои[4] Сиёвуш бигуфт,
Ки ӯро зи шоҳон касе нест ҷуфт.

Зи хубиву дидору гуфтори ӯй,
Зи ҳуши дилу шарму кирдори ӯй.

Далеру сухангӯю гурду савор,
Ту гӯӣ хирад дорадаш дар[5] канор.

Бихандиду бо вай чунин гуфт шоҳ,
Ки «Чора беҳ аз ҷанг, эй некхоҳ!

Дилам гашт аз он хоби бад пурниҳеб,
Зи боло бидидам нишони[6] нишеб.

Пур аз дард гаштам сӯи чора боз,
Бад-он то намонад танам дар гудоз.

Ба ганҷу дирам чора оростам,
Кунун он чунон шуд[7], ки ман хостам.»

## ПАЁМ ДОДАНИ РУСТАМ КОВУСРО

В-аз ин рӯй чун Рустами шермард
Биёмад бари шоҳи Эрон чу гард,

---

1. ИЛМ – наздики.
2. Л – бувад.
3. ИЛ – ба ҷои б. 980,961 ин б. омада:
   В-аз он рӯи Гаршеваз андар шитоб
   Расидаш ба наздики Афросиёб.
4. ЛМ – достони.
5. ЛМ – дорад андар.
6. И – бад-ин сон.
7. И –шуд бар он сон; И –шуд бар эшон.

Ба пеш андаромад ба каш карда даст,
Баромад сипаҳбад зи[1] ҷои нишаст.

Бипурсиду бигрифташ андар канор,
Зи фарзанду аз гардиши рӯзгор,

Зи гурдону аз разму кори[2] сипоҳ,
В-аз он то чаро боз гашт ӯ зи роҳ.[3]

Нахуст аз Сиёвуш забон баркушод,
Ситудаш фаровону нома бидод.

Чу нома бар ӯ хонд фаррух дабир,
Рухи шоҳ Ковус шуд ҳамчу*[4] қир.

Ба Рустам чунин гуфт: Гирам, ки ӯй
Ҷавон асту бад[5] норасида ба рӯй.

На, охир ту марде ҷаҳондидаӣ,
Баду нек ҳар гунае дидаӣ.[6]

Чу ту нест андар ҷаҳон сар ба сар,
Ба ҷанг аз ту ҷӯянд шерон ҳунар.

Надидӣ[7] ту бадҳои*[8] Афросиёб,
Ки гум шуд зи мо хӯрду орому хоб?

Маро рафт боист, кардам диранг,
Маро буд бо ӯ сари пур зи ҷанг.

Нарафтам, ки гуфтанд аз эдар марав,
Бимон, то басечад сипаҳдори[9] нав.

---

1. ИЛ –ба.
2. Л –размгоҳу.
3. ТПЗ – Таҳамтан бибӯсид рӯи замин,
   Ба Ковус бархонд чанд офарин.
4. М –шаҳрёри ҷаҳон шуд чу.
5. ИЛ –бар.
6. ИЛ –б. 976 нест.
7. И – Бидидӣ.
8. М – бадиҳои.
9. ИЛ – ҷаҳондори.

Чу бодафраҳи эзадӣ хос буд,
Мукофоти бадҳо бадӣ хос буд.

Шуморо бад-он мурдарӣ хоста,
Бар он гуна - бар дил шуд ороста.

Ба моле, ки вай[1] бистад аз бегуноҳ,
Бад-ин сон[2] бупечид сартон зи роҳ.

Ба сад турки бечораи баднажод,
Ки номи падаршон надоранд ёд,

Ҳамон аз гаравгон кам андешад ӯй,[3]
Ҳамон пеши чашмаш ҳам он оби ҷӯй.[4]

Шумо гар хирадро набастед кор,
На ман серам аз печиши[5] корзор.[6]

Ба назди Сиёвуш фиристам кунун
Яке марди бодонишу пурфусун.*[7]

Бифармоямаш, к-оташе кун баланд,
Ба банди гарон пои туркон буБанд.

Бар оташ бинеҳ хоста, ҳар чи ҳаст,
Нигар, то наёзӣ ба як чиз даст.

Пас он бастагонро сӯи[8] ман фирист,
Ки саршон бихоҳам зи таншон гусист[9]

Ту бо лашкари хеш сар пур зи[10] ҷанг
Бирав то ба даргоҳи ӯ бедиранг.

1. Л – ӯ.
2. Л-дар.
3. Л – чи андеши ӯ.
4. Л – хоки кӯ.
5. Л – ҷангу аз.
6. И – бахшиши рӯзгор.
7. М – раҳнамун.
8. ИЛ – бари.
9. Л – Ки ман сар бихоҳам зи таншон гусист.
10. Л – неҳ.

Ҳама даст букшой, то яксара
Чу гург андароянд пеши бара.

Чу ту соз гирӣ ба кин тӯхтан,[1]
Сипоҳат кунад ғорату сӯхтан.

Биёяд ба ҷанги ту Афросиёб,
Чу гардад бар ӯ нохуш орому хоб».

Таҳамтан бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳрёр,
Дилатро бад-ин кор ғамгин мадор.

Сухан бишнав аз ман ту, эй шаҳ, нахуст,
Пас он гаҳ[2] ҷаҳон зери фармони туст.

Ту гуфтӣ, ки бар ҷанги Афросиёб
Марон тез лашкар бад-он рӯи об.

Бимонед, то ӯ биёяд ба ҷанг,
Ки ӯ худ шитоб оварад бедиранг.

Бибудем, то ҷанг ҷӯяд дуруст,[3]
Дари оштӣ ӯ кушод аз нахуст.

Касе к-оштӣ ҷӯяду суру базм,
На некӯ бувад тез[4] рафтан ба размъ.

Ва дигар, ки паймон шикастан зи шоҳ
Набошад писандидаи некхоҳ.

Сиёвуш чу пирӯз будӣ[5] ба ҷанг,
Бирафтӣ ба сони диловар наҳанг.

1. ИЛ – бад омӯханд.
2. Л – Аз он пас.
3. Л – наҷуст.
4. ИЛ – пеш.
5. Л – дидӣ.

Чӣ ҷустӣ[1] ҷуз аз[2] тахту тоҷу нигин
Таносоиву ганҷи[3] Эронзамин.

Ҳама ёфтӣ, ҷанг хира маҷӯй,[4]
Дили равшанат з-оби тира машӯй,[5]

Ки Афросиёб ин суханҳо ки гуфт,
Ба паймон шикастан бихоҳад нуҳуфт,

Ҳам аз ҷанг ҷустан нагаштем сер,
Ба ҷой аст шамшеру чанголи шер.

Ту бо тахти зар бо Сиёвахши род
Ба Эрон бибошед хандону шод.

Зи Зобул биронам ман андак сипоҳ,
Намонам ба Турон сари тахту гоҳ.

Ба гурзи набардӣ бар Афросиёб
Кунам тирагун тобиши офтоб.

Миёни ману ӯ басе разм буд,
Магар, к-ам бихоҳад дигар озмуд.[6]

Зи фарзанд паймон шикастан маҳоҳ,
Магӯ, он чӣ андархурад бо гуноҳ.

Ниҳонӣ чаро гуфт бояд сухун,
Сиёвуш зи паймон нагардад зи бун.

В-аз ин кор, к-андеша кардаст шоҳ,
Барошӯбад он номвар пешгоҳ.

Макун бахти фарзанди худро дижам,
Бубинӣ дили хеш з-ин пас ба ғам.»[7]

1. Л –ҷӯй.
2. И – Наҷустӣ ба ҷуз.
3. Л – Таносони (ву) ганҷу.
4. Л – макун.
5. Л – Дилат равшан аст, об тира макун.
6. ИЛ – б. 1007 – 1010 нест.
7. ИЛ – б. 1014 нест.

## ФИРИСТОДАНИ КОВУС РУСТАМРО БА СИСТОН

1015 Чу бишнид Ковус, шуд пур зи хашм,
Барошуфт аз он кору бикшод чашм.

Ба Рустам чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «Эдар[1]*[2] намонад сухан[3] дар ниҳон,

Ки ин дар сари ӯ ту афкандаӣ,
Чунин бехи кин аз дилаш кандаӣ.

Таносонии хеш ҷустӣ дар[4] ин,
На афрӯзиши тоҷу тахту нигин.[5]

Ту эдар бимон, то сипаҳдор Тус
Бубандад бар ин кор бар пил кӯс.[6]

1020 Ман акнун ҳаюне фиристам ба Балх
Яке номае бо суханҳои талх.

Сиёвуш агар сар зи фармони ман
Бипечад, наёяд ба паймони ман,

Ба Туси сипаҳбад супорад сипоҳ,
Худу вижагон[7] боз гардад зи роҳ.

Бубинад зи ман, ҳар чӣ андарх(в)ар аст,
Ки ӯро чунин доварӣ дар сар аст.

Нахонам туро з-ин сипас низ ёр
Нахоҳам, ки моро кунӣ корзор.»[8]

---

1. Л – Намонад.
2. М – эдун.
3. Л – ҳам.
4. ИЛ – аз.
5. ТПЗ – Туро дил ба он хоста шод шуд,
   Ҳама ҷанг дар пеши ту бод шуд.
6. И – Зи дар бениёзӣ зи шамшер ҷӯй,
   Ба кишвар бувадмон ҳама обрӯй.
7. Л – хосагон; И – бузургон.
8. Л – б.19024 нест.

Ғамӣ гашт Рустам, ба овоз гуфт,
Ки «Гардун сари ман биёрад нуҳуфт.

Агар Тус ҷангитар аз Рустам аст,
Чунон дон, ки Рустам ба гетӣ кам аст.»

Бигуфт ину берун шуд аз пеши ӯй,
Пур аз хашм ҷону пурожанг[1] рӯй.

Або лашкари хеш баргашту рафт,
Сӯи Систон рӯй бинҳод тафт.[2]

Ҳам андар замон Тусро хонд шоҳ,
Бифармуд лашкар кашидан ба роҳ.[3]

Бурун рафт[4] аз пеши Ковус Тус.
Бифармуд, то лашкару бӯқу кӯс

Бисозанду ороиши раҳ кунанд,
В-аз оромгаҳ роҳ кӯтаҳ кунанд,

## ПОСУХИ НОМАИ СИЁВУШ АЗ КОВУС

Ҳаюне биёрост Ковусшоҳ
Бифармуд, то боз гардад зи роҳ.[5]

Нависандаи номаро пеш хонд,
Бари тахти хешаш ба курсӣ нишонд.

Яке нома фармуд пурхашму ҷанг,
Паёме ба кирдори тири ҳаданг.[6]

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди оромишу корзор.

---

1. ИЛ – чашму пур аз ранг.
2. ИЛ – б. 1028 нест.
3. ТПЗИЛ – Бад-ӯ гуфт, к-«Эй сарфарози далер,
Бурун шав* аз эдар ба кирдори шер.
* ИЛ – рав.
4. ИЛ – Чу берун шуд.
5. ТПЗИЛ –Або номаву бо суханҳои талх
Фиристод назди Сиёвуш ба Балх.
6. ИЛ – Забон тезу рухсора чун бодаранг.

Худованди Баҳрому Кайвону Моҳ,
Худованди неку баду фарру гоҳ.[1]

Ба фармони ӯяст гардонсипеҳр,
В-аз ӯ боз густарда ҳар ҷой меҳр.

Туро, эй ҷавон, тандурустиву бахт,
Ҳамеша бимонод бо тоҷу тахт!

Агар бар дилат рои ман тира гашт,
Сар аз разм ҷустан туро[2] хира гашт,

Шунидӣ, ки душман ба Эрон чӣ кард,
Чу пирӯз шуд рӯзгори набард?

Кунун хира озарми душман маҷӯй,
Бар ин боргаҳ-бар мабар-т[3] обу рӯй.

Манеҳ аз ҷавонӣ сар андар фиреб,[4]
Гар аз чархи гардон нахоҳӣ ниҳеб.

Гаравгон, ки дорӣ, ба даргаҳ фирист,
Ба банд андаровардашон пову даст.

Туро гар фиребад, набошад шигифт,
Маро аз худ андоза бояд гирифт,

Ки ман з-он фиребанда гуфтори ӯй,
Басе боз гаштам зи пайкори ӯй.

Нарафт эч бо ман сухан з-оштӣ
Зи фармони ман рӯй баргоштӣ.[5]

Ту бо хубрӯён биёмехтӣ[6]
Ба бозиву[7] аз ҷанг бугрехтӣ.

1. ИЛ – чоҳ.
2. ЛМ – Зи хоби ҷавонӣ сарат.
3. Л – марез.
4. Л – нишеб.
5. Л – б. 1046 нест.
6. И – моҳрӯён баромехтӣ.
7. Л – ба шодиву.

Ҳамон Рустам аз ганҷи ороста
Нахоҳад шудан серу[1] аз хоста.

В-аз он мурдарӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ
Туро шуд сар аз ҷанг ҷустан тиҳӣ.

Дари[2] бениёзӣ ба шамшер ҷӯй,
Ба[3] кишвар бувад шоҳро обрӯй.

Чу Туси сипаҳбад расад пеши ту,
Бисозад чу бояд[4] каму беши ту,

Ҳам андар замон бор кун бар харон,
Гаравгон, ки дорӣ ба банди гарон.

Аз ин[5] оштӣ рои чархи баланд
Чунон аст, к-ояд ба ҷонат газанд.

Ба Эрон расад з-ин бадӣ огаҳӣ,
Барошӯбад ин рӯзгори беҳӣ.

Ту шав, кину омехтанро бисоз,
Аз ин дар суханҳо магардон дароз

Чу ту сози ҷангу шабехун кунӣ,
Зи хоки сияҳ рӯди Ҷайҳун кунӣ,

Сипаҳбад сар андарнаёрад ба хоб,
Биёяд ба ҷанги ту Афросиёб.

Агар меҳр дорӣ бад-он анҷуман,[6]
Нахоҳӣ, ки хонанд-т паймоншикан,

Сипаҳ Тусро деҳ, ту худ бозгард,
Наӣ марди пархошу нангу[7] набард.

1. И – сер.
2. Л – Дигар.
3. Л – зи.
4. Л – бинад.
5. И – К-аз ин.
6. ИМ – бар он аҳриман.
7. Л – ҷангу.

Ниҳоданд бар нома-бар мӯҳри шоҳ
Ҳаюне дароварду[1] бубрид роҳ.[2]

Чу нома ба назди Сиёвуш расид,
Бад-он гуна гуфтори нохуш шунид,[3]*[4]

Фиристодаро хонду пурсид чуст,[5]
Аз ӯ кард як сар суханҳо дуруст.[6]

Бигуфт он чӣ бо пилтан гуфта буд,
Зи Тусу зи Ковус, к-ошуфта буд.

Сиёвуш чу бишнид гуфтори ӯй,
Зи Рустам ғамӣ гашту аз кори ӯй.

Зи кори падар дил пурандеша кард,
Зи туркону аз рӯзгори набард.

Ҳаме гуфт сад марди гурду савор
Зи хешони шоҳи чунин номдор,

Ҳама некхоҳу ҳама бегуноҳ,
Агаршон фиристам ба наздики шоҳ,

Напурсад,[7] наандешад аз корашон,
Ҳамон гаҳ кунад зинда бар дорашон.

Ба наздики Яздон чӣ пӯзиш барам?
Бад ояд зи кори падар бар сарам.

В-ар эдун, ки ҷанг оварам бегуноҳ,
Чунин*[8] хира бо шоҳи туронсипоҳ,

1. И – Ҳаюн бар дар оварду.
2. Л – б. 1060 нест.
3. ИЛ – нохуб дид.
4. М – нохуб гуфтор дид.
5. Л –пурсиду гуфт.
6. Л – Ки бар мо макун ошкоро ниҳуфт.
7. Л – Натарсад.
8. М – Абар.

Ҷаҳондор напсандадад ин бад зи ман,
Кушоянд бар ман забон анҷуман.

В-агар боз гардам ба даргоҳи шоҳ,
Ба Туси сипаҳбад супорам сипоҳ,

Аз ӯ низ ҳам бар сарам бад расад,
Чапу рост бад бинаму пеш бад.

Наёяд зи Судоба[1] ҳам ҷуз бадӣ,
Надонам чӣ хоҳад будан[2] эзадӣ.

## РОЙ ЗАДАНИ СИЁВУШ БО БАҲРОМ ВА ЗАНГА

Ду танро зи лашкар зи кундоварон,
Чу Баҳрому чун Зангаи Шоварон,

Бар ин розашон хонд наздики хеш,
Бипардохт айвону биншонд пеш,

Ки розаш ба ҳам буд бо ҳар ду тан
Аз он пас, ки Рустам бишуд з-анҷуман.

Бад-эшон чунин гуфт, к-аз бахти бад
Ҳаме ҳар замон[3] бар сарам бад расад.

Бад-он меҳрубонӣ дили шаҳрёр
Ба сони дарахте пур аз баргу бор,

Чу Судоба ӯро фиребанда гашт,
Ту гӯӣ, ки заҳри газоянда гашт.[4]

Шабистони ӯ гашт зиндони ман,
Бипажмурд аз он[5] бахти хандони ман.

1. И- Судова.
2. ИЛ – расид.
3. ИЛМ – Фаровон ҳаме.
4. И – б. 1080 нест.
5. ИЛ – Ғамӣ гашт аз ӯ.

Чунин рафт бар сар маро рӯзгор,
Ки бо меҳри[1] ӯ оташ овард бор.

Гузидам бад-он сури[2] бе об ҷанг,
Магар дур монам зи ҷанги наҳанг.[3]

Ба Балх-андарун буд чандон сипоҳ
Сипаҳбад чу Гарсевази некхоҳ.[4]

Нишаста ба Суғд-андарун шаҳрёр,
Пур аз кина бо теғзан сад ҳазор.

Бирафтем бар сони боди дамон,
Наҷустем бар ҷанги эшон замон.

Чу кишвар саросар бипардохтанд,
Гаравгону он[5] ҳадяҳо сохтанд,

Ҳама мӯбадон баргузиданд*[6] роҳ,
Ки мо боз гардем аз ин размгоҳ.

Гар ӯро*[7] зи баҳри фузунист ҷанг,
Ҳамаш ҷангу ҳам кишвар ояд ба чанг.[8]

Чӣ бояд ҳаме хира хун рехтан,
Чунин дил ба кин андаровехтан?

Саре к-аш набошад зи мағз огаҳӣ,
На аз бадтарӣ боз донад беҳӣ.

Қубод омаду рафту гетӣ супурд,
В-аз он пас ҳама рафта бояд шумурд.

1. Л – об
2. Л – бар он суда.
3. Жул Мул – сур сахтиву разм
   Ҳаме дур мондам зи шодиву базм.
4. ИЛ –Гаршевази кинахоҳ.
5. Л – Гаравгон равон.
6. ИЛМ – Чу ганҷ омаду кишвар омад ба ҷанг.
7. М – он намуданд.
8. М – Варо гар.

Писандаш наёмад ҳаме кори ман,
Бикӯшад ба ранҷу ба озори ман.

Ба хира ҳаме ҷанг фармоядам,
Битарсам, ки савганд бигзоядам.

Ҳаме сар зи Яздон набояд[1] кашид,
Зи роҳи*[2] ниёкон набояд рамид.[3]

Ду гетӣ ҳаме бурд хоҳад зи ман,
Бимонам ба коми дили Аҳриман.

В-аз он пас, кӣ донад, к-аз ин корзор
Киро баркашад гардиши рӯзгор?

Назодӣ маро кошкӣ модарам
В-агар зод, марг омадӣ бар сарам!

Ки чандин балоҳо бибояд кашид,
Зи гетӣ ҳама захр бояд*[4] чашид.[5]

Дарахтест ин баркашида баланд,
Ки бораш ҳама заҳру баргаш газанд.

В-аз ин гуна паймон, ки ман кардаам,
Ба Яздон чи савгандҳо х(в)ардаам,

Агар[6] сар бигардонам аз ростӣ,
Фароз ояд аз ҳар сӯе костӣ.

Забон баркушоянд бар ман[7] ба бад
Ба ҳар ҷойгоҳе,[8] чунон чун сазад.

1. Л – бибояд.
2. Л – Фаровон накӯҳиш бибояд шунид; И – Зи гетӣ ҳаме заҳр бояд чашид.
3. М – кори.
4. М – Фаровон ғаму ранҷ.
5. И – Зи роҳи ниёкон бибояд рамид.
6. Л – Ки гар.
7. Л – ҳар як.
8. ЛМ – ҷой бар ман.

Пароканда гардад ба даҳр ин сухун.
Ки бо шоҳи Турон фикандем бун.

1105 Ба кин бозгаштан, буридан зи дин
Кашидан сар аз осмон бар замин,

Чунин кай писандад зи ман кирдгор,
Куҷо бар диҳад гардиши рӯзгор?

Шавам, гӯшае[1] ҷӯям андар ҷаҳон,
Ки номам зи Ковус монад[2] ниҳон.

Чу[3] равшан замона бад-он сон бувад,
Ки фармони додори[4] кайҳон бувад.

Ту, эй номвар Зангаи Шоварон,
Биёрой дилро*[5] ба ранҷи равон.*[6]

1110 Бирав то ба даргоҳи Афросиёб,
Дирангӣ мабошу манеҳ сар ба хоб.

Гаравгону ин хоста, ҳар чӣ ҳаст,
Зи динору аз тоҷу тахти нишаст,[7]

Бубар ҳамчунин то ба наздики*[8] ӯй,[9]
Бигӯяш, ки моро чӣ омад ба рӯй.

Бифармуд Баҳроми Гударзро,
Ки «Эй[10] номвар, лашкару марзро

1. ИЛ – кишваре.
2. ИЛ – гардад.
3. Л – Ки.
4. Л – дорои.
5. М – танро.
6. М- гарон.
7. И – Зи ганҷу зи тоҷу зи тахти нишаст.
8. М – он ҳама боз бар пеши.
9. Л – Якояк ҳама боз бар пеши ӯй; И – Чунин бар ҳама боз бар пеши ӯй.
10. ЛМ – ин; И – он.

Супурдам туро пардаву[1]*[2] пилу кӯс,
Бимон, то биёяд сипаҳдор Тӯс.

Бад-ӯ деҳ ту ин лашкару хоста,
Ҳама сар ба сар кори ороста.

Якояк бар ӯ баршумар, ҳар чи ҳаст,
Зи ганҷу зи тоҷу зи тахти нишаст.»

Чу бишнид Баҳром гуфтори ӯй,
Дилаш гашт печон зи кирдори[3] ӯй.

Биборид хун Зангаи Шоварон,
Бинафрид бар буми Ҳомоварон.

Пур аз ғам нишастанд ҳар ду ба ҳам,
Равоншон зи гуфтори ӯ шуд дижам.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин рой нест,
Туро бе падар дар ҷаҳон ҷой нест.

Яке нома бинвис наздики шоҳ,
Гави пилтанро аз ӯ бозхоҳ.[4]

Агар ҷанг фармон диҳад,ҷанг соз,
Сухан кӯтаҳ аст, ар нагардад дароз.

Гар ором гирӣ, сухан танг нест,
Туро пӯзиш андар падар нанг нест.[5]

Наво*[6] гар фиристӣ ба наздики ӯй,
Бихандад дилу ҷони*[7] торики ӯй.[8]

1. Л – пок бо.
2. М – ҷумла бо.
3. ИЛ – тимори.
4. ЛМ – Дигарбора з-ӯ пилтанро бихоҳ.
5. Л – Туро пӯзиш андар падар ҷанг нест.
6. Л – Маро гар фиристӣ ба наздики ӯй,
Фурӯзам ман аз ҷони торики ӯй.
7. М – маро.
8. М – Барафрӯзам он ҷони.

Дилат гар чунин ранҷа гашт аз наво,
Раҳо кун, касе нест бар ту гуво.[1]*[2]

Ба нома ҷуз аз ҷанг фармон-ш нест,
Нарафтаст*[3] коре, ки дармон-ш нест.

Ба фармони Ковус ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оварем.

Макун хира андеша бар дил дароз,
Сари ӯ ба чарбӣ[4]*[5] ба дом ор боз.

Магардон ба мо-бар дижам рӯзгор,
Чу омад[6] дарахти бузургӣ ба бор.

Пур аз хун макун дидаву тоҷу тахт,
Махӯшон зи бун хусравонӣ дарахт.

На некӯ*[7] бувад бе ту тахту кулоҳ,
Сипоҳу саропардаву[8] боргоҳ.

Сару мағзи Ковус оташкада-ст,
Ҳамон[9] номаву ҷанги ӯ беҳуда-ст.

В-агар осмонӣ ҷуз ин аст роз,
Чӣ бояд кашидан суханҳо дароз?»

Напазруфт аз он ду хирадманд панд,
Дигар буд рози сипеҳри баланд.

Чунон дод посух, ки фармони шоҳ
Бар онам, ки бартар зи хуршеду моҳ,

1. ИЛ – Раҳо кун навову раҳо кун гуво.
2. Л – Хубӣ.
3. М – На ҷанг аст бар ту раво.
4. М – Нагуфтад.
5. И – Баромад.
6. М – чарбӣ.
7. ИЛ – Дари пардаву.
8. М – Чи гуна.
9. И –Ҳама.

Валекин зи фармони[1] Яздон далер
Набошад зи хошок то пилу шер.

Касе к-ӯ зи фармони Яздон битофт,
Саросема шуд, хештанро наёфт.

Ҳаме даст ёзид бояд ба хун,
Ба кини ду кишвар будан раҳнамун.

Зи баҳри наво ҳам[2] биёзорад ӯй,
Суханҳои гумкарда боз орад ӯй.

В-агар боз гардам[3] аз ин размгоҳ,
Шавам разм*[4] нокарда[5] наздики шоҳ,

Ҳамон хашму пайкор боз оварад,[6]
Ба дил ғам, тан андар гудоз оварад.[7]

Агар[8] тиратон шуд дил[9] аз кори ман,
Бупечидатон сар[10] зи гуфтори ман,

Фиристода худ бошаму раҳнамой,
Бимонам[11] бар ин дашт пардасарой.

Касе к-ӯ набинад ҳаме ганҷи ман,
Чаро баргуморад ба дил[12] ранҷи ман?!».[13]

---

1. ИЛ – паймон.
2. Л – ту ҳам гар.
3. И – гардем.
4. М – кор.
5. И – корнокарда; Л – Шавад кори нокарда.
6. И – бор оварад.
7. ИМ – Сиришки ғам андар канор оварад;
   ТПЗ – Бигӯяд зи ҳар гуна бо мо сухан
   Зи кори наву корҳои куҳан.
8. ЛМ – В-агар.
9. И – сар.
10. ИЛ – Бипечид сартон.
11. Л –Намонам.
12. ИЛ –баргуморам ӯ.
13. ТПЗ – Гаравгону ин хоста бар шитоб
    Барам тозиён назди Афросиёб.

Сиёвуш чу посух чунин дод боз,
Бипажмурд ҷони ду гарданфароз.

Зи бими ҷудоиш гирён шуданд,
Чу бар оташи тез бирён шуданд.

Ҳаме дид чашми бади[1] рӯзгор,
Ки андар ниҳон[2] чист бо шаҳрёр.

Нахоҳад будан низ дидори ӯй,
Аз он чашм гирён шуд аз кори ӯй.

Чунин гуфт Занга, ки «Мо бандаем,
Ба меҳри сипаҳбад дил огандаем.

Фидои ту бошад тану ҷони мо,[3]
Чунин бод то марг паймони мо!»[4]

Чу посух чунин ёфт он[5] некхоҳ,
Чунин гуфт бо Занга бедоршоҳ,

Ки «Рав, шоҳи туронсипаҳро бигӯй,
К-аз ин кор моро чӣ омад ба рӯй.

Аз ин оштӣ ҷанг баҳри ман аст,
Ҳама нӯши ту дарду заҳри ман аст.

Зи паймони ту сар накардам тиҳӣ,
В-агарчи бимонам зи тахти меҳӣ.

Ҷаҳондор Яздон паноҳи ман аст,
Замин тахту гардун кулоҳи ман аст.

Ва дигар, ки бар хира нокарда кор,
Нашоист рафтан бари шаҳрёр.

Яке роҳ букшой, то бугзарам,
Ба ҷое ки кард Эзад обишх(в)арам.

1. Л –чашму дили.
2. Л –ҷаҳон.
3. Л –бодо дилу ҷони ман.
4. Л –паймони ман.
5. ЛМ –аз.

Яке кишваре ҷӯям андар ниҳон,[1]
Ки номам зи Ковус гардад ниҳон.

Зи хӯи бади ӯ сухан нашнавам,
Зи пайкори ӯ як замон биғнавам.»

## РАФТАНИ ЗАНГА ПЕШИ АФРОСИЁБ

Бишуд Занга бо номвар сад савор,
Гаравгон бибурд[2] аз дари шаҳрёр.

Бибурдаш ҳама хоста, ҳар чӣ буд,[3]
Ки аз пеш Гарсеваз[4] оварда буд.

Чу дар шаҳр солори туркон расид,
Хурӯш омаду дидбонаш бидид.

Пазира шудаш номдори бузург,
Куҷо номи ӯ буд ҷангӣ Тувург.

Чу шуд Зангаи Шоварон назди шоҳ,
Сипаҳдор бархост аз пешгоҳ.

Гирифташ ба бар тангу бинвохташ,
Гиромӣ бари хеш биншохташ.

Чу биншаст бо шоҳ,[5] нома бидод,
Саросар суханҳо бар ӯ кард ёд,

Бупечид аз он нома Афросиёб,
Дилаш гашт пурдарду сар пуршитоб.

Бифармуд, то ҷойгаҳ сохтанд,
Варо чун сазо буд, бинвохтанд,

1. ИЛМ –ҷаҳон.
2. Л –барад.
3. И –зуд.
4. И –Гаршеваз.
5. И –шоҳу.

Сипаҳдори худро бихондаш чу дуд,
Биёмад ба пешаш*[1] сипаҳдор зуд.[2]

Чу Пирон биёмад, тиҳӣ кард ҷой,
Сухан ронд бо номвар кадхудой.

Зи Ковусу аз хом гуфтори ӯй,
Зи хӯи баду рою пайкори ӯй.

Ҳаме гуфт рухсора карда дижам,
Зи кори Сиёвуш дилаш[3]*[4] пур зи ғам.

Фиристодани Зангаи Шоварон,
Ҳама ёд кард аз карон то карон.

Бипурсид, к-«Инро чӣ дармон кунам,
В-аз ин роҳ ҷустан чӣ паймон кунам?»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй шаҳрёр,
Анӯша бизӣ, то бувад рӯзгор!

Ту аз мо ба ҳар кор донотарӣ,
Ба ганҷу ба мардӣ тавонотарӣ.

Гумону дилу донишу рои ту,
Нагирад ба дониш касе ҷои ту.

Ҳар он[5] кас, ки бар некуӣ дар ҷаҳон
Тавоно бувад ошкору ниҳон.

Аз ин шоҳзода нагиранд боз,
Зи ганҷу зи ранҷ, он чӣ ояд фароз.

Ман эдун шунидам, ки андар ҷаҳон
Касе нест монанди ӯ аз меҳон.

Ба болову дидору оҳистагӣ,
Ба фарҳангу рою ба шоистагӣ.

1. М –ба наздаш.
2. Л –б. 1169 нест.
3. И –дили.
4. М –Сиёвахш дил.
5. ИЛ – ки ҳар.

Ҳунар бо хирад низ беш аз нажод,
Чун ӯ шоҳзода зи модар назод.

Ба дидан кунун аз шумурдан беҳ аст,
Гаронмояву шоҳзода меҳ аст.

Агар худ ҷуз инаш набудӣ ҳунар,
Ки аз хуни сад номвар бо падар

Барошуфту бугзошт тахту кулоҳ,
Ба кеҳтар супурду худ омад ба*[1] роҳ.

Бад-ин кишвар андар бувад меҳтаре,
Ки бошад харидори кундоваре.

На некӯ намояд зи роҳи хирад,
К-аз ин кишвар он номвар бугзарад.

Ва дигар, ки Ковус шуд пирсар,
Зи тахт омадаш рӯзгори гузар.

Сиёвуш ҷавон асту бо фарраҳӣ,
Бад-ӯ монад оини[2] тахти меҳӣ.

Туро сарзаниш бошад аз меҳтарон,
Сари ӯ ҳамон аз ту гардад гарон.

Агар шоҳ бинад зи рои баланд,
Нависад яке номаи пандманд.

Чунон чун навозанд фарзандро,
Навозад ҷавони хирадмандро.

Яке ҷой созад бад-ин кишвараш,
Бидорад сазовор андарх(в)араш.

Ба оин диҳад духтарашро*[3] бад-ӯй,
Бидорад-ш бо нозу бо обрӯй.

1. М – Ҳаме аз ту ҷӯяд бад-ин гуна.
2. ИЛ –оину.
3. М –Зи парда диҳад духтареро.

Магар, к-ӯ бимонад ба наздики шоҳ,
Кунад кишвару бумат оромгоҳ.

В-агар боз гардад сӯи шаҳрёр,
Туро бартарӣ бошад аз рӯзгор.

Сипосе бувад назди шоҳи замин,
Бузургони гетӣ кунанд офарин.

Баросояд аз кин ду лашкар[1] магар,
Бад-ин овäридаш магар додгар.[2]

Зи доди ҷаҳонофарин ин сазост,
Ки гардад замона бад-ин кор рост».

Чу солор гуфтори Пирон шунид,
Чунон ҳам[3] ҳама[4] буданиҳо бидид,

Пас андеша кард андар он як замон,
Ҳамон дошт бар неку бар бад гумон.

Чунин дод посух ба Пирони пир,
Ки «Ҳаст ин суханҳо ҳама дилпазир.

Зи корозмуда, гузида меҳон[5]
Ба монанди ту нест андар ҷаҳон.

Валекин шунидам яке достон,
Ки бошад бар-он рой ҳамдостон,

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез, кайфар барӣ.

Чу бо зӯру бо ҷанг бархезад ӯй,
Ба парвардгор андаровезад ӯй.»

1. ИЛ –кишвар.
2. ЛМ Ж –Агар орадаш назди мо додгар.
3. Л – чун.
4. И – Чунон, ки ҳаме.
5. И – сарон.

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Андар хирад [1]
Яке шоҳи кундоварон бингарад.

Касе к-аз падар кажживу хӯи бад
Нагирад, аз ӯ бадхуӣ кай сазад?[2]

Набинӣ, ки Ковус дерина гашт,
Чу дерина шуд, ҳам[3] бибояд гузашт.

Сиёвуш бигирад ҷаҳони фарох,
Басе ганҷи беранҷу айвону кох.

Ду кишвар туро бошаду тоҷу тахт,
Чунин худ кӣ ёбад, магар некбахт?»

## НОМАИ АФРОСИЁБ БА СИЁВУШ

Чу бишнид Афросиёб ин сухун,
Яке рои бодониш[4] афканд бун.

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Забон баркушоду сухан барфишонд.

Нахустин, ки бар нома бинҳод даст,
Ба анбар сари хомаро[5] кард баст.

Ҷаҳонофаринро ситоиш гирифт,
Бузургиву рояш ниёиш гирифт,[6]

Ки ӯ бартар аст аз макону замон,
Бад-ӯ кай расад бандагонро гумон?

Худованди ҳушу равону хирад,
Хирадмандро доди ӯ парварад.

1. ИЛ – андархӯрад.
2. Л – Касе к-аз падар бинад ӯ хӯи бад,
Бигирад аз ӯ бадхуӣ, кай сазад?
3. ИЛ – гаштӣ.
4. Л – бо ромиш.
5. И – номаро.
6. И – Бузургиву дониш намоиш гирифт; Л –Бузургиву рояш намоиш гирифт.

Аз ӯ бод бар шоҳзода дуруд,
Худованди шамшеру кӯполу хӯд.

Худованди шарму худованди бок,
Зи бедод кардан дилу даст пок.

Шунидам паём аз карон то карон
Зи бедордил Зангаи Шоварон.

Ғамӣ шуд дилам, з-он ки шоҳи ҷаҳон
Чунин тира шуд бо ту андар ниҳон.

Валекин зи гетӣ ҷуз аз тоҷу[1] тахт
Чӣ ҷӯяд хирадманди бедорбахт?

Туро ин ҳама эдар оростаст,
Агар шаҳрёриву гар хостаст.

Ҳама шаҳри Турон барандат намоз,
Маро худ ба меҳри ту омад ниёз.

Ту фарзанд бошиву ман чун падар,
Падар[2] пеши фарзанд баста камар.

Чунон дон, ки Ковус бар ту ба меҳр
Бар ин гуна як рӯз накшод чеҳр.

Кучо ман кушоям*[3] дилу[4] ганҷу даст,
Супорам ба ту ҷойгоҳи нишаст.[5]

Бидорам-т беранҷ фарзандвор,
Ба гетӣ ту монӣ зи ман ёдгор.

Ту*[6] аз кишварам бигзарӣ, дар ҷаҳон
Никӯҳиш кунандам кеҳону меҳон.

---

1. Л –ному.
2. И –Бувам.
3. И –дари.
4. М –кушода.
5. Л –тоҷу тахти нишаст.
6. М –Чу.

В-аз ин рӯй душхор ёбӣ гузар,
Магар эзадӣ бошад оину фар.

Бад-ин роҳ пайдо набинӣ замин,
Гузар кард бояд ба дарёи Чин.

Агар кард Яздон туро бениёз
Ҳам эдар бипою[1] ба хубӣ бисоз.

Сипоҳу зару ганҷу шаҳр они туст,
Ба рафтан баҳона набояд-т ҷуст.

Чу рой оядат оштӣ бо падар,
Бисозам туро тоҷу тахту камар,

К-аз эдар ба Эрон шавӣ бо сипоҳ,
Ба дилсӯзагӣ бо ту оям ба роҳ.[2]

Намонад туро бо падар ҷанг дер,
Куҳан шуд магар гардад аз ҷанг сер.

Гар[3] оташ бубинад[4] паи шасту панҷ
Шавад оташ аз оби[5] пирӣ ба ранҷ.[6]

Туро бошад Эрону ганҷу сипоҳ,
Зи кишвар ба кишвар ба шоҳӣ кулоҳ.

Пазируфтам аз покяздон, ки ман
Бикӯшам ба хубӣ ба ҷону ба тан.

Нафармояму худ наёзам ба бад,[7]
Ба андешае дил насозам ба бад.[8]

Чу нома ба мӯҳр андаровард шоҳ,
Бифармуд, то Зангаи некхоҳ

1. ИЛ –бибошу.
2. Л –Набандам ба дилсӯзагӣ бар ту роҳ.
3. И –Ки.
4. Л –К-аз он пас набинад.
5. И –боди.
6. Л –Шавад тобаш аз оби тезӣ ба ранҷ.
7. И –набошам газанд.
8. И –Ба андеша дилро наёрам ба банд.

Ба зудӣ ба рафтан бубандад камар,
Басе хилъат ором бо[1] симу зар.

Яке аспи зарринситоми[2] гарон,
Биёмад дамон Зангаи Шоварон.

Чу наздики тахти Сиёвуш расид,
Бигуфт, он чӣ гуфтанду[3] диду[4] шунид.

Сиёвуш ба як рӯй аз он шод гашт,[5]
Ба як рӯй пурдарду фарёд гашт,[6]

Ки душман ҳаме дӯст боист кард
Зи оташ[7] куҷо бардамад боди сард.

Зи душман наёяд ба ҷуз[8] душманӣ,
Ба фарҷом ҳарчанд некӣ кунӣ.

## СИПОҲ СУПУРДАНИ СИЁВУШ БА БАҲРОМ

Яке нома бинвишт назди падар,
Ҳама ёд кард андар ӯ дар ба дар,

Ки ман бо ҷавонӣ хирад ёфтам,
Зи кирдори бад рӯй бартофтам.[9]

Аз он оташи мағзи шоҳи ҷаҳон
Дили ман барафрӯхт[10] андар ниҳон.

Шабистони ӯ дарди ман шуд нахуст,
Ба хуни дилам рух бибоист шуст:

1. И –аз.
2. Л –аспу бар сар ситоме.
3. И –пурсиду.
4. Л –пурсиду гуфту.
5. Л –шуд.
6. Л –шуд.
7. Л –аз он пас.
8. ИЛ –магар.
9. Л –Ба ҳар неку бад тез наштофтам.
10. Л –бияфрӯхт.

Бибоист бар кӯҳи оташ гузашт,
Ба ман[1] зор бигрист оҳу ба дашт.

В-аз он нангу хорӣ ба ҷанг омадам,
Хиромон ба ҷанги наҳанг омадам.

Ду кишвар бар ин оштӣ шод гашт,
Дили шоҳ чун теғи пӯлод гашт.

Наёмад зи ман ҳеч кораш писанд,
Кушодан[2] ҳамону ҳамон низ[3] банд.

Чу[4] чашмаш зи дидори ман гашт сер,
Бари сергашта набошам далер.[5]

Зи шодӣ мабодо дили ӯ раҳо,
Шудам ман зи ғам дар дами аждаҳо.

Надонам, к-аз ин кор гардонсипеҳр
Чӣ дорад ба роз-андарун ҷангу меҳр.

В-аз он пас бифармуд Баҳромро,
Ки андар ҷаҳон тоза кун номро.

Супурдам туро рахту[6] пардасарой,
Ҳамон ганҷи огандаву тахту ҷой.

Дирафшу саворону ҳам пилу[7] кӯс
Чу ояд ба эдар сарафроз[8] Тус,

Чунин ҳам пазируфта ӯро супор,
Ту бедордил бошу беҳрӯзгор.

Зи лашкар гузин кард сесад савор,
Ҳама гурду шоистаи корзор.

1. Л –Маро.
2. Л –Кушода.
3. ЛМ –буд.
4. И –Ду.
5. И –набошем дер.
6. Л –тоҷу.
7. ИЛ –пилону.
8. Л –бад-ин ҷо сипаҳдор; И -сипаҳдор.

Дирам низ чандон, ки будаш ба кор
Зи динору аз гавҳари шоҳвор,

Сад аспи гузида ба зарринситом,
Парастори[1] зарринкамар сад ғулом

Бифармуд, то пеши ӯ оваранд,
Силеҳу сутуру*[2] камар бишмаранд.[3]

В-аз он пас гаронмоягонро бихонд,
Суханҳои боиста чанде биронд.

Чунин гуфт, к-«Аз назди Афросиёб
Гузаштаст Пирон аз он[4] рӯи об.

Яке роз пайғом дорад ба ман,
Ки эмин бад-ӯ бошад[5] он анҷуман.

Ҳаме созам акнун пазира шудан,
Шуморо ҳам эдар бибояд будан,

Ҳама сӯи Баҳром доред рӯй,
Мапечед дилҳо зи гуфтори ӯй».

Ҳама бӯса доданд гурдон замин
Ба пеши Сиёвахши[6] боофарин.

Чу хуршеди тобанда бинмуд пушт,
Ҳаво шуд сиёҳу замин шуд дурушт.

Сиёвахш[7] лашкар ба Ҷайҳун кашид,
Шуда з-оби[8] дида рухаш нопадид.

1. Л –Парастору.
2. М –ситаму.
3. Л –б. б. 1266 ин. Б. омада:
   Шутурбон зи ҳар чиз пур карда бор,
   Шутурҳои пурбору чандин қатор.
4. ИЛ –бар ин.
5. Л –бад-ӯяст.
6. И –фармони солори; Л –фармуди солори.
7. Л –Сиёвуш.
8. ИЛ –Аз оби ду.

Чу омад ба Тирмиз, дару бому кӯй
Ба сони баҳорон пур аз рангу бӯй.

Чунон ҳам нишон то дари шаҳри Чоҷ,[1]
Ту гуфтӣ арӯс аст[2] бо тавқу тоҷ.

Ба ҳар манзиле сохта х(в)арданӣ
Хуришҳову густорда густарданӣ.

Чунин то ба Қоҷорбошӣ[3] биронд,
Фуруд омад он ҷову чанде бимонд.

В-аз ин рӯ чу Тус андаромад ба Балх,
Бигуфтанд бо вай суханҳои талх,

Ки шуд пури фархунда Ковусшоҳ
Равон назди солори Туронсипоҳ.

Сипаҳро якояк ҳама боз хонд,
В-аз он ҷо ба даргоҳи Ковус ронд.

Аз ин огаҳӣ шуд рухи шоҳ зард,
Бинолиду барзад яке боди сард.

Шудаш дил пуроташ, ду дида пуроб
Зи хашми Сиёвушу Афросиёб,

Ки то чун шавад гашти гардосипеҳр,
Бувад чарх бо ӯ ба кин ё ба меҳр.

Дилу ҷангу кинро ба як сӯ ниҳод,
В-аз он пас накард ӯ зи пайкор ёд.

Пас огоҳӣ омад ба Афросиёб,
Ки омад Сиёвуш аз ин рӯи об.

Бад-ин марз лашкар фуруд оварид,
Фиристодаи ӯ ба даргаҳ расид.[4]

1. ИЛ –Чунон ҳам ҳама шаҳрҳо то ба Чоҷ.
2. Л –арӯсест.
3. ЛМ –Қафчоқтошӣ; И –Қаҳғорбошӣ.
4. ИЛ –б. 1279 -1287 нест.

Бифармуд ӯро пазира шудан,[1]
Ҳама саркашон бо табира шудан.[2]

Зи хешон гузин кард Пирон ҳазор
Пазира шуданро ҳама бо нисор.

Сипаҳро ҳама дод яксар навид,
Биёросташ чор пили сапед.

Яке барниҳода зи пирӯза тахт,
Паси ӯ дурафше*[3] ба сони дарахт.

Сараш моҳи заррину бумаш[4] бунафш,
Ба зар бофта парниёни дурафш.

Або тахти заррин се курсӣ ба зар[5]
Ба дебо биёроста сар ба сар.

Сад аспи гаронмоя бо зини зар,
Ба зар-андарун чанд гуна гуҳар.

Сипоҳе бар он сон, ки гуфтӣ сипеҳр
Биёрост рӯи заминро ба меҳр.[6]

Сиёвуш чу бишнид, к-омад сипоҳ,
Пазира шуданро биёрост роҳ.

Дурафши сипаҳдор Пирон[7] бидид,
Хурӯшидани пилу аспон шунид.

Бишуд тезу бигрифташ андар канор,
Бипурсидаш аз шаҳр в-аз шаҳрёр.

Бад-ӯ гуфт: «Эй паҳлавони сипоҳ,
Чаро ранҷа кардӣ равонро[8] ба роҳ.

1. ИЛ –Чу огоҳӣ омад, пазира шуданд.
2. ИЛ –шуданд.
3. М –дурафши дурафшон.
4. ИЛ –заррин ғилофаш.
5. ЛМ –се пили дигар.
6. ИЛ –б. 1294, 1295 нест.
7. ИЛ –сипаҳдори Турон.
8. Л –ту худро.

Ҳама бар дил андеша буд ин нахуст,
Ки бинад ду чашмам туро тандуруст».

Бибӯсид Пирон сару пои[1] ӯй,
Ҳамон хуб чеҳри дилорои ӯй.

Ҳаме гуфт бо кирдгори ҷаҳон,
«Ту огоҳӣ[2]*[3] аз ошкору ниҳон,

Маро гар ба хоб ин намудӣ равон,
Ҳамоно сари пир гаштӣ ҷавон.

Чу дидам туро равшану тандуруст,
Ниёиш кунам пеши Яздон нахуст.

Туро чун падар бошад Афросиёб,
Меҳон*[4] банда бошанд аз ин рӯи об.

Маро ҳаст*[5] пайваста беш аз ҳазор,
Парастандагонанд бо гӯшвор.

Ҳама ганҷи ман сар ба сар пеши туст,
Ту ҷовид шодондилу тандуруст.[6]

Ту бе коми дил ҳеч дам бармазан,
Туро банда бошад чи марду чи зан.

Маро гар пазирӣ ту бо пирсар,
Зи баҳри парастиш бубандам камар.»

Бирафтанд ҳар ду ба шодӣ ба ҳам,
Сухан ёд карданд аз[7] бешу кам.

Ҳама шаҳр аз овози чангу рубоб,
Ҳаме хуфтаро сар баромад[8] зи хоб.

1. Л –саропои.
2. И –Ки, эй огаҳ.
3. М –Ки эй довари.
4. М –Ҳама.
5. М –низ.
6. ИЛ –б. 1307 нест.
7. Л –бар.
8. Л –барояд.

Ҳама хок мушкин буд аз мушки тар,[1]
Ҳама тозиаспон[2] бароварда пар.

Сиёвуш чунон дид, об аз ду чашм
Бибориду з-андеша[3] омад ба хашм,

Ки ёд омадаш базми Зобулситон,
Биёроста то ба Кобулситон,

Ки омад ба меҳмонии пилтан
Шуда номдорон ҳама[4] анҷуман.

Басе зарру гавҳар ҳаме рехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме бехтанд.

Ҳамон шаҳри Эронаш омад ба ёд,
Ҳаме баркашид аз ҷигар сард бод.

Аз Эрон дилаш ёд карду бисӯхт,
Ба кирдори оташ ҳаме[5] барфурӯхт.

Зи Пирон бипӯшиду печид рӯй
Сипаҳбад бидид он ғаму дарди ӯй.

Бидонист, к-ӯро чӣ омад ба ёд,
Ғамӣ гашту дандон ба лаб барниҳод.

Ба Қоҷорбошӣ[6] фуруд омаданд,
Нишастанду якбора дам барзаданд.

Нигаҳ кард Пирон ба дидори ӯй,
Ба суфту[7] бару ёлу гуфтори ӯй.

Бад-ӯ-дар ду чашмаш ҳаме хира монд,
Ҳаме ҳар замон номи Яздон бихонд.

1. ИЛ –мушку зар.
2. Л - Ҳаме.
3. ИЛ –Биборид в-аз душман.
4. Л –номдорони шаҳр; И –аз он.
5. И –рухаш.
6. И –қаҷғорбошӣ; И –Қафчортошӣ.
7. ИЛ –нишасту.

Чунин гуфт, к-« Эй номвар шаҳрёр,
Зи шоҳони гетӣ туӣ ёдгор.

Се чиз аст бо ту, ки андар ҷаҳон
Касеро набошад зи тухми меҳон:

Яке он ки аз тухмаи Кайқубод
Ҳаме аз ту гиранд гӯӣ нажод.

Ва дигар забоне бад-ин ростӣ,
Ба гуфтори некӯ биёростӣ.

Се дигар, ки гӯӣ ки аз чеҳри ту
Биборад ҳаме бар замин меҳри ту.»[1]

Чунин дод посух Сиёвуш бад-ӯй,
Ки «Эй пири покизаву ростгӯй,

Ханида ба гетӣ ба меҳру вафо,
Зи[2] оҳарманӣ дуру дур аз ҷафо.

Гар эдун, ки бо ман ту паймон кунӣ,
Бидонам, ки паймони ман нашканӣ,

Бисозам бар ин бум оромгоҳ,
Ба меҳру вафои ту, эй некхоҳ,

Гар аз будан эдар маро некуист,
Бар ин кардаи худ набояд гирист.

В-агар нест, фармой то бугзарам,
Намоӣ раҳи кишвари дигарам.»

Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Мандеш аз ин,
Чу андаргузаштӣ[3] зи Эронзамин,

Магардон дил аз меҳри Афросиёб,
Макун хеч гуна ба рафтан шитоб,

---

1. ТПЗ – Ҳамон модарат хеши Гарсеваз аст,
Аз ин сӯву он сӯ туро парваз аст.
2. ИЛ – Аз.
3. Л –эдар.

Пароканда номаш ба гетӣ бадист,
Валекин ҷуз он аст,[1] мард эзадист.

Хирад дораду ҳушу рои баланд,
Ба хира натозад ба роҳи газанд.

Маро низ хешист бо ӯ ба хун,
Ҳамаш паҳлавонам, ҳамаш раҳнамун.

Маро назди ӯ обрӯясту ҷоҳ,
Фаровон маро ганҷу тахту сипоҳ.

Ҳамоно бар ин буму бар сад ҳазор,
Ба фармони ман беш бошад савор.

Даҳу ду ҳазорон ки хеши мананд,
Шабу рӯз бар пой[2] пеши мананд.

Ҳамам буму бар ҳаст, ҳам гӯсфанд,
Ҳам аспу силеҳу*[3] камону каманд.[4]

Нуҳуфта ҷуз ин низ дорам[5] басе,
Маро биниёзист аз ҳар касе.

Фидои ту бодо ҳама, ҳар чи ҳаст,
Гар эдар кунӣ ту ба шодӣ нишаст.

Пазируфтам аз пок Яздон туро,
Парастиш кунам аз дилу ҷон туро.[6]

---

1. ИЛ –ин асту.
2. Л –Чу хоҳам шабу рӯз.
3. М – Ва аспону ганҷу.
4. И –б. 1342, 1343 нест.
5. ИЛ – ҳастам.
6. ТПЗЛ –ба ҷои б. 1346 ин ду б. омада:
   Пазируфтам акнун зи Яздон туро
   Ба рою дили хушмандон туро.
   Пазируфтам аз пок Яздон, ки ман
   Парастанда бошам ба ҷону ба тан.

Намонам, ки ёбӣ[1] зи бадҳо газанд,
Надонад касе рози чархи баланд.»

Сиёвуш бар он гуфтаҳо шод гашт,
Равонаш аз андеша[2] озод гашт.

Ба хӯрдан нишастанд бо якдигар,
Сиёвуш писар гашту Пирон падар.

Бирафтанд бо хандаву шодмон,
Ба раҳ-бар наҷустанд ҷое замон.

Чунин то расиданд наздики[3] Ганг,
Ки он буд хуррамсарои[4] диранг.

## ДИДАНИ СИЁВУШ АФРОСИЁБРО

Чу шуд назди Афросиёб огаҳӣ,
Ки омад Сиёвахш бо фарраҳӣ,[5]

Пиёда ба кӯй омад Афросиёб,
Аз айвон миёнбаставу пуршитоб.

Сиёвуш чу ӯро пиёда бидид,
Фуруд омад аз аспу пешаш давид.

Гирифтанд мар якдигарро ба бар,
Ҳаме[6] бӯса доданд бар чашму сар.[7]

---

1. И –Ки бар ту наёяд;
   ТПЗИЛ -Магар к-аз ту ошӯб хезад ба шаҳр,
   Баромезӣ* аз дур тарёку заҳр.
   * ИЛ -Биёмезӣ
2. Л –Бирафрӯхт з-андеша.
3. ТПЗ – Ҷаҳон дид сар то сар ороста,
   Чу бутхонаи Чин пур аз хоста.
4. И – биҳишти.
5. ИЛ –б. 1352 нест.
6. ИЛ –Басе.
7. ИЛ –б. б. 1355 ин б. омада:
   Бирафтанд бо хандаву шодмон
   Гирифта ҳаме дасти якдигарон.

Аз он пас чунин гуфт Афросиёб,
Ки «Бад дар ҷаҳон андаромад[1] ба хоб.

Аз ин пас на ошӯб хезад, на ҷанг
Ба обишхӯр ояд гавазну[2] паланг.

Барошуфт гетӣ зи Тури далер,
Кунун рӯи кишвар шуд аз ҷанг сер.

Ду кишвар ҳамеша пур аз шӯр*[3] буд,
Ҷаҳонро дил аз оштӣ дур[4] буд.

Ба ту ром гардад замона кунун,
Баросояд аз ҷанг в-аз ҷӯши хун.

Кунун шаҳри Турон туро бандаанд,
Ҳама дил ба меҳри ту огандаанд.

Маро то тану ҷон ҳама пеши туст,
Сипаҳдор Пирон[5] ба тан хеши туст.

Падарвор пеши ту меҳр оварам,*[6]
Ҳамеша пур аз ханда чеҳр оварам.»[7]*[8]

Сиёвуш бад-ӯ офарин кард сахт,
Ки «Аз гавҳари ту магардод бахт!»

Сипос аз Худованди ҷонофарин,
К-аз ӯяст орому пархошу кин.

Сипаҳдор дасти Сиёвуш ба даст
Биёмад ба тахти меҳӣ барнишаст.[9]

---

1. Л –аз ҷаҳон эдар омад.
2. ИЛМ –оянд мешу.
3. М –Ҳамасола пуршӯр.
4. Л –кӯр
5. ЛМ – Сипаҳбад ба ҷону.
6. М –оварад.
7. ТПЗЛ – Ҳама* ганҷ бе ранҷ дар пеши туст,
Ҳама шодмонӣ ба кам - беши туст**.
* Л –Дари; ** Л –Ҳамеша ҷавон бодию тандуруст!
8. М –Ба хандон ҳаме низ чеҳр оварад.
9. ТПЗ – Ки дидам туро хурраму шоддил,
Зи банди ғамон гашта озоддил.

Ба рӯи Сиёвуш нигаҳ карду гуфт,
Ки «Инро ба гетӣ наёбанд ҷуфт.

На з-ин[1] гуна мардум бувад дар ҷаҳон
Чунин рӯю болову фарри меҳон.»

В-аз он пас ба Пирон чунин гуфт рад,[2]
Ки «Ковус пир асту андаккирад,

Ки бишкебад аз рӯи чунин писар,
Бад-ин[3] бурзу болову чандин ҳунар.

Маро дида чун дид дидори ӯй,
Бимонда дилам хира дар кори ӯй,

Ки фарзанд бошад касеро чунин,
Ду дида бигардонад андар замин.»

Зи айвонҳо пас[4] яке баргузид,
Ҳама[5] кох зарбафтро[6] густарид.

Яке тахти заррин ниҳоданд пеш,
Ҳама пояҳо чун сари говмеш.

Ба дебои чинӣ биёростанд,
Зи ҳар гунае созҳо хостанд.

Бифармуд пас,*[7] то равад сӯи кох,
Бибошад ба кому нишинад фарох,

Сиёвуш чу дар пеши айвон расид,
Сари тоқи айвон ба кайвон расид.

1. ИЛ –Бар ин.
2. ИЛ Чунин гуфт Пирони рад.
3. ИЛ –Чунин.
4. Л –айвонҳояш.
5. Л –Ҳаме.
6. Л –зарбафтҳо.
7. М –шаҳ то дар он гоҳу.

Биёмад,*[1] бар он тахти заррин нишаст,
Ҳушивор ҷон андар андеша баст.

Чу хони сипаҳбад биёростанд,
Кас омад, Сиёвахшро хостанд.[2]

Зи ҳар гунае рафт бо ӯ сухун,
Ҳама шодмонӣ фиканданд бун.

Чу аз хони солор бархостанд,
Нишастангаҳи май биёростанд.[3]

Бирафтанд бо руду ромишгарон,
Ба бода нишастанд яксар сарон.

Бихӯрданд май, то ҷаҳон тира гашт,
Сари майгусорон зи май хира гашт.

Сиёвуш ба айвон хиромид шод,
Ба*[4] мастӣ зи Эрон наёмад-ш ёд.

Бад-ӯ дод ҷону дил Афросиёб,
Ҳаме бо Сиёвуш наёмад-ш хоб.

В-аз он пас ҳамон шаб бифармуд шоҳ,
Бад-он кас, ки буданд дар базмгоҳ.

Чунин гуфт бо Шеда Афросиёб,
Ки «Чун сар барорад Сиёвуш зи хоб,

Ту бо паҳлавонону хешони ман,
Касе к-ӯ бувад меҳтари анҷуман,

Ба шабгир бо ҳадяву бо ғулом,
Гаронмоя аспони зарринситом

1. М –Баромад.
2. И –Фаровон парастандагон хостанд; И –б. 1376 -1379 нест.
3. Л –маҷлис оростанд.
4. М –Зи.

Саросар ба кохи Сиёвуш равед,
Ҳушивору бедору хомуш[1] равед.

Зи лашкар ҳаме ҳар касе бо нисор,
Зи динор в-аз гавҳари шоҳвор

Бад-ин гуна-бар ҳадяҳо сохтанд,
Ба пешаш ниҳоданду бинвохтанд.[2]

Фаровон сипаҳбад фиристод чиз,
Аз*[3] ин гуна як ҳафта бугзашт низ.

## ҲУНАР НАМУДАНИ СИЁВУШ ПЕШИ АФРОСИЁБ

Шабе бо Сиёвуш чунин гуфт шоҳ,
Ки «Фардо бисозем ҳар ду пагоҳ.

Або гӯю чавгон ба майдон шавем,
Замоне битозему[4] хандон шавем.

Зи ҳар кас шунидам, ки чавгони ту
Набинанд гурдон ба майдони ту.»

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, анӯша будӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ![5]

Ҳаме аз ту ҷӯянд[6] шоҳон ҳунар,
Кӣ ёбад ба ҳар кор бар[7] ту гузар?

Маро рӯз равшан ба дидори туст,
Ҳама[8] аз ту хоҳам баду нек ҷуст.»

---

1. ИЛ –б. 1390 нест.
2. ИЛ – Ва ин* гуна пеши Сиёвуш баранд,
Ҳушивору бедору хомуш баранд.
* И –Барин.
3. М –В-аз.
4. ИЛМ –бибоземy.
5. ИЛ –Равонро ба дидор тӯша будӣ.
6. Ҳама аз ту ҷӯянд.
7. И –аз.
8. ИЛМ –Ҳаме.

Бад-ӯ гуфт Афросиёб: «Эй писар,
Ҳамеша будӣ шоду пирӯзгар.[1]

Ту фарзанди шоҳиву[2] зебои гоҳ,
Ту тоҷи каёниву пушти сипоҳ[3].

Ба шабгир гурдон ба майдон шуданд,
Гурозону[4] бо рӯи*[5] хандон шуданд.

Чунин гуфт пас шоҳи Турон бад-ӯй,
Ки «Ёрон гузинем дар захми гӯй.

Ту бошӣ аз ин рӯю он рӯй ман,
Ба ду нима ҳам з-ин нишон[6] анҷуман.»

Сиёвуш чунин гуфт бо шаҳрёр,
Ки «Кай бошадам дасту чавгон ба кор,

Баробар наёрам задан бо ту гӯй,
Ба майдон ҳамоварди дигар биҷӯй.

Азеро, ки ҳамроҳу ёри туем,[7]
Бар ин паҳнмайдон савори туем.[8]

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ шод шуд,
Сухан гуфтани ҳар касе бод шуд.

Ба ҷону сари шоҳ Ковус гуфт,
Ки «Бо ман ту бошӣ[9] ҳамоварду ҷуфт.

---

1. И –б. 1400 нест.
   Л – Ба посух чунин гуфт Афросиёб,
   Ки аз шодмонӣ рухат барматоб.
2. Л –моиву; И –ту ҳарри ҳумоию.
3. Л –б. б. 1401 ин б. омада:
   Ба шабгир, к-аз хоб бархостанд,
   Ҳама рӯи майдон биёростанд.
4. Л –Ҳама пок.
5. М –тозону.
6. Л –гардонам ин.
7. Л –Гар астам сазовор, ёри туам.
8. Л –туам.
9. Л –ман бо ту бошам.

Ҳунар кун ба пеши саворон падид,
Бад-ӯ то нагӯянд, к-ӯ бад гузид.

Кунанд офарин бар ту мардони ман,
Шукуфта шавад рӯи хандони ман».

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Фармон туրост,
Саворону майдону чавгон туրост.

Сипаҳбад гузин кард Гулбодро,
Чу Гарсевазу[1] Ҷаҳну Пӯлодро.

Чу Пирону Настеҳани ҷангҷӯй,
Чу Ҳумон, ки бардоштӣ з-об гӯй,

Ба назди Сиёвуш фиристод ёр
Чу Рӯину чун Шедаи номдор.[2]

Дигар Андаремон савори далер,
Чу Арҷосп аспафкани наррашер.

Сиёвуш чунин*[3] гуфт, к-«Эй номҷӯй,
Аз эшон кӣ ёрад шудан пеши[4] гӯй?

Ҳама ёри шоҳанд, танҳо манам,
Нигаҳбони чавгони инҳо*[5] манам.

Гар эдун, ки фармон диҳад шаҳрёр,
Биёрам аз[6] Эрон ба майдон савор.

Маро ёр бошанд дар захми гӯй,
Бар он сон, ки оин бувад бар ду рӯй.»

Сипаҳбад чу бишнид аз ӯ достон,
Бад-он достон гашт ҳамдостон.

1. ИЛ –Гаршеваз.
2. ИЛ –б. 1415 нест.
3. М –бад-ӯ.
4. Л –назди.
5. М –танҳо.
6. Л –Зи.

Сиёвахш[1] аз Эрониён ҳафт мард,
Гузин кард шоиста андар набард.

Хурӯши табира зи майдон бихост,
Ҳаме хок бо осмон гашт рост.

Аз овози санҷу дами каррной
Ту гуфтӣ, биҷунбид майдон зи ҷой.[2]

Сипаҳдор гӯе зи майдон[3] бизад,
Ба абр андаромад, чунон чун сазад.

Сиёвуш барангехт аспи набард,
Чу гӯй андаромад, наҳишташ ба гард.

Бизад ҳамчунон, то ба майдон расид,
Бар он сон, ки аз чашм шуд нопадид.

Бифармуд пас шаҳрёри баланд,
Ки гӯе ба назди Сиёвуш баранд.

Сиёвуш бар он гӯй бардод бӯс,
Баромад хурӯшидани ною кӯс.

Сиёвуш ба аспи дигар барнишаст,
Бияндохт он гӯй лахте зи даст.

Пас он гаҳ[4] ба ҷавгон бар ӯ кор кард,
Чунон шуд, ки бо моҳ дидор кард.

Зи чавгони ӯ гӯй шуд нопадид,
Ту гуфтӣ сипеҳраш ҳаме баркашид.

Ба майдон яке мард чунон[5] набуд,
Касеро чун он рӯи хандон набуд.

1. ИЛ –Сиёвуш.
2. ТПЗ – Фиканданд гӯе ба майдони шоҳ,
Баромад хурӯши далерон ба моҳ.
3. ИЛ –боло.
4. ИЛ –таки асп чандон.
5. И –Сиёвуш чу; Л –Сиёвуш.

Аз он гӯй хандон шуд Афросиёб,
Сари номдорон баромад зи хоб.

Ба овоз гуфтанд, ҳаргиз савор
Надидем бар зин чунин номдор.

Каи номвар гуфт: «Аз ин сон бувад
Ҳар он кас,*[1] ки бо фарри Яздон бувад.»

Зи хубиву дидору фарру ҳунар
Бидонам, ки дидан-ш беш аз хабар.

Зи майдон ба як сӯ ниҳоданд гоҳ,
Биёмад, нишаст аз бари гоҳ шоҳ.

Сиёвахш[2] биншаст бо ӯ ба тахт,
Ба дидори ӯ шод шуд шоҳ сахт.

Ба лашкар чунин гуфт пас номҷӯй,
Ки «Акнун шуморост майдону гӯй.»[3]

Ҳаме сохтанд он ду лашкар набард,
Ҳаме то баромад ба хуршед гард.

Аз ин сӯю з-он сӯй бо гуфтугӯй
Ҳамон[4] он аз ин, ин аз он бурд гӯй.[5]

Чу туркон ба тундӣ биёростанд,
Ҳаме бурдани гӯйро хостанд,[6]

Сиёвуш ғамӣ гашт аз эрониён,
Сухан гуфт бо паҳлавонӣ забон,

Ки «Майдони бозист, ё корзор
Бар ин бахшишу гардиши рӯзгор.

---

1. М – Касеро.
2. И –В-аз он пас.
3. ИЛМ –Ки «Майдон шуморову чавгону гӯй.
4. Л – Ҳаме.
5. И – б. 1142 нест.
6. ТПЗ – Рабуданд эрониён гӯй пеш,
   Бимонанд туркон зи кирдори хеш.

Чу майдон сар омад, битобед рӯй,
Ба туркон супоред якбора гӯй.»

Саворон инонҳо бикарданд нарм,
Накарданд аз он пас касе асп гарм.

Яке гӯй туркон бияндохтанд,
К-аз андохтан сар барафрохтанд.[1]

Сипаҳдори туркон чу ово шунуд,
Бидонист, к-он паҳлавонӣ чӣ буд.

Чунин гуфт пас шоҳи туронсипоҳ,
Ки «Гуфтаст бо ман яке некхоҳ,

Ки ӯро ба гетӣ касе нест ҷуфт
Ба тиру камону бару ёлу суфт.»

Сиёвуш чу гуфтори меҳтар шунид,
Зи қирбон[2] камони каӣ[3] баркашид.

Сипаҳбад камон хост, то бингарад,
Яке баргирояд, ки фармон барад.

Камонро нигаҳ[4] кард, хира бимонд,
Басе офарини каёнӣ[5] бихонд.

Ба Гарсевази теғзан дод меҳ,
Ки хона бимолу баровар[6] ба зеҳ.

Бикӯшид, то бар зеҳ орад камон,
Наёмад ба зеҳ, хира шуд бадгумон.

Аз ӯ шоҳ бистад, ба зону нишаст,
Бимолид хонай камонро ба даст.

1. ИМ – Ба кирдори оташ ҳаме тохтанд.
2. И – таркаш.
3. Л – каён.
4. И –ба зеҳ.
5. Л –офарин бар бузургон.
6. Л –даровар.

Ба зеҳ кард хандон чунин гуфт шоҳ:
«Тавон зад аз ин тир бар чарху моҳ.

Маро низ рӯзи[1] ҷавонӣ камон
Чунин буду акнун дигар шуд замон.

Ба Эрону Турон кас инро[2] ба чанг
Наёрад гирифтан ба ҳангоми ҷанг.[3]

Бару ёлу китфи Сиёвуш ҷуз ин
Нахоҳад ҳаме[4] низ бар пушти зин.

Нишона ниҳоданд бар аспрес,
Сиёвуш накард эч бо кас мукес.

Нишаст аз бари бодпое чу[5] дев,
Бияфшурд рону баромад ғирев.

Яке тир зад бар миёни нишон,
Ниҳода бар ӯ чашм гарданкашон.

Хаданге дигарбора*[6] ҳам чор пар
Ба чарх-андарун ронду[7] букшод бар.

Нишона дубора ба як тохтан
Муғарбал бибуд андар андохтан.

Инонро бупечид бар дасти рост,
Бизад бори дигар бар он сон, ки хост.

Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Биёмад бари шаҳрёри баланд.

1. ИЛ –гоҳи.
2. Л –касе ин.
3. ТПЗИ – Магар паҳлавон Рустами пилтан,*
Ки созад ҳаме разм бо Аҳриман.**
* И –Ҷуз аз Таҳмтан он гави пилтан. **И –анҷуман.
4. И –камон.
5. И –аспи монанди.
6. М –дигар бор.
7. И –Бияндохт озоду.

Фуруд омаду шоҳ бар пой хост,
Хунар гуфт, бар гавҳарат- бар гувост.[1]

В-аз он ҷойгаҳ сӯи кохи баланд
Бирафтанд шодондилу арҷманд.

Нишастанду хони май оростанд,
Сазовор ромишгарон хостанд.[2]

Мае[3] чанд хӯрданду гаштанд шод,
Ба номи Сиёвуш гирифтанд ёд.

Ба хон-бар[4] яке хилъат орост шоҳ,
Зи аспу ситому зи тахту кулоҳ.

Ҳамон пӯшиш аз ҷомаи нобурид,
Ки андар ҷаҳон ончунон[5] кас надид.

Зи дидору аз бадраҳои дирам,
Зи ёқуту пирӯза аз[6] бешу кам.

Парастор чандину[7] чандин[8] ғулом,
Яке пур зи ёқут рахшанда ҷом.

Бифармуд, то хоста бишмаранд,
Ҳама сӯи кохи Сиёвуш баранд.

Зи ҳар к-аш ба Туронзамин хеш буд,
Варо меҳрбонӣ бад-ӯ беш буд,[9]

Бигуфташ якояк ҳама хоста
Биёранду хонҳои ороста.[10]

1. И –Бар ӯ офарин з-офаринанда хост.
2. И –Касе к-аз сазо буд, биншохтанд.
3. Л –Ҳаме.
4. И –хубӣ.
5. ИЛ –пеш аз он.
6. Л –бар.
7. Л –чандешу; И –бисёру.
8. Ил –чанде.
9. Л –б. б. 1478 ин б. омада:
   Сипаҳдор рӯзе Сиёвушро
   Ҳамон мояи донишу ҳушро.
10. И –б. 1479 нест.

Чунин гуфт он гаҳ ба лашкар ҳама,
Ки бошед ӯро ба ҷумла рама.[1]

## РАФТАНИ АФРОСИЁБ ВА СИЁВУШ БА ШИКОР

Бад-он шоҳзода чунин гуфт шоҳ,
Ки «Як рӯз бо ман ба нахчиргоҳ

Биё, то ки дил шоду хуррам кунем,
Равонро ба нахчир беғам кунем.

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар гаҳ ки рой оядат,
Бад-он сӯ, ки дил раҳнамой оядат.»

Бирафтанд рӯзе ба нахчиргоҳ,
Ҳаме рафт бо бозу бо юз шоҳ.

Сипоҳе зи ҳар гуна бо ӯ бирафт
Аз Эрону Турон ба нахчир тафт.

Сиёвуш ба дашт-андарун гӯр дид,
Чу бод аз миёни сипаҳ бардамид.

Сабук шуд инону гарон шуд рикеб,
Ҳаме тохт андар фарозу нишеб.

Якеро ба шамшер зад бар ду ним,
Ду дасташ тарозу шуду гӯр сим.

Ба як ҷав зи як сӯ гаронтар набуд,
Назора шуд он лашкару шоҳ зуд.[2]

Бигуфтанд яксар ҳама анҷуман,
Ки инат сарафрозу шамшерзан.

Ба овоз гуфтанд бо якдигар,
Ки моро бад омад аз Эрон ба сар.

1. Л –б. 1479, 1480 нест.
2. Л-б. 1489 нест.

Набардасарон[1] андаромад ба нанг,
Сазад, гар бисозем бо шоҳ ҷанг.[2]

Ба ғору ба кӯҳу ба ҳомун битохт,
Ба шамшеру тиру ба найза бисохт.

Ба ҳар ҷойгаҳ-бар яке тӯда кард.
Сипаҳро ба нахчир осуда кард.

1495 В-аз он ҷойгаҳ сӯи айвони шоҳ
Ҳама шоддил баргирифтанд роҳ.

Сипаҳбад чи шодон будӣ, чи дижам,
Ба ҷуз бо Сиёвуш набудӣ ба ҳам.

Зи Ҷаҳну зи Гарсевазу[3] ҳар кӣ буд,
Ба кас роз накшоду шодон набуд.

Магар бо Сиёвуш будӣ рӯзу шаб,
Аз ӯ баркушодӣ ба ханда ду лаб.

Бар ин гуна як сол бугзоштанд,
Ғаму шодмонӣ ба ҳам доштанд.

## БА ЗАНӢ ДОДАНИ ПИРОН ДУХТАРИ ХУДРО БА СИЁВУШ

1500 Сиёвуш яке рӯзу Пирон ба ҳам
Нишастанду гуфтанд бар бешу кам.

Бад-ӯ[4] гуфт Пирон, к-«Аз ин буму бар
Чуноне ки бошад касе баргузар.

Аз ин меҳрубонӣ, ки бар туст шоҳ,
Ба номи ту хуспад ба оромгоҳ.

1. ЛМ –Ки номи сарон; И –Сари саркашон.
2. ТПЗ – Сиёвуш ҳамедун ба нахчиру гӯр
Ҳаме тохт, афканд бар дашт шӯр.
3. ИЛ –Гаршеваз.
4. И –Чунин.

Чунон дон, ки хуррамбаҳораш туӣ,
Нигораш туӣ, ғамгусораш туӣ.

Бузургиву фарзанди Ковусшоҳ,
Сар аз бас ҳунарҳо кашида[1] ба моҳ.[2]

Падар пир гашту[3] ту барнодилӣ,
Нигар, то[4] зи тоҷи каӣ нагсилӣ.

Ба Эрону Турон туӣ шаҳрёр,
Зи шоҳон яке пурҳунар ёдгор.

Набинанд пайвастаи хун касе
Куҷо дорадӣ меҳр бар ту басе.[5]

Зи Турон сазовору ҳамбози ту
Наёбам касе низ дамсози ту.[6]

Бародар надорӣ, на хоҳар, на зан,
Ту шохи гулӣ бар канори чаман.

Яке зан нигаҳ кун сазовори хеш,
Аз Эрон[7] бинеҳ дарду тимори хеш.

Пас аз марги Ковус Эрон туроcт,
Ҳамон тоҷу[8] тахти далерон туроcт.

Паси пардаи шаҳрёри ҷаҳон
Се моҳ аст бо зевар андар ниҳон,

Ки гар моҳро дида будӣ ба роҳ,
Аз эшон набардоштӣ дида моҳ.

1. Л –расида.
2. И –б. 1506 нест.
3. И –гашта.
4. И –Ту ҳаргиз.
5. Л –б. 1508 нест.
6. И –б. 1509 нест.
7. Л –Аз ин сон.
8. И –ганҷу.

Се андар шабистони Гарсевазанд,[1]
Ки аз мому аз боб бо[2] парвазанд.

Наберай Фаридуну пайванди шоҳ,
Ки ҳам тоҷ*[3] доранду ҳам ҷойгоҳ.[4]*[5]

Паси пардаи ман чаҳоранд хурд,
Чу бояд туро, банда бояд шумурд.

Аз эшон Ҷарира-аст меҳтар ба сол,
Ки аз хубрӯён надорад ҳамол.

Агар рой бошад, туро бандаест,
Ба пеши ту - андар парастандаест»

Сиёвуш бад-ӯ гуфт: «Дорам сипос,
Маро ҳамчу фарзанди худ мешинос.

Зи хоби Ҷарира маро дарх(в)ар аст,
Ки пайвандам аз хони ту беҳтар аст.

Маро ӯ бувад нозиши ҷону тан,
Нахоҳам ҷуз ӯ кас аз ин анҷуман.

Сипосе ниҳодӣ аз ин бар сарам,
Ки то зиндаам, ҳаққи он наспарам.»

Чу Пирон зи назди Сиёвуш бирафт,
Ба наздики Гулшаҳр тозид тафт.[6]

Бад-ӯ гуфт: «Кори Ҷарира бисоз
Ба фарри Сиёвахши[7] гарданфароз.

---

1. ИЛ –Гашевазанд.
2. И –бар.
3. М –зеб.
4. ТПЗ – Бад-эшон нигаҳ кун, дилат раҳнамун
Ки пайвастаи шоҳ гардӣ ба хун.
5. М –тоҷу гоҳ.
6. ТПЗ – Бипурсид Гулшаҳр, к-«Эй номҷӯй,
Чорӣ ту шодон бад-ин сон, бигӯй!»
Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй некзан
Шудастам сарафроз бар анҷуман».
7. Л –Сиёвуш.

Чигуна набошем имрӯз шод,
Ки домоди мо шуд наберай[1] Қубод».

Биёвард Гулшаҳр духтаршро,
Ниҳод аз бари торак афсаршро.

Ба дебову динору зарру дирам,
Ба рангу ба бӯю ба бешу ба кам,

Биёрост ӯро чу хуррамбаҳор,
Фиристод наздикии[2] шаҳрёр.

Мар ӯро бипайваст бо шоҳи нав,
Нишонд аз бари гоҳ чун[3] моҳи*[4] нав.[5]

Надонист кас ганҷи ӯро шумор,
Ҳамон тахти заррини гавҳарнигор.

Сиёвуш чу рӯи Ҷарира бидид,
Хуш омад-ш, хандиду шодӣ гузид.

Ҳаме буд бо ӯ шабу рӯз шод,
Наёмад зи Ковус бар дил-ш ёд.

Бар ин низ чанде бигардид чарх,
Сиёвахшро буд зи ҳар кор барх.

Варо ҳар замон пеши Афросиёб
Фузунтар будӣ ҳашмату ҷоҳу об.

1. И – набери.
2. И –дар шаб бари.
3. И – Фиристод ӯро.
4. М –Фиристод ӯро сӯи гоҳи.
5. Л - Фиристод ӯро сӯи гоҳи нав.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## ФЕҲРИСТИ ФУСУЛИ ҶИЛДИ ДУВУМ


Овардани Рустам Кайқубодро аз кӯҳи Албурз....5

**Кайқубод.** *Подшоҳии ӯ сад сол буд* ....15
Ҷанги Рустам бо Афросиёб....18
Омадани Афросиёб наздики падари худ....25
Оштӣ хостани Пашанг аз Кайқубод....30
Омадани Кайқубод ба Истахри Порс ....36

**Кайковус.** *Подшоҳии ӯ саду панҷоҳ сол буд* ....39
Бар тахт нишастани Кайковус ва оҳанги Мозандарон кардан ....39
Панд додани Зол Ковусро....48
Рафтани Ковус ба Мозандарон ....54

**Ҳафт хони Рустам**
Хони аввал....67
Ҷанги Рахш бо шере....67
Хони дувум....70
Ёфтани Рустам чашмаи об....70
Хони савум ....74
Ҷанги Рустам бо аждаҳо ....74
Хони чаҳорум....78
Куштани Рустам зани ҷодуро ....78
Хони панҷум....81
Гирифтор шудани Авлод ба дасти Рустам....81
Хони шашум....90
Ҷанги Рустам ва Аржангдев ....90
Хони ҳафтум....95
Куштани Рустам Деви сапедро ....95
Нома навиштани Ковус наздики шоҳи Мозандарон ....103
Омадани Рустам наздики шоҳи Мозандарон ба пайғамбарӣ....109
Ҷанги Ковус бо шоҳи Мозандарон ....117
Боз омадани Ковус ба Эронзамин ва гусел кардан Рустамро ба Нимрӯз..130

**Кори Кайковус ба шаҳри Барбаристон ва дигар достонҳо**


Размкардани Рустам бо шоҳи Ҳомоварон ........ 134
Ба занӣ хостани Ковус Судоба - духтари шоҳи Ҳомоваронро ........ 141
Гирифтани шоҳи Ҳомоварон Ковусро ........ 146
Тохт кардани Афросиёб бар Эронзамин ........ 150
Паём фиристодани Рустам ба назди шоҳи Ҳомоварон ........ 154
Разм кардани Рустам бо се шоҳ ва раҳо шудани Ковус аз банд ........ 161
Пайғом фиристодани Ковус ба наздики қайсари Рум ва Афросиёб ........ 166
Гумроҳ кардани иблис Ковусро ва ба осмон рафтани Ковус ........ 176
Боз овардани Рустам Ковусро ........ 188
Достони ҷанги ҳафт гурдон ........ 184
Разми Рустам бо турониён ........ 192
Разми Пилсам бо эрониён ........ 198
Гурехтани Афросиёб аз размгоҳ ........ 205


**Сӯҳроб**


Оғози достони Сӯҳроб ........ 208
Омадани Рустам ба нахчиргоҳ ........ 210
Омадани Рустам ба шаҳри Самангон ........ 213
Омадани Таҳмина - духтари шоҳи Самангон ба назди Рустам ........ 215
Зодани Сӯҳроб аз модараш Таҳмина ........ 220
Гузидани Сӯҳроб аспро ........ 224
Фиристодани Афросиёб Бормон ва Ҳумонро ба назди Сӯҳроб ........ 227
Расидани Сӯҳроб ба дижи Сапед ........ 231
Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид ........ 233
Номаи Гаждаҳам ба наздики Ковус ........ 241
Гирифтани Сӯҳроб дижи Сапедро ........ 244
Номаи Ковус ба Рустам ва хондани ӯ аз Зобулистон ........ 248
Хашм гирифтани Ковус бар Рустам ........ 256
Лашкар кашидани Ковус бо Рустам ........ 267
Куштани Рустам Жандаразмро ........ 270
Пурсидани Сӯҳроб номи сардорони Эрон аз Ҳаҷир ........ 275
Тохтани Сӯҳроб бар лашкари Ковус ........ 287
Разми Рустам бо Сӯҳроб ........ 293
Бозгаштани Рустам ва Сӯҳроб ба лашкаргоҳ ........ 297
Афкандани Сӯҳроб Рустамро ........ 305
Кушта шудани Сӯҳроб аз Рустам ........ 313
Нӯшдору хостани Рустам аз Ковус ........ 323
Зорӣ кардани Рустам бар Сӯҳроб ........ 325
Бозгаштани Рустам ба Зобулистон ........ 331
Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Сӯҳроб ........ 335


**Достони Сиёвуш**


**Оғози достон**
Достони модари Сиёвуш ........ 343
Зодани Сиёвуш аз модар ........ 347

Боз омадани Сиёвуш аз Зобулистон .......... 350
Вафот ёфтани модари Сиёвуш .......... 353
Ошиқ шудани Судоба бар Сиёвуш .......... 354
Омадани Сиёвуш ба назди Судоба .......... 358
Омадани Сиёвуш бори дувум ба шабистон .......... 364
Рафтани Сиёвуш бори севум дар шабистон .......... 370
Фиреб додани Судоба Ковусро .......... 372
Чора сохтани Судоба ва зани ҷоду .......... 376
Пурсидани Ковус кори бачагонро .......... 378
Гузаштани Сиёвуш бар оташ .......... 384
Бахши ҷони Судоба хостани Сиёвуш аз падар .......... 389
Огоҳӣ ёфтани Ковус аз омадани Афросиёб .......... 393
Лашкар кашидани Сиёвуш .......... 356
Номаи Сиёвуш ба Ковус .......... 400
Посухи номаи Сиёвуш аз Кайковус .......... 402
Хоб дидани Афросиёб ва тарсидан .......... 405
Пурсидани Афросиёб мӯбадонро аз хоб .......... 408
Рой задани Афросиёб бо меҳтарон .......... 412
Омадани Гарсеваз назди Сиёвуш .......... 415
Паймон кардани Сиёвуш бо Афросиёб .......... 419
Фиристодани Сиёвуш Рустамро ба назди Ковус .......... 422
Фиристодани Ковус Рустамро ба Систон .......... 430
Посухи номаи Сиёвуш аз Ковус .......... 431
Рой задани Сиёвуш бо Баҳром ва Занга .......... 435
Рафтани Занга пеши Афросиёб .......... 443
Номаи Сиёвуш ба Афросиёб .......... 447
Сипоҳ супурдани Сиёвуш ба Баҳром .......... 450
Дидани Сиёвуш Афросиёбро .......... 459
Ҳунар намудани Сиёвуш пеши Афросиёб .......... 463
Рафтани Афросиёб ва Сиёвуш ба шикор .......... 471
Ба занӣ додани Пирон духтари худро ба Сиёвуш .......... 472

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 4**

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# ШОҲНОМА

Муҳаррири ороиш *У. Ашӯров*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳон *А. Хоҷаев ва Р. Атоева*
Тарроҳ *Ф. Раҳимов*
Ҳуруфчинони компютерӣ *Ш. Мирзоева*
*С. Воҳидова*
*Р. Атоева*

Ба матбаа 04.11.2007 таҳвил гардид. Чопаш 30.12.2007 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x90 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши №109/07.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.

ISBN 978-99947-32-84-5

9 789994 732845